**ВАЗОРАТИ САНОАТ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ НАВИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН**

# АМАЛИГАРДОНИИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН ҲАДАФИ ЧОРУМИ СТРАТЕГИЯИ МИЛЛӢ: ПРОБЛЕМАҲО ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОН

***Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ***
***(23-24 апрели соли 2021)***
***ҚИСМИ 2***

# РЕАЛИЗАЦИЯ УСКОРЕННОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН КАК ЧЕТВЁРТОЙ ЦЕЛИ НАЦИОНАЛЬНОЙ СТРАТЕГИИ: ПРОБЛЕМЫ И ПУТИ ИХ РЕШЕНИЯ

***Материалы республиканской научно-практической конференции***
***(23-24 апреля 2021 года)***
***ЧАСТЬ 2***

**Душанбе – 2021**

**ҲАЙАТИ ТАДОРУКОТ**

**Амонзода И.Т.** – д.и.т.,дотсент, ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, раиси кумитаи тадорукот;

**Ғафоров А.**А. – д.и.т., профессор, муовини ректор оид ба илм ва татбиқот;

**Тошматов М.Н.** – н.и.и., и.в.профессор, муовини ректор оид ба таълим ва сифати таҳсилот;

**Ғафоров Ф.М.**– н.и.и, муовини ректор оид ба инноватсия ва технологияҳои таълим;

**Бобоев Х.Б.** – д.и.т., профессор, муовини ректор оид ба масоили иҷтимоӣ ва равобити хориҷӣ;

**Абдумуминзода С.–** н.и.п., муовини ректор оид ба тарбия;

**Негматова Г.Д.** – н.и.ф.-м., дотсент, сардори идораи таълим;

**Ҳакимов Ғ.Қ.** – н.и.т., и.в. профессор, декани факултети муҳандисӣ–технологӣ;

**Иброҳимов Х.И.** – д.и.т., и.в. профессор, декани факултети технология ва дизайн;

**Зарифбеков М.Ш.** – н.и.ф.-м., дотсент, декани факултети технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ;

**Сатторов А.А.** – н.и.и., дотсент, декани факултети иқтисодиёт ва молия;

**Озодбекова Н.Б.**– н.и.ф.-м., дотсент, декани факултети телекоммуникатсия ва таълимоти касбӣ;

**Насриддинов М.Ш.**- н.и.и., дотсент, декани факултети таҳсилоти фосилавӣ ва ғоибона;

**Яминзода З.А.** – н.и.т., декани факултети муштараки Донишгоҳи давлатии Полотски Ҷумҳурии Белорус ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон;

**Ҳасанов А.Р.** - н.и.и., дотсент, мудири шуъбаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ - педагогӣ;

**Рабиева Т.М**. – н.и.и., дотсент, мудири шуъбаи магистратура.

**ОРГКОМИТЕТ**

**Амонзода И.Т.** – д.т.н., доцент, ректор Технологического университета Таджикистана, председатель оргкомитета;

**Гафаров А**.А. – д.т.н., профессор, проректор по науке и внедрению;

**Тошматов М.Н**. – к.э.н., и.о. профессора, проректор по учебной работе и управлению качеством образования;

**Гафаров Ф.М.** – к.э.н, доцент, проректор по инновации и образовательным технологиям;

**Бобоев Х.Б.** – д.и..н., профессор, проректор по международным связям и социальным вопросам;

**Абдумуминзода С. – к.п.н,** проректор по воспитательной работе;

**Негматова Г.Д**. – к.ф.-м.н., доцент, начальник учебного управления;

**Хакимов Г.К.** – к.т.н., доцент, декан инженерно-технологического факультета;

**Иброхимов Х**.И. – д.т.н., профессор, декан факультета технологии и дизайна;

**Зарифбеков М**. **Ш. -** к.ф.-м.н., доцент, декан факультета информационных и коммуникационных технологий;

**Сатторов А.А.** – к.э.н., доцент, декан факультета экономики и финансов;

**Озодбекова Н.Б.** – к.ф.-м.н., доцент, декан факультета телекоммуникации и профессионального образования;

**Насруддинов М.Ш**. - к.э.н., доцент, декан дистанционного и заочного факультета;

**Яминзода З.А.** - к.т.н., декан совместного факультета Государственного университета Полоцка Республики Белоруссии и Технологического университета Таджикистана;

**Хасанов А.Р.** - к.э.н., доцент, зав. отделом научно-исследовательской работы и подготовки научных и научно - педагогических кадров;

**Рабиева Т**.М. - к.э.н., доцент, начальник отдела магистратуры.

Муҳаррири матни забони русӣ: **Самадова З.С. – н.и.ф., дотсент;**

Муҳаррири матни забони тоҷикӣ: **Бобоева Т.Р. – н.и.ф. дотсент;**

Ороиши компютерӣ ва тарроҳӣ: **Қодирзода Ш.А. – мутахассис - таҳлилгари КИТ ва нашрияҳои илмӣ.**

***

***Ответственность за содержание и достоверность сведений, предоставляемых для опубликования, несут авторы. Редакция не несёт ответственности за содержание предоставленного материала. Мнение авторов публикаций может не совпадать с точкой зрения редакторов.***

***Масъулияти муҳтаво ва эътимоднокии иттилооте, ки ба нашр пешниҳод шудаанд, ба дӯши муаллифон вогузор карда мешавад. Ҳайати таҳририя ба мазмуни маводи пешниҳодшуда ҷавобгӯ нест. Андешаи муаллифони мақолаҳо метавонад ба нуқтаи назари ҳайати таҳририя мувофиқ наояд.***

***

***Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ "Амалигардонии саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳадафи чоруми стратегияи миллӣ: проблемаҳо ва роҳҳои ҳалли он". Қисми 2. – Душанбе, 2021. – 350с.***

© Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, 2021.

# МУНДАРИҶА-СОДЕРЖАНИЕ

## БАХШИ 4. САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТ – АСОСИ РУШДИ ИҚТИСОДИЮ ИҶТИМОИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


1. ***Акилҷонов Ф. Ш.*** АҚИДАҲОИ ИЛМӢ ОИД БА ТАШАККУЛ ВА ИСТИФОДАБАРИИ ДАРОМАДҲОИ АҲОЛӢ 8
2. ***Арбобов С.С.*** ТАҲЛИЛИ ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНАҲОИ СОҲАИ ИСТЕҲСОЛИИ БАХШИ ХУСУСӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 11
3. ***Арбобов С.С.*** ТАҲЛИЛ ВА РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 19
4. ***Аҳмадов Р.Р., Ҳаққӯ Ҳ.*** БОЗОРИ САРМОЯИ ҚАРЗӢ: ҲОЛАТ, МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО 23
5. ***Бегмуродов С.Ш., Махкамов Б.Б.*** НЕКОТОРЫЕ ИТОГИ РЕАЛИЗАЦИИУСКОРЕННОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ В ТАДЖИКИСТАНЕ 27
6. ***Билолов М.Қ., Сафаров Ф.М.*** МАВҚЕИ ЗАХИРАҲОИ МОЛИЯВӢ ДАР НИЗОМИ ИҚТИДОРИ ЗАХИРАВИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ 32
7. ***Бобиева М.А.*** МЕХАНИЗМҲОИ ИМКОНПАЗИРИ МУЪТАДИЛСОЗИИ МОЛИЯВИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ 35
8. ***Газиев М.Н.*** ОСОБЕННОСТИ ТРАНСМИССИОННОГО МЕХАНИЗМА ДЕНЕЖНО-КРЕДИТНОЙ ПОЛИТИКИ И ЕГО ВЛИЯНИЯ НА ЭКОНОМИЧЕСКИЙ РОСТ 39
9. ***Гафарова М.Р.*** РОЛЬ И ЗНАЧЕНИЕ СОЦИАЛЬНОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ СЕЛА В УСЛОВИЯХ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ 44
10. ***Зиёӣ Р.Т.*** АҲАМИЯТИ ҶАВОНОН ҲАМЧУН ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 47
11. ***Имомназаров М.А.*** РАЗВИТИЕ МАЛОГО И СРЕДНЕГО БИЗНЕСА В УСЛОВИЯХ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН 50
12. ***Кадырова М.И., Эгамбердиева Д.Э.*** КЛАССИФИКАЦИЯ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА, ОСНОВАННАЯ НА РАЗГРАНИЧЕНИИ ГРУПП СПОСОБНОСТЕЙ, НЕОБХОДИМЫХ ДЛЯ АКТИВНОЙ ЖИЗНЕДЕЯТЕЛЬНОСТИ ЧЕЛОВЕКА 55
13. ***Киёмидинов Х.*** ФИНАНСОВОЕ ОБЕСПЕЧЕНИЕ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ 61
14. ***Киёмидинов Х., Усманова М.А.*** МОҲИЯТ ВА АҲАМИЯТИ НИЗОМИ МЕНЕҶМЕНТИ СИФАТИ КОРХОНА 67
15. ***Қодирзода Ш.А.*** АҲАМИЯТИ СОҲАИ САНОАТ ДАР ТАРАҚҚИЁТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА НАҚШИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ДАР ОН 72
16. ***Махкамов Б.Б., Рабиева Т.М.*** СОСТОЯНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ РЕАЛИЗАЦИИ УСКОРЕННОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ ТАДЖИКИСТАНА 76
17. ***Мирзоев Ш.Т.***МУНОСИБАТҲОИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ БО АҲОЛӢДАР РАВАНДИ ҚАРЗДИҲИИ ИСТЕЪМОЛӢ 79
18. ***Мухиддинов А.Р., Камолов Н.Ш.*** ОСОБЕННОСТИ ХИМИЧЕСКОГО СОСТАВА ШКУР ПАМИРСКОГО ЭКОТИПА ЯКОВ В ПОСТНАТАЛЬНОМ ОНТОГЕНЕЗЕ 85
19. ***Набизода М.Н.*** РОЛЬ ТАМОЖЕННЫХ ТАРИФОВ ПРИ ИМПОРТЕ ТОВАРОВ 93
20. ***Нажмидинов Б.З.*** УСКОРЕННАЯ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИЯ СТРАНЫ, КАК ФАКТОР ПЕРСПЕКТИВНОГО РАЗВИТИЯ ПРОИЗВОДСТВА ШВЕЙНОЙ ПРОДУКЦИИ 98
21. ***Назаров Т.Р., Пирматова М.С.*** ИМКОНИЯТҲОИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ВА ҲИФЗИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 102
22. ***Низомова Т.Д., Муҳаммад Х.М.*** ТАҶДИДИ СОХТОРИИ НИЗОМИ ИДОРАКУНӢ ДАР ШИРКАТҲО 105
23. ***Пирматова М.С.*** АНАЛИЗ ЗАРУБЕЖНОГО ОПЫТА ОБЕСПЕЧЕНИЯ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ 110
24. ***Раджабова З.Дж.*** РАЗВИТИЕ ИНФОРМАЦИОННОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ ИННОВАЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ 115
25. ***Раджабова Ф.Х., Маджидов Ф.А., Азизкулова Г.К.*** ОПЫТ ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАН В 117

РАЗВИТИИ РОЗНИЧНОЙ ТОРГОВЛИ И В НАСЫЩЕНИИ ПОТРЕБИТЕЛЬСКОГО РЫНКА
26. ***Раҳмонов Ҷ.Р., Раҷабов М.И.*** БАНАҚШАГИРӢҲАМЧУН ОМИЛИ АСОСИИ САМАРАНОКГАРДОНИИ ФАЪОЛИЯТИ ИСТЕҲСОЛИИ КОРХОНАҲО 120
27. ***Раҳмонов Ҷ.Р., Ҳайдар М.К.*** ТАКМИЛДИҲИИ НИЗОМИ ҲАВАСМАНДГАРДОНӢ ДАР КОРХОНАҲО 124
28. ***Рашидова Д.Д., Мадаминова Г.Н.*** МЕТОДИКА ОЦЕНКИ КОНКУРЕНТО-СПОСОБНОСТИ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УСЛУГ, УЧРЕЖДЕНИЙ ВЫСШЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ 127
29. ***Сабиржанов А.С., БегмуродовС.*** ЭФФЕКТИВНОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ПРИРОДНОГО КАПИТАЛА КАК ФАКТОР ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ 135
30. ***Содиков Р.Х.*** СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ УПРАВЛЕНИЯ РИСКАМИ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ В УСЛОВИЯХ УСКОРЕННОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН 140
31. ***Соҳибназаров З.Х.*** ТАСНИФОТИ БОЗОРИ ХАДАМОТИ САЙЁҲӢ ВА САМАРАНОКИИ ФАЪОЛИЯТ ДАР РУШДИ БОМАЙЛОНИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ 148
32. ***Хасанов А.Р.*** КЛАССИФИКАЦИЯ АКТИВНЫХ ОПЕРАЦИЙ КОММЕРЧЕСКИХ БАНКОВ 153
33. ***Ҳасанзода Ф.А., Досиев М.Н.*** МАФҲУМИ ТАВАРРУМ, САБАБҲО ВА ОМИЛҲОИ ПАЙДОИШИ ОН 158
34. ***Шаропова Н.Ҳ.*** ТАҶДИДИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ - ЗАМИНАИ АСОСӢ БАРОИ АМАЛИГАРДИИ ҲАДАФИ ЧОРУМИ МИЛЛӢ(ДАР МИСОЛИ ШАҲРИ ИСФАРАИ ВИЛОЯТИ СУҒД) 161
35. ***Шарофудинзода С.С., Бобозода Ғ.*** САМТҲОИ МУҲИМТАРИНИ БАЛАНДБАРДОРИИ СИФАТИ МАҲСУЛОТ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР 166
36. ***Шодмонова М.Х., Исроилзода Ш.И***. НИШОНДИҲАНДАҲОИ САМАРАНОК ИСТИФОДАБАРИИ ФОНДҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР КОРХОНАҲО 171
37. ***Шодмонова М.Х., Саидов Ш.Ш***. ОМИЛҲОИ БА ФОИДАИ КОРХОНА ТАЪСИРРАСОН 175
38. ***Шоев Д.М.*** РУШДИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ДАР ҶУҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 179
39. ***Шукуров Н.Ш.*** НИЗОМИ КУШОДАН ВА ИСТИФОДАИ ҲИСОБҲОИ АСЪОРИИ МИЗОҶОНИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ 183

## БАХШИ 5.ҶОЙГОҲИ ИЛМҲОИ ГУМАНИТАРӢ ДАР РАВАНДИ АМАЛИГАРДОНИИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

40. ***Абдуламин М.*** ОБ ДАР ТАСВИРИ ХАЛҚ 189
41. ***Асомуддини А.*** ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ БО СОЗМОНИ АМНИЯТ ВА ҲАМКОРӢ ДАР АВРУПО ДАР ТАЪРИХНИГОРИИ ВАТАНӢ 192
42. ***Баротова М., Қурбонова Н.И.*** ПРИНСИП, МОҲИЯТИ ҲАЁТ ВА ТАҶРИБА БАҲРИ ТАРБИЯИ НАСЛИ НАВРАС 196
43. ***Бобоев Х., Кабиров Ф.О.*** ИНЪИКОСИ ТАЛАБОТИ СОҲАИ СТАНДАРТИЗАТСИЯ ЯКЕ АЗ ОМИЛҲОИ МУАЙЯН НАМУДАНИ ҲАДАФҲОИ САНОАТИКУНОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 198
44. ***Бобоева Т.Р.*** ЛАВҲАИ ЭЛЕКТРОНИИ ИНТЕРАКТИВӢ ВА ИСТИФОДАИ ОН ДАР ДАРС 201
45. ***Вахобова А.А., Саъдизода Р.*** РАЗВИТИЕ ПЕДАГОГИЧЕСКОГО МАРКЕТИНГА 205
46. ***Гулаҳмадов Ш.Н.*** САРЧАШМАҲОИ НАЗАРИЯВӢ,ИЛМӢ ВА АДАБИИ ОСОРИ АҲДИ МУҒОН БА АФКОРИ ФАЛСАФИИ ЗАКАРИЁИ РОЗӢ 209
47. ***Диловаршоев Р.С., Мустафоқулов Ш.Т., Эргашев Ф.*** ИСТИФОДАИ МАШҚҲО ДОИР БА ПЕШГИРИИ ДИАБЕТИ ҚАНД 213
48. ***Диловаршоев Р.С., Эргашев Ф., Қамаров С.*** ГИМНАСТИКА ҲАМСАФАРИ ТАБИИИ РӮЗГОР 218
49. ***Дустмуродова Р.М.*** РАЗВИТИЕ ЛИЧНОСТИ ШКОЛЬНИКА В УСЛОВИЯХ 220

ИННОВАЦИОННОГО ОБРАЗОВАНИЯ
50. ***Зебуннисо Ҳ.*** БО СУХАН ЗАНГҲО ЗУДУДА ШАВАД... 224
51. ***Зоирова М.К., Гафурова Ш.,*** **Шарипова М.** «САМОСТОЯТЕЛЬНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ НА УРОКАХ РУССКОГО ЯЗЫКА КАК УСЛОВИЕ ФОРМИРОВАНИЯ САМООБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ КОМПЕТЕНЦИЙ» 228
52. ***Иброимова М.И.*** КОНЦЕПТ БЕДНОСТИ В НАЦИОНАЛЬНОМ СОЗНАНИИ ПРЕДСТАВИТЕЛЕЙ АНГЛОЯЗЫЧНОЙ И РУССКОЯЗЫЧНОЙ КУЛЬТУРЫ 232
53. *Искандарова Г.А.* ОБРАЗОВАТЕЛЬНАЯ ТЕХНОЛОГИЯ«РАЗВИТИЕ КРИТИЧЕСКОГО МЫШЛЕНИЯ СРЕДСТВАМИ ЧТЕНИЯ И ПИСЬМА» 235
54. ***Карамалишоев К.Н.*** ОИНИ ДАВЛАТДОРИИ АМИР ИСМОИЛИ СОМОНӢ (СОЛҲОИ 892-900) 238
55. ***Маджидзода А.Р.*** ТРЕБОВАНИЯ ИНЖЕНЕРНО - ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ К ЛИЧНОСТНО - ПРОФЕССИОНАЛЬНОМУ РАЗВИТИЮ СПЕЦИАЛИСТА 243
56. ***Malikov N.Kh.*** MANAGING SKILLS OF THE LECTURER AT THE ENGLISH LESSONS 247
57. ***Malikov N. Kh.*** SOME IMPORTANT FEATURES OF TEACHING ENGLISH 251
58. ***Миров М.М. Аҳмадҷонова М., Абдулхаев А.*** ТАЪЛИМИ ФАННИ МАТЕМАТИКАИ ОЛӢ БАРОИ ДОНИШҶӮЁНИ ДОНИШГОҲҲОИ ИҚТИСОДӢ 255
59. ***Мирзоева Б. С.*** WRITING LETTERS 259
60. ***Мирзоева Ф.С.*** РАЗЛИЧНЫЕ АСПЕКТЫ АНАЛИЗА ПРОБЛЕМЫ ЗНАНИЙ НА СОВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ 263
61. ***Мусоева Н.*** БАЗИСНЫЕ ПРИНЦИПЫ ФОРМИРОВАНИЯ ПОТЕНЦИАЛА В ТЕОРИИ ПЕДАГОГИКИ 266
62. ***Назарова С., Ганиев Ҳ.*** ИНФОРМАЦИОННЫЕ ТЕХНОЛОГИИ В ОБРАЗОВАНИИ 268
63. ***Насруддинов С.М.*** СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ СИСТЕМ ЛИЧНЫХ ИМЕН РУССКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ 271
64. ***Ниёзбоқиев О.С.*** ХУСУСИЯТИ УСЛУБИИ СИНОНИМҲО ДАР «ГУЛИСТОН»-И САЪДИИ ШЕРОЗӢ 273
65. ***Nurov. N.A.*** ECONOMIC STABILITY AND BUSINESS ACTIVITY 276
66. ***Нурова К.А.*** ТАСВИРИ ҶАНБАҲОИ МИЛЛИИ СИМОИ МОДАР ДАР ЭҶОДИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА 279
67. ***Рахимова К.Д.*** БЕЗЛИЧНЫЕ ПРЕДЛОЖЕНИЯ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ 281
68. ***Сайдуллаева Г.Р.*** ИСТИФОДАИ БАЪЗЕ УСУЛҲОИ САМАРАНОКИ ТАЪЛИМ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ГУМАНИТАРӢ ДАР ДОНИШГОҲҲО ВА КОЛЛЕҶҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 285
69. ***Самадова З.С.*** ПРОПАГАНДА И ПОПУЛЯРИЗАЦИЯ РУССКОГО ЯЗЫКА И ВЕЛИКОЙ РУССКОЙ КУЛЬТУРЫ В УСЛОВИЯХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН 293
70. ***Солиева Ҳ., Исмоилова М.*** ТИФЛРО АЗ КӮДАКӢ ОМӮЗ АДАБ, ОМӮЗГОР! 299
71. ***Умарова А.С., Юсупава Ш.А., Азимова М.Р.*** ХУСУСИЯТҲОИ ЛИБОСИ МАРДОНАИ АНЪАНАВӢ ВА КАМАРБАНДИ ТОҶИКОНИ КӮҲИСТОН 301
72. ***Факерова Ф.З.*** НАЦИОНАЛЬНО-СПЕЦИФИЧЕСКАЯ ЯЗЫКОВАЯ РЕПРЕЗЕНТАЦИЯ КОНЦЕПТА REVENGE/МЕСТЬ В АНГЛИЙСКОМ И РУССКОМ ЯЗЫКАХ 305
73. ***Фарангеси Н., Меҳроҷиддини Н., Носирова М.*** САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ЭҲЁИ ДУБОРАИ ҲУНАРҲОИ МИЛЛӢ ВАМАРДУМӢ 308
74. ***Халифаева Н.В., Мирзоева Ф.С.*** МУҲИММИЯТИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР 310
75. ***Хусанова Т.К., Нуруллоева З.К.*** СОЗДАНИЕ МОДЕЛИ ФОРМИРОВАНИЯ САМООБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СТУДЕНТОВ И ЕЁ СТРУКТУРА 312
76. ***Хусанова Т.К., Джураева С.Н.*** ПРИМЕНЕНИЕ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ КАК СРЕДСТВО ПОДДЕРЖКИ САМООБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СТУДЕНТОВ В ПРОЦЕССЕ ОБРАЗОВАНИЯ 318
77. ***Хусанова Т.К., Атаулоева А.Г.*** ГОТОВНОСТЬ К САМООБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ КАК ОЦЕНКА КАЧЕСТВА ОБРАЗОВАНИЯ СТУДЕНТОВ 322

78. ***Шамирова С.Ш.*** ВСЕВОЗМОЖНЫЕ ЯЗЫКОВЫЕ ЯВЛЕНИЯ И СИСТЕМЫ СЕМАНТИКИ НА РАЗНЫХ ЭТАПАХ РАЗВИТИЯ ЛИНГВИСТИКИ 326
79. ***Шарипов Ҷ. Тағоев Д.*** ВАРЗИШИ ПАГОҲИРӮЗӢ НЕРУБАХШИ САЛОМАТИИ ШУМОСТ 329
80. ***Шарипов Ҷ., Наҷмуддинов С.А., Мустафоқулов Ш.Т.*** ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ БОКС 332
81. ***Шарифова Г.А.*** ТАҲАВВУЛИ ТАЪРИХИ НАЗМИ ТУРК БО АДИБОНИ ФОРСУ ТОҶИК 335
82. ***Шогуломова С.Ш.*** ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИЗЪЯВИТЕЛЬНОГО НАКЛОНЕНИЯ В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ 338
83. ***Юсупава Ш.А., Азимова М.Р., Умарова А.С.*** БОФТИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ВА АҲАМИЯТИ ЭҲЁИ ОНҲО ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИХТИЁР 341
84. ***Yusupov N.O.*** FRIENDSHIP MAKES LIFE OF PEOPLE BETTER 343
85. ***Назарова М.Р.*** ВИДЫ И ЗАДАЧИ ПРОФОРИЕНТАЦИОННОЙ РАБОТЫ В ШКОЛАХ НОВОГО ТИПА 346

# БАХШИ 4.

## САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТ – АСОСИ РУШДИ ИҚТИСОДИЮ ИҶТИМОИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# СЕКЦИЯ 4.

## УСКОРЕННАЯ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИЯ – ОСНОВА ЭКОНОМИЧЕСКОГО И СОЦИАЛЬНОГО РАЗВИТИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

# АҚИДАҲОИ ИЛМӢ ОИД БА ТАШАККУЛ ВА ИСТИФОДАБАРИИ ДАРОМАДҲОИ АҲОЛӢ

**Акилҷонов Ф. Ш.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Фаъолияти низоми иқтисодии бозорӣ бо ҷараёнҳои азнавтақсимкунӣ васеъ фаро гирифта шудааст, ки дар ҳама марҳилаҳои такрористеҳсолот ташаккул меёбанд, ба назар мерасанд ва амалӣ карда мешаванд. Бо баробари ин ташаккулёбӣ, тақсимот ва истифодабарии даромади аҳолӣ дар худ хислатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодиро дорад.

Маъмул аст, ки натиҷаҳои ниҳоии дигаргуниҳои иқтисодӣ натанҳо бо муътадилии макроиқтисодӣ, балки бо тағйироти аслӣ дар сатҳи некуаҳволии моддӣ ва маънавии аҳолӣ инъикос карда мешаванд. Густариши муносибатҳои бозорӣ масъалаҳои танзими ҷараёнҳои иҷтимоӣ-иқтисодиро боз ҳам муҳимтар мегардонад, ки дар чорчӯбаи он аҳамияти махсусро муаммои ташаккулёбӣ, тақсимот ва истифодабарии даромадҳои аҳолӣ ишғол менамояд, ки бевосита сатҳи зиндагонии мардум аз он вобастагӣ дорад. Дар ин раванд, муносибатҳои тақсимотӣ ҳамчун унсури ҷудонашавандаи муносибатҳои иқтисодӣ дар ҳолати дигаргуншавии низоми иқтисодӣ, вақте ки муносибатҳои моликиятӣ, шаклҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, сарчашмаҳои ташаккулёбӣ ва танзими даромадҳои аҳолӣ дигаргун мешаванд, тағйироти куллиро аз сар мегузаронад.

Амалигардонии ислоҳоти бозорӣ дар макони пасошӯравӣ ба унсурҳои муносибатҳои иқтисодӣ, алалхусус ба муносибатҳои тақсимотӣ дигаргуниҳои ҷиддиро ворид намуд. Дар чунин шароит сохтори даромадҳои аҳолӣ тағйироти низомиро аз сар гузаронид, ки бо даромадҳои соҳибкорӣ, даромад аз моликият ва ғайраҳо пурра гардид, ки аҳамияти онҳо барои табақаҳои гуногуни аҳолӣ ба таври всеъ фарқ мекунанд.

Бояд қайд намуд, ки барои қисми зиёди аҳолӣ даромадҳои меҳнатӣ дар намудани музди меҳнат шакли асосии ташаккулёбии даромадҳои умумии аҳолӣ баромад мекунад. Инчунин бо баробари шиддатёбии ҷараёни ҷаҳонишавӣ ва ҳаракати байналхалқии омилҳои истеҳсолот, махсусан меҳнат, дар сохтори даромадҳои аҳолӣ интиқоли пулии муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамасола афзоиш ёфта истодааст. Вобаста ба хусусиятҳои объективии ташаккулёбӣ ва истифодабарии даромадҳои аҳолӣ, омӯзиши он дар шароити муосир бо назардошти гузашта, бахри оянда муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Масъалаҳои тадқиқоти ташаккул ва истифодабарии даромадҳои аҳолӣ дар чорчӯбаи назарияи иқтисодӣ бо таҳаввули афкори иқтисодӣ ба миён омадааст. Ҳатто дар таълимоти намояндагони мактаби меркантилизм назарияи ташаккулёбии даромадҳои аҳолиро мушоҳида кардан мумкин аст. Лекин дар ин тадқиқот нисбат ба тақсимоти даромадҳо ҳамчун низом консепсияи аниқи муқарраргардида ба назар намерасад.

Мантиқи таълимоти меркантилистон нисбат ба даромадҳои аҳолӣ муайян намудани сарчашмаи боигарӣ баромад мекунад. Намояндагони меркантилизм яке аз аввалин шуда масъалаи пайдошавии боигариро (даромадро) пешбарӣ карданд. Ба нопуррагии муайян намудани сарчашмаи боигарӣ ҳамчун соҳаи муомилот, меркантилистон пешкаш мекарданд, ки ҳамчун ченаки боигарӣ пулҳо баромад мекунанд ва боиси қайд аст, ки барои давраи худ ақидаҳои меркантилистон нисбатан пешрафта ба ҳисоб мерафтанд. Намояндагони номдори меркантилизм Т. Ман (1571-1641), А. Монкретен (1575-1621), Д. Юм (1711-1776) ва дигарон назарияи танзими давлатии даромадҳои аҳолиро пешкаш карданд, ки дар консепсияи тавозуни фаъоли пулӣ ва молӣ асос меёбад. Онҳо маҳдуд намудани афзоиши музди меҳнати

коргаронро барои баланд намудани рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолмешуда пешниҳод карданд. Ба ақидаи намояндагони мактаби меркантилизм, таъминот бо ҷойи кории аъзоёни ҷамъият ба шарофати хароҷоти табақаҳои нисбатан сарватманди аҳолӣ имконпазир мегардад.

Назарияи иқтисодии меркантилизмро ба таври мазкур ифода кардан мумкин аст:

соҳаи муомилот, махсусан гардиши сармояи савдо ҳамчун сарчашмаи боигарӣ ва ҳама намуди даромадҳо баромад мекунад;

табиати даромад дар намуди фоидаи савдо маънидод карда мешавад;

дар шакли зоҳиргардии боигарӣ пулҳо баромад мекунанд.

Аз ин ҷо бармеояд, ки назарияи меркантилизм диққати худро ба гардиши пулҳои савдо ҷалб карда, ҷараёни ташаккулёбии даромадҳои аҳолӣ танҳо бо соҳаи муомилот мушоҳида карда мешавад.

Таҳаввули фаъолияти хоҷагидорӣ ва афзоиши зарурати сармояи саноатӣ ба коҳишёбии ақидаҳои меркантилистон оғоз бахшид. Чунин ҳолат аз бисёр ҷиҳат бо инкишофи соҳаҳои истеҳсолӣ алоқаманд мебошад, ки таъсири худро ба дигаргуншавии назарияи иқтисодӣ расонид.

Макони гузариш аз назарияи меркантилистон ба иқтисоди сиёсии классикӣ ақидаҳои иқтисодии У. Петти баромад мекунад. Мушоҳидаҳои асосии худро доир ба ҳаёти хоҷагидорӣ ва умуман иқтисодиёт У. Петти дар кори худ “Рисола оид ба андозҳо ва пардохтҳо” иброз доштааст. Дар ақидаҳои У. Петти ақидаи арзишмандтарин бевосита ин муайян намудани арзиши мол бо меҳнати дар ҷараёни истеҳсоли он истифодашаванда мебошад. У. Петти тавонист назарияи меҳнатии арзишро ҳамчун асоси таъсисдиҳии арзиши нав дақиқ муайян намояд, лекин ӯ натавонист хусусиятҳои арзиши изофаро ҷудо намояд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, барои давраи худ ақидаҳои У.Петти пешрафта ба ҳисоб мерафтанд. Ба ӯ имконпазир гардид, ки маҳсулоти умумиро ба се қисм ҷудо намояд, ба монанди рӯйпӯшкунии хароҷот, музди меҳнат ва рентаи соф. Айнан ҳамин ақидаи аз тарафи У. Петти пешкашшуда имкон медиҳад, ки саҳм ва аҳамияти ӯро дар инкишофи назарияи иқтисодӣ муайян намоем.

Таълимоти меркантилистон аз тарафи асосгузори мактаби физиокартҳо Ф. Кэне зери танқид гирифта шуд. Аз ҷониби ӯ таълимоти меркантилистон оид ба соҳаи муомилот ҳамчун сарчашмаи боигарӣ инкор карда шуд. Ф. Кэне пешкаш намуд, ки сарчашмаи боигарӣ истеҳсолот мебошад, лекин дар консепсияи худ ӯ танҳо бо хоҷагии қишлоқ маҳдуд гардид. Маҷмӯи муносибатҳои тақсимотиро физиократҳо дар маҳсулоти софи аз заминдорӣ бадастоянда мансуб медонистанд. Ба ақидаи Ф. Кэне “боигариҳои такрористеҳсолшавандаи хоҷагии қишлоқ барои ҳама касбҳо ҳамчун асос хизмат мекунад, зеро ба инкишофи савдо, некуаҳволии аҳолӣ, васеъшавии саноат ва дастгирии пешравии миллат мусоидат менамояд”[1, с.98].

Даромадҳои меҳнатро (музди меҳнатро) Ф. Кэне ба ҳадди ақали рӯзгузаронӣ баробар мекард, ки бояд эҳтиёҷот ба молҳои одиро таъмин намуда, ҳамзамон дар сатҳи пасти имконпазир қарор гиранд. Моҳиятан, Ф. Кэне фарқи байни музди меҳнати коргар ва даромади косибро мушоҳида намекард.

Намояндагони мактаби физиокартҳо даромади капиталистро ҳамчун шакли нисбатан баланди музди меҳнат мушоҳида карда, гумон доштанд, ки музди меҳнати коргарон ба хароҷоти истеҳсолӣ дохил карда мешавад. Онҳо категорияи фоидаро дар ягон соҳа (саноат, хоҷагии қишлоқ ва савдо) эътироф намекарданд. Тюрго нисбат ба Кэне гумон мекард, ки фоида ҳамчун намуди алоҳидаи даромади аз тарафи капиталист азхудмешуда буда, ҳамзамон ӯ фоидаро ҳамчун унсури таркибии маҳсулоти соф тавсир мекард.

Саҳми арзандаи физиократҳо дар тадқиқи боигарии ҷамъият дар он зоҳир мегардад, ки онҳо сарчашмаи онро на бо соҳаи муомилот (савдо), балки бо соҳаи истеҳсолот алоқаманд мекарданд. Айнан алоқамандии масъалаи таъсисдиҳии боигарии ҷамъият бо истеҳсолот саҳми зарурии намояндагони мактаби мазкур дар инкишофи тадқиқи масъалаи мазкур зоҳир мегардад.

Омӯзиши таҳаввули назарияи иқтисодӣ имкон медиҳад, ду самти асосӣ дар тадқиқоти ташаккулёбии арзиши нав ҷудо карда шаванд. Самти якум бо консепсияи классикии арзиши изофа ифода ёфтааст, ки бо худ давомнокии мантиқии назарияи меҳнатии арзишро инъикос менамояд. Ин самт бевосита бо ақидаҳои А. Смит, Д. Рикардо ва К. Маркс алоқаманд мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки айнан К. Маркс консепсияи мазкурро инкишоф дода, амал намудани назарияи меҳнатии арзишро асоснок намудааст.

Самти дигар аз тарафи Ж.Б. Сэй коркард шудааст. Мувофиқи ин назарияи иқтисодии омилҳои истеҳсолот, ӯ тасдиқ менамуд, ки меҳнат, сармоя ва замин дар ҷараёни ташаккули арзиш якхела иштирок мекунанд. Консепсияи мазкур аз тарафи иқтисодчии амрикоӣ Ҷ. Б. Кларк инкишоф дода шудааст.

Асосгузори консепсияи классикии арзиши изофа А. Смит ченаки ягонаи арзишро дар меҳнат медид. Мувофиқи таълимоти Смит, дар ҳар як ҷамъияти инкишофёфта ҳама унсурҳои ташаккулёбии арзиш ба нархи ҳамаи молҳо дохил карда мешавад. Бо баробари ин А. Смит гумон дошт, ки сарчашмаи арзиш се намуди даромадҳои омилӣ баромад мекунанд: даромадҳои меҳнатӣ дар намуди музди меҳнат, фоида ва рента. Илова бар ин мувофиқи таълимоти ӯ, хароҷоти бо истифодабарии сармояи асосӣ алоқамандбуда ҳангоми таъсисдиҳии арзиши нав ба назар гирифта намешавад. Ҳамаи ин бо он алоқаманд буд, ки дар давраи Смит истеҳсолоти мавҷудбудаи мануфактураҳо ҳиссаи хурди сармояи доимиро ба назар мегирифт, ки хароҷоти он ба арзиши моли истеҳсолшуда дохил карда мешуд. Лекин ба А.Смит имконпазир награрдид, ки ин ҳолатро кушода диҳад. Ба маҳдудияти муносибат оид ба ташаккули арзиши нав нигоҳ накарда, ба А. Смит имконпазир гардид, ки мавҷудияти гурӯҳҳои гуногуни аҳолиро дар ҷамъият муайян намояд. Ба ақидаи А. Смит синфҳои асосӣ даромадҳои аввалияро ба даст меоранд, дар ҳоле ки дигар гурӯҳҳои аҳолӣ даромадҳои дуюмдараҷаро ба даст меоранд, ки ҳангоми тақсимот ва азнавтақсимкунии даромадҳо (фоида, рента, даромадҳои меҳнатӣ) пайдо мешаванд. Чунин муносибатро А. Смит ба таври зайл маънидод мекард: "Азбаски нарх ва ё арзиши мубодилавии ҳама гуна молҳо дар алоҳидагӣ ба се қисматҳои таркибии қайдшуда мансубанд, бинобар ҳамин ба ин се қисмат нарх ва ё арзиши мубодилавии ҳама молҳо низ майл мекунанд, ки маҳсулоти меҳнати солонаи ҳар як мамлакатро ташкил медиҳанд; бо баробари ин он бояд байни табақаҳои гуногуни аҳолии мамлакати мазкур дар намуди музди меҳнат барои меҳнати онҳо ва ё дар намуди фоидаи сармоя, дар намуди рентаи замин тақсим карда шавад. Музди меҳнат, фоида ва рента ҳамчун се сарчашмаи аввалиндараҷаи ҳама гуна даромад баромад мекунанд. Ҳар як намуди дигар даромад, дар интиҳо аз яке аз ин сарчашмаҳо тавлид мешавад" [2, с.53]. Аз нуқтаи назари ақида оид ба музди меҳнат, фоида ва рента бо худ шакли даромадро ифода мекунад, ки сарчашмаи онҳо бевосита арзиши нав мебошад, ки ин дар боло қайд карда шуда нисбатан шубҳанок ба ҳисоб меравад. Мувофиқан ҳама даромад дар ҷараёни муносибатҳои тақсимотӣ ва азнавтақсимкунӣ ташаккул меёбанд. Саҳми асосии А. Смит дар тадқиқи масъалаи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки ӯ яке аз аввалин шуда аъзоёни ҷамъиятро ба гурӯҳҳо (синфҳо) ҷудо намуд, лекин Смит натавонист муайян кунад, ки сарчашмаи даромадҳои ҳама гурӯҳҳои аҳолӣ қисми муайяни арзиши нави истеҳсолшуда ба ҳисоб меравад, на маҳсулоти ҷамъиятӣ.

Аз ин ҷо бармеояд, ки А. Смит нисбат ба назарияи арзиш, пеш аз ҳама, на аз нуқтаи назари хароҷот, балки назарияи меҳнатии арзиш муносибат мекунад. Лекин ин нодуруст будани мавқеи Смитро доир ба масъалаи мазкур нишон намедиҳад. Бояд қайд намуд, ки назарияи А.Смит хислати духелагӣ дорад. Дар кори асосии худ "Тадқиқот оид ба табиат ва сабабҳои боигарии халқҳо" А. Смит оид ба пайдоиши меҳнатии ҳама шаклҳои даромадҳо қайд мекунад, ки дар навбати худ унсури нархгузорӣ мебошанд. Аз рӯйи таълимоти А. Смит "рента ҳиссаҷудокунии аввалияро аз маҳсулоти меҳнат ифода мекунад, ки барои коркарди замин сарф шудааст, фоида ҳиссаҷудокунии дуюминро аз маҳсулоти меҳнат ифода мекунад, ки барои коркарди замин сарф шудааст, музди меҳнат бошад, маҳсули меҳнат аст, ки подоши муқаррариро барои меҳнат ифода мекунад" [3, с.64].

Мувофиқи таълимоти А. Смит, даромадҳои аҳолӣ зери таъсири қонунҳои иқтисодии бозор ташаккул ёфта, ҳамзамон танзими мустақими давлатии он инкор карда мешавад. Музди меҳнати коргарони кироя, ба ақидаи А. Смит, аз шумора ва мураккабии меҳнат, инчунин аз сатҳи тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат вобастагӣ дорад. Бояд ба назар гирифт, ки чунин хулосаҳо дар давраи амалигардонии як қатор вазифаҳои танзимкунии давлат ба воситаи институтҳои муайян бароварда шудаанд.

Ҳамин тавр, тадқиқи муносибатҳои гуногуни консептуалӣ нисбат ба ташаккул ва истифодабарии даромадҳои аҳолӣ нишон медиҳад, ки маънидодкунии даромадҳои аҳолӣ дар ҳар як консепсия аз мавқеи гуногун мушоҳида карда шуда, байни онҳо муносибати ягона оид ба моҳият ва сарчашмаҳои ташаккулёбии даромадҳои аҳолӣ ба назар намерасад. Дар чорчӯбаи тадқиқоти даромадҳои аҳолӣ консепсияҳои мазкур муносибатҳои фарқкунандаи илмиро истифода мебаранд. Фарқи мавҷудбудаи муносибатҳои назариявӣ нисбат ба моҳияти даромадҳои аҳолӣ бевосита бо бисёрҷабҳагии категорияи иҷтимоӣ-иқтисодии мазкур ва гуногунии манфиатҳои иқтисодии гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ алоқаманд аст, ки барои дастгирии онҳо консепсияҳои мушоҳидашуда равона карда шудаанд.

**Адабиёт:**


1. Кенэ Ф. Избранные экономические произведения. - М.,1960. - С. 98.
2. Кейнс Дж.М. Общая теория занятости, процента и денег. - М., 1999. - С. 108.
3. Смит. А. Исследование о природе и причинах богатства народов. – М.: Классики экономической науки, 1993. - С. 53-64.


## ТАҲЛИЛИ ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНАҲОИ СОҲАИ ИСТЕҲСОЛИИ БАХШИ ХУСУСӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Арбобов Субҳиддин Саидмуҳаммадович**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**


Ташаккули муносибатҳои бозоргонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бунёди шумораи зиёди корхонаҳои хусусӣ, ки дорои хусусиятҳои гуногун мебошанд, дар шароити шакл ва усулҳои гуногуни рақобат фаъолият карда метавонанд, вобаста аст. Бо ин мақсад, дар ҷумҳурӣ таҳкурсиҳои мушаххаси қонунгузорӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқӣ барпо карда шудаанд, чунки фаъолият ва рушди босамари соҳибкорӣ дар Тоҷикистон маҷмӯи шароити муайянест, ки ин ҷараёнҳоро боис мегарданд ва танзим мекунанд. Ҳамзамон аён аст, ки ҳамаи ҷараёнҳои

иқтисодӣ дар ин ё он дараҷа аз ҳолати бехатарии иқтисодӣ дар мамлакат вобаста мебошанд ва инчунин ба он таъсири бевосита мерасонанд.

Дар адабиёти иқтисодӣ шумораи хеле зиёди шарҳу эзоҳи мафҳуми бехатарии иқтисодӣ, ки моҳиятан аз ҳамдигар фарқе надоранд, оварда шудаанд, вале тафсирҳо танҳо ба сохтор ва принсипҳои бехатарии иқтисодӣ дар ҳар марҳалаи рушди давлат дахл доранд. Масалан, зери мафҳуми бехатарии иқтисодӣ баъзе муаллифон чунин ифодаро меоранд: "хислати сифатии системаи иқтисодӣ, ки қобилияти нигоҳ доштани шароити мувофиқи ҳаёти аҳолӣ, таъмини устувори рушди хоҷагии халқ, инчунин амалигардонии минбаъдаи манфиати миллӣ-давлатиро муқаррар мекунад"[1].

Бинобар ин, дар умум, мо метавонем ақидаи онро, ки "бехатарии иқтисодӣ – ин ҳолати хоҷагии миллӣ аст, ки рушди пайвастаи ҷомеа, устувории молиявӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҳифзи баландиқтидор дар ҳолатҳои таъсири омилҳои манфии дохилӣ ва берунӣ, манфиатҳои иқтисодиро дар сатҳи ватанӣ ва ҷаҳонӣ қодир аст, таъмин намояд" эътироф менамоем [2].

Равшан аст, ки мафҳуми амнияти иқтисодӣ назар ба мафҳуми амнияти миллӣ дар сатҳи поёнтар қарор дорад, чунки ба амнияти миллӣ амнияти дохиливу хориҷӣ, инчунин амнияти иҷтимоӣ, мудофиавӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд. Бо вуҷуди ин, дар ин системаи амнияти миллӣ амнияти иқтисодӣ асосӣ ва офарандаи системаи амнияти давлат ба ҳисоб меравад.

Бинобар ин, амнияти иқтисодии мамлакат зуҳуроти мураккаби иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад, ки ба воситаи он бисёр равандҳо ҳам дар соҳаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҳам дар соҳаи ҷамъиятӣ-сиёсии аз омилҳои беруниву дохилӣ вобаста ошкор мегарданд. Пас, объектҳои амнияти иқтисодӣ новобаста аз тамоми системаи иқтисодӣ дар маҷмӯъ ва унсурҳои он, ба монанди захираҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ, сохтори хоҷагидорӣ, амволи ғайриманқул, захираҳои молиявӣ, боигарии табиат, захираҳои иқтисодии оилаҳо, шахсони алоҳида ва ғайраҳо ба шумор меравaнд. Амнияти иқтисодӣ, дар навбати худ аз дараҷаи рушди қувваҳои истеҳсолкунанда, ташаккули муносибатҳои ба онҳо мувофиқи истеҳсолӣ, вазъи ҳамкориҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ зери таъсири рушди илму техника вобаста аст. Ҳамзамон, манбаи моддии амнияти иқтисодӣ дорои чунин унсурҳо мебошад: ташаккули қувваҳои истеҳсолкунанда, таҷдиди васеи кафолатнок, ба даст овардани сатҳи баланди зиндагии аҳолӣ, таъсири истиқлолияти иқтисодии давлат, идораи самарабахши иқтисодиёт дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ.

Дар Тоҷикистон ба сифати унсурҳои асосии амнияти иқтисодӣ чунин ҷузъҳо, ба монанди таъмини амнияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти нақлиётӣ ва амнияти озуқаворӣ (аз он ҷумла сифати хӯроквορӣ) муқаррар карда шудаанд. Ҳамзамон, дар Стратегияи миллии рушд то соли 2030 (СМР-2030) махсус қайд гардидааст, ки равандҳои мазкур аз сатҳи зиндагии аҳолӣ, таъмини пурмаҳсул бо ҷойҳои кор ва ташаккули синфи миёна дар ҷумҳурӣ вобаста мебошанд. Бинобар ин, дар раванди тақвияти минбаъдаиислоҳоти бозоргонӣ дар ҷумҳурӣ яке аз шартҳои муҳимми таъмини амнияти иқтисодӣ рушди ҳамаи шаклҳои соҳибкорӣ мебошад. Аз ин ваҷҳ, дар Барномаи рушди миёнамуҳлати Тоҷикистон барои давраи солҳои 2016-2020 (БРМ 2016-2020) дар қолаби фаъолият чораҳои мушаххас оид ба рушди соҳибкорӣ ва системаи миллии амнияти иқтисодӣ нишон дода шудаанд.

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҳолати 01.01.2020 дар миқёси ҷумҳурӣ 608322 адад субъекти хоҷагидори

фаъолияткунанда ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи 01.01.2019, 38508 адад ва / ё 6,3 фоиз зиёд мебошад.

Соҳибкорони инфиродии тибқи патент амалкунанда 319 105 адад ва ё 52,4%-и субъектҳои хоҷагидорӣ, соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома амалкунанда 78469 адад ва ё 12,8% - и субъектҳои хоҷагидорӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ 163 695 адад ва ё 26,9%-и субъектҳои хоҷагидори мамлакатро ташкил медиданд.

Хоҷагиҳои деҳқонӣ низ ҳамчун соҳибкорони инфиродӣ, ки тибқи шаҳодатнома амал мекунанд, ба шумораи умумии соҳибкорони инфиродӣ дохил карда шудаанд.

Ҳамин тариқ, дар шумораи умумии субъектҳои хоҷагидори мамлакат соҳибкорони инфиродӣ дар маҷмӯъ 608 322 адад ва ё 52,2%-ро ташкил медиҳанд, ки гардиши маблағҳои онҳо дар як сол тибқи патент то 100 000 (сад ҳазор) сомонӣ ва тибқи шаҳодатнома то 500 000 (панҷсад ҳазор) сомонӣ мебошад.

Шахсони ҳуқуқӣ, ки пойдевори бахши хусусии мамлакат мебошанд, дар шумораи умумии субъектҳои хоҷагидорӣ ҳиссаи хеле кам дошта, ҳамагӣ 47 053 адад ва ё 7,7%-и субъектҳои хоҷагидориро ташкил медиҳанд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки сеяки субъектҳои хоҷагидори мамлакатро соҳибкорони инфиродии тибки патент амалкунанда, ки гардиши маблағҳояшон дар як сол то 100000 (сад ҳазор) сомонӣ мебошад, ташкил медиҳанд. Соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда бештар дар бахши тиҷорати хурд фаъолият менамоянд, ки пеш аз ҳама гувоҳи дастрасии маҳдуди субъектҳои соҳибкорӣ ба воситаҳои молиявӣ мебошад. Дар баробари ин ҳиссаи назарраси хоҷагиҳои деҳқонӣ (52,4%) дар шумораи умумии субъектҳои соҳибкорӣ рушди соҳибкориро асосан дар манотиқи деҳот нишон медиҳад, ки бо масъалаҳои дастрасии маҳдуд ба инфрасохтори истеҳсолӣ, воситаҳои молиявӣ, таҷҳизоти кишоварзӣ, тухмиҳои хушсифат ва дурӣ аз бозорҳои истеъмолӣ дучор мегарданд.

***<u>Барҳамдиҳӣ</u>***

Дигар масъалае, ки боиси тамоюли кам шудани барҳамдиҳии субъектҳои соҳибкорӣ, хусусан шахсони ҳуқуқӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Тавре аз маълумоти ҷадвали №2 аён аст, дар миқёси ҷумҳурӣ зиёдшавии барҳамдиҳии субъектҳои соҳибкорӣ ба назар мерасад. Чунончи аз 1 январи соли 2019 то 1 январи соли 2020 дар миқёси ҷумҳурӣ 277 117 субъекти соҳибкорӣ барҳам дода шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 25 792 адад ва ё 9,3 % зиёд мебошад. Аммо аз ин шумора шахсони ҳуқуқӣ 11411 ададро ташкил медиҳанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018, 10035 адад ва/ё 3,7% зиёд шудааст, ки боиси нигаронӣ мебошад.

**Ҷадвали 1.**

**Миқдори субъектҳои хоҷагидории фаъолияткунанда дар миқёсӣ ҷумҳурӣ ба ҳолати 01.01.2020**

| Минтақаҳо | Шаҳодатнома | Х. деҳқонӣ | Патент | Ш. ҳуқуқӣ | миқдори умумӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| ВМКБ | 1754 | 491 | 6434 | 1801 | 10480 |
| вилояти Хатлон | 12601 | 63908 | 73519 | 13829 | 163857 |
| вилояти Суғд | 20160 | 64646 | 111921 | 11966 | 208693 |
| ш.Душанбе | 28043 | 21 | 71865 | 11741 | 111670 |
| НТҶ | 15911 | 34629 | 55366 | 7716 | 113622 |
| **Ҳамагӣ** | 78469 | 163695 | 319105 | 47053 | 608322 |

**Сарчашма:** *Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2020. – С.214-221.*

Аз шумораи умумии субъектҳои соҳибкории барҳамдодашуда соҳибкорони инфиродӣ 295 563 ададро ташкил медиҳанд, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2018, 10 849 адад ва/ё 3,6 % зиёд шудааст.

**Ҷадвали 2.**

**Маълумот оид ба шумораи субъектҳои хоҷагидории фаъолияткунанда ва барҳамдодашуда дар ҷумҳурӣ ба ҳолати 01.01.2020**

| Намуди бақайдгирӣ | шахсони ҳуқуқӣ дар соли 01.01.2020 | шахсони ҳуқуқӣ дар соли 01.01.2019 | тағйирот дар шумора | тағйирот бо % | соҳ. ин-фиродӣ дар соли 01.01.2020 | соҳ.ин-фиродӣ дар соли 01.01.2019 | тағйирот дар шумора | тағйирот бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Фаъолияткунанда | 35054 | 33217 | + 1837 | + 5,5 | 295563 | 284714 | + 10849 | +3,8 |
| Барҳамдодашуда | 11411 | 10035 | + 1376 | 13,7 | 265706 | 241290 | + 24416 | 10,1 |

Сарчашма: *Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2020. –С.214-221.*

***Фаъолияткунанда***

Зиёдшавии тамоюли барҳамдиҳии субъектҳои соҳибкорӣ ба раванди таъсисёбӣ таъсири манфӣ расонида, дар натиҷа дар қаламрави ҷумҳурӣ таъсисёбии субъектҳои соҳибкорӣ низ кам шудааст.

Тавре аз рақамҳои ҷадвали №2 аён аст, дар миқёси ҷумҳурӣ аз 1 январи соли 2019 то 1 январи соли 2020 дар маҷмӯъ 330 617 адад субъекти соҳибкорӣ таъсис ёфт, ки нисбат ба ҳамин нишондиҳандаи соли гузашта 317 931 адад ва ё 3,9 % зиёд мебошад. Аз ҷумла дар ин давра 12 686 адад шахси ҳуқуқӣ таъсис ёфтааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018, 1837 адад ва/ё 41,4 фоиз зиёд мебошад. Дар давоми як соли ҷорӣ 295 563 адад соҳибкории инфиродӣ таъсис ёфтааст, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2018, 10 849 адад ва/ё 3,6 % зиёд мебошад.

*Субъектҳои соҳибкории фаъолияткунанда ба ҳолати 01.01.2020*

Бояд қайд кард, ки агарчи дар маҷмӯъ ба ҳолати 01 январи соли 2020 дар миқёси ҷумҳурӣ миқдори умумии субъектҳои соҳибкорӣ зиёд шуда бошад ҳам, таҳлили вазъи соҳибкорӣ дар як соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 зиёдшавии шумораи шахсони ҳуқуқии фаъолияткунандаро ошкор менамояд.

Зиёдшавии субъектҳои соҳибкории фаъолияткунанда бо афзоиши шумораи соҳибкори инфиродии фаъолияткунанда вобаста мебошад, ки миқдори онҳо ба ҳолати 01 январи соли 2019 то 01 январи соли 2020 дар қаламрави ҷумҳурӣ 561269 ададро ташкил медидад ва ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи 01 январи соли 2019, 46465 адад ва ё 7,6% зиёд шудааст.

Ҳамин тавре маълумоти ҷадвали боло нишон медиҳад, ба ҳолати 01 январи соли 2020 шумораи умумии шахсони ҳуқуқии дар мамлакат фаъолияткунанда 47053 ададро ташкил медидад, ки ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи 01 январи соли 2019, мувофиқан 3213 адад ва ё 6,9% зиёд шудааст.

**Таҳлили соҳибкории истеҳсолӣ**

Ба ҳолати 01 январи соли 2020 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 36907 адад корхонаҳои истеҳсолӣ фаъолият мекунанд, ки танҳо 6,1%-и субъектҳои хоҷагидорӣ дар мамлакат фаъолияткунандаро ташкил медиҳанд. Аз шумораи умумии корхонаҳои истеҳсолӣ 27069 адад ва ё 73,3%-ро корхонаҳои истеҳсолии дар шакли шахси ҳуқуқӣ фаъолияткунанда ва 26,7% ва ё 9838 ададро соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ташкил медиҳанд.

**Диаграммаи 1.**

Шумораи субъектҳои соҳибкории фаъолияткунанда дар соли 2019 дар муқоиса бо соли 2018




***Сарчашма:*** *Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2019 – С.206-477; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон/Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2020. –С.215-495.*

Корхонаҳои истеҳсолии дар шакли шахси ҳуқуқӣ фаъолияткунанда 59,3%-и шахсони ҳуқуқиро дар мамлакат ташкил дода, шумораи онҳо нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1146 адад ва ё 4,4% зиёд шудааст. Аз ин шумора, 9139 адад ва ё 33,7% корхонаи истеҳсоли давлатӣ, 17450 адад ва ё 64,4% корхонаҳои истеҳсоли ғайридавлатӣ, яъне бахши хусусӣ мебошанд. Нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта шумораи корхонаҳои истеҳсолии давлатӣ 183 адад ва ё 2,1% зиёд шудааст.

Аз ҷумла, аз 17450 корхонаи истеҳсолии бахши хусусӣ кишоварзӣ 3974 адад ва ё 22,7%, дар бахши моҳидорӣ 28 адад ва 0,16%, дар бахши саноати истихроҷи маъдан 248 адад ва ё 1,4%, дар бахши саноатӣ коркард 1897 адад ва ё 10,8%, дар бахши электроэнергияву газ 28 адад ва ё 0,16%, дар бахши сохтмон 1591 адад ва ё 9,1% фаъолият менамоянд.

**Ҷадвали 3.**

Шумораи корхонаҳо (шахсони ҳуқуқӣ) -и бақайдгирифташуда аз рӯйи самти фаъолият ва шакли моликият дар соли 2019 нисбат ба соли 2018

| № | Намуди фаъолияти иқтисодӣ | Шумораи субъектҳои хоҷагидорӣ | | Давлатӣ | | Ғайридавлатӣ | | Хориҷӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2019 | 2018 | 2019 | 2018 | 2019 | 2018 | 2019 | 2018 |
| 1. | **Фаъолияти истеҳсолӣ** | **27069** | **25923** | **9139** | **8956** | **17450** | **16545** | **480** | **422** |
| A | Кишоварзӣ, шикор | 4193 | 4274 | 208 | 208 | 3974 | 4058 | 11 | 8 |
| B | Моҳидорӣ | 30 | 24 | 1 | 21 | 28 | 2 | 1 | 1 |
| C | Саноати истихроҷи маъдан | 284 | 254 | 11 | 12 | 248 | 219 | 25 | 23 |
| D | Саноати коркард | 2095 | 1960 | 118 | 119 | 1897 | 1781 | 80 | 60 |
| E | Электроэнергия, газ | 133 | 139 | 101 | 96 | 28 | 37 | 4 | 6 |
| F | Сохтмон | 1801 | 1618 | 136 | 132 | 1591 | 1418 | 74 | 68 |
| 2 | **Фаъолияти ғайриистеҳсолӣ** | **18533** | **17654** | **8564** | **8368** | **9684** | **9030** | **285** | **256** |
| 3 | **Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ** | **45602** | **43577** | **18278** | **17324** | **34900** | **25575** | **960** | **678** |

Ҳамин тариқ, ҷорӣ намудани механизми ҳавасмандкунии субъектҳои хоҷагидорӣ ҷиҳати таъмини рушди иқтисодии кишвар тавассути ҳамбастагии сармоягузориҳои давлатӣ ва хусусӣ дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, кам кардани сарбории буҷети давлатӣ ва азнавсозии маблағҳои буҷетӣ барои манфиати давлат ва ҷомеа ба шумор меравад.

Дар соли 2020 Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи рейтинги пешбурди соҳибкорӣ (бизнес) миёни давлатҳои хоҷагии ҷаҳонӣ мавқеи 106 – ро касб намудааст, ки дар ин бора расми зер шаҳодат медиҳад.

**Диаграммаи 2.**

Мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ тайи солҳои 2014 – 2020




Сарчашма: Исследование Всемирного банка: Ведение бизнеса за 2014 – 2020 гг.

Воқеан, маълумоти диаграммаи мазкур ба он водор месозад, ки дар мамлакат ҳар чӣ зудтар бояд шароити зарурӣ ва инфрасохтор баҳри пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ фароҳам оварда шавад.

Инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самти афзалиятнок маҳсуб меёбад. Маҳз дастгирии инфрасохторӣ ба корхонаҳои истеҳсолӣ имкон фароҳам месозад, ки ба омилҳои асосии истеҳсолӣ дастрасӣ пайдо намоянд. Зеро онҳо дар ҳалли масъалаҳои асосии раванди истеҳсолӣ нақши калидӣ доранд. Ташаккул ва рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ баҳри ҳалли масоили мубрами соҳибкорӣ дар самти ҷалби захираҳои молиявии хориҷӣ, гирифтани қарзи бонкӣ, ба даст овардани иттилооти маркетингӣ барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, тавсеаи фаъолияти инноватсионӣ, таъминот бо ашёи хом, рушди низоми логистика, фурӯш ва ғайраҳо зарур мебошад.

Бояд зикр кард, ки арзёбии ҳолати рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ вазъи рушди унсурҳои алоҳидаи онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри рушди соҳибкорӣ ва таъминоти инфрасохтории он «Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъсис дода шудааст, ки ба ихтиёри он аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ зиёда аз 370 млн. сомонӣ ҷудо гардидааст ва то охири соли 2020 маблағҳои ин фонд тақрибан 1 млрд. сомониро ташкил хоҳанд дод.

Бояд ёдрас шуд, ки дар шароити муосир Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чунин самтҳои афзалиятноки фаъолияти соҳибкории хурду миёна

аз ҷумла хоҷагии қишлоқ, истеҳсол ва коркарди маҳсулот, аз ҷумла, истеҳсоли молҳои мавриди ниёзи мардум, маҳсулоти ғизоӣ ва саноатӣ, сохтмон, бунёди роҳҳо, пулҳо ва неругоҳҳои барқи обии хурд ва ғайраҳо дастгирии молиявӣ мерасонад.

Мавриди зикр аст, ки айни замон иқтидори молиявии фонди зикршуда баҳри дастгирии ҳамаҷонибаи соҳибкории истеҳсолӣ нокифоя буда, зарур аст, ки бо дарёфти имкониятҳо ва захираҳо маблағҳои дастгирии соҳибкорӣ тадриҷан зиёд карда шавад.

Аз ҷониби дигар сатҳи баланди молҳои воридоти дар бозорҳои мамлакат ва аз ҳад зиёд вобаста будани қонеъсозии талаботи истеъмолкунандагон аз ин ҳисоб хатару таҳдид ба иқтисоди миллӣ дорад.

Аз ин лиҳоз, фароҳамсозии инфрасохтори фаъолияти инноватсионӣ яке аз масъалаҳои калидии ташаккули низоми фаъолияти инноватсионии мамлакат маҳсуб меёбад.

Бояд зикр кард, ки инфрасохтори фаъолияти инноватсионӣ унсурҳои зиёде, аз ҷумла, истеҳсолию технологӣ, машваратию экспертӣ, молиявӣ, кадрӣ, иттилоотӣ, ҳуқуқӣ, фурӯш ва ғайраҳоро дар бар мегирад, ки онҳо дар маҷмӯъ низоми мукаммали фаъолияти инноватсиониро дар иқтисоди миллӣ ба вуҷуд меоранд.

Таҳлилҳо собит менамояд, ки истеҳсолоти инноватсионӣ одатан сармояталаб мебошад. Вале инфрасохтори сармоягузориҳои мавҷуда дар ин ҷода бинобар арзиши баланди маблағҳои қарзи бонкӣ, нокифоя будани имкониятҳои молиявии соҳибкории истеҳсолӣ, ҳавасмандии пасти сармоягузорони хориҷӣ, бинобар омилҳои субъективӣ ва объективии мавҷуда омили мусоидаткунандаи қонеъсозии талабот намебошад.

Тӯли солҳои 2007-2019 воридоти умумии сармоягузориҳои хориҷӣ 9 млрд. 865,7 млн. доллари ИМА – ро ташкил дод, ки аз он 4 млрд. 345,9 млн долл. ИМА сармоягузории мустақим, 5 млрд. 17,9 млн. долл. ИМА-ро қарзҳои аз ҷониби корхонаву ташкилотҳо ҷалбгардида ва 502,0 млн. долл. ИМА-ро сармоягузории портфелӣ (габробондҳо) ташкил медиҳад.

Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ дар солҳои 2007-2019 аслан ба соҳаҳои энергетика - 596,8 млн. долл. ИМА, алоқа - 407,8 млн. долл. ИМА, сохтмон – 358,8 млн. долл. ИМА, хизматрасонии молиявӣ – 420 млн. долл. ИМА, омӯзиши геологӣ ва истихроҷи канданиҳои фоиданок – 1191,9 млн. долл. ИМА, саноат – 749,7 млн. долл. ИМА, савдо – 36,1 млн. долл. ИМА, саноати хӯрока – 34,2 млн. долл. ИМА, тандурустӣ – 5 млн. долл. ИМА, кишоварзӣ – 101,4 млн. долл. ИМА, туризм – 28,2 млн. долл. ИМА, маориф – 46,3 млн. долл. ИМА, нақлиёт – 119,8 млн. долл. ИМА, саноати сохтмон – 149,2 млн. долл. ИМА ва дигар соҳаҳо – 89,6 млн. долл. ИМА равона шудааст.

Тавре аз маълумот бармеояд, дар соли 2019 воридоти умумии сармоягузориҳои хориҷӣ 607,1 млн. доллари ИМА – ро ташкил намуд, ки аз он 345,9 млн. доллари ИМА сармоягузории мустақим ва 361,1 млн. доллари ИМА маблағҳои қарзиву грантӣ барои татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки воридоти сармоягузории мустақим нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба маблағи 37,4 млн. доллари ИМА коҳиш ёфтааст.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки воридоти сармоягузории мустақим нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 19,1 млн. доллари ИМА зиёд шудааст.

Сармоягузориҳои мазкур асосан ба соҳаҳои саноати коркард – 49,2 млн. долл. ИМА, саноати истихроҷи маъдан - 231,7 млн. долл. ИМА, фаъолияти молиявӣ ва ҳар гуна хизматрасониҳои тиҷоратӣ – 8,8 млн. долл. ИМА, нақлиёт ва алоқа - 36,4 млн. долл. ИМА,

сайёҳӣ – 11,0 млн. долл. ИМА, саноати сохтмон - 2,7 млн. долл. ИМА ва ғайраҳо – 6,1 млн. долл. ИМА равона карда шудаанд.

**Ҷадвали 4.**

Воридоти умумии сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои 2007-2019

| Солҳо | Ҷалби сармоя | | | Ҳамагӣ млн.дол. ИМА |
|---|---|---|---|---|
| | Мустақим | Дигар намуди сармоягузориҳо | Сармоягузориҳои ҷомадонӣ (портфелӣ) | |
| **2007** | 388,4 | 472,2 | | 860,6 |
| **2008** | 425,7 | 563,6 | | 989,3 |
| **2009** | 89,4 | 293,8 | | 383,2 |
| **2010** | 238,9 | 228,2 | | 467,1 |
| **2011** | 161,4 | 164,0 | 0,1 | 325,5 |
| **2012** | 391,3 | 355,0 | 0,1 | 746,4 |
| **2013** | 141,1 | 670,6 | 0,2 | 1011,9 |
| **2014** | 377,4 | 530,4 | 1,4 | 909,2 |
| **2015** | 470,9 | 506,9 | 0,0 | 977,8 |
| **2016** | 434,2 | 408,4 | 0,1 | 842,7 |
| **2017** | 354,5 | 245,9 | 500,0 | 1100,4 |
| **2018** | 326,8 | 317,7 | - | 644,5 |
| **2019** | 345,9 | 261,1 | 0,1 | 607,1 |
| **Ҳамагӣ** | 4345,9 | 5017,8 | 502,0 | 9865,7 |

**Сарчашма:** https://investcom.tj/

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки 76,7% ё худ 250,7 млн. долл. ИМА сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба соҳаи истеҳсолоти саноатӣ равона карда шудаанд. Вале аксари ин маблағҳо ба соҳаи истихроҷи маъдан равона гардида, амалан аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содирот гардида истодааст.

**Диаграммаи 3.**

**Ҷалби сармояи хориҷӣ дар соли 2019**




**Сарчашма:** Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020.

Ба андешаи мо, коркарди ҳар чӣ бештар ва пурраи он дар дохили мамлакат боиси рушди соҳаҳои гуногуни саноат, тавлиди арзиши иловашуда, сарчашмаҳои нави даромади буҷети давлатӣ ва ташкили ҷойҳои корӣ хоҳад гардид.

**Адабиёт:**

1. Барномаи рушди миёнамуҳлати Тоҷикистон барои давраи солҳои 2016-2020 (БРМ 2016-2020)-Душанбе-2016.- с.-100-134.
2. Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то соли 2030 (СМР-2030)-Душанбе-2016.- с.- 5-10.
3. Бухвалд Е.М. Макросистемы экономической безопасности: факторы, критерии и показатели.//Вопросы экономики-1994.- с.-15.
4. Матвеева Е.С. Понятие экономической безопасности государства и её место системе национальной безопасности. Казань-2017.- с.-367.
5. Латкин А.П.Управление предприятиями хозяйственной специализации. Дальнаука-2009.-с.-240.
6. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020.

## ТАҲЛИЛ ВА РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Арбобов С.С.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Соҳибкорӣ ва фароҳамсозии фазои мусоиди пешбурди фаъолияти он дар робита ба ташаккулёбиву тараққиёти муносибатҳои бозорӣ заминаи асосии рушди устувори иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад. Аз ҷониби дигар рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити муносибатҳои бозорӣ ба инфрасохтори мукаммали таъминкунандаи фаъолият вобастагии мустақим дорад. Дар кишварҳои дар ҳоли рушд қарор дошта, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои ташаккулёбӣ ва рушди инфрасохтори мусоидаткунандаи рушди фаъолияти соҳибкорӣ аҳамияти калидӣ пайдо карда, ҳамчун омили муҳимтарини таъминкунандаи сифат ва рақобатпазирии истеҳсолоти миллӣ ва ҷорисозии навгониҳои илму техника хизмат менамояд.

Чи тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намудаанд, рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва инфрасохтори он ҳамчун яке аз омилҳои муҳимми тағйирёбии иқтисодиёти Тоҷикистон ва ҷамъият, дар маҷмӯъ, ба ҳисоб меравад[1].

Олимони тоҷик Ҳабибов С.Х. ва Эшов Д.К. соҳибкориро ҳамчун мафҳуми мураккаб ва маҷмӯӣ арзёбӣ карда, зикр намудаанд, ки он бо иқтисодӣ бозорӣ ва рақобат дар шароити бозор хеле зич алоқаманд аст. Дар баробари ин, чун намуди фаъолияти иқтисодӣ, ки дорои нишондиҳандаҳои иқтисодии ҳудудӣ ва хусусиятҳои фарқкунанда мебошад, ба ҳайси яке аз самтҳои муҳимми фароҳамсозандаи низоми иқтисоди бозорӣ баромад менамояд. Иқтисоди бозорӣ дур аз стратегияи фаъолияти устувори соҳибкорӣ ва дастгирии кафолатнок аз ҷониби давлат амал карда наметавонад[2].

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба МОМН. -Душанбе, 2017. -С.8.
[2] Хабибов С.Х., Эшов Д.К. Малое предпринимательство (Вопросы становления, кредитно-финансовой поддержки и развития). – Душанбе: Ирфон. – 2006. – С. 12.

Ба ақидаи мо соҳибкорӣ дар иқтисоди миллӣ нақши низомсозро бозида, ба тамоми сохтори иқтисодиёт, комплексҳои соҳавию байнисоҳавӣ, байниминтақавӣ ва минтақавӣ таъсири мутақобила мерасонад. Ҳамзамон бо ин, роҳандозии истеҳсолоти инноватсионӣ бештар ба рушди соҳибкорӣ вобастагӣ дошта, дар навбати худ мавҷудияти инфрасохтори мусоидаткунанда шарти асосӣ ба ҳисоб меравад.

Дар робита ба ин, академик Раҳимов Р.К. барҳақ зикр намудааст, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ барои Тоҷикистон инкишофи инноватсионии иқтидори истеҳсолӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд[3].

Мувофиқи нуқтаи назари олимони тоҷик дар марҳилаи муосир зарур аст, ки мушкилоти пойгоҳи истеҳсолӣ-техникии куҳнашудаи иқтисодиёти мамлакат, аз ҷумла фондҳои асосии куҳнашуда, инчунин инфрасохтори соҳибкории истеҳсолии инноватсионӣ ҳалли худро ёбад. Бо ин мақсад зарур аст, ки барномаи воридоти имтиёзноки техникаи мураккаб таҳия гардад ва он ба соҳибкорон на танҳо имконияти азнавсозии истеҳсолот, балки харидории намунаҳои навтарини технологияҳои муосирро фароҳам созад. Дар натиҷа дар оянда истеҳсолоти инноватсионӣ рушд хоҳад кард

Самаранокии амалисозии сиёсати саноатикунонии босуръати иқтисоди миллӣ асосан ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ вобаста мебошад. Аҳамияти ташаккул ва рушди соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории истеҳсолӣ дар таъмини нишондиҳандаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва беҳтарсозии сатҳи зиндагии аҳолӣ зарурати фароҳамсозии фазои мусоиди фаъолиятро тақозо менамояд. Дар робита ба ин, яке аз монеаҳои рушди бахши хусусӣ, хусусан соҳибкории истеҳсолӣ мавҷуд набудани муносибати ягона доир ба ташаккулёбии инфрасохтори таъминкунандаи фазои мусоид барои амалисозии соҳибкории истеҳсолӣ мебошад.

Аз ин нуқтаи назар ташаккул ва рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимми илмию амалии рушди соҳибкорӣ мебошад. Инфрасохторе, ки барои дастгирӣ ва пешрафти соҳибкории истеҳсолӣ хизмат мекунад, ҷузъи ҷудонопазири механизми идоракунии иқтисоди миллӣ мебошад.

Аз ҷониби дигар таҳияи муқаррароти назариявии илман асоснокардашуда ва тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккул ва рушди инфрасохтори дахлдор, аз ҷумла робитаҳои имконпазири ҳамоҳангшудаи илм ва бахши воқеӣ ва мутобиқшавии бештари инфрасохтор ба тағйироти талабот ба хизматрасониҳо ба афзоиши самаранокии ҷараёни ташаккули инфрасохтори дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ мусоидат менамояд.

Дар шароити имрӯза дар афкори ҷомеа мафҳуми соҳибкорӣ ҳамчун омили асосии рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ ташаккул ёфта истодааст. Соҳибкории истеҳсолӣ мунтазам соҳаи намоёни фаъолият дар шароити бозорӣ шуда истодааст. Аз ин рӯ, муҳайё кардани шароити мусоиди рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва ҷалби сармоягузорӣ вазифаи аввалиндараҷаи сиёсати иқтисодии давлат маҳсуб мегардад.

[3] Рахимов Р.К. Макроэкономический анализ добавленной стоимости по экономике Республики Таджикистан// Таджикистан и современный мир. -Душанбе, 2017. -№3 (53). - С. 19.

Фаъолияти соҳибкориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи қайди давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда танзим менамоянд.

Солҳои охир бо амалӣ гаштани як қаторислоҳоти давлатии иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фазои соҳибкорӣ беҳтар гардида, рушди минбаъдаи он таъмин гашта истодааст. Махсусан, тамоюли инкишоф ва рушди соҳибкории хурду миёна (СХМ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки заминаи устувори ташаккули синфи миёна, таъмини бехатарии иқтисодӣ, озуқаворӣ ва омили асосии паст кардани сатҳи камбизоатию бекорӣ мебошад, мушоҳида карда мешавад.

Бо дарназардошти таъсири омилҳои беруна ба иқтисодиёти кишвар дар соли 2019 тавлиди маҳсулоти воридотивазкунанда бо саҳми соҳибкорони ватани тақвият ёфта, таъминоти бозори дохилӣ бо маҳсулоти худӣ беҳтар гардид. Дар заминаи дастгирӣ ёфтани соҳибкории истеҳсолӣ корхонаҳои нави истеҳсолӣ бо маблағгузории соҳибкорон ва ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ рӯйи кор омадаанд.

Дар давоми соли 2019 як силсила ислоҳот дар бахшҳои соҳибкорию сармоягузорӣ амалӣ карда шуд, ки бо беҳтаргардонии фазои соҳибкорию сармоягузорӣ мусоидат намуд.

Таҳлил нишон дод, ки қарору санадҳои дар солҳои охир қабулнамудаи Ҳукумати кишвар дар самти дастгирии соҳибкорӣ омили рушди истеҳсолоти ватанӣ ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти босифату ҷойи корӣ арзёбӣ мегардад.

**Диаграммаи 1.**




**Сарчашма: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 01.01.2020.**

Тибқи омори расмӣ теъдоди субъетҳои соҳибкорӣ ба ҳолати 01.01.2020 ба 608 322 расид, ин назар ба 5 соли пеш 161 627 ҳазор зиёд мебошад.

Соҳаи афзалиятнок ва ояндадор эътироф гардидани соҳибкорӣ дар мамлакат дар бахши истеҳсолот дигаргуниҳои куллиро ба вуҷуд овард. Бо дастгирии давлатии соҳибкории истеҳсолӣ ва татбиқи босамари ислоҳоти иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ истеҳсолоти маҳсулот афзоиш ёфтааст.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки бо иқдоми пайгиронаи соҳибкорони маҳаллӣ имрӯз истеҳсоли аксар анвои маҳсулоти хӯрокворӣ, пӯшока ва сохтмон низ дар дохили кишвар роҳандозӣ гардида, тадриҷан воридоти он коҳиш меёбад.

Агар дар гузаштаи на чандон дур тоҷирони кишвар талаботи бозорро аз ҳисоби воридот қонеъ мегардонидаанд, имрӯз вазъ тамоман дигаргун аст бо саҳми соҳибкоронӣ ватани ва ҷалби сармояи хориҷӣ дар ҷумҳурӣ чанд корхонаи нави истеҳсолӣ рӯйи кор омада, Тоҷикистонро аз воридкунанда ба содиркунанда табдил додааст.

Ҳукумати кишвар дар самти аз байн бурдани мушкилию монеаҳои дар фаъолияти сармоягузорон мавҷудбуда пайваста тадбирҳо андешида, талошҳо ҷиҳати вазъҳои содатар намудани фаъолияти соҳибкорӣ имрӯзҳо ҳалли мушкилоти дар фаъолияти онҳо ҷойдошта дар соли 2019 рушди соҳаро таъмин намуд.

Агар яке аз ҳадафҳои рушди бахши соҳибкорӣ аз ҷумла соҳибкории истеҳсолӣ ин таъмини бозор бо молу маҳсулоти босифати ватанӣ бошад, ҳадафи дигар таъсири ҷойҳои нави корӣ барои шаҳрвандони мамлакат аст. Бинобар ин ҷалби ҳар чӣ бештари шаҳрвандон ба фаъолияти соҳибкорӣ барои таъмини аҳолӣ бо шуғли доимӣ мусоидат мекунад. Бо вуҷуди тезу тунд шудани афзоиши минтақа ва баландравии қурби доллари амрикоӣ ва ба ин монанд дигар мушкилоти иқтисодӣ соли 2019 раванди рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ идома ёфта, имрӯз бахши хусусӣ таъминкунандаи асоси рушди бахшҳои иқтисодию иҷтимоии мамлакат ба ҳисоб меравад.

Манбаи асосии рушди иқтисодӣ аз амалисозии ислоҳоти иқтисодӣ, аз ҷумла дар самти дастгирии рушди соҳибкорӣ ва бахши хусусӣ иборат аст.

Аз оғози ислоҳоти иқтисодӣ, дастгирии рушди соҳибкорӣ асоси ташаккули иқтисоди бозориро ташкил дод. Дар натиҷа дар давоми бист соли охир нақши соҳибкорӣ дар иқтисодиёт хеле устувор гардид.

Ба дастгирии рушди соҳибкорӣ, аз он ҷумла соҳибкории истеҳсолӣ, таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда мешавад. Барои ин мониторинги тафтишот ва интиёзҳои андозӣ ҷорӣ кардашуданд. Дар натиҷа барои зиёд кардани шумораи ҷойҳои корӣ, васеъ гардонии манбаи андоз, афзоиши даромад ва таъмини истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир шароит фароҳам меояд. Дар ин самт, зимни таъсиси фонди дастгирии лоиҳаҳои соҳибкорӣ, мусоидат ба ташакулёбӣ ва таҳкими шарикии давлат ва бахши хусусӣ, таваҷҷуҳи асосӣ ва дастгирии соҳибкории хурду миёнае, ки дар соҳаҳои афзалиятнок фаъолият мекунанд, зоҳир карда мешавад.

Соҳибкории истеҳсолӣ яке аз пояҳои асосии иқтисоди бозорӣ буда, ба оқилона истифода бурдани воситаҳои истеҳсолот асос ёфтааст.

Пас аз таҳлилҳо оид ба соҳибкории истеҳсолӣ ва мушоҳида намудани мушкилиҳои ҷойдошта, метавон ба таври хулоса барои бартараф кардани ин мушкилиҳо чунин пешниҳодҳоро баён кард:

- Паст намудани шумораи бекорон дар ҷумҳурӣ ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ бо роҳи ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ;

- Қабул намудани меъёрҳои муайян барои соҳибкорони истеҳсолӣ ва хусусан барои соҳибкороне, ки дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият менамоянд;
- Омӯзиши имкониятҳое, ки дар ҷумҳурӣ вуҷуд доранд ва босамар истифода намудани захираҳои табиӣ, ташкили рақобат бо истеҳсолкунандагони хориҷӣ;
- Дастрас намудани навовариҳои илмӣ – техникӣ, истифодаи усулҳои муосири бозоршиносӣ, менеҷмент ва ҷорӣ намудани технологияи навтарин дар истеҳсолот;
- Беҳтар намудани таҷрибаи соҳибкорон, менеҷерон, бозоршиносон барои истеҳсол намудани маҳсулотҳои рақобаттобовар дар бозорҳои истеъмолии дохилӣ ва хориҷӣ;
- Баланд бардоштани сатҳи касбии кадрҳои идоракунандаи корхона дар ҳама зинаҳои идоракунӣ бо роҳи тайёр намудани мутахассисони баландихтисос ва ташкили курсҳои кӯтоҳмуддати бозомӯзии касбӣ;
- Боз ҳам содатар намудани раванди барасмиятдарории фаъолияти соҳибкорӣ;
- Дастгирии давлатии рушди фаъолияти лизингӣ дар мамлакат;
- Созмон додани низоми мукаммали мубодилаи иттилоот оид ба соҳибкории хурду миёна.

**Адабиёт:**


1. Аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22 декабри соли 2016.
2. Аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20 январи соли 2016.
3. Аз суханронӣ дар Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 21 июни соли 2016.
4. Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012. Душанбе: Ирфон, 2009. - 205 с.


## БОЗОРИ САРМОЯИ ҚАРЗӢ: ҲОЛАТ, МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО


**Аҳмадов Р.Р., Ҳақҷӯ Ҳ.**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Иқтисодиёти муосири мамлакатҳои дунё, ки бозори сармояи онҳо равишҳои стратегии рушди худро ёфтаанд, имрӯзҳо дар таъмини рушди босуботи иқтисодии онҳо мавқеи калидиро касб намудаанд. Чун анъана дар бозори сармояи қарзӣ воситаҳои пулӣ ба сифати объекти харидуфурӯш дар шакли қарзҳо пешниҳод мегарданд. Қобили қайд аст, ки ҳангоми пайдо гардидани масъалаҳои қарзҳо, аниқтараш оид ба сармояи қарзӣ дар мадди аввал арзиши онҳо дар шакли фоизи муайян таҳлил карда мешавад, ки дар бисёр ҳолатҳо фоизи баланди онҳо пешниҳод гардида, на ҳамаи субъектҳои хоҷагидорикунанда метавонанд саривақт ва ба манфиати худ ба даст оранд. Барои ҳамин дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ин масъала мубрам буда, таҳқиқоти мунтазамро тақозо менамояд.

Рушди муносибатҳои пулию қарзӣ ҳамчун ҷузъи таркибии иқтисодиёт, механизми муҳимми такмили муносибатҳои ҳамгироии субъектҳои хоҷагидорикунанда бо шарикони хориҷӣ маҳсуб меёбад. Масъалаи мазкур дар сатҳи ҳукумати мамлакат ҳамасола мавриди баррасӣ қарор дода шуда, оид ба беҳтаргардонии муносибатҳои пулию қарзӣ,

бахусус такмил додани муносибатҳои тиҷоратии ғайринақдӣ, паст намудани фоизи қарзҳои ташкилотҳои молиявӣ барои корхонаҳои хурду миёна ва инчунин баландбардории маърифати молиявӣ чораҳои мушаххас таҳия карда мешавад.

Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзӣ барои ба низоми бонкӣ ҳарч ӣ бештар ҷалб кардани сармояи дохиливу хориҷӣ бо роҳандозии технологияҳои молиявию инноватсионӣ васеъ намудани хизматрасониҳои бонкӣ ва дар ин замина якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор пурра ҷорӣ кардани амалиёти ғайринақдӣ, аз ҷумла ҷиҳати аз байн бурдани омилҳои инсонӣ ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ бо аҳолӣ ҳамаи чораҳои заруриро амалӣ намоянд.[4]

Сармоя дар шакли воқеӣ ва ё дар шакли сармояи қарзӣ ҳамчун омили асосии истеҳсолот баромад намуда, дар муносибатҳои иқтисодии субъектҳои хоҷагидорикунанда дар асоси гирдгардиши пул, мол ва такрористеҳсоли неъматҳои ҷамъиятӣ хизмат менамояд. Асоси чунин намуд муносибатҳои хоҷагидории субъектҳои хоҷагидорикунандаро заминаҳои институтсионалии ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ, механизмҳои иқтисодӣ ва дигар намуд талаботи ҳатмӣ ташкил медиҳад. Новобаста аз тавсифи алтернативии онҳо, захираҳои қарзӣ ҳамчун шакли воситаҳои сармоявӣ ё сарчашмаи сармоягузорӣ айни замон мавқеи калидиро ишғол менамоянд. Дар ин росто, беҳтараш хусусиятҳои мусбат ва манфии онҳоро муайян намудан мумкин аст.

Ба хусусиятҳои мусбати сармояи қарзӣ-рушди субъектҳои қарздиҳанда (бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ), имконияти бештари ҷалби сармоягузорон, сатҳи баланди назорати беруна ва имконияти истифодабарии оқилонаи сармояро ворид намудан мумкин аст. Таҳияи мушкил, ҷойгиркунонӣ ва мушкилоти дастрасӣ, сатҳи баланди таваккал, зарурияти таъмини кафолат (шахси боэътимод), талаф додани даромад аз фаъолияти сармоягузории ба пардохт намудани фоизи қарз равонашуда ва мавҷудияти доимии таҳдиди муфлисшавӣ бошанд, хусусиятҳои манфии бозори сармояи қарзӣ мебошанд.

Дар шароити муосири иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон субъектҳои асосии пешниҳодкунандаи сармояи қарзӣ ин бонкҳо, ташкилотҳои қарзӣ, ширкатҳои суғуртавӣ, фондҳои нафақа ва сармоягузорӣ, шахсони сармоядори бузург, ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва давлатҳои дигар ба шумор мераванд. Дар ин асос, бозори сармояи қарзӣ дар худ як низоми мушкилу майдони васеи муносибатҳои иқтисодиро таҷассум менамояд, ки барои устуворгардонии муносибатҳои байни сармоядорон ва қарзгирандагон хизмат намуда, ҳамзамон фаъолияти молиякунонӣ ва сармояузории онҳоро таъмин менамояд.

Қайд намудан бомаврид аст, ки то имрӯз дар пешниҳоди захираҳои қарзӣ дар бозори сармояи қарзӣ маҳдудиятҳои аниқ ҷорӣ карда нашудааст. Аммо таҳқиқи масъалаҳои захираҳои қарзии ба сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат равонашаванда мувофиқи талаботи иқтисодиёти бозорӣ доимо баҳсангез аст. Барои он, ки қарзҳои кӯтоҳмуддат дар навбати худ, бештар ба самти хизматрасонии вазифаҳои хоҷагидорӣ равона карда мешавад, ки барои таъсис ё аз худ намудани сармояи гардони корхонаҳо равона карда мешаванд. Аммо, дар таҷриба қарзҳои кӯтоҳмуддатро набояд сармоя шуморид, чунки дар баъзе мавридҳо қарзҳои кӯтоҳмуддат барои аз худ намудани (харидани) молҳои сармоягузорӣ равона карда мешаванд. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки мухлати қарз шартан буда, захираҳои ба бозори сармоя воридшавандаро

[4] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе-2021. 26.01.2021, сомонаи расмии president. tj.

мумкин аст, захираҳои сармоягузории таъминкунандаи иқтидори истеҳсолии корхона ё фаъолияти беҳтар намудани дороиятҳои сармоягузорӣ номид.

Тамоюлҳои ҷаҳонишавӣ мунтазам ба иқтисодиёти мамлакатҳо, бахусус иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонад. Дар шароити имрӯзаи иқтисодиёти миллии мамлакат дар сохтори бозори сармояи қарзӣ ғайр аз фаъолияти бонкҳои давлатию ғайридавлатӣ, фаъолияти хизматрасониҳои ниҳодҳои молиявии ғайрибонкӣ, ташкилотҳои хурди қарзӣ, фондҳои суғуртавӣ, иттиҳодияҳои қарзӣ ва дигарон тамоюлҳои рушд доранд.

**Ҷадвали 1.**

Ҳиссаи муассисаҳои молиявӣ-қарзӣ дар ҳаҷми маблағгузориҳои қарзӣ ба бозори қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон

| | 2010 | | 2015 | | 2017 | | 2018 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | млн. сомони | % | млн. сомони | % | млн. сомони | % | млн. сомони | фарқият % |
| Қарзҳои гардон | 4590,7 | 100 | 11341,6 | 100 | 8608,1 | 100 | 8741,3 | - |
| Қарзҳои бонкҳо | 3957,2 | 86,2 | 9350,0 | 82,4 | 6913,0 | 80,3 | 6700,7 | 59,1 |
| Ташкилотҳои хурди қарзӣ | 632,2 | 13,7 | 1991,6 | 17,5 | 1695,0 | 19,7 | 2040,6 | 23,3 |

Сарчашма: Бонки миллии Тоҷикистон, Бюллетени омори бонкӣ-июл 2019/8 (276). 2019. – С.-40.[5]

Чи тавре ки аз маълумоти ҷадвали 1 маълум мегардад, дар бозори сармояи қарзии Тоҷикистон қарздиҳандаи бузург бонкҳо мебошанд. Ҳиссаи онҳо дар сохтори захираҳои қарзии пешниҳодшаванда дар давраи таҳлилӣ қариб 60% ташкил медиҳад. Масалан, дар соли 2010 қарзҳои бонкҳо ҳамагӣ 3957,2 млн. сомониро ташкил медод, ки ин нишондиҳанда дар соли 2018 ба 6700,7 млн. сомонӣ баробар гардида, афзоиш бошад, ба 2743,5 млн. сомонӣ баробар гардидааст, ки дар маҷмӯъ 59,1% зиёд гардидааст. Гузашта аз инҳо, ташкилотҳои хурди қарзӣ дар бозори сармояи қарзӣ мавқеи намоёнро ишғол намуда, сол то сол ҳиссаи худро зиёд намуда истодаанд. Масалан, ҳаҷми сармояи қарзии ташкилотҳои номбурда дар соли 2010 632,2 млн. сомониро ташкил дода, дар соли 2018 ин нишондиҳанда ба 2040,6 млн. сомонӣ расид, ки ин баробари 30,9% зиёдшавии ҳаҷми сармояи қарзӣ мебошад.

Заминаи асосии зиёд гардидани ҳиссаи ташкилотҳои хурди қарзии мамлакатро дар ташаккулёбии иқтисодиёти дарҳои бози мамлакат шарҳ додан мумкин аст. Барои он ки дар доираи сиёсати дарҳои боз, ҳукумати мамлакат ҷиҳати афзоиш додани ҳаҷми сармояҳои қарзӣ ба иқтисодиёти мамлакат барои чунин ташкилотҳо шароити хуби фаъолиятро таъмин намудааст. Аммо ҳамаи ин муассисаҳо асосан аз ҳисоби донорҳои сармояи қарзии хориҷа фаъолият менамоянд. Рушди чунин ташкилотҳои молиявӣ ҳолати инҳисории бонкҳои қарздиҳандаи мамлакатро тағйир дода, ба сохтори бозори сармояи қарзии мамлакат дигаргуниҳои молиявиро ҷорӣ намуданд.

Айни замон, дар Тоҷикистон зиёда аз 120 ташкилоти микромолиякунонӣ фаъолият намуда истодаанд, ки аз ин миқдор 34 адад ташкилоти микродепозитӣ, 42 адад ташкилоти хурди қарздиҳанда ва 41 адад фондҳои хурди қарздиҳандаро ташкил медиҳанд[6].

[5] Бонки миллии Тоҷикистон. Блютени омории бонкӣ. 2019. №4 (112) – С. 146.
[6] Бонки миллии Тоҷикистон. Блютени омории бонкӣ. 2019. №4 (112) – С. 146.

Қайд намудан муҳим аст, ки ҳамаи ин ташкилоту фондҳои молиявӣ ба таври воқеӣ ба вазъи бозори сармояи қарзии мамлакат таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Аммо ҳамаи онҳо як хусусияти хос доранд, ки ҳиссаи асосии сандуқи қарзӣ маблағҳои ками маблағгузорӣ доранд, ки нисбат ба сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ бештар ба сармоягузориҳои захираҳои моддӣ-захиравӣ (сармояи гардон) сафарбар карда мешаванд. Гузашта аз ин, онҳо фоизи баланди қарзиро барои шахсони инфиродӣ, ташкилоту муассисаҳо ва корхонаҳои хурду миёна пешниҳод менамоянд, ки барои фаъолияти муътадили онҳо мушкилиҳои дигаррро эҷод менамоянд.

Беҳтаргардонии дастрасӣ ба қарзҳо, бахусус барои корхонаҳои хурду миёна дар қатори дигар чораҳои амалкунанда барои Тоҷикистон риояи стандартҳои танзим ва ташаккули фарҳанги қарзии ватанӣ, рушди инфрасохтори молиявӣ, таҷдиди низоми таъмини амалиёт ва идоракунии беҳтари таваккалҳо муҳим аст.

Ҳамин тариқ, маълум мегардад, ки мавқеи бозори сармояи қарзӣ дар рушди иқтисодиёти мамлакат нақши калидӣ дошта, беҳтаргардонии муносибатҳои истеҳсолӣ, молиявӣ ва қарзии соҳаҳои иқтисодиёт аз шарту талаботи онҳо вобаста мебошад. Вобаста ба модели иқтисодии Тоҷикистон, ки фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, бахусус ташкилотҳои молиявии хориҷӣ хуб ба роҳ монда шудааст, бознигарии масъалаҳои бахши фоизҳои қарзӣ барои корхонаву ташкилотҳои навтаъсиси мамлакат муҳим мебошад. Бахусус, ҳангоми ба чунин ташкилотҳо иҷозатнома додани мақомотҳои давлатии бахши молия, пешниҳоди фоизҳои қарзии дастрас барои истеҳсолкунандагони ватанӣ муҳим мебошад.

Новобаста аз рушди ташкилотҳои микромолиякунонӣ, низоми бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун ниҳоди ҷамъоварикунанда ва ҷойгиркунандаи воситаҳои пулӣ мавқеи хоса доранд. Барои он ки онҳо иқтидори хуби молиявӣ, робитаҳои қавии гуногунсамти дохилию берунидавлатӣ, инчунин консентратсияи назорати таваккалҳои гуногунро доро мебошанд.

Ба назари мо, дар чунин шароит қарздиҳии бонкӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ имкон намедиҳанд, ки фаъолияти субъектҳои қарзгиранда ҷонннок карда шавад. Аз ин нуқтаи назар, масъалаи иштироки ташкилотҳои молиявӣ-қарзӣ дар бозори сармояи қарзӣ муҳим гардида, дар бозори сармоя бояд онҳо на танҳо ба сифати пешниҳодкунандаи захираҳои қарзӣ, балки ба сифати сармоягузори асосӣ ба бахшҳои воқеии иқтисодиёт баромад намоянд. Гузашта аз инҳо, ҳангоме ки дар бозори сармояи қарзӣ, қарзҳои хориҷӣ ва грантҳо ба қарзҳои калони сармоягузорӣ хизмат мерасонанд, пешниҳодкунандагони ватании қарзҳои хурд, ба сифати саҳмгузори лоиҳаҳои бузурги маблағгузор ва ё хизматрасони миёнарав баромад менамоянд, баъзан вақт дар амалиёти хурд иштирок менамоянд. Ҳамаи инҳо собит менамоянд, ки ҳаҷми ками сармояи қарзии иштирокчиёни ватании бозори номбурда имкон намедиҳад, ки талаботи бозори сармояи қарзии мамлакатро қонеъ гардонида, ҳамчун иштирокчии бузург дар бозори сармояи қарзии мамлакат фаъолият намоянд. Барои ҳамин, зарур аст, ки натанҳо заминаҳои институтсионалӣ ва ҳуқуқӣ-меъёрии рушди бозори сармояи қарзӣ устувор карда шавад, балки таҳияи чораҳои мусоидаткунандаи давлатӣ барои фаъолгардонии фаъолияти иштирокчиёни бозор муҳим мебошад.

**Адабиёт:**

1. Азизбаев Р.А. Налоговая нагрузка как фактор развития инфляции в Республике Таджикистан/Ежегодная II Международная научно-практическая конференция «Экономика.

Образование. Право. Научные исследования состояния и развития современного общества» (Волгоград, 01-31 октября 2017 г.) - С.87-92.

2. Бонки миллии Тоҷикистон. Блютени омории бонкӣ. 2019. №4 (112) – С. 146.
3. Казаков В. В., Имонов О.Д. Проблемы формирования и развития финансового рынка Республики Таджикистан//Вестник Томского государственного университета. 2015. № 400. - С. 217.
4. Косимова М.И. Рынок капиталов: сущность, содержание и его место в системе рыночных отношений // М.И.Косимова // Фундаментальные исследования. - 2016. -№1. – С.152 - 156.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2021. 26.01.2021 , сомонаи расмии president. tj.
6. Султонов З. Роль финансовых рынков в инвестировании экономики// Вестник Таджикского Национального Университета. – Душанбе, 2015. – №2/3 (165). – С.13 - 17.
7. Статистический сборник Таджикистан в цифрах. - Душанбе. ГУАСПРТ. 2019. – С.69 - 135.

# НЕКОТОРЫЕ ИТОГИ РЕАЛИЗАЦИИ УСКОРЕННОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ В ТАДЖИКИСТАНЕ

**Бегмуродов С.Ш., Махкамов Б.Б.**
**Технологический университет Таджикистана**

В условиях Таджикистана, без создания высокоразвитой промышленности, переход с аграрно-индустриальной модели развития к индустриально-аграрной, обеспечение высокого уровня жизни населения, формирование новых высокоэффективных отраслей промышленности для перехода к инновационной экономике, обеспечение экономической независимости и социальной безопасности невозможно.[7]

Напомним, что в 2016 году была принята Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, представляющая собой дорожную карту дальнейшего экономического развития страны. Главной целью долгосрочного развития Таджикистана является «повышение уровня жизни населения страны на основе обеспечения устойчивого экономического развития».[8]

В Послании Парламенту страны в 2018 году, Лидер нации отметил: «Своими стратегическими целями мы наметили обеспечение энергетической независимости и эффективное использование электроэнергии, выход страны из коммуникационного тупика и превращения её в транзитную, обеспечение продовольственной безопасности и доступ населения страны к качественному питанию, расширение продуктивной занятости и в этом направлении осуществляем план перевода экономики страны из аграрно-индустриальной в индустриально-аграрную. В результате осуществленных Правительством страны мер, за

[7]www. president.tj Эмомали Рахмон.
[8] Утв. Постановлением Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 1 декабря 2016 года №636 https://medt.tj/documents/main/strategic_national_programm/strategic_national_prog_ru.pdf

последние 3 года доля сферы промышленности в валовом внутреннем продукте возросла с 15,2 % до 17,3 %. В связи с этим и с учетом важности сферы промышленности в решении социально-экономических вопросов и создании рабочих мест, предлагаю ускоренную индустриализацию страны объявить четвёртой национальной целью. Принимая это во внимание необходимо, чтобы до 2030 года доля сферы промышленности в валовом внутреннем продукте увеличилась до 22 процентов»,[9] а в ближайшие годы до 30%.

В рамках реализации данной стратегии, в настоящее время реализуется её второй этап - этап ускоренного развития, основанного на инвестициях (2021-2025 гг.). На этом этапе основой экономического роста должен стать резкий рост инвестиций в реальный сектор и инфраструктуру. Рост инвестиций будет достигаться как путем привлечения ПИИ, так и внутренних средств..[10]

В целях реализации этого этапа разработана и успешно реализуется "Программа ускоренной индустриализации Республики Таджикистан на 2020-2025 годы".

Цель Программы – обеспечить устойчивое развитие и ускоренный рост промышленности, посредством её диверсификации и повышения конкуренции.

Приоритеты, направления деятельности и действия для достижения приоритетов: создание институциональных основ для устойчивого развития и предотвращения отставания отраслей промышленности; повышение конкурентоспособности и диверсификации промышленности;увеличение объема производства и обеспечение внутреннего спроса на готовую продукцию;увеличение добавленной стоимости промышленных товаров – процесс развития кластеров;содействие развитию экспорта и национальной системы избирательного импортозамещения.[11]

Основная цель и задачи ускоренной индустриализации страны – создание развитой, конкурентоспособной национальной промышленности и на её основе поднять на качественно более высокий уровень экономики и жизни населения. Достижение поставленной задачи стало руководящей, главной, национальной идеей предстоящего периода.[12]

Необходимо подчеркнуть значение термина «ускоренная индустриализация». Если рассматривать реализацию стратегии индустриализации страны в целом, то необходимо отметить, что она осуществляется поэтапно. Вначале создаются кустарные производства, затем формируются трудоемкие отрасли промышленности, базовые отрасли промышленности, далее происходят процессы электрификации и механизации всех отраслей экономики и, наконец, автоматизация производств. После автоматизации производств наступает этап постиндустриального общества, который затем переходит в когнитивную экономику, основанную на интеллекте человека.

Следуя этой цепочке, в республике необходимо в кратчайшие сроки пройти сразу два этапа индустриализации страны: формирование базовых отраслей промышленности и осуществление процессов электрификации и механизации всех отраслей экономики. При формировании базовых отраслей промышленности следует понимать, что в стране пока отсутствует производство многих жизненно важных видов продукции черной и цветной металлургии, машиностроения, химической и нефтехимической промышленности (минеральных удобрений, горюче-смазочных материалов и др.) и т.д. Ускоренная

[9]www. president.tj Эмомали Рахмон. Послание Президента Республики Таджикистан Парламенту страны. 2018г.
[10] Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года.
[11]Программа ускоренной индустриализации Республики Таджикистан на 2020-2025 годы.
[12]Хоналиев Н. Необходимость и сложности ускоренной индустриализации Таджикистана.

индустриализация предусматривает достижение указанного объёма доли промышленной продукции в ВВП страны (30%) в кратчайшие сроки при совершенствовании структуры промышленности в целом и обрабатывающей промышленности в том числе.

***В развитии промышленности страны за период с 2015 по 2019 годы достигнуты значительные успехи.***

Об этом свидетельствуют следующие показатели:

- объём промышленной продукции в сопоставимых ценах увеличился с 15,3 до 27,6 млрд. сомони, т.е. на 12,3 млрд. сомони или на 79,7%;

-доля промышленности в ВВП страны увеличилась с 12,3 до 17,7%, т.е. на 5,4 процентных пункта;

- среднегодовая численность промышленно-производственного персонала (ППП) увеличилась с 81,2 до 85,6 тысяч человек, т.е. на 4,4 тысяч человек или на 5,4%;

- занятость в обрабатывающей промышленности в процентах от общей занятостиувеличилась с 2,5% до 3,4% или на 0,9 процентных пункта;

- чистая продукция обрабатывающей промышленности на душу населения увеличилась с 498,2 до 688,2 сомони или на 38,1%;

- доля добавленной стоимости продукции средне-технологичных и высокотехнологичных отраслей в общем объёме добавленной стоимости увеличилась с2,06% до 2,32% или на 0,26 процентных пункта;

- производство цемента увеличилось с 1418 до 4202 тысяч тонн или почти в 3 раза;

- выпуск строительного кирпичаежегодно увеличивался с 113,1 до 151,4 млн. штук, рост 33,9%.[13]

***Выполнение плана мероприятий ПСР-2020.*** В соответствии с задачами НСР-2030 к стратегическим приоритетным направлениям в области промышленности, отраженные в ПСР 2020 выступили: совершенствование регулятивных механизмов сектора и повышение конкурентоспособности продукции.

В рамках реализации первой цели был намечен ряд мер таможенно-тарифного регулирования для защиты отечественного товаропроизводителя в пределах норм ВТО и налоговой политики для стимулирования инвестиционной активности частных предпринимателей. В частности, Правительством Республики Таджикистан были приняты: Постановление №379 от 23.08.16 г., согласно которому импортные пошлины на ковры и ковровые изделия были повышены с 15% до 30%, а на сырьё и материалы для их производства снижены с 5-10% до 0% и Постановление №49 от 25.01.17 г., согласно которому отменён налог с продаж на хлопок-волокно и установлена экспортная пошлина на его вывоз в размере 10%.

Предприятия, занимающиеся полной переработкой хлопка-волокна, были освобождены от 6 видов налогов. Кроме этого, был принят Закон «О внесении изменений и дополнений в НК Республики Таджикистан» №1511 от 21.02.18 г., согласно которому НДС на единую школьную и дошкольную форму устанавливается в размере 0%, а импорт комплектующих изделий для производства школьной одежды освобождается от налога на импорт и налога на добавленную стоимость и др. Правительством Республики Таджикистан было принято Постановление об утверждении «Государственной программы содействия экспорту и

[13] Статистический сборник. Промышленность Республики Таджикистан. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2020.

импортозамещению» от 26.10.16 г. за №503; разработаны мероприятия, направленные на развитие экспорта и импортозамещения.

В направлении м*одернизации отраслей промышленности и её диверсификации* разработана Стратегия развития промышленности на период до 2030 года, предусматривающая строительство новых и техническое перевооружение действующих предприятий отрасли; разработан комплекс мер по привлечению средств инновационных фондов развития, местных и иностранных инвестиций. Кроме того, разработан комплекс мер по формированию и развитию промышленных кластеров в лёгкой, пищевой, химической, горнорудной промышленности, цветной металлургии, промышленности строительных материалов и в других отраслях (в частности – формирование и развитие алюминиевого кластера). Разработан комплекс мер по повышению эффективности НИОКР и наукоёмких производств, созданию технопарков, бизнес-инкубаторов и др. (в частности – создан Республиканский Бизнес-инкубатор).

В отношении п*овышения качества и имиджа отечественной промышленной продукции на внутреннем и мировых рынках* на промышленных предприятиях внедряются системы международных стандартов качества и современные эко-технологии; используются возможности информационно-коммуникационных технологий для продвижения отечественной продукции на внутренних и зарубежных рынках; разработаны и продвигаются национальные бренды предприятий промышленности, в целях обеспечения повышения узнаваемости продукции со знаком «Сделано в Таджикистане» на зарубежных рынках; велись работы по участию таджикских предприятий на международных промышленных выставках и ярмарках.

В рамках мероприятия, связанного со строительством новых объектов в рамках политики импортозамещения и увеличения экспорта, за рассматриваемый период были введены в строй и работают ряд крупных, средних и мелких предприятий.

По многим индикаторам также достигнуты определенные успехи. В частности, по:

- ***Индикаторам отдачи:*** увеличился общий объём продукции отрасли (на 55,6%); снизился импорт конечной промышленной продукции и некачественных товаров; увеличилось число предприятий, использующих международные стандарты качества; увеличилось число узнаваемых национальных брендов.
- ***Индикаторам конечных результатов:*** повысилась эффективность промышленного производства (впервые в 2018 г. - получена прибыль в сумме 572,3 млн. сомони, в 2015 г. - убытки составили 1981,9 млн. сомони); выросли объёмы инвестиций; увеличилось число инновационных проектов и проектов ГЧП; до 10% повысился средний уровень рентабельности промышленных предприятий; до 10 % снизилась доля нерентабельных предприятий. В целях повышения эффективности функционирования государственных предприятий Таджикистана, на государственных предприятиях создадут наблюдательные советы, которые будут выполнять функции управляющего органа. Соответствующие поправки в закон «О государственных предприятиях» приняла нижняя палата Парламента республики. Советы будут сформированы поэтапно на всех 789 государственных предприятиях, которые в настоящее время функционируют в Таджикистане.

Кроме этого, в конце мая 2019 года правительство Таджикистана организовало Координационный совет по вопросам управления фискальными рисками госпредприятий. Совет является консультативным органом при Правительстве для защиты финансовых и

имущественных интересов, внедрения корпоративного управления и повышения эффективности деятельности госпредприятий, в которых доля государства составляет более 50%. К числу предприятий с большими долгами относятся также Таджикская алюминиевая компания (ТАЛКО). Летом 2019 года Парламент Таджикистана ратифицировал соглашение с китайской государственной компанией China Machinery Engineering Corporation (CMEC) о модернизации ТАЛКО на сумму $545 млн. Нововведения подразумевают обновление производственной линии и увеличение мощности предприятия, а также достройку некоторых объектов.

- ***Индикаторам воздействия:*** выросла конкурентоспособность промышленной продукции и расширился ассортимент промышленных товаров (экспортируются более 450 наименований промышленной продукции).

В целом, за истекший период, по развитию промышленности достигнуты почти все основные показатели развития отрасли, предусмотренные ПСР-2020.

Однако есть направления развития промышленности, где допущено отставание (некоторые виды продукции и структура промышленности). Необходимо обратить пристальное внимание на опережающее развитие отраслей обрабатывающей промышленности (цветная и черная металлургия, машиностроение, промышленность строительных материалов, химическая и нефтехимическая промышленность и др.).

Не используются в полной мере возможности по совершенствованию кредитно-финансовой политики для обеспечения отраслей промышленности кредитными ресурсами на приемлемых условиях путем: - разработки и реализации механизма льготного кредитования для закупки нового оборудования и крупных партий сырья, не производимых в стране; - разработки и реализации принципа возмещения затрат на строительство производственной инфраструктуры нового предприятия (дороги, ЛЭП, водоснабжение) за счет будущих налоговых платежей на принципах ГЧП; - всемерного увеличения средств Фонда поддержки предпринимательства (ФПП) и снижению его ставки. В этом отношении, следует отметить, что на базе ФПП уже создан «Содиротсаноатбанк».

С учетом того, что ускоренная индустриализация объявлена четвертой стратегической целью развития Республики Таджикистан, необходимо продолжить и активизировать работу по её реализации.

**Литература:**

1. www. president.tj Эмомали Рахмон.
2. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. https://medt.tj/
3. www. president.tj Эмомали Рахмон. Послание Президента Республики Таджикистан Парламенту страны. 2018 г.
4. Программа ускоренной индустриализации Республики Таджикистан на 2020-2025 годы.
5. Хоналиев Н. Необходимость и сложности ускоренной индустриализации Таджикистана.
6. Статистический сборник. Промышленность Республики Таджикистан. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2020.

# МАВҚЕИ ЗАХИРАҲОИ МОЛИЯВӢ ДАР НИЗОМИ ИҚТИДОРИ ЗАХИРАВИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

**Билолов М.Қ., Сафаров Ф.М.**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар ҳамаи низомҳои иқтисодӣ яке аз омилҳои рушди иқтисодиёт корхонаҳое маҳсуб мешаванд, ки дар соҳаи худ самаранок фаъолият намуда, рақобатпазирии худро дар бозорҳои ватанию хориҷӣ таъмин карда метавонанд. Онҳо барои самаранок амалисозии фаъолияти хоҷагидорӣ, истеҳсоли маҳсулот, ба даст овардани даромадҳо ва андухти пасандоз бояд иқтидори захиравии муайянро доро бошанд ва саривақт фаъолияташонро бо захираҳои моддӣ, меҳнатӣ, молиявӣ, техникӣ ва иттилоотӣ таъмин намоянд.

Дар низоми иқтидори захиравии корхонаҳои саноатӣ нақши захираҳои молиявӣ бештар аст, махсусан барои корхонаҳои навтаъсис, чунки ташаккулёбии ҳамаи дигар захираҳо аз он вобастагии зиёд дорад. Маҳз дар ҳаҷми кофӣ мавҷуд будани захираҳои молиявӣ, истифодаи самаранокии онҳо вазъи умумии корхона, қобилияти пардохткунӣ доштан, устувории молиявӣ ва рақобатпазириро муайян месозанд. Дар робита бо ин, вазифаи муҳимми корхонаҳо пайдо намудани имкониятҳои зиёдсозии захираҳои молиявӣ ва истифодаи оқилонаи онҳо бо мақсади баландбардории самаранокии фаъолияти корхона мебошад.

Дар тамоми давраҳои фаъолият корхонаҳо бо масоили таъмин ва идоракунии захираҳои молиявӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Маълум аст, ки нишондиҳандаҳо ва амалиёте, ки дар нақшаи фаъолияти корхона пешбинӣ шудаанд, таъминоти захираҳои молиявиро талаб менамоянд. Бинобар ин дар корхонаҳои муосир бо мақсади дуруст ба роҳ мондани фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагидорӣ ва тиҷоратӣ бояд низоми таъминоти молиявӣ ва идораи он самаранок ба роҳ монда шавад. Моҳияти захираҳои молиявӣ ба воситаи мафҳумҳои даромад, фоида, даромаднокӣ, арзиши аслӣ, воситаҳои асосию гардон, истеҳлок, зарар ва ғайра зоҳир мегардад.[14]

Идоракунии захираҳои молиявии корхона – ин маҷмӯи усулҳои мақсаднок, амалиёт, фишангҳо, тарзҳои таъсиррасонӣ ба намудҳои гуногуни маблағҳо барои бадастории натиҷаҳои муайян мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки ҳангоми фаъолияти ҷории корхона захираҳои молиявӣ асосан дар марҳилаи истеҳсолот ташаккул меёбанд, ҳангоме ки арзиши нав ба амал меояд ва арзиши куҳна аз байн бурда мешавад. Лекин ташаккули ҳақиқии захираҳои молиявӣ танҳо дар марҳилаи тақсимотӣ оғоз меёбад. Ҳангоме ки арзиши ҳақиқӣ татбиқ гардидааст ва дар таркиби фоида шаклҳои аниқи иқтисодии арзиши татбиқгардида ҳисоб карда баровард мешаванд. Истифодаи захираҳои молиявӣ асосан бо воситаи фондҳои пули таъиноти мақсадноки махсус амалӣ мегарданд. Лекин шакли ғайрифондии истифодаи онҳо низ имконпазир аст.

Фондҳои молиявӣ – ин қисми муҳимми таркибии низоми умумии фондҳои пулӣ мебошад, ки дар корхона ташкил ёфтани он имконпазир аст. Шакли фондии истифодаи захираҳои молиявӣ бо таври объективӣ бо талаботи аз нав истеҳсолкунии васеъ пешакӣ муайян гардидааст ва дорои баъзе бартариятҳо нисбат ба шакли ғайрифондӣ мебошад. Имконият медиҳад, то ки қонеъ гардонидани ҳар гуна зарурият дар таъмини якҷоя намудани захираҳои молиявӣ бо дигар захираҳо бо ҳам алоқаманд карда шаванд. Чун анъана корхонаҳои ватании дар шароити имрӯза амалкунанда низ метавонанд фонди

[14]Комилов С.Ҷ., Низомова Т.Д., Давлатзод У. Иқтисоди корхона // Китоби дарсӣ. Душанбе, 2015.- с.181

тараққиёти истеҳсолот, фонди ҳавасмандгардонии моддӣ, фонди тараққиёти иҷтимоӣ, фонди тараққиёти техникӣ ва дигар фондҳоро ташкил намуда, истифодабарии захираҳои молиявии худро асоснок ва самаранок гардонанд.

Нишон додан зарур аст, ки захираҳои молиявии корхонаҳои саноатӣ аз ҳисоби кадом сарчашмаҳо ташаккул меёбанд:

- сармояи оинномавӣ (аз ҳисоби ҳиссагузории иштирокчиён);
- фоида аз истеҳсол ва фурӯши маҳсулот;
- даромад аз фурӯши фондҳои асосии зиёдатӣ ва фарсудашуда;
- даромад аз фурӯши қоғазҳои қиматнок;
- даромад аз ҳисоби ба иҷора додани амволи корхона (дастгоҳу таҷҳизот, бино, ҳудуди ҷойгиршавӣ ва ғ.);
- даромад аз ҳисоби сармоягузориҳо;
- даромад аз ҳисоби аъзоҳаққиҳои ҳайати меҳнатӣ;
- даромад аз ҳисоби ҷуброни суғуртавӣ;
- фоида аз ҳисоби ҳар гуна амалиёти молиявӣ (харидуфурӯши қоғазҳои қиматноки дигар ширкату корхонаҳо).

Ташаккулёбии захираҳои молиявӣ аз ҳисоби ҳар яке аз ин сарчашмаҳо хусусиятҳои ба худ хосро дошта, тавассути амалигардонии равандҳои гуногун сурат мегиранд.

Яке аз унсурҳои муҳимми ҷамъшавии захираҳои молиявӣ дар корхонаҳои саноатӣ ҳиссаҷудокунии истеҳлокӣ мебошад, ки дар шакли фонди истеҳлокӣ ташаккул меёбад. Захираҳои молиявии фонди истеҳлокии корхонаҳои саноатӣ дар ду самт истифода мешаванд: якум, барои таъмири асосӣ ва қисман нав кардани фондҳои асосии истеҳсолӣ (модернизатсия), дуюм, барои пурра нав кардани фондҳои асосии истеҳсолӣ (реноватсия). Дуруст банақшагирӣ намудани ташкили фондҳои молиявӣ барои корхонаҳо заминаи кофиро ҷиҳати назорати ҳаракати захираҳои молиявӣ муҳайё месозад. Бинобар ин барои самаранокгардонии идора, тақсим ва истифодабарии захираҳои молиявии корхона нақшу аҳамияти муҳимро банақшагирии молиявӣ ба худ касб мекунад. Банақшагирии молиявӣ ҳамчун қисмати асосии нақшаи фаъолияти корхона баромад мекунад. Вай ҳамчун воситаи банақшагирии дохилиистеҳсолӣ ва воситаи асоснокии қарзгирӣ аз ҳисоби маблағҳои беруна (бонк, буҷет, дигар корхонаҳо) хизмат мекунад.

Дар нақшаи молиявӣ ҷамъи арзиши ҳамаи қисмҳои нақшаи корхона ифода карда мешавад. Нақшаи молиявӣ ба соҳибкорону сармоягузорон дахл дошта, имкон медиҳад, ки сарчашмаю ҳаҷми захираҳои молиявии заруриро барои таъмини истеҳсолот, тамоюли истифодаи воситаҳо, миқдори пули нақди зарурӣ, натиҷаи фаъолияти ҷорӣ ва интиҳои истеҳсолотро саривақт дарк намоянд. Дар навбати худ сармоягузорон бояд ба самаранокии воситаҳо: чигунагии боздеҳи воситаҳо, ҳаҷми фоидаву дивиденд, муҳлати хароҷотбарорӣ ва худпӯшонии воситаҳо саривақт сарфаҳм раванд.

Нақшагирии фаъолияти молиявии корхона низ бо натиҷаҳои истеҳсолот зич алоқаманд буда, ду масъалаи асосиро, аз ҷумла тақсиму истифодаи захираҳои молиявӣ ва истеҳсолоти маҳсулоти тайёрро ба танзим медарорад. Даромади корхона ва ё ин ки фоида дар шароити бозор шакли асосии худзахиракунии молия буда, молиякунонии ҳама гуна фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагидорӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатии ҳайати кормандон ба ҳисоб меравад. Бинобар ин афзунсозии фоида ва ё даромади корхона мақсади асосӣ ва ниҳоии ҳама гуна нақшагирӣ дар корхона мебошад, ки ҳадаф аз он

таъмини самараноки захираҳои молиявии корхонаҳо маҳсуб мешавад. Фоида ва даромад танҳо дар шароити баҳамтаъсиррасонии меҳнат ва сармоя ба вуҷуд меояд.

Нақшагирии молиявӣ ин банақшагирии даромад ва самтҳои харҷнамоии воситаҳои пулӣ барои таъмини инкишофи корхона мебошад. Нақшагирии молиявӣ тавассути таҳияи нақшаҳои молиявии ҳархела ва таъиноти гуногундошта вобаста ба мақсад ва объекти нақшагирӣ амалӣ карда мешавад. Дар ин асос нақшаҳои молиявиро ба дарозмуддат, ҷорӣ ва фаврӣ ҷудо менамоянд.

Мисоли таҳияи нақшагирии ҷорӣ ва дарозмуддат базнес –нақша мебошад, ки дар давлатҳои инкишофёфтаи иқтисоди бозорӣ ҳангоми таъсис додани корхона коркард шуда, истеҳсолоти маҳсулоти навро асоснок месозад. Бизнес-нақша дар марҳилаи аз се то панҷ сол таҳия мешавад, ки асоси фаъолияти корхонаро ташкил медиҳад.

Бизнес-нақша танҳо нақшаи молиявӣ набуда, он инчунин барои коркардабароии дурнамои молиякунонӣ ва ҷалби сармоягузори конкретӣ бо шартҳои муайян барои таъсиси корхона ва ё молиякунонии барномаи нави истеҳсолӣ зарур мебошад.

Таҳияи бизнес-нақша ба идоракунии дохилии корхона мусоидат намуда, дар асоси мақсадҳои дар пеш гузошташуда таҳия шуда, усулҳои амалисозии онҳо ва таъмини молиявӣ, моддӣ ва меҳнатии корхонаро дар бар мегирад. Таҳияи моҳиронаи бизнес-нақша имкон медиҳад, ки воситаҳои сармоягузор нигоҳ дошта шуда, эҳтимолияти муфлисшавӣ ба ҳадди камтарин расонида шавад.

Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки таҳлили таркиби захираҳои молиявӣ ва муайянкунии мавқеи он дар маҷмӯи иқтидори захиравӣ муҳим арзёбӣ гардида, бо тамоми ҷанбаҳои фаъолияти корхонаҳо алоқамандӣ дорад. Корхонаҳо, пеш аз ҳама, бояд дар самти ташаккул, тақсим ва истифоди захираҳои молиявӣ нақша ва барномаҳои махсусро таҳия намуда, амалӣ гардонанд, то ин ки мақсадҳои ниҳоии пешбининамудаи худро дар шакли даромад ва фоида комёб гарданд.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки захираҳои молиявӣ дар баландбардории самаранокии фаъолияти корхона нақши калон бозида, аз роҳбарияти корхона муносибати ҷиддиро талаб мекунанд. Дар бозор танҳо ҳамон корхона фаъолияташро идома дода метавонад, ки аз ҷиҳати молиявӣ устувор бошад. Ҳамаи ин зарурати самаранок истифода кардани захираҳои молиявии корхонаро ба миён меорад.

**Адабиёт:**


1. Комилов С.Ҷ., Низомова Т.Д., Давлатзод У. Иқтисоди корхона. -Душанбе, 2015.- 465с.
2. Федорова А.Ф., Кузнецова О.Р. Финансовые ресурсы предприятия // Журнал «Научный альманах» №1-1(27), 2017. – С.205-209
3. Ашуров К.Р., Абдуллоев Х.К. Формирование конечных результатов хозяйственной деятельности предприятия // Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и общественных наук. 2018. № 10. - С.166-173.
4. Бобоева Р.А., Каримов И.И. Совершенствование финансовых ресурсов в развитие малого и среднего бизнеса в сфере услуг // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия: естественные и экономические науки. 2018. № 2 (45). - С.125-133.
5. Стыров М. М. Финансовые ресурсы промышленных предприятий // [Электронный ресурс]: Директ-Медиа, 2015 г. - 163 с. Режим доступа: http://www.knigafund.ru
6. Голов Р.С, Агарков А.П., и др. Экономика и управление на предприятии // [Электронный ресурс]. Учебник: 2013 г. - 400 с. Режим доступа: http://www.knigafund.ru

# МЕХАНИЗМҲОИ ИМКОНПАЗИРИ МУЪТАДИЛСОЗИИ МОЛИЯВИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

**Бобиева М.А.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Муайян намудани сатҳи устувории молиявӣ ва пардохтпазирии корхона дар шароити иқтисоди бозорӣ ба гурӯҳи масъалаҳои муҳимми молиявӣ дохил мешавад, зеро устувории молиявии нокифоя, одатан, ба он оварда мерасонад, ки дар корхона барои такрористеҳсол маблағ намерасад ва корхона пардохтнопазир мегардад.

Барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти молиявии корхона ва кам кардани эҳтимоли ба муфлисшавӣ расидани он, корхонаро зарур аст маҷмӯи чорабиниҳоро оид ба зуд муайян намудан ва бартараф кардани ҳолатҳои бuҳронӣ ва кам кардани оқибатҳои манфии он саривақт анҷом диҳад. Менеҷери молиявӣ чунин чорабиниҳоро метавонад тавассути истифодаи усулҳои ташхиси муфлисшавии корхона амалӣ намояд [3].

Муфлисшавӣ аз муносибати байни қарздор ва қарздиҳанда ба вуҷуд омада, асоси онро муносибати субъектҳои мазкур ташкил менамояд. Муносибатҳои муфлисшавӣ ҳамеша ба сифати яке аз танзимкунандаҳои калидии ҷараёнҳои иқтисодӣ дар ҷомеа амал карда, муътадилӣ ва устувории гардиши хоҷагидориро таъмин мекунад.

Механизми муфлисшавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ» ва санадҳои меъёрии дахлдори дигар татбиқ карда мешавад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, қайд кардан мумкин аст, ки такмили усулҳои ташхиси хавфи муфлисшавии корхонаҳо ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам амалӣ масъалаи муҳим ба шумор меравад.

Дар системаи идоракунии зиддибуҳронӣ диққати асосӣ ба истифодаи васеи механизмҳои устувории молиявӣ дода мешавад. Сабаби ин дар он аст, ки истифодаи самараноки ин механизмҳо имкон медиҳад на фақат хавфи муфлисшавӣ бартараф карда шавад, балки шароит фароҳам меорад, ки вобастагии фаъолияти корхона аз сармояи қарзӣ кам карда шуда, суръати рушди иқтисодии он тезонида шавад [5].

Мӯътадилсозии молиявӣ дар шароити буҳронӣ ба таври тадриҷӣ ва пай дар пай дар асоси марҳилаҳои зерин амалӣ карда мешавад (ҷадвали 1).

1. *Бартарафсозии пардохтнопазирӣ.* Новобаста аз дараҷа ва ҳаҷми бухронии фаъолияти корхона вазифаи муҳим ва таъҷилӣ дар системаи мӯътадилсозии ҳолати молиявии корхона барқарор намудани қобилияти пардохтпазирии он аз рӯи ухдадориҳои ҷориаш буда, имкон медиҳад пайдо шудани ҳолати муфлисшавӣ пешгирӣ карда шавад.

2. *Барқарор намудани устувории молиявӣ.* Иҷрои ин амал имкон медиҳад хавфи муфлисшавӣ на фақат барои давраи кутоҳ, балки барои давраи тӯлонӣ низ аз байн бурда шавад [6].

3. *Тағйирдиҳии стратегияи молиявӣ бо мақсади тезонидани рушди иқтисодӣ.* Танҳо дар ҳамон ҳолат пурра ба муътадилии моливӣ ноил шудан мумкин аст, агар корхона тавонад паст намудани арзиши сармояи истифодашаванда ва пайваста баланд бардоштани арзиши бозории худро таъмин карда тавонад. Бояд қайд намуд, ки иҷрои ин вазифа тезонидани суръати рушди иқтисодии корхонаро дар асоси ворид намудани тағйироти муайян ба стратегияи молиявии амалкунандаи корхона талаб менамояд.

Стратегияи молиявии ислоҳшуда бояд суръати баланди рушди истеҳсолии корхонаро таъмин карда, дар як вақт хавфи муфлисшавии онро бартараф кунад.

Ҳар як марҳилаи муътадилсозии молиявии корхона бо механизмҳои муайян мувофиқат менамояд, ки онҳоро дар кори амалии менеҷменти молиявӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо менамоянд: фаврӣ, тактикӣ, стратегӣ.

Механизми фаврии муътадилсозии молиявӣ, ки ба принсипи «дур шудан аз чизҳои зиёдатӣ» асос меёбад, воситаи ҳимояи ҷавобии корхона аз ҳаргуна хавфҳо мебошад ва имкон медиҳад, ки корхона қарорҳои идоракуниро ба таври фаврӣ қабул кунад.

Механизми тактикии муътадилсозии молиявӣ бо истифодаи чорабиниҳои муайяни ҳимоявӣ моҳиятан воситаи мубориза барои бартараф кардани тамоюли номатлуб дар рушди молиявии корхона ба шумор меравад [4].

**Ҷадвали 1.**

Механизмҳои асосии муътадилсозии молиявии корхона [5]

| Марҳилаҳои муътадилсозии молиявӣ | Механизмҳои муътадилсозии молиявӣ | | |
|---|---|---|---|
| | Фаврӣ | Тактикӣ | Стратегӣ |
| Бартараф кардани пардохтнопазирӣ | Маҷмӯи чорабиниҳо, ки барои истифодаи принсипи даст кашидан аз хароҷоти зиёдатӣ равона гардидааст. | | - |
| Барқарор кардани устувории молиявӣ | - | Маҷмӯи чорабиниҳо, ки барои истифодаи моделҳои баробарии молиявӣ равона шудааст. | - |
| Тағйир додани стратегияи молиявӣ бо мақсади тезонидани болоравии иқтисодӣ | - | - | Маҷмӯи чорабиниҳо, ки барои истифодаи моделҳои дастгирии молиявӣ тезонидани суръати рушд равона шудааст. |

Механизми стратегии муътадилсозии молиявӣ воситаи муборизаи стратегии корхона барои роҳ надодан ба пайдоиши ҳолати буҳронӣ буда, ҳадафи он тезонидани суръати рушди иқтисодии корхона ба шумор меравад.

Пайдарҳамии марҳилаҳои бартарафкунии ноустувории корхона дар ҷадвали 2 инъикос карда шудааст.

Бо мақсади пешгирии муфлисшавии ташкилотҳо муассисони (иштирокчиёни) қарздор - шахси ҳуқуқӣ, молики амволи қарздор - шахси ҳуқуқӣ то замони ба суд додани ариза оид ба муфлис эътироф намудани қарздор тадбирҳое меандешанд, ки ба беҳбудии молиявии қарздор нигаронида шуда бошанд [6]. Тадбирҳои барои беҳбудии молиявии қарздор нигаронидашударо кредиторон - шахсони дигар низ метавонанд дар асоси созишнома бо қарздор пешбинӣ намоянд.

*Санатсияи тосудӣ.* Молики амволи қарздор - шахси ҳуқуқӣ, муассисони (иштирокчиёни) қарздор - шахси ҳуқуқӣ, кредиторони қарздор - шахси ҳуқуқӣ ва

шахсони дигар дар доираи тадбирҳо оид ба пешгирии муфлисшавӣ метавонанд ба қарздор дар ҳаҷме, ки барои пардохт намудани уҳдадориҳои пулӣ, пардохтҳои ҳатмӣ ва барқарорсозии қобилияти пардохтии қарздор (санатсияи тосудӣ) кифоягӣ мекунад, кумаки молиявӣ расонанд [4].

Бояд гуфт, ки расонидани кумакҳои молиявиро ҳамзамон қабули уҳдадориҳо аз тарафи қарздор ё шахсони дигар ба манфиати шахсони кумаки молиявӣ расонида ҳисобидан мумкин аст.

Гузаронидани санатсияи тосудиро аз ҳисоби буҷети давлатӣ қонун дар бораи буҷети давлатӣ барои соли дахлдор муқаррар менамояд. Гузаронидани санатсияи тосудиро аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллии мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад.

**Ҷадвали 2.**

Пайдарпайии марҳилаҳои бартараф кардани ноустувории корхона [3].

| № мар-ҳила | Сатҳи идоракунӣ | Ҳадафи зерсистемаҳои идоракунии чораёнҳои бартарафсозии ноустуворӣ | Воситаҳо / Объекти таъсиррасонӣ | Нишонаҳои ноил шудан ба ҳадаф (самаранокӣ) |
|---|---|---|---|---|
Бояд қайд кард, ки маҳсулоти дорандаи нишони стандартҳои байналмилалӣ берун аз қаламрави ҷумҳурӣ таваҷҷуҳи истеъмолкунандаро ба худ ҷалб менамояд ва ин боис мегардад, ки маҳсулоти содиркардашуда дар бозори хориҷӣ мавқеи худро ёбад ва ба рақобат тобовар бошад.

Ҷорӣ намудани низоми идоракунии сифат аз рӯи ин стандартҳо ҷиҳати беҳтар шудани сифати маҳсулот, кору хизматрасонӣ, рақобатпазирии онҳо дар бозори дохила

ва хориҷи кишвар мусоидат намуда, заминаи этирофи фаъолияти корхонаҳо дар сатҳи байналмилалӣ мегардад.

Ҳамин тавр ҷорӣ намудани низоми менеҷменти сифат дар корхонаҳои саноатӣ боиси рушди устувори онҳо гашта, барои бунёди рақобати солим шароити мусоид фароҳам меорад ва аз ҳама муҳим барои бунёд ёфтани корхонаҳои нав, ба таври мунтазам ҷорӣ кардани инноватсия дар корхонаҳо ва баланд бардоштани малакаи касбии кормандон заминаҳои воқеӣ мегузорад. Низоми менеҷменти сифат дар худ принсипҳои мушахасси назоратӣ дорад ва иҷрои онҳо корхонаро барои беҳтар намудани сифати маҳсулоти истеҳсолӣ водор месозад. Бинобар ин, ҳангоми таъсиси корхонаҳои истеҳсолии саноатӣ мебояд масъалаҳои ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалӣ ба инобат гирифта шуда, мақомоти ваколатдор дар ин самт чораҳои зарурӣ андешад.

**Адабиёт:**


1. Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – солҳои 2019 ва 2021

2.Қонунҳои Ҷумҳурии Таҷикистон «Дар бораи стандартизация» «Дар бораи сертификацияи маҳсулот ва хидматрасонӣ» (Ахбори Маджили Оли РТ, 2010 год, №12, ч-1, ст.828: 2012 год, № 4, ст.264)

3.Стратегияи рушди саноат барои Ҷумхурии Тоҷикистонто давраи соли 2030 Душанбе.27-032018№159-37.

4.Веснин В.R «Менеджмент» ООО «Издательство Проспект», 2006.

5. Катаев А. Х., Шукурзода Б.С. «Техническое регулирование в Республике Таджикистан». Худжанд «Ношир»-2014 год.348 стр.

6.Попова О.В. Деятельность консультантов в проектах по разработке, внедрению и сертификации систем менеджмента качества // Вестник Омского университета. Серия «Экономика». - 2015. - №4 – С. 164-169.


# АҲАМИЯТИ СОҲАИ САНОАТ ДАР ТАРАҚҚИЁТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА НАҚШИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ДАР ОН


**Қодирзода Ш.А.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**


***«… Бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад.»*** [17]

Иқтисодиёти ҳар як давлат аз соҳаҳои зиёд иборат аст: саноат, хоҷагии қишлоқ, нақлиёт, сохтмон, алоқа, савдо ва ғайраҳо. Аммо асоси иқтисодиёт, пояи асосии он саноат ба ҳисоб меравад.

Саноат бо сабабҳои зерин соҳаи муҳими иқтисодиёт ба ҳисоб меравад:

1) тараққиёти саноат, махсусан, электроэнергетика, мошинсозӣ ва химия, асоси тараққиёти прогресси илмӣ-техникӣ дар тамоми хоҷагии халқ мебошад;

[17] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 26.12.2018)

2) саноат, махсусан, саноати вазнин, пояи асосии тамоми иқтисодиёт, ҳамчун асос барои такрористеҳсолоти васеъ ва инкишофи иқтисодии ҳамаи субъектони давлат баромад мекунад;

3) қудрати иқтисодии давлат аз бисёр ҷиҳат бо дараҷаи тараққиёти саноат муайян карда мешавад;

4) аз тараққиёти саноати сабук ва хӯрокворӣ таъмини аҳолии мамлакат бо молҳои ниёзи мардум вобаста аст.

5) тараққиёти саноати миллӣ дар таъмини бехатарии иқтисодиёти давлатро аҳамияти калидӣ дорад.[18]

Ҳамин тавр, саноат соҳаи муҳими хоҷагии халқ ва асоси баландбардории самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад.

Фаъолияти саноат бо нишондиҳандаҳои миқдорӣ, сифатӣ, арзишӣ ва аслӣ тавсиф меёбад.

*Истеҳсоли намудҳои муҳими маҳсулоти саноатӣ дар иқтисодиёт*

Таназзули истеҳсолоти саноатӣ бо буҳрони умумӣ дар иқтисодиёт алоқаманд буд, ки ба ин омилҳои зерин сабаб гашт:

- барҳамхӯрии иттиҳоди шӯравӣ, ки боиси кандашавии алоқаҳои коопериронӣ байни истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатии ҷумҳуриҳо гардид;

- дар ҷумҳурӣ барои гузариши иқтисодиёт ба шароити бозор шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда нашуда буд (инфрасохтори бозорӣ, қонунгузории мувофиқ, барномаи асосноккардашудаи тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат вуҷуд надошт);

- вазъияти иҷтимоӣ ва сиёсӣ, ки бо сабабҳои муайян ба вуҷуд омада буд, ба фаъолияти мӯътадили иқтисодиёт мусоидат накард;

- аксарияти роҳбарони корхона таҷрибаи кофӣ надоштанд, ки дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозорӣ самаранок идора карда тавонанд;

- таназзули истеҳсолот ба пур шудани бозор бо молҳои воридотӣ оварда расонид ва маҳсулоти ватанӣ ба рақобат тоб оварда натавонист;

- номуккамалии қонунгузории андоз, ки фаъолияти истеҳсолкунандагонро мушкил гардонид;

- буҳрони иқтисодӣ дар мамлакат бо беқурбшавии пули миллӣ ҳамроҳӣ мекард, ки нисбатан муаммои аз буҳрон баромаданро мушкил гардонид.

Саноат аз миқдори зиёди соҳаҳо ва истеҳсолоти ба ҳам алоқаманд иборат аст. Бавуҷудоии саноат ҳамчун соҳаи мустақили хоҷагии халқ, тафриқабандии соҳавии он – ҷараёни мунтазам мебошад, ки бо тақсимоти ҷамъиятии меҳнат асос ёфтааст. Тақсимоти ҷамъиятии меҳнат дар се шакл зоҳир меёбад: умумӣ, хусусӣ, воҳидӣ.

Тақсимоти умумии меҳнат дар тақсимоти истеҳсолоти ҷамъиятӣ ба соҳаҳои бузурги истеҳсолоти моддӣ зоҳир меёбад: саноат, хоҷагии қишлоқ, сохтмон, нақлиёт ва ғайра.

Тақсимоти ҷузъии меҳнат дар ташаккули соҳаҳои гуногуни мустақил дар дохили саноат, хоҷагии қишлоқ, нақлиёт ва дигар соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ ифода меёбад.

Тақсимоти воҳидии меҳнат дар тақсимот ва ташкили меҳнат бевосита дар корхона ифода меёбад. [19]

---

[18] Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.03.2018, тахти №159)

[19] Бегентаев М.М. Экономика промышленности: учебное пособие для студентов экономических специальностей / - Павлодар. Кереку, 2008-137 с.

Ҳамаи шаклҳои тақсимоти ҷамъиятии меҳнат байни ҳамдигар алоқамананд. Дар зери таъсири тақсимоти умумии меҳнат тақсимоти ҷузъӣ ба вуҷуд оварда мешавад. Дар зери таъсири тақсимоти меҳнати ҷузъӣ бо сабаби махсусгардонии соҳаҳои алоҳидаи саноат дар корхона тақсимоти меҳнати воҳидӣ такмил дода мешавад. Дар навбати худ бо сабаби консентратсияи истеҳсолот ва прогресси илмӣ-техникӣ тақсимоти воҳидии меҳнат ба ташаккули соҳаҳои нави саноат таъсир мерасонад.

Истеҳсоли ин ё он маҳсулот соҳаи мустақили саноат ва ё истеҳсолоти мустақилро ташкил медиҳад, агар як қатор корхонаҳои якҷинса, ки махсус бо истеҳсоли намудҳои алоҳидаи маҳсулот машғуланд, мавҷуд бошад.

Соҳаи саноат – ин маҷмӯи субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ мебошад, ки новобаста аз шакли моликият ва мансубияти он маҳсулотҳои (кору хизматҳои) намуд ва таъиноти муайяндоштаро истеҳсол менамояд.

Тавсифи махсуси зерин низ истифода мешавад: соҳаи саноат – ин маҷмӯи корхонаҳои мустақил мебошад, ки бо ягонагии таъиноти иқтисодии маҳсулоти истеҳсолшаванда, умумияти ҷараёнҳои технологӣ ва базаи истеҳсолию технологӣ, хусусияти ашёи хоми истифодашаванда тавсиф дода мешавад. Бинобар ин, ҳар як корхона бояд бозореро муайян кунад, ки дар он фаъолият кардан мехоҳад.

Таҳлили зиёди мафҳумҳои бозор, ки дар адабиёти илмӣ оварда шудааст, ба хулосае меорад, ки бозор шакли муносибатҳои байни субъектони хоҷагидори мустақил мебошад. Бозор – ин ҳодисаи мураккаб ва бисёрҷонибаи иқтисодӣ; ин муттаҳидкунандаи талабот ва таклифот; ин шакли робитаи ҷамъиятӣ-иқтисодии байни корхонаҳо ва истеъмолкунандагон мебошад, ки дар хариду фурӯши мутақобилаи молҳо (кору хизматҳо) асос ёфтаанд. Танҳо дар бозор арзиши ҳақиқии молҳои истеҳсолшуда муайян карда мешавад: агар онҳо ба фурӯш нараванд, корхона ҳаҷми фоидаи ба нақша гирифтаро ба даст оварда наметавонад. Пас, бозор на танҳо муҳити фаъолияти корхонаҳо, балки омили муҳими тараққиёти соҳибкорӣ дар мамлакат мебошад ба шарте ки бозори ҳамаи омилҳои истеҳсолот вуҷуд дошта бошад ва тараққӣ кунад.

Бозори муосир низоми ташкилӣ ва нисбатан мутавозинро ифода мекунад, ки ба корхонаҳо озодии интихоби тарзҳои истеҳсол ва фурӯши намудҳову ҳаҷми гуногуни мол (кору хизмат) - ҳоро таъмин мекунад ва ба ҳамаи истеъмолкунандагон мустақилияти бадастоварии онҳоро кафолат медиҳад. Ҳеҷ кас аз ҷиҳати маъмурӣ (ҳуқуқӣ) барои истеҳсоли ягон мол ё ба даст овардани он маҷбур карда наметавонад. Бозор ин гурӯҳи субъектони хоҷагидори мустақил, соҳибихтиёр мебошад, корхона бошад – субъекти мустақили хоҷагидорӣ ба ҳисоб меравад.

Бозор, ба ифодаи образноки олимони америкоӣ Р. Липси, П. Стайнер, Д. Пэрвис, - ин саҳнае мебошад, ки дар он ҳамкории ҳамаи шахсони қарорҳои иқтисодӣ қабулкунанда нишон дода мешавад: миллионҳо истеъмолкунандагон мустақилона қарор қабул мекунанд, ки кадом молҳо ва ба кадом миқдор харида шаванд; миқдори зиёди корхонаҳо - чиро ва чӣ тавр истеҳсол намоянд; соҳибони омилҳои истеҳсолот – ба кӣ ва чӣ тавр онҳоро фурӯшанд. Ҳамаи ин ҷараёнҳо ба воситаи бозор, ба воситаи механизми бозорӣ ба амал бароварда мешаванд. [20]

Дар ягон давлат бозори озод вуҷуд надорад, зеро барои он шароитҳои иқтисодии муайян нестанд, балки бозори рақобатӣ бо мавҷудияти шаклҳои гуногуни моликият амал мекунад. Бо вуҷуди ин, бештар моликияти ғайридавлатӣ бо мавҷуд будани инфрасохтори бозории тараққикарда, ки ба худ се унсури асосиро дар бар мегирад –

---

[20] Саноати Тоҷикистон: масъалаҳои модернизатсия // Монография (бо забони русӣ): зери таҳрири академики АИ ҶТ Қаюмов Н.Қ. – Душанбе, 2017с.

бозори молу хизматҳо, бозори омилҳои истеҳсолот, бозори молиявӣ ва низоми тараққикардаи сохторҳои бозории ба онҳо мувофиқ дида мешавад.

Бозор дар муқоиса бо иқтисодиёти фармонфармоӣ афзалиятҳои зиёд дорад. Якум, ба воситаи бозор тақсимоти самараноки ҳама намудҳои захираҳо ба амал бароварда мешавад. Бозор захираҳоро ба истеҳсоли танҳо молҳои (кору хизматҳо) ба истеъмолкунандагон зарур равона месозад. Дуюм, бозор бо мавҷуд будани ахбороти иқтисодии нисбатан маҳдуд фаъолият мекунад: маълумот дар бораи нархҳо, рақибон, хароҷотҳои истеҳсолӣ, микдори маҳсулоти (хизмати) истеҳсолшуда. Сеюм, афзалияти бозор дар чандирӣ, мутобиқшавии он ба шароитҳои тағйирёфтаистодаи истеҳсолот ва истеъмолот мебошад. Чорум, аз тарафи иштирокчиёни бозор самаранок истифода намудани натиҷаҳои прогресси илмӣ-техникӣ. Панҷум, соҳибкор ва истеъмолкунанда дорои интихоб ва амалкунии озод мебошад. Онҳо дар қабули қарор, бастани шартномаҳои гуногун, кирояи қувваи корӣ ва ғайра мустақил мебошанд. Шашум, бозор қонеъгардонии талаботҳои гуногунро таъмин менамояд.

Ҳамзамон, бозор тарафи манфӣ низ дорад. Бинобар ин, ҳангоми ташаккули иқтисоди бозаргонӣ дар мамлакат, рушди шароитҳои нави иқтисодӣ, онҳоро донистан зарур аст. Таҷрибаи хориҷиро омӯхта, камбудиҳои зерини бозорро ҷудо кардан мумкин аст:

1) бозор ба нигоҳдории захираҳои барқарорнашаванда мусоидат намекунад;

2) бозор низоми амалкунандаи ҳифзи иқтисодии муҳити атрофро надорад; танҳо давлат метавонад соҳибкоронро маҷбур созад, ки ба истеҳсолоти аз ҷиҳати экологӣ тоза маблағгузорӣ намояд;

3) бозор дуруст истифода кардани захираҳои ба давлат (ҷамъият) тааллуқдоштаро танзим карда наметавонад;

4) бозор ба ҳамаи шаҳрвандон ҳуқуқ ба меҳнат ва даромадро кафолат дода наметавонад;

5) бозор бо сабаби ҷараёнҳои бекурбшавӣ ба тараққиёти ноустувор дучор аст.

6) Бинобар ин, қисми функсияҳоро, ки механизми бозорӣ иҷро карда наметавонад, давлат бар дӯши худ мегирад.

Тавре қайд кардем, бозор муҳити фаъолияти корхонаҳо мебошад, бе бозор миллионҳо корхонаҳо вуҷуд дошта наметавонанд ва бе корхонаҳо бошад, ҳамчун субъектони мустақили хоҷагидорӣ бозори тараққикарда буда наметавонад. Бинобар ҳамин ҳамаи шароитҳо ва омилҳои барқароршавии бозори тараққикардаи муосир дар як вақт шароитҳои барқароршавӣ ва тараққиёти корхонаҳои саноатӣ мебошанд.

Корхонаи саноатӣ танҳо ҳамон вақт метавонад ба муваффақият ноил гардад, ки саривақт ва дуруст имкони бозории соҳаи фаъолияти худро баҳо дода тавонад, маҳсулоти ба истеъмолкунанда заруриро бо хароҷоти камтарин ва бо сифати муносиб истеҳсол намояд. [21]...

**Адабиёт:**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 26.12.2018)

2. Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.03.2018, таҳти №159)

[21] Хоналиев Н. Промышленность Таджикистана: современное состояние и перспективы развития.- Монография. Душанбе: Ирфон, 200г

3. Бегентаев М.М. Экономика промышленности: учебное пособие для студентов экономических специальностей / - Павлодар. Кереку, 2008-137 с.

4. Саноати Тоҷикистон: масъалаҳои модернизатсия // Монография (бо забони русӣ): зери таҳрири академики АИ ҶТ Қаюмов Н.Қ. – Душанбе, 2017с.

5. Хоналиев Н. Промышленность Таджикистана: современное состояние и перспективы развития.- Монография. Душанбе: Ирфон, 2007г

## СОСТОЯНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ РЕАЛИЗАЦИИ УСКОРЕННОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ ТАДЖИКИСТАНА

**Махкамов Б.Б.,[1] Рабиева Т.М.**

**Институт экономики и демографии НАНТ[1]**
**Технологический университет Таджикистана**

В Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года (в дальнейшем НСР-2030) допускается возможность последовательного перехода от одного типа развития страны к другому (три сценария развития: инерционный, индустриальный и индустриально-инновационный) [1, 17]. Современные тенденции экономического развития страны свидетельствуют о том, что созданы предпосылки и успешно реализуется второй сценарий развития, а именно - индустриальный.

Говоря об индустриализации экономики Таджикистана, следует отметить, что возможность объявления ускоренной индустриализации страны четвертой национальной целью была заложена в НСР-2030, где отмечено, что «Правительство Республики Таджикистан, с учётом ежегодно проводимого мониторинга и оценки изменений на мировых рынках и их влияния на различные отрасли народного хозяйства, будет дорабатывать положения НСР-2030» [1, 98].

В НСР-2030 определены приоритеты развития промышленности – это повышение конкурентоспособности и цепочки добавленной стоимости отраслей промышленности; рост объема производства и реализации промышленной продукции, конкурентоспособной на внутренних и внешних рынках; организация эффективной системы воспроизводства кадров, совершенствование институциональных основ для устойчивого и превентивного развития отраслей промышленности, создание инновационных высокопроизводительных кластеров и др. [1, 76].

Достигнутые значительные успехи по обеспечению энергетической независимости и эффективному использованию электроэнергии, обеспечению продовольственной безопасности и доступа населения страны к качественному питанию, выходу страны из коммуникационного тупика и превращения её в транзитную, расширению продуктивной занятости послужили необходимой основой для осуществления ускоренной индустриализации страны. Основная цель ускоренной индустриализации страны – создать развитую, конкурентоспособную национальную промышленность и на ее основе поднять на качественно более высокий уровень всю экономику и благосостояние населения страны. Ускоренная индустриализация предусматривает достижение доли промышленной продукции

в ВВП страны до 30% при совершенствовании структуры промышленности в целом и обрабатывающей промышленности в том числе.

Если рассматривать реализацию стратегии индустриализации страны, то необходимо отметить, что она осуществляется поэтапно. Вначале создаются кустарные производства, затем – формируются трудоемкие отрасли промышленности (легкая и пищевая), затем базовые отрасли промышленности (энергетика, металлургия и машиностроение), далее происходят процессы электрификации и механизации всех отраслей экономики, и, наконец, автоматизация производств. После автоматизации производств, наступает этап постиндустриального общества, который затем переходит в когнитивную экономику, основанную на интеллекте человека.

Следуя этой цепочке, в республике необходимо в кратчайшие сроки пройти сразу два этапа индустриализации страны: формирование базовых отраслей промышленности и осуществление процессов электрификации и механизации всех отраслей экономики. Это и означает – ускоренная индустриализация.

На каком этапе индустриализации находится республика? Ответить на этот вопрос помогут данные таблицы №1.

**Таблица №1.**

| **СТРУКТУРА ВВП ЗА 2018 г. (%)** | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | **Разница между** | | |
| | **Узбекистан** | **Кыргызстан** | **Таджикистан** | **Узбекистаном и Таджикистаном** | **Кыргызыстаном и Таджикистаном** | **Примечания** |
| ВВП всего | 100 | 100 | 100 | - | - | |
| Сельское хоз-во | 19,2 | 11,7 | 18,7 | -0,5 | +7,0 | |
| Промышленность | **33,5** | **18,5** | **17,3** | **-16,2** | **-1,2** | **25,4%** в 1990 |
| Другие отрасли | 47,3 | 69,8 | 64,0 | +16,7 | -5,8 | |
| **СТРУКТУРА ОТРАСЛЕЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ (в %)** | | | | | | **НСР-30** |
| Промышленность | 100 | 100 | 100 | - | - | **100,0** |
| Добывающая | 12,4 | 7,9 | 19,6 | +7,2 | +11,7 | **10,0** |
| Обрабатывающая | **80,6** | **75,7** | **56,6** | **-24,0** | **-19,1** | **75,5** |
| | | | **(69,4% в 2013г.)** | | | **70%** |
| Электроэнергия, газ и вода | 7,0 | 16,4 | 23,8 | +16,8 | +7,4 | **14,5** |

*Ежегодник Республики Таджикистан- 2019;www.stat.uz; www.stat.kg

Как видно из приведенной таблицы, промышленность Таджикистана в структуре ВВП занимает 17,3%, что соответственно на 16,2 и 1,2 процентных пункта меньше, чем в Узбекистане и Кыргызстане (33,5 и 18,5%). Напомним, что в 1990г. она составляла 25,4%, то есть республика уже была индустриально-аграрной страной. Но сам по себе этот показатель мало о чем говорит. Более реальную картину развития промышленности дают показатели

структуры самой промышленности, в первую очередь, удельный вес обрабатывающих отраслей.

В Таджикистане он составил всего 56,6%, против 80,6% и 75,7% в Узбекистане и Кыргызстане, т.е. меньше на 24,0 и 19,1 процентных пункта. Напомним, что международное пороговое значение уровня обрабатывающих отраслей составляет 70,0%, то есть в Таджикистане этот пороговый показатель на 13,4% меньше, а в соседних странах он выше (отметим, что в 2013 году он составлял 69,4%). Согласно прогнозным показателям развития отрасли, в Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года предусмотрено к 2030 году достичь уровня 75,5%.

Еще более реальную картину развития промышленности страны дают показатели Цели устойчивого развития № 9 (*Создание стойкой инфраструктуры, содействие всеохватной* ***устойчивой индустриализации*** *и инновациям*), а именно: чистой продукции обрабатывающей промышленности на душу населения в долларах США и доли чистой продукции обрабатывающей промышленности в процентах в ВВП (индикатор ЦУР 9.2.1). Наши расчеты показали, что чистая продукция обрабатывающей промышленности на душу населения в Таджикистане составила 80,9 долл. США, что меньше чем в Узбекистане и Кыргызстане. Пороговое значение определения уровня развития обрабатывающей промышленности является 100 долларов США на человека, т.е. здесь мы пока также отстаем. Намечено к 2025 году достичь 130 долларов США на человека. Доля чистой продукции обрабатывающей промышленности в процентах в ВВП в Таджикистане составила 9,7%, что также меньше чем в Узбекистане и Кыргызстане. Намечено к 2025 году достичь уровня 14,5%. Можно и нужно использовать и другие показатели индустриальности страны. Например, индикатор ЦУР 9.b.1, который характеризует долю добавленной стоимости промышленной продукции средне-технологичных и высокотехнологичных отраслей в общем объеме добавленной стоимости продукции. Пока в республике такие данные не доступны, но по нашим рассчетам она составила 2,32%. Намечено к 2025 году достичь уровня 7,3%.
Кроме этого, можно использовать индикатор ЦУР 9.2.2., характеризующий занятость в обрабатывающей промышленности в процентах от общей занятости. В стране она составляет всего 3,4%. Намечено к 2025 году достичь уровня 3,5%.

На наш взгляд, уровень развития промышленности страны может также отражать показатель удельного весаинновационной продукциив общем объемепродукции. Также необходимо учитывать коэффициент инновационной активности предприятий, объемы технологических, маркетинговых, организационных и экологических инноваций.К сожалению, в республике отсутствуют формы статистической отчетности по этим показателям. Все эти показатели дадут полную картину развития промышленности страны, сравнить их с показателями стран всего мира и выработать меры по ее дальнейшему развитию.

Вышеприведенные данные позволяют определить приоритеты дальнейшего развития промышленности Таджикистане, а именно: значительное увеличение доли обрабатывающей промышленности в общем объеме промышленности, а также опережающий рост и увеличение доли среднетехнологичных отраслей промышленности (черной и цветной металлургии, машиностроения, химической, нефтехимической промышленности и промышленности строительных материалов) в общем объеме обрабатывающей промышленности, при значительном росте отраслей легкой и пищевой промышленности.

Таким образом, Таджикистан делает только первые шаги по новой индустриализации страны и пока значительно отстает по уровню развития промышленности в соседних

странах. Однако, достигнутые темпы роста объемов промышленности в последние годы и разработанные программы развития отраслей национальной экономики позволяют надеяться на качественный скачок развития не только промышленности, но и всей экономики страны.

**Литература:**

1. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года.
2. Ежегодник Республики Таджикистан - 2019.
3. www.stat.uz
4. www.stat.kg

## МУНОСИБАТҲОИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ БО АҲОЛӢ ДАР РАВАНДИ ҚАРЗДИҲИИ ИСТЕЪМОЛӢ

**Мирзоев Шокир Турахонович**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Шарти дастрасӣ ба қарзи истеъмолии бонкӣ омили муҳимми баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии кишвар ба ҳисоб меравад ва тағйирёбии ҳолати он ба маҷмӯи омилу шароитҳои мухталиф алоқамандии зич дорад. Ба шартҳои дастрасии аҳолӣ ба қарзи истеъмолии бонкӣ, сиёсати қарздиҳии ташкилотҳои бонкӣ, вазъияти муосири пардохтпазирии бонкҳо, дараҷаи рақобатпазирии ташкилотҳои қарзӣ дар бозори қарз, шартҳои амалиётии Бонки миллии Тоҷикистон бо ташкилотҳои қарзии кишвар, ҷалби пасандозҳо ҳамчун сарчашмаи қарздиҳӣ дар бозори қарзии дохилӣ ва ғайра таъсир мерасонад, ки дар натиҷа ба тағйирёбии талабот ба қарзи истеъмолии бонкӣ мусоидат менамоянд.

Дар шароити кунунӣ яке аз самтҳои афзалиятнок дар доираи хизматрасониҳои бонкӣ қарздиҳии истеъмолӣ ба ҳисоб меравад, ки ин самт сол то сол рушд ва васеъ гардида истодааст.

Қарзи истеъмолӣ ҳамчун шакли муносибати қарзӣ категорияи нисбатан мустақилест, ки мақсадаш қонеъкунии талаботи шаҳрвандон мебошад[1].

Дар алоқаманди ба ин, вазифаи муҳим дар ин давра ин ҷустуҷӯи шакли муносиби алоқаманди бо давлат, сектори воқеӣ ва бонкӣ ва хоҷагиҳои хонаводагӣ дар чаҳорчубаи муносибатҳои иқтисодӣ, муайянкунӣ ҳангоми иштирок дар ҷараёни қарздиҳии истеъмолӣ ба ҳисоб меравад.

Шарти дурусти муносибати бонкҳо бо аҳолӣ ва баръакс муносибати дурусти аҳолӣ бо бонкҳо дар раванди қарздиҳии истеъмолӣ боиси беҳтар шудани вазъи кунунии бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ мегардад, ки ин дар навбати худ ба сиёсати пулию қарзӣ, рушди иқтисоди иҷтимоии давлат таъсири мусбӣ хоҳад расонид[2].

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки имрӯз дар Тоҷикистон шумораи муштариёни бонкҳо оид ба гирифтани қарзҳои истеъмолӣ зиёд шуда истодааст, аммо на дар ҳама маврид талаботҳои онҳо аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ қонеъ карда мешаванд. Чихеле, ки дар боло қайд намудем ин раванд муносибати мутақобила дошта, аз ҳарду тараф, яъне ҳам аз ҷониби қарздиҳанда (бонк) ва ҳам аз ҷониби қарзгиранда (муштарии бонк) вобастагии зич дорад[3].

Ҳамин аст, ки дар натиҷаи таҳлили ҳолати воқеии дархостҳои мизоҷон ба бонкҳо барои гирифтани қарз танҳо дар давраи моҳҳои январ – сентябри соли 2019 миқдори умумии онҳо 439238 ададро ташкил дода, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2018 ба миқдори 96602 адад ё 28,19% зиёд гардидааст.

Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки низоми бонкии кишвар ҷиҳати фароҳам овардани шароит ба қарзгирандагон таваҷҷӯҳи бештар пайдо намуда, рӯз то рӯз талаботи аҳолӣ барои гирифтани қарзҳои истеъмолӣ бо мақсади беҳтар намудани сатҳи зиндагии худ зиёд шудаистодааст.

**Ҷадвали 1.**

Миқдори дархостҳои пешниҳодшуда дар бонкҳо, ТАҚХ, ТҚХ ва ФҚХ дар моҳҳои январ – сентябри соли 2018 ва моҳҳои январ – сентябри соли 2019

| Ташкилотҳои қарзӣ | Миқдори дархостҳои пешниҳодшуда, адад | | Тағйирёбӣ нисбат ба январ – сентябри с. 2018 | |
|---|---|---|---|---|
| | Январ – сентябри соли 2018 | Январ – сентябри соли 2019 | адад | % |
| Бонкҳо | 117329 | 147762 | 30433 | 25,94 |
| ТАҚХ | 192579 | 256627 | 64048 | 33,26 |
| ТҚХ | 22981 | 25210 | 2229 | 9,70 |
| ФҚХ | 9747 | 9639 | -108 | -1,11 |
| Ҳамагӣ: | 342636 | 439238 | 96602 | 28,19 |

** Сарчашма аз маълумотҳои Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии БМТ*

Натиҷаи таҳлил нишон медиҳад, ки дар ҳамин давра миқдори дархостҳои пешниҳодшуда барои гирифтани қарз аз тарафи мизоҷон дар бонкҳо 30433 адад ё 25,4%, ташкилотҳои амонатии қарзии хурд (ТАҚХ) – 64048 ё 33,26%, ташкилотҳои қарзии хурд (ТҚХ) – 2229 адад ё 9,70% зиёд гардидааст. Дар фондҳои қарзии хурд (ФҚХ) миқдори дархостҳои пешниҳодшуда дар давраҳои муқоисашаванда ба миқдори 108 адад ё 1,11% кам гардидааст.

Дар давраи январ – сентябри соли 2019 ҳиссаи миқдори дархостҳои пешниҳодшудаи мизоҷон барои гирифтани қарз дар сохтори ташкилотҳои қарзӣ аз ҷамъи дархостҳои пешниҳодшудаи умумӣ дар бонкҳо – 33,64%, ТАҚХ – 58,42%, ТҚХ – 5,74% ва ФҚХ – 2,20% -ро ташкил медиҳанд. Дар муқоиса бо ҳамин давраи соли 2018 ҳиссаи миқдори дархостҳои пешниҳодшуда дар бонкҳо 0,6 банди фоиз, ТҚХ – 0,97 банди фоиз ва ФҚХ – 0,64 банди фоиз кам шуда, дар ТАҚХ ба андозаи 2,21 банди фоиз зиёд шудааст.

Гарчанде, ки дар давраҳои муқоисавӣ миқдори дархостҳои пешниҳодшудаи мизоҷон ба ташкилотҳои қарзӣ барои гирифтани қарз ба андозаи 28,19% зиёд гардида бошад ҳам, вале масъалаи муҳим ин ошкор намудани миқдори дархостҳои пешниҳодшуда ба ҳисоби 1000 нафар аҳолии қобили меҳнат ба шумор меравад. Агарчӣ дар моҳҳои январ – сентябри соли 2018 миқдори дархостҳои пешниҳодшуда барои гирифтани қарз ба ҳисоби 1000 нафар аҳолии қобили меҳнат тақрибан 62 адад (6,2%) рост ояд, пас ин нишондиҳандаи мазкур дар моҳҳои январ – сентябри соли 2019 тақрибан 81 (8,1%) ададро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 2.**

Миқдори дархостҳои пешниҳодшуда дар бонкҳо, ТАҚХ, ТҚХ ва ФҚХ ба ҳисоби 1000 нафар аҳолии қобили меҳнат дар моҳҳои январ – сентябри соли 2018 ва моҳҳои январ – сентябри соли 2019

| Ташкилоти қарзӣ | Миқдори дархостҳои пешниҳодшуда ба ҳисоби 1000 нафар аҳолии қобили меҳнат, адад | | Тағйирёбӣ нисбат ба январ – сентябри с. 2018, (+) зиёдшавӣ (-) камшавӣ |
|---|---|---|---|
| | Январ сентябри с. 2018 | Январ сентябри с. 2019 | |
| Бонкҳо | 21 | 27 | 6 |
| ТАҚХ | 35 | 47 | 12 |

** Сарчашма аз маълумотҳои Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии БМТ*

Ҳисоби мазкур шаҳодат аз он медиҳад, ки ба ҳисоби миёна аз 1000 нафар аҳолии қобили меҳнат дар моҳҳои январ – сентябри соли 2018 танҳо 62 нафар (ё 6,2%) ва дар моҳҳои январ – сентябри соли 2019 ҳамагӣ 81 нафар (ё 8,1%) барои гирифтани қарз ба ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ муроҷиат намуданд.

Таҷрибаҳои хориҷӣ нишон медиҳанд, ки сатҳи қонеъ гардонидани дархостҳои пешниҳодшуда дар бонкҳои Аврупо[22] дар ҳудуди аз 50 то 60 фоиз муътадил шуморида мешавад. Зеро, ки дар бонкҳо имкониятҳои васеъ пайдо мешавад, сабабҳои ҳама гуна эҳтимолияти калони пайдоиши хавфҳоро тадқиқ намоянд ва барои идораи оптималии онҳо чораҳои зарурӣ андешанд. Дар бонкҳои Аврупо дар ҳудуди калон (зиёда аз 50% - 60%) дархостҳои пешниҳодгардидае қонеъ гардонида мешаванд, ки маблағгузории қарзӣ барои пешрафти соҳибкорӣ, бизнес, рушди иқтисодиёт ва умуман бадастовардани сатҳи баланди зиндагӣ мусоидат намояд.

Муқоисаи нишондиҳандаи сатҳи дархостҳои қонеъшудаи мизоҷон барои гирифтани қарз дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бонкҳои калонтарини Ҳиндустон дар соли 2019 дар ҷадвали 3 пешниҳод гардидааст.

**Ҷадвали 3.**

**Сатҳи дархостҳои қонеъшуда дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ТҚ ҶТ) ва бонкҳои калонтарини Ҳиндустон (БК Ҳ)дар соли 2019***

| Нишондиҳанда | ТҚ ҶТ | БК Ҳ |
|---|---|---|
| Миқдори дархостҳои пешниҳодшуда, адад | 439 238 | 45 161 |
| Миқдори дархостҳои қонеъшуда барои пешниҳоди қарз, адад | 380 950 | 21 584 |
| Миқдори дархостҳои радшуда, адад | 38358 | 23 577 |
| Миқдори дархостҳои дар баррасӣ қарордошта ва маъқулнакардаи шартҳои қарз аз ҷониби муштарӣ, адад | 19930 | - |
| Сатҳи дархостҳои қонеъшуда, % | 86,7 | 47,8 |
| Сатҳи дархостҳои қонеънагардида, % | 8,7 | 52,2 |
| Ҳиссаи дархостҳои дар баррасӣ қарордошта ва маъқулнакардаи шартҳои қарз аз ҷониби муштарӣ, % | 4,6 | - |

****Маълумотҳо доир ба дархостҳо барои гирифтани қарз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давраҳои январ – сентябри соли 2019 ва Ҳиндустон моҳи апрели соли 2019–ро дар бар мегирад.***

[22] Дархости қарзҳои соҳибкории хурду миёна.

Тавре, ки аз маълумотҳои овардашудаи ҷадвали 3 аён аст, дар соли 2019 сатҳи дархостҳои қонеъгардида дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон 86,7% ва дар бонкҳои калонтарини Ҳиндустон – 47,8%-ро ташкил медиҳанд. Гарчанде, ки Сарвазири Ҳиндустон Нарендро Моди гирифтани "Қарз дар 59 дақиқа"–ро дар мамлакат эълон намуд ва таъкид кард, ки бояд на камтар аз 50 фоизи дархостҳои пешниҳодгардида барои гирифтани қарз аз бонкҳои Ҳиндустон қонеъ гардонида шавад. Ҳатто бонки калонтарини Ҳиндустон "Бонки давлатии Ҳиндустон" аз миқдори умумии дархостҳои пешниҳодгардида ҳамагӣ ҳиссаи 42,8 фоизи миқдори дархостҳоро барои гирифтани қарз қонеъ гардонида, ҳиссаи 57,2 фоизи дархостҳоро бо сабабҳои мушаххас рад намуд. Ҳол он, ки ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз миқдори умумии дархостҳои пешниҳодгардида танҳо 8,7 фоизи онҳоро барои гирифтани қарз рад намудааст.

Албатта заминаҳои рад намудани дархостҳо барои гирифтани қарз аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар бонкҳои калонтарини Аврупо ва Ҳиндустон сабабҳои худро доранд.

Воқеияти таҳлил нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ду гуруҳи сабабҳои рад ва маъқул нашудани дархостҳои пешниҳодгардида барои гирифтани қарз вуҷуд доранд:

**ЯКУМ,** аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ рад намудани дархостҳо барои гирифтани қарз бо сабабҳои дахлдор ба монанди:

- ♦ набудани мақсадҳои аниқ, амалинашаванда, розӣ набудани оилаи мизоҷон барои қарзгирӣ, бад будани нуфӯзи мизоҷ ва додани маълумоти бардурӯғ;
- ♦ мутобиқ набудани бастаи ҳуҷҷатҳо, таърихи бади мизоҷ, рад намудан дар асоси баҳодиҳӣ ва пешниҳоди скоринг, мувофиқ набудани дархост ба маҳсулоти қарзӣ.
- ♦ бад будани ҳолати молиявии мизоҷ, уҳдадориҳои ҷорӣ доштани мизоҷ, аз рӯи таҳлили молиявӣ ҷавобгӯ набудан, надоштани сармояи кофӣ барои амалӣ намудани мақсад, мувофиқ набудани гарав;
- ♦ раднамоӣ аз тарафи кумитаи қарз, пас аз гузаронидани назорат ва дигар сабабҳо.

**ДУЮМ,** сабабҳои ошкоро маъқул накардани шартҳои дастрасии қарз аз ҷониби муштарӣ ба монандӣ:

- ♦ баланд будани меъёри фоиз:
- ♦ кам будани ҳаҷми қарз:
- ♦ маъқул накардани муҳлати қарз:
- ♦ маъқул накардани тартиби баргардонидани қарз:
- ♦ дер баррасӣ шудани дархости қарз:
- ♦ мизоҷ маблағи қарзро дарёфт кард:
- ♦ ба мизоҷ шартҳои пешниҳодшуда маъқул нашуд.

Таснифоти калонкардашудаи сабабҳои рад намудани дархостҳо барои гирифтани қарз дар ҷадвали 4 нишон дода шудааст.

Вобаста ба ин нишондиҳандаҳо метавон ҳолати воқеии рад намудани дархости мизоҷонро аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар моҳҳои январ-сентябри соли 2018 ва январ сентябри соли 2019 чунин шарҳ дод.

**Ҷадвали 4.**

Сабабҳои рад шудани дархостҳо аз ҷониби ташкилотҳои қарзии ҶТ дар моҳҳои январ – сентябри соли 2018 ва моҳҳои январ – сентябри соли 2019

| Таснифи сабабҳо | Ҳиссаии дархостҳои радшуда аз ҷамъи умумии дархостҳои пешниҳодшуда, % | | Тағйирёбӣ нисбат ба январ – сентябри с. 2018, адад (+) зиёдшавӣ (-) камшавӣ |
|---|---|---|---|
| | Январ сентябри с. 2018 | Январ сентябри с.2019 | |
| Набудани мақсадҳои аниқ, амалинашаванда, розӣ набудани оилаи мизоҷон барои қарзгирӣ, бад будани нуфӯзи мизоҷ ва додани маълумоти бардурӯғ | 0,43 | 0,33 | -0,10 |
| Мутобиқ набудани бастаи ҳуҷҷатҳо, таърихи бади мизоҷ, рад намудан дар асоси баҳодиҳӣ ва пешниҳоди скоринг, мувофиқ набудани дархост ба маҳсулоти қарзӣ. | 2,42 | 2,51 | 0,09 |
| Бад будани ҳолати молиявии мизоҷ, уҳдадориҳои ҷорӣ доштани мизоҷ, аз рӯи таҳлили молиявӣ ҷавобгӯ набудан, надоштани сармояи кофӣ барои амалӣ намудани мақсад, мувофиқ набудани гарав. | 2,01 | 2,50 | 0,49 |
| Раднамои аз тарафи кумитаи қарз, пас аз гузаронидани назорат ва дигар сабабҳо | 1,51 | 3,39 | 1,88 |
| **Ҳамагӣ** | **6,37** | **8,73** | **2,36** |

* *Сарчашма аз маълумотҳои Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии БМТ*

Агар дар давраи январ – сентябри соли 2018 ҳиссаи маъқул накардани шартҳои қарз аз ҷониби муштарӣ аз ҷамъи умумии дархостҳои пешниҳодгардида 2,25% -ро ташкил диҳад, пас дар ҳамин давраи соли 2019, нишондиҳандаи мазкур зиёд гардида, андозаи 2,33% ё нисбат ба давраи муқоисавӣ 0,08 %-ро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 5.**

Сабабҳои маъқул накардани шартҳои қарз аз ҷониби муштариён дар моҳҳои январ – сентябри соли 2018 ва моҳҳои январ – сентябри соли 2019.

| Таснифи сабабҳо | Ҳиссаии маъқул накардани шартҳои қарз аз ҷамъи умумии дархостҳои пешниҳодшуда, % | | Тағйирёбӣ нисбат ба январ – сентябри с. 2018, адад (+) зиёдшавӣ (-) камшавӣ |
|---|---|---|---|
| | Январ сентябри с. 2018 | Январ сентябри с. 2019 | |
| Баланд будани меъёри фоиз | 0,55 | 2,33 | 1,78 |
| Кам будани ҳаҷми қарз | 0,08 | 0,11 | 0,03 |
| Маъқул накардани муҳлати қарз | 0,10 | 0,08 | -0,02 |
| Маъқул накардани тартиби баргардонидани қарз | 0,72 | 0,56 | -0,16 |
| Дер баррасӣ шудани дархости қарз | 0,12 | 0,07 | -0,05 |
| Мизоҷ маблағи қарзро дарёфт кард | 0,59 | 0,45 | -0,14 |
| Ба мизоҷ шартҳои пешниҳодшуда маъқул нашуд | 0,10 | 0,10 | 0 |

* Сарчашма аз маълумотҳои Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии БМТ

Сабабҳои асосии рад намудани дархостҳои пешниҳодшуда барои гирифтани қарз дар таҷрибаи бонкҳои дигар кишварҳо дар ҷадвали 6 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 6.**

Сабабҳои асосии рад намудани дархостҳои пешниҳодгардида барои гирифтани қарз (таҷрибаи бонкҳои калонтарини Аврупо ва Ҳиндустон)

| **Аврупо** | **Ҳиндустон** |
|---|---|
| Рейтинги қарзӣ < 750$^{+}$ | Рейтинги қарзӣ <750$^{+}$ |
| Даромади ҳармоҳа; Таносуби ҳармоҳаи хароҷот ва даромадҳо камтар аз 40%. | Сарчашмаи даромадҳо |
| Таносуби доимии уҳдадориҳо ва даромадҳо (FOIR) | Таносубии қарз ва даромад |
| Касби корфармо, таҳкимии кор ва мавқеи ҷойгиршавӣ | Даромад, пардохпазирӣ, ҷой доштани хатти қарзӣ |
| | Гарав |

Таснифоти сабабҳои рад шудани дархостҳоро барои гирифтани қарз аз ҷониби ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таснифоти сабабҳои асосии рад намудани дархостҳои пешниҳодгардидаи бонкҳои калонтарини Аврупо ва Ҳиндустон муқоиса намуда, онро дарёфтем, ки байни онҳо тавофути на он қадар калон ҷой дорад. Дар таҷрибаи бонкҳои калонтарини ин кишварҳо пешниҳоди қарзи шахсӣ (инфиродӣ) асосан ба қарзгироне пешниҳод карда мешавад, ки онҳо таърихи пардохтии боэътимодро дошта, дар муҳлати муқарраргардида қарзи гирифтаро бар мегардонанд. Биноан рейтинги чунин шахсони қарзгир на камтар аз 750$^{+}$ балл (хол) –ро ташкил дода, барои гирифтани қарз имконияти афзалиятнокро доранд.

Ҳамин тариқ бояд гуфт, ки натиҷаи таҳлили қонеъгардонии дархостҳои пешниҳодшудаи мизоҷон барои гирифтани қарз ва аз рӯи сабабҳои радкунӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоисаи сабабҳои асосии рад намудани дархостҳои пешниҳодгардида ва дараҷаи қонеъгардонӣ бо таҷрибаи бонкҳои калонтарини дигар кишварҳо аз сабук будани шартҳои дастрасӣ ба қарзҳои ташкилотҳои қарзии кишвар шаҳодат медиҳад.

Ин водор ба он месозад, ки бонкҳои тиҷоратӣ шарти дастрасӣ ба қарзи истеъмолиро осон намуда, имконияти ҷалби зиёди муштариёнро ба бонк фароҳам оваранд.

**Адабиёт:**

1. Бараненков В.В., Телюкина М.В. К вопросу о правовом регулировании потребительского кредитования // Цивилист. – 2010. – № 4.
2. Голозубова Н.В. Потребительское кредитование и его роль в повышении благосостояния населения страны // Молодой ученый. — 2016. — №11. — С. 667-670. — URL https://moluch.ru/archive/115/30344/ (дата обращения: 09.11.2019).
3. Тагирбеков К.Р. Опыт развития технологии управления коммерческим банком.- М: « Финансы и статистика», 1996.
4. Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз. Душанбе: «Эр – граф», 2008. – 450 саҳ.
5. Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон: www.nbt.tj
6. Сомонаи расмии Бюрои қарзию иттилоотии Тоҷикистон: www.cibt.tj

# ОСОБЕННОСТИ ХИМИЧЕСКОГО СОСТАВА ШКУР ПАМИРСКОГО ЭКОТИПА ЯКОВ В ПОСТНАТАЛЬНОМ ОНТОГЕНЕЗЕ

**Мухиддинов А.Р., Камолов Н.Ш.**
**Худжандский политехнический институт Таджикского технического университета имени М.Осими**

Яководства для Республики Таджикистан считается одним из основных отраслей животноводства, так как, природно – климатические и пастбищно – кормовые условия высокогорья способствуют дальнейшему развитию данной отрасли.

Яки являясь исключительно пастбищными животными, способны обитать в суровых условиях гипоксии, свыше 2200 – 5200 м над уровнем моря. В этой связи специфичность природно – климатических условий и низкая урожайность пастбищ высокогорья для яков считаются специфичностью.

Дальнейшая развития яководства имеет огромное значение, прежде всего в обеспечении продовольственной безопасности страны. Данная проблема имеет первостепенное значение в целях практического выполнения программы снижения бедности, что является одним из основных задач увеличения производства мяса, молока и обеспечения населения в белках животного происхождения.

Об эффективности использования яков для производства мяса и молока имеются много публикаций. Также доказана перспективность яководства в высокогорных районах республики Таджикистана. Вместе с этим приходится признать слабую разработанность вопросов товарно - технологической ценности кожевенной продукции яков и ее свойства, в связи с экологическими особенностями их обитания в различных регионах республики. Эти особенности оказывают влияние на химический состав шкур яков и могут служить своеобразным тестом экологической благоприятности пастбищ верхнего горного пояса республики.

Следует, отметит, что шкуры животного отличается сложным химическим составом. В зависимости от вида животного, возраста, условий содержания химический состав шкуры может меняться, однако усредненные значения содержания основных компонентов такие: вода - 64 – 68%, сухое вещество – 32 – 36%. В свою очередь сухое вещество шкуры состоит из различных по своей сложности и свойствам органических и не органических веществ.

К органическим веществам шкуры относятся бельки, липиды (жировые вещества) и углеводы. Белковые компоненты представлены глобулярными (альбумины, глобулины) и фибриллярными (коллаген, ретикулин, эластин и кератин) соединениями, а также ферментами. На долю белковых веществ приходиться примерно 90 – 95% от массы сухого вещества шкуры. Липиды подразделяют на две группы – собственные жиры, а также воски и сложные соединение жиров с другими веществами. Количество липидов в шкурах колеблется в пределах в пределах 3 – 10%. Углеводы содержаться в шкуре в небольших количествах – 1,5 – 2%.

Минеральные вещества шкуры в основном представлены ионами натрия и калия, а также небольшими количествами ионов кальция, цинка и др. Содержание минеральных веществ не превышает 0,8% от массы сухого вещества шкуры. Все эти компоненты шкуры, так же как и вода, играют существенную роль в физиологических процессах, ответственны за

формирование различных морфологических структур, а также обуславливают наличие целого ряда ценных свойств шкуры.

Вот почему необходимо рассмотреть более подробно современные представления о химическом составе и свойствах основных составляющих показателей шкуры и их значение в процессах первичной обработки и дальнейшего производства.

С этой точки зрения нами была поставлена задача, изучит особенности химического состава парных шкур памирского экотипа яков горной зоны Северного Таджикистана (Айнинского и Горно – Матчинского районов).

Материалом для исследований служили парные шкуры яков 8 возрастных групп (от новорождённых до 8 лет). Для изучения особенности химических состава из каждой шкуры отбирали по три образца в трех топографических участок (вороток, стандартная точка или круп, пола). Для этого парные образцы лишали подкожного слоя, сбривали волосяной покров, фильтровальной бумагой снимали поверхностную влагу. Анализ химического состава шкур заключался в определении содержании влаги, гольевого вещества (белков), жиров и минеральных веществ (золы). Результаты исследования компоненты химического состава шкур памирского экотипа яков Айнинского районов указаны в таблице 1.

Как видно из таблицы 1 и 2 содержание воды с возрастом уменьшается во всех топографических точках шкуры. Общее уменьшение воды от рождения до 8 - летнего возраста составляет 12,4% для стандартной точки (крупа) и 9,8% для припольных участков. Так, начиная от рождения до 6-месячного возраста, в крупе шкуры яков уменьшение воды достигает 4,0%, а в припольных участках – 1,2%. Темп уменьшения составляет – 0,06 для крупа и 0,02 – для припольных участков. С 6 – месячного возраста до 3-летнего уменьшение воды в крупе – 8,78%, в припольных участках – 9,02%. Темп уменьшения для крупа – 0,15, для полов – 0,16. К 8 – летнему возрасту такой темп уменьшения воды в шкурах сохраняется.

Средневозрастное содержание воды в ячьих шкурах - 50,4%, что несколько выше (на 2,0 - 2,5%), чем в шкурах крупного рогатого скота (около 48% от массы шкуры).

При этом замечено, что во всех возрастных периодах в припольных участках в сравнении с крупом ячьей шкуры влаги меньше приблизительно на 0,5 - 3,0%.

Средневозрастное содержание жировых веществ в шкурах яков составляет – 1,6%. С возрастом содержание жира в шкурах несколько возрастает – на 0,2% от рождения до 6-месячного возраста, и от 6 - месяцев до 8 лет – 0,6% в крупе, 1,8% - в полах. Здесь с возрастом отмечается опережение накапливания жировых веществ в полах по сравнению с крупом. В целом жировых веществ в припольных участках ячих шкур больше приблизительно на 1,5 - 2,2%, чем в других топографических участках. Это может свидетельствовать о теплозащитной приспособленности животного к условиям обитания, когда приходится лежать прямо на снегу. Тем не менее, средневозрастное содержание жиров в ячих шкурах меньше, чем в шкурах крупного рогатого скота (у яков 1,6%, у крупного рогатого скота – 2,15%,), чего нельзя сказать о подкожно - жировой клетчатке.

Средневозрастное значение гольевого вещества (белок) в шкурах яков – 45,42%, что на 7,5 - 18,5% ниже, чем у крупного рогатого скота – 53 - 64%. С возрастом данный показатель увеличивается на 5,27% для припольных участков и на 8,32% для крупа, что говорит о нарастании в кожном покрове белковых веществ (в основном коллагена). Особенно заметно возрастание гольевого вещества у животных от рождения до 1,5 - годовалого возраста. Темп роста составляет - 0,15.

Компоненты химического состава шкур яков Горной Матчи указано в таблице 2.

**Таблица** 1.

| Возраст животного | Топограф. точка | Содержание компонента, % | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Вода | Гольевое вещество | Жировые вещества | Минер. вещества | Водовы мываемые |
| Н.рожд. | Пола | 55,44±0,04 | 42,43±0,04 | 0,52±0,30 | 1,22±0,12 | 0,41±0,34 |
| | Станд.точка | 55,86±0,05 | 41,97±0,07 | 0,46±0,28 | 1,23±0,13 | 0,58±0,34 |
| | Вороток | 55,73±0,05 | 42,16±0,07 | 0,43±0,69 | 1,24±0,12 | 0,44±0,27 |
| 3 мес. | Пола | 55,19±0,03 | 42,21±0,04 | 0,64±0,22 | 1,45±0,16 | 0,49±0,20 |
| | Станд.точка | 56,28±0,03 | 41,16±0,04 | 0,58±0,34 | 1,45±0,34 | 0,52±0,28 |
| | Вороток | 56,62±0,02 | 40,86±0,03 | 0,56±0,46 | 1,48±0,03 | 0,47±0,29 |
| 6 мес. | Пола | 55,20±0,03 | 41,32±0,03 | 1,06±0,243 | 1,97±0,09 | 0,44±0,25 |
| | Станд.точка | 55,87±0,04 | 40,82±0,04 | 0,88±0,20 | 1,98±0,22 | 0,53±0,28 |
| | Вороток | 56,08±0,02 | 40,32±0,04 | 0,94±0,13 | 2,23±0,9 | 0,41±0,22 |
| 1 год | Пола | 49.23±0,03 | 46.52±0,04 | 1,52±0,13 | 2,23±0,12 | 0,51±0,35 |
| | Станд.точка | 50,38±0,10 | 45,20±0,10 | 1,47±0,14 | 2,44±0,09 | 0,52±0,15 |
| | Вороток | 50,33±0,06 | 45,35±0,06 | 1,39±0,15 | 2,46±0,09 | 0,46±0,09 |
| 1,5 года | Пола | 46,52±0,04 | 48,76±0,04 | 1,74±0,24 | 2,43±0,18 | 0,56±0,44 |
| | Станд.точка | 48,60±0,06 | 46,80±0,07 | 1,63±0,15 | 2,50±0,09 | 0,44±0,20 |
| | Вороток | 47,50±0,07 | 47,93±0,05 | 1,65±0,11 | 2,53±0,12 | 0,44±0,20 |
| 3 года | Пола | 42,58±0,09 | 51,85±0,09 | 2,31±0,16 | 2,70±0,37 | 0,55±0,18 |
| | станд.точка | 43,68±0,05 | 50,,90±0,05 | 2,24±0,16 | 2,68±0,1 | 0,50±0,22 |
| | Вороток | 46,56±0,06 | 51,16 ±0,03 | 2,20±0,12 | 2,7 0±0,1 | 0,40±0,22 |
| 6 лет | Пола | 43,68±0,04 | 53,35±0,04 | 2,77±0,20 | 2,88±0,06 | 0,43±0,11 |
| | Станд.точка | 43,53±0,01 | 52,47±0,04 | 2,63±0,16 | 2,82±0,15 | 0,42±0,19 |
| | Вороток | 46,36±0,05 | 52,46±0,04 | 2,70±0,11 | 2,93±0,05 | 0,43±0,27 |
| 8 лет | Пола | 46,70±0,03 | 52,44±0,03 | 2,93±0,12 | 3.17±0,09 | 0,43±0,25 |
| | Станд.точка | 47,06±0,15 | 51,96±0,05 | 2,87±0,13 | 3,15±0,04 | 0,42±0,28 |
| | Вороток | 47,10±0,04 | 41,64±0,05 | 2,82±0,13 | 3.13±0,08 | 0,41±0,22 |

На основании исследований нами сделаны следующие **выводы:**

Содержание воды в ячьих шкурах с возрастом уменьшается во всех топографических точках. Общее уменьшение воды от рождения до 8 -летнего возраста составляет 12,4% для стандартной точки (крупа) и 9,8% для припольных участков.

В шкурах яка количество влаги на 2,0 - 2,5% больше, а гольевого вещества меньше на 7,0 - 18,5%), чем у шкур крупного рогатого скота. Это возможно, связано с созданием определенного запаса воды, т.н. «депо влаги» в шкуре животного.

Средневозрастное содержание жиров в ячих шкурах меньше, чем в шкурах крупного рогатого скота (у яков 1,6%, у крупного рогатого скота – 2 ,15%).

Во всех возрастных периодах в припольных участках шкуры яка влаги меньше, а жировых веществ больше приблизительно на 1,5 - 2,2%, чем в других топографических участках, что, по-видимому, является теплозащитным приспособлением животного к суровым условиям обитания.

Среднее значение содержания минеральных веществ в шкурах яка 2,32%, что на 0,2-0,3% ниже, чем у крупного рогатого скота (2,5%). Начиная от рождения до 8-летнего возраста количество минеральных веществ в шкурах возрастает на 2,17%.

**Таблица** 2.

| Возраст животного | Топограф. точка | Содержание компонента, % | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Вода | Гольевое вещество | Жировые вещества | Минер. вещества | Водовы мываемые |
| Н.рожд. | Пола | 55,44±0,04 | 42,43±0,04 | 0,52±0,30 | 1,22±0,12 | 0,41±0,34 |
| | Станд.точка | 55,86±0,05 | 41,97±0,07 | 0,46±0,28 | 1,23±0,13 | 0,58±0,34 |
| | Вороток | 55,73±0,05 | 42,16±0,07 | 0,43±0,69 | 1,24±0,12 | 0,44±0,27 |
| 3 мес. | Пола | 55,19±0,03 | 42,21±0,04 | 0,64±0,22 | 1,45±0,16 | 0,49±0,20 |
| | Станд.точка | 56,28±0,03 | 41,16±0,04 | 0,58±0,34 | 1,45±0,34 | 0,52±0,28 |
| | Вороток | 56,62±0,02 | 40,86±0,03 | 0,56±0,46 | 1,48±0,03 | 0,47±0,29 |
| 6 мес. | Пола | 55,20±0,03 | 41,32±0,03 | 1,06±0,243 | 1,97±0,09 | 0,44±0,25 |
| | Станд.точка | 55,87±0,04 | 40,82±0,04 | 0,88±0,20 | 1,98±0,22 | 0,53±0,28 |
| | Вороток | 56,08±0,02 | 40,32±0,04 | 0,94±0,13 | 2,23±0,9 | 0,41±0,22 |
| 1 год | Пола | 49.23±0,03 | 46.52±0,04 | 1,52±0,13 | 2,23±0,12 | 0,51±0,35 |
| | Станд.точка | 50,38±0,10 | 45,20±0,10 | 1,47±0,14 | 2,44±0,09 | 0,52±0,15 |
| | Вороток | 50,33±0,06 | 45,35±0,06 | 1,39±0,15 | 2,46±0,09 | 0,46±0,09 |
| 1,5 года | Пола | 46,52±0,04 | 48,76±0,04 | 1,74±0,24 | 2,43±0,18 | 0,56±0,44 |
| | Станд.точка | 48,60±0,06 | 46,80±0,07 | 1,63±0,15 | 2,50±0,09 | 0,44±0,20 |
| | Вороток | 47,50±0,07 | 47,93±0,05 | 1,65±0,11 | 2,53±0,12 | 0,44±0,20 |
| 3 года | Пола | 42,58±0,09 | 51,85±0,09 | 2,31±0,16 | 2,70±0,37 | 0,55±0,18 |
| | станд.точка | 43,68±0,05 | 50,,90±0,05 | 2,24±0,16 | 2,68±0,1 | 0,50±0,22 |
| | Вороток | 46,56±0,06 | 51,16 ±0,03 | 2,20±0,12 | 2,7 0±0,1 | 0,40±0,22 |
| 6 лет | Пола | 43,68±0,04 | 53,35±0,04 | 2,77±0,20 | 2,88±0,06 | 0,43±0,11 |
| | Станд.точка | 43,53±0,01 | 52,47±0,04 | 2,63±0,16 | 2,82±0,15 | 0,42±0,19 |
| | Вороток | 46,36±0,05 | 52,46±0,04 | 2,70±0,11 | 2,93±0,05 | 0,43±0,27 |
| 8 лет | Пола | 46,70±0,03 | 52,44±0,03 | 2,93±0,12 | 3.17±0,09 | 0,43±0,25 |
| | Станд.точка | 47,06±0,15 | 51,96±0,05 | 2,87±0,13 | 3,15±0,04 | 0,42±0,28 |
| | Вороток | 47,10±0,04 | 41,64±0,05 | 2,82±0,13 | 3.13±0,08 | 0,41±0,22 |

Следует отметить, что разница между двумя показателями температурой плавления подкожного и внутреннего жира большая - 9,2°С. Коэффициент рефракции подкожного и внутреннего жира яка в среднем составляет 1,4668 и соответственно. Обращает на себя внимание и йодное число, которое в подкожном жире составляет – 41,3, во внутренней - 28,6. Такое различие указывает на неодинаковое содержание насыщенных и ненасыщенных жирных кислот в подкожном и внутреннем жире яка. Кислотное число свежее вытопленного жира составляет соответственно - 0,46 и 0,48, что позволяет отнести жир яка к высшему сорту по данному показателю.

Физико-химические показатели подкожного и внутреннего жира памирского экотипа яков Айнинского района указано в таблице 3.

**Таблица** 3.

| Местонахождение жира | Температура плавления | Коэффициент рефракции | Кислотное число | Йодное число |
|---|---|---|---|---|
| Подкожный | 44,5-03 | 1, 4668-0,001 | 0,46 | 41,3 |
| Внутренний | 53,7-0,5 | 1,4679-0,002 | 0,43 | 28,6 |

Исследование жирно кислотного состава подкожного и внутреннего жира яка. Результаты исследования показали, что в жире яков обнаруживается 14 высших жирных кислот, с содержанием от 14 до 22 атомов углерода. Из них 6 кислот насыщенных, 4 - мононенасыщенных и 4 - полиненасыщенных жирных кислот. Причем, в зависимости от анатомического расположения жирового депо, соотношение насыщенных и ненасыщенных жирных кислот в них было различным.

В подкожном жире преобладает ненасыщенные жирные кислоты (53,77% среди которых преобладают мононенасыщанный 9,19%). Среди последних наибольший процент приходится на долю олеиновой кислоты, количество которой составляет более 40,2% от общего количества жирных кислот. Подкожный жир сравнительно беден по содержанию в нем полиненасыщенных жирных кислот (6.18%).

Векселеучетный кредит. В качестве обеспечения этого вида кредита используются векселя, которые принимаются к учету или к залогу. Учет векселей – это покупка их банком, в результате чего они полностью переходят в его распоряжение, а вместе с ними и право на требование платежа от векселедателей. Поскольку векселедержатель, предъявивший банку векселя к учету, получает немедленно по ним платеж, т.е. до истечения срока платежа по векселю, то для него фактически это означает получение кредита от банка. Поэтому учет векселей банками – один из способов предоставления ссуд. За такую операцию банк взимает процент, который называется учетным процентом, или дисконтом. Его величина определяется по договоренности с клиентом. Предъявленные к учету векселя должны иметь индоссамент, в результате которого банк становится индоссатом и владелец векселя – индоссантом. Учет векселей осуществляется на основе договора.

Векселедательский кредит. Суть подобного кредита состоит в том, что между банком и клиентом заключается кредитный договор, согласно которому клиент получает вместо денег простой дисконтный вексель. Номинальная стоимость векселей равна сумме вексельного кредита. Срок векселя превышает срок кредита. В зависимости от этого устанавливается процентная ставка по принципу: чем больше временной лаг от погашения кредита до погашения векселя, тем меньше процентная ставка. Владелец векселя рассчитывается им со своим контрагентом. Расчетный вексель используется вместо денег. При наступлении срока возврата вексельного кредита заемщик (первый держатель) перечисляет в банк соответствующую сумму, и банк по наступлении срока платежа по векселю погашает последний.

Банку выгодно выдавать кредит не деньгами, а расчетными векселями, так как не надо для этого привлекать реальные ресурсы в сумме выдаваемого кредита. Фактически банк должен только сформировать обязательный резерв под эмитирование векселя. Соответственно это выгодно заемщику так как ставка по вексельным кредитам значительно ниже денежных кредитов.

Кредит под поручительство третьих лиц. Эти кредиты выдаются банками заемщику, если поручитель является платежеспособным лицом, что устанавливается банком-кредитором на основании отчетности поручителя или другими источниками. Банк кредитор заключает с поручителем договор поручительства, в соответствии с которым последний обязуется полностью возместить неисполнение заемщиком обязательства.

Кредит под банковскую гарантию. Банк как юридическое лицо может выступать гарантом по кредитам, предоставляемым заемщикам другими коммерческими банками. Гарантия платежа является платной услугой. За выдачу банковской гарантии заемщик уплачивает банку вознаграждение, размер которого определяется степенью риска, длительностью срока предоставления гарантии, а также другими факторами.

Кредит под залог ценных бумаг. В обеспечение кредита в качестве объекта залога заемщиком могут быть представлены различного рода ценные бумаги: акции, облигации, краткосрочные казначейские обязательства, векселя, депозитные и сберегательные сертификаты. Причем к залогу принимаются как именные ценные бумаги, так и на

предъявителя. Эти кредиты банки предоставляют под залог как своих ценных бумаг, так и сторонних эмитентов.

В отечественном законодательстве ипотекой признается залог предприятия, строения, сооружения или иного объекта, непосредственно связанного с землей, вместе соответствующим земельным участком или права пользования им. Ипотека устанавливается на земельные участки, предприятия, здания, сооружения, жилые дома, квартиры, дачи, гаражи и другие объекты потребительского назначения. Предмет ипотеки должен принадлежать залогодателю на правах собственности. Договор ипотеки подлежит обязательному нотариальному удостоверению, и вступает в силу с момента его государственной регистрации. Для банка-кредитора это долгосрочное получение дохода на ссуженные деньги и их возвратность, гарантированная таким надежным обеспечением, как недвижимость. Для заемщика-залогодателя это возможность получить долгосрочный инвестиционный кредит для улучшения своих жилищных условий или на другие цели, связанные с развитием недвижимости. Особое значение приобрело ипотечное кредитование как источник инвестиций в решение жилищной проблемы в стране.

Потребительский кредит служит средством удовлетворения различных потребительских нужд населения. К потребительскому кредиту относятся: образовательный; корпоративный кредит; кредит на неотложные нужды; связанное кредитование.

Таким образом, в целом можно сказать, что активные операции банков представляют собой использование собственных и привлеченных (заемных) средств, осуществляемое банками в целях получения прибыли при одновременном соблюдении законодательных норм, поддержания необходимого уровня ликвидности и рациональном распределении рисков по отдельным видам операций. Необходимость соблюдения указанных требований вынуждает банки размещать часть средств во вложения, не приносящие дохода, либо приносящие его в крайне ограниченном размере (наличность в кассе, средства на счетах в Национальном банке Таджикистана и другие виды ликвидных активов). С другой стороны, потребности всестороннего обеспечения деятельности банка и ее дальнейшего развития обусловливают наличие в их активах таких статей, как банковские здания и оборудование, инвестиции в филиальные, ассоциированные и “дочерние” компании.

**Литература:**

1.Закон Республики Таджикистан «О банковской деятельности»// Ахбори Маджлиси Олии Чумхурии Точикистон. – Душанбе,2009.-№5 - С.42-70.

2. Банковская система в современной экономике: учебное пособие /Под ред. проф. О.И.Лаврушина. – М.: Кнорус, 2011. – 360с.

3. Жарковская Е.П. Банковское дело: учебник для студентов вузов, обучаюҳихся по спеҷиалӣности «Финансҷ и кредит» / Е.П.Жарковская. – 9-е изд.,перераб. – Москва : Издателӣство «Омега», 2016. – 526с.

4. www. nbt.tj

## МАФҲУМИ ТАВАРРУМ, САБАБҲО ВА ОМИЛҲОИ ПАЙДОИШИ ОН

**Ҳасанзода Ф.А., Досиев М.Н.**

**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Афзоиши нархҳо, ки ба зиёдшавии ҳаҷми пулу пастравии қобилияти харидории он, афзоиши арзиши аслии молҳою хизматрасонӣ ва омилҳои дигар асос меёбад, таваррум (инфлятсия) ном дорад.

Дар таърих мафҳуми таваррум ин ҳодисаи нав нест. Мафҳуми инфлятсия (аз калимаи лотинии inflatio - варам кардан, дам кардан ва арабишудаи он таваррум, ки дар адабиёти иқтисодии бо забони тоҷикӣ навишташуда ба ҷои калимаи инфлятсия истифода мешавад) бори аввал аз ҷониби иқтисоддони амрикоӣ А. Делмар истифода шудааст. Истилоҳи "инфлятсия" (таваррум) - ро барои ишора намудани раванди варамшавии муомилоти пулии коғазӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар давраи ҷанги шаҳрвандии солҳои 1861-1865, ки боиси зиёд шудани хароҷоти ҳарбӣ ва касри буҷет гардид, истифода намудаанд. Зарурати пӯшонидани касри буҷет ҳукуматро маҷбур намуд, то миқдори зиёди бонкнотаю пулҳои хазинадориро ба муомилот барорад ва азбаски ҳукумат гарави ба тангаҳои тиллоӣ иваз намудани онҳоро дода наметавонист ва билетҳои хазинадории ивазшаванда (грибенк) қурбаш дар соли 1864 то 60% поён рафта буд, ин амал боиси афзоиши нархҳо – таваррум гардид. Яъне таваррум ҳамчун ҳодисаи иқтисодӣ ҳангоми зиёд шудани пулҳои коғазии дар муомилот баровардашаванда, ки дар натиҷа қобилияти харидории он паст мешавад ва боиси афзоиши нархҳо мегардад, ба вуҷуд омадааст.

Сабаби пайдоиши мафҳуми таваррум боварии ҳама ба асоси пулӣ доштани афзоиши нархҳо буд. Гумон мерафт, ки танҳо зиёд шудани ҳаҷми пул дар муомилот ё ба таври дигар, варам кардани муомилоти пулӣ боиси афзоиши нархҳо мегардад. Аммо баъдан маълум шуд, ки зиёдшавии ҳаҷми пул заминаи ягонаи афзоиши нархҳо набудааст.

Мафҳуми таваррум, одатан, дар иқтисодиёт ба маънои афзоишёбии устувори сатҳи умумии нархи молҳо ва хизматҳо фаҳмида мешавад. Ба ақидаи иқтисодчиёни муосир бошад, «таварруми муосир – ин дисбаланси талабот ва пешниҳод, инчунин дигар тавозунҳои хоҷагии миллӣ мебошад, ки дар афзоиши сатҳи нархҳо ифода меёбад» [1]. Аз ин ду тарзи маънидодкунии мафҳуми таваррум маълум мешавад, ки хусусияти асосии он ин афзоишёбии сатҳи умумии нархҳо мебошад. Дар айни замон ҳам баъзе иқтисоддонҳо ҳамин ақидаро тарафдорӣ менамоянд. Лекин гуфтан бамаврид аст, ки дар маънидод намудани мафҳуми таваррум бисёре аз иқтисодчиён фаҳмишҳои гуногун доранд. Чепурина М. Н. ва Киселева Е. А. чунин ақида доранд: «На ҳама зиёдшавии нархҳо таваррум аст...» [4].

Баръакси ин фикрро бошад, Сажина М. А. ва Чибриков Г. Г. пешниҳод намудаанд: «Ҳамаи зиёдшавии нархҳо маънои таваррумро дорад» [3].

Лекин бояд гуфт, ки на ҳама ҳолатҳои зиёдшавии нархи маҳсулот бо таваррум вобастагӣ доранд, зеро ин ҳодиса аз сабаби баландшавии сифати маҳсулот ва дигар омилҳои ба нархи он таъсиркунанда мумкин аст, ба вуҷуд омада бошад. Раванди таваррум бо чунин афзоишёбиҳои нархҳо алоқаманд аст, ки бо афзоиши хароҷоти истеҳсолӣ алоқамандӣ надоранд. Дар натиҷаи номӯътадилии макроиқтисодӣ, ки дар натиҷаи он маҷмӯи талабот аз маҷмӯи пешниҳод зиёд мебошад, таваррум ба вуҷуд меояд. Яъне таваррум ҳамчун шакли вайроншавии қонунҳои муомилоти пулӣ, вайроншавии мувозинатии макроиқтисодиро дорад, яъне номувозинат (дисбаланс) – и талабот ва пешниҳод бигӯем ҳам, хато намекунем.

Таваррум ҳамчун яке аз падидаҳои иқтисодӣ дорои якчанд нишондиҳандаҳое мебошад:

- суръати афзоиши нархҳо;
- пастшавии қобилияти харидории воҳиди пулӣ;
- тағйирёбии қурби асъор;
- тағйирёбии шароити пешкаш намудани қарзҳо;
- сатҳи фарқи афзоиши нархҳо барои гурӯҳҳои гуногуни молҳо (таносубии афзоиши нархҳо барои молҳои гуногун) ;
- афзоиши арзиши сабати истеъмолии молҳои аввалинсатҳ;
- таварруми пешбинишаванда ва пешгӯишаванда.

Ҳангоми мубориза бо таваррум як вақти аниқи пурра танзимнамоии онро гуфтан ғайриимкон аст, зеро таваррум ҳамасола дар иқтисодиёти ҳар давлат дида мешавад ва танҳо бо сиёсати зиддитаваррумии қабулнамудаи давлат онро танзим намудан мумкин аст.

Дар давраҳои аввали пайдоиши таваррум ҳама бовар доштанд, ки сабаби асосии пайдоиши таваррум зиёдшавии ҳаҷми пул дар муомилот аст, вале дар миёнаҳои асри XX баъди хусусияти доимӣ гирифтани таваррум иқтисоддонон ба хулосае омаданд, ки омилҳои дигари афзоиши нархҳо низ мавҷуданд.

Омилҳои пайдоиши таваррум аз инҳо иборатанд:

- тағйирёбии номунтазами нархи молҳо ва хизматрасонӣ, ки боиси паст шудани қобилияти харидории пул мегардад;
- паст шудани қурби пули миллӣ нисбати асъори хориҷӣ;
- тағйироти нархи тилло ва ғайра.

Тибқи андешаи баъзе аз иқтисоддонон сабаби асосии пайдоиш ва авҷ гирифтани таваррум аз байн рафтани низоми стандарти тиллоӣ мебошад. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки намояндагони мактаби классикии иқтисоди сиёсӣ, махсусан К. Маркс сабаби ба вуҷуд омадани таваррумро дар қонуниятҳои ташаккул ва заволи муомилоти пул ва вазифаҳои он ҷустуҷӯ менамоянд. Тибқи ақидаи К. Маркс таносуби аломати арзиш, новобаста аз шакли пешниҳод (пулҳои коғазин ё худ металҳои худ сохти қалбакии тилло ва нуқра), ки миқдори муайяни вазни тилло ва нуқраро иваз мекунад, на аз рӯйи маводе, ки онҳо сохта мешаванд, балки аз миқдори он тамғаҳое, ки дар муомилот ҳастанд, вобаста мебошад.

Сабабҳои асосии пайдоиши таваррум ҳам дар соҳаи муомилот ва ҳам дар соҳаи истеҳсолот гуногунанд ва аксаран ба муносибатҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ дар мамлакат вобастагии зиёд доранд. Дар адабиёти иқтисодӣ сабабҳои пайдоиши таваррумро ба ду гурӯҳ ҷудо намудаанд:

а) дохилӣ;
б) берунӣ.

Сабабҳои дохилии пайдоиши таваррум дар навбати худ аз заминаҳои монетарӣ (вобаста ба ташкили муомилоти пулӣ) ва ғайримонетарӣ иборатанд.

Барои омӯзиши таъсири заминаҳои монетарӣ ба таваррум моро зарур аст, ки ба қонуни муомилоти пулӣ рӯй оварда, дар асоси он сатҳи нархҳо ва омилҳои ба он таъсиррасонандаро муайян намоем [5].

$$Н = Мп \times Сгп / Мм$$

Аз формулаи болоӣ бармеояд, ки агар ҳаҷми пул (Мп) вобаста ба суръати гардиши он (Сгп) аз талаботи муомилоти молӣ (Мм) зиёд бошад, он гоҳ он боиси афзоиши нархҳо (Н)

мегардад. Ҳамин тавр заминаҳои монетарӣ: ҳаҷм ё миқдори пул (Мп) ва суръати гардиши пул (Сгп) дар ҳолати зиёд шудан боиси таваррум мегардад. Бояд ба инобат гирифт, ки баланд шудани суръати гардиши пул (Сгп) маънои зиёд шудани ҳаҷми пулро дорад.

Дар мамлакатҳои иқтисодиёташон сусттараққикардаю сиёсати пулиашон ноустувор пайдоиши таварруми ночиз (1 - 2 фоиз) метавонад боиси дар муддати кӯтоҳ боло рафтани он гардад, ҳол он ки дар иқтисодиёти имрӯзаи мамлакатҳои пешрафта таваррум дар сатҳи 1 - 2 фоиз хусусияти доимӣ дорад. Сабаб дар он аст, ки мардуми мамлакатҳои қафомонда ба сиёсати иқтисодӣ ва имкониятҳои ҳукумати давлаташон оид ба пешгирии афзоиши нархҳо боварии пурра надоранд.

Бинобар ин ҳангоми афзоиши нархҳо мардум ҳар чӣ тезтар маблағи доштаашонро барои хариди молҳо, хусусан амвол сарф мекунанд, ки он боиси зиёд шудани ҳаҷми пул дар муомилоту афзоиши нархҳо мегардад. Мардум аз тарси беқурбшавӣ амонатҳояшонро аз бонкҳои тиҷоратӣ гирифта, барои хариди мол сарф карданӣ мешаванд, лекин бонкҳо амонатҳоро дарҳол баргардонида наметавонанд, зеро онҳоро ба қарз доданд. Ин амал нобоварии мардумро нисбати сиёсати иқтисодии ҳукумати кишвар дучанд мекунад. Дар аксари ҳолатҳо ҳукуматдорон барои қонеъ гардонидани талаботи мардум ба бонки марказӣ дастур медиҳанд, ки ба бонкҳо аз ҳисоби эмисияи пул қарз диҳад, ки ин амал низ боиси боз ҳам зиёд шудани ҳаҷми пул ва афзоиши суръати афзоиши нархҳо мегардад.

Мувофиқи ақидаи пешниҳод намудаи марксистон бо назардошти формулаи миқдори пулҳои барои муомилот зарур буда, таваррум пеш аз ҳама ҳамчун барзиёдии воситаҳои пардохт, афзоиши миқдори пулҳо нисбат ба ҳаҷми нархҳои молҳо ба миён меояд: [5].

$$\text{МП} = \frac{\text{ҶН} - \text{Қ} + \text{П} + \text{ПД}}{\text{Г}}$$

ки дар ин ҷо:

МП – миқдори пулҳои барои муомилот зарур буда;
ҶН – ҷамъи нархҳои молҳои фурӯхташуда;
Қ – молҳои ба қарз фурӯхташуда;
П – пардохтҳое, ки муҳлати рӯйпӯшкунии онҳо расидааст;
ПД – пардохтҳои мувозинати ҳамдигарӣ (взаимопогашение);
Г – суръати гардиши пулҳо.

Ҳангоми дар муомилот зиёд шудани пул, қабл аз ҳама, нархи молҳои истеъмолии сатҳи аввал баланд гардида, баъдан имкон дорад нархи молҳо баланд гардад. Аз баланд шудани нархҳо асосан истеъмолкунандагон зарар мебинанд.

Ҳамин тавр, ҳар як давлат бо дигар давлатҳо муносибатҳои зичи молию пулӣ дорад, дар баробари сабабҳои дохилии пайдоиши таваррум дар мамлакат, сабабҳои берунии таваррум низ мавҷуданд.

Хулоса, дар натиҷаи номуътадилии макроиқтисодӣ, ки дар натиҷаи он маҷмӯи талабот аз маҷмӯи пешниҳод зиёд мебошад, таваррум ба вуҷуд меояд. Яъне, таваррум ҳамчун шакли вайроншавии қонунҳои муомилоти пулӣ, вайроншавии мувозинатии макроиқтисодиро дорад, яъне, номувозинат (дисбаланс) – и талабот ва пешниҳод бигӯем ҳам, хато намекунем.

Таварруми имрӯза натанҳо ба қобилияти харидории худро гум намудани пул дар натиҷаи афзоиши нархҳо, балки ба ҳолати номусоид ба тараққиёти иқтисодии мамлакат низ вобастагӣ дорад. Таваррум бештар дар натиҷаи тазодҳои раванди истеҳсолот, ки бо омилҳои

зиёд дар соҳаҳои истеҳсолот, муомилоти мол, инчунин муомилоти пулӣ, қарз ва молия ба вуҷуд меоянд, алоқамандии зич дорад. Таваррум таъсири худро дар замони муосир ба иқтисодиёти ҳар як давлат мерасонад ва ҳама сола нишондиҳандаҳои он гуногун мебошанд. Вобаста аз сиёсати зиддитаваррумии давлат таваррум метавонад дар як сатҳи муайян нигоҳ дошта шавад ё ҳамасола зиёд бишавад. Ҳар як давлате, ки иқтисодиёташ дар ҳолати гузариш қарор дорад, дар назди онҳо яке аз масъалаҳои мураккаб пеш меоянд, яъне чӣ гуна тадбирҳоро нисбати устувории қурби асъори миллӣ андешидан лозим аст. Ин пеш аз ҳама ҳадди ақал кам кардани касри буҷет ва боло бурдани сатҳи истеҳсолотро дар назар дорад, ки ин зарурати истифодаи қарзҳои давлатиро пеш меоварад.

Таҷрибаи кишварҳои хориҷа як чизро нишон медиҳад: мубориза бар зидди таваррум дар кишварҳои гуногун, бо рушди гуногуни иқтисодиёт ва дигар шартҳои иқтисодӣ, бояд бо роҳҳои гуногун амалӣ карда шаванд ва истифодаи усулҳои монетаристӣ кофӣ нест. Беҳтарин ҳисобида мешавад барномаҳои омехта, ки дар он як ё якчанд тадбирҳои якҷоя бошанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз он ки ба иқтисодиёти бозаргонӣ гузашт, ҳамаи кӯшишҳои худро барои пурра коркард кардани сиёсати зиддитаварруми амалӣ мекунад ва барои дар сатҳи муайян нигоҳдории таваррум дар давлат чорабиниҳои лозима андешида мешаванд.

**Адабиёт:**


1. Гукасьян Г. М. Экономическая теория: ключевые вопросы. – М.: Инфра – М., 1998 г., саҳ. 175.2.
2. Раҳимов Р. К. Назарияи иқтисодӣ. Конспекти лексияҳо. – Душанбе: ДТТ, саҳ. 471.
3. Сажина М. А., Чибриков Г. Г. Основы экономической теории. М.: Экономика, 1995 г., с. 241.
4. Чепурина М. Н., Киселевой Е. А. Киров, Курс экономической теории. Учебное пособие под редакцией. 1994. - С. 424.
5. Шариф Раҳимзода**.** Муомилоти пулӣ ва қарз. - Душанбе: ЭР-граф, 2008. -180 с.


## ТАҶДИДИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ - ЗАМИНАИ АСОСӢ БАРОИ АМАЛИГАРДИИ ҲАДАФИ ЧОРУМИ МИЛЛӢ (ДАР МИСОЛИ ШАҲРИ ИСФАРАИ ВИЛОЯТИ СУҒД)


**Шаропова Н. Ҳ.**

**Филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара**


Мукаммалгардонии фаъолияти соҳаҳои иқтисодӣ, таҷдиди корхонаҳои истеҳсолӣ бо усули истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар амалигардонии ҳадафи чоруми стратегии кишвар ба ҳисоб меравад. Ҳар як ҷараёни таҷдид аз маҷмӯи тағйиротҳои технологӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маданӣ ва сиёсӣ иборат мебошад.[46]

Ҷараёни таҷдид, аз маҷмӯи унсурҳо ба монанди ҷорикунии технологияҳои муосир, ворид намудани тағйирот ба сохтори соҳаҳои иқтисодиёт ва гузариш ба роҳи инноватсионӣ мебошад. Ба ақидаи Е.Г. Ясин, равандҳои таҷдиди соҳаҳои иқтисодӣ бояд

[46] Шимов В.Н., Крюков Л.М. Модернизация национальной экономики – императив времени. // Белорусский экономический журнал. 2013. № 2 С. 18-42. С. 23.

аз чунин унсурҳо иборат бошад: 1) Истеҳсол ва коркарди маҳсулот то давраи ниҳоӣ бо истифода аз технологияҳои муосир; 2) Таъмини корхонаҳои истеҳсолӣ бо таҷҳизоту технологияҳои муосири ҳосилнокиаш баланд; 3) Омода кардани мутахассисони ҷавобгӯй ба талаботи замони муосир; 4) Мунтазам ворид намудани инноватсияҳо ба соҳаҳои иқтисодиёт.[47]

Таҷриба нишон медиҳад, ки амалигардонии чорабиниҳо оид ба таҷдиди соҳаҳои иқтисодии минтақа дар ҳолати ҷалби якҷояи захираҳои худӣ имконпазир аст. Мувофиқи ақидаи иқтисоддони рус Шурубович А. ҷараёни таҷдидро аз дигар равандҳои иқтисодӣ афзалтар меҳисобад, чунки таъсири онҳо ба рушди соҳаҳои иқтисодии минтақа назаррас аст.[48]

Дигар намуди таҷдид ин ҷорӣ намудани навовариҳову ихтироъкориҳо мебошад. Стратегияи инноватсионии ислоҳоти иқтисодиёт ин на танҳо таъмин намудан бо технологияҳои нав, балки ташкили корхонаҳои нав низ ба ҳисоб меравад. Ин гуна корхонаҳо дар асоси таҷдиди пояҳои истеҳсолию техникӣ, комёбиҳои илмию техникӣ ва оқилона истифадабарии захираҳои иқтисодӣ дараҷаи рақобатпазириро ба даст меоранд.

Аксарияти мамлакатҳои ҷаҳон рақобатпазирии худро аз ҳисоби тараққӣ додани иқтидори илмию техникӣ таъмин менамоянд. Масалан, агар дар мамлакатҳои пешрафтаи саноатӣ вазни хоси бахши хусусӣ дар инноватсияҳои умумии соҳаи илм аз 60 то 80% - ро ташкил диҳад, ин нишондиҳанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ 1,9% - ро ташкил медиҳад.[49] Талафоти зиёди фоида аз ҳисоби ниҳоят суст истифода шудани дастовардҳои илмӣ дар истеҳсолот бо мақсади тиҷоратӣ ба назар мерасад. Ба ин хотир, бояд дар кишвар ҳамбастагии илм бо истеҳсолот ҷорӣ карда шавад. Барои таҷдиди соҳаҳои илми кишвар сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ бо мақсади такмил додани дониш ва баланд бардоштани сатҳи касбият зарур аст.

Таҷриба нишон медиҳад, ки дар мамлакатҳои тараққикарда корхонаҳои хурд ба рушди минтақаҳои аз ҷиҳати саноат қафомонда мусоидат намуда, дар сиёсати минтақавии онҳо нақши муҳимро мебозанд. Онҳо бо мақсади коркарди захираҳои маҳаллӣ ва бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолии минтақа мусоидат менамоянд.

Дар давраи тадқиқот ҳиссаи машғулбудагон дар аҳолии қобили меҳнати шаҳр 19 %-ро ташкил медиҳад, яъне сатҳи бекории доимӣ хело баланд буда, ин аз набудани ҷойҳои кории холӣ шаҳодат медиҳад.

Маълумоти ҳисобӣ оид ба шумораи кормандони соҳаи истеҳсолӣ аз рӯйи намудҳои асосии фаъолияти иқтисодӣ дар шаҳри Исфараи вилояти Суғд дар ҷадвали 31 оварда шудаанд.

Чи тавре ки аз маълумоти ҷадвали 31 дида мешавад, шумораи кормандон дар соҳаи кишоварзӣ нисбат ба дигар соҳаҳо зиёдтар ба назар мерасад. Агар дар соли 2015 15,2%-и кормандон дар соҳаи саноат фаъолият дошта бошанд, пас ин нишондиҳанда дар соли 2019 ба 22,1% расидааст, яъне дар соли 2019 нисбат ба соли 2015 миқдори кормандони соҳаи саноат ба 6,9% зиёд гардидаасту халос. Аз сабаби набудани заминаҳои мусоид оид ба ташкили корхонаҳои нав, шумораи ками

[47] Ясин Е.Г. Модернизация российской экономики: что в повестке дня. // Общество и экономика. – 2001. №3-4. С. 5-29.
[48] Шурубович А. Модернизация экономики в странах СНГ: типы, ресурсы, инструменты. // Экономическое обозрение ЕврАзЭС. – 2008. №1 (13). С. 4-8.
[49] Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон. //www.medf.tj
[Санаи воридшавӣ: 15.05.2020]

шаҳрвандон дар корхонаҳои саноатӣ шуғли доимии худро пайдо намудаанд. Имрӯзҳо дар шаҳри Исфара зиёда аз 18 корхонаҳои хурди коркарди меваи хушк мавҷуд аст, ки аксарияти онҳо бо хушконидан, андозакунӣ, буридан ва бандубасти меваҳои хушк машғул ҳастанд.

**Ҷадвали 1.**

Шумораи кормандони соҳаҳои истеҳсолӣ ба ҳисоби фоиз дар шаҳри Исфараи вилояти Суғд

| Шумораи кормандон дар соҳаҳои истеҳсолӣ | солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
| Саноат | 15,6 | 13,7 | 14,4 | 14,7 | 22,1 |
| Кишоварзӣ | 52,8 | 29,1 | 26,2 | 25,2 | 24,7 |
| Сохтмон | 2,9 | 1,8 | 2,2 | 2,1 | 1,8 |
| Савдои яклухт ва чакана | 2,1 | 1,3 | 1,5 | 1,8 | 2,0 |
| Нақлиёт ва алоқа | 2,2 | 1,3 | 1,4 | 1,2 | 1,1 |
| Дигар намудҳои фаъолият | 8,0 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 |
| Ҳамагӣ | 86,6 | 47,3 | 45,8 | 45,1 | 44,8 |

***Манбаъ:*** таҳия ва коркарди муаллиф тибқи раёсати омори шаҳри Исфараи сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд**,** 2020. – С.38;

Аз чумла аз чониби корхонаҳои муштараки «Баракат-Исфара», ки бо сармоягузории соҳибкорони русу-точик таъсис дода шудааст, корхонаҳои «Исфарафуд», «Неъматҳои Исфара», «Исфогрупп», «Таджфрукт», «Кадр», «Саодат» ва гайра зиёда аз 20 - 25 намуди маҳсулоти меваи муосир босифат коркард ва бо истифода аз технолонияи нав банду баст намуда, маҳсулоти тайёрро дар қуттиҳои андозаашон гуногун ва барои ҳамлу нақл мувофиқ ба Ҷумҳуриҳои Русия, Белорусия, Қазоқистон ва давлатҳои дигар ба фурӯш баровардаанд. Агар соли 2014 аз шаҳри Исфара зиёда аз 55 ҳазор тонна меваи хушк ба хоричи мамлакат содир гардида бошад, зиёда аз 20 ҳазор тоннаи он коркард ва бандубаст гардида, баъдан ба хорича интиқол дода шудааст. Имрӯзҳо бошад, зиёда аз 100 ҳазор тоннаҳо меваи хушк ба хоричи кишвар содир карда мешавад, аммо қисми он бе коркард интиқол дода мешавад.

Хуб мешуд, барои истифодаи самарноки захираҳои меҳнатӣ ва ҳам захираҳои табиӣ дар ин корхонаҳо бо истифода аз техналогияҳои муосир истеҳсоли конфетҳои шоколадӣ, аз навъҳои гуногуни меваҳои хушк истеҳсоли мураббо ва шарбатҳои аз лиҳози экологӣ тозаро ба роҳ монанд. Нақши хушкмева дар иқтисодиёти шаҳри Исфара фоидаовар буда, барои рушд ва тараққӣ додани он роҳбарияти корхонаҳо ва ҳукумати шаҳри Исфара, аҳамияти махсус зоҳир намоянд. Чунин муносибат ба соҳа метавонад барои пешрафт таккони чиддӣ диҳад.

Дар шароити имрӯза иқтидори истеҳсолии минтақа аз сиёсати саноатии он вобастагии калон дорад. Аз ин лиҳоз, дар шаҳри Исфара таҷдиди корхонаҳои аз кор монда, ба монанди ҶСК “Тамохуш”, ҶСК “Ангишт”, ҶДММ “Петролеум Суғд”, ҶСК “Заводи кимиё” ва ғайраҳо зарур мебошад. Масалан, дар ҶСШК «Ангишт» ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ сол аз сол афзоиш ёфта, соли 2019 қариб 4 дарсади маҳсулоти саноатии шаҳрро ташкил дод (3771 ҳазор сомонӣ). Истихроҷи ангишт дар кони Шӯроб аз 28,1 ҳазор тоннаи соли 2008 ба 32,2 ҳазор

тонна дар соли 2019 расонида шуд. Аммо дар қиёс ба соли 1990 дар кони ангишти Шӯроб 14 маротиба кам шудааст (аз 428,6 ҳазор тонна то 32,2 ҳазор тонна). Сабаби кам шудани истихроҷи ангишт пеш аз ҳама пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, канда шудани муносибатҳои иқтисодӣ, мавҷуд набудани пойгоҳи маҳаллии таъминкунандаи маҳсулоти ёрирасон, таҷҳизоти зарурии коркарду истихроҷ ва фарсуда шудани техникаҳои мавҷуда аст.

Сабаби дигари кам шудани истихроҷи ангишт дар кони Шӯроб бо усули зеризаминӣ коркард намудани он мебошад (аз 332 м чуқурӣ), ки ин хароҷоти зиёди доимиро новобаста бо истихроҷи ангишт (кашонидани обҳои зеризаминӣ, нигоҳдории иншоотҳои зеризаминӣ, корҳои тайёрӣ- нақбканӣ ва ғ.) ба вуҷуд оварда, арзиши онро дар қиёс ба дигар конҳои дар ҷумҳурӣ буда, ба маротиб зиёд мегардонад. Ин хароҷот ба арзиши аслии ангишт таъсири манфӣ расонида, ба пастшавии вазъи молиявии корхона мусоидат менамояд ва корхона дар як вақт уҳдадориҳои молиявии худро пардохт карда наметавонад. Аз ҷумла соли 2010 корхона аз истихроҷи ҳар як тонна ангишт 40,7 сомонӣ, дар маҷмӯъ 743,5 ҳазор сомонӣ зарар дида, ҳамагӣ 300 ҳазор сомонӣ дотатсия гирифтааст. Сол аз сол зиёд шудани қарзи корхона боиси рушд наёфтани он гардидааст. Дар воқеъ, корхона 5,3 млн. сомонӣ қарздор мебошад, ки аз ин 4,1 млн. сомонӣ аз буҷет, 1 млн сомонӣ аз истифодаи барқ ва 178,0 ҳазор сомонӣ дигар қарзҳо мебошанд. Дар ҳолати дастгирии давлатӣ ба маблағи 14,7 млн. сомонӣ корхона дар муддати 3 сол метавонад истихроҷи ангиштро то ба 50 ҳазор тонна расонад. Дар сурати ҷалби инвеститсияҳои хориҷӣ барои бунёди нерӯгоҳи барқии ҳароратӣ, истихроҷи солонаи ангиштро то ба 300 ҳазор тонна расонидан имконият аст.

Омилҳои дигари паст шудани даромаднокии корхонаҳо ин бад шудани инфрасохтори мавҷуда, истифодаи таҷҳизоти куҳна, истифода набурдани усулҳои нави менеҷмент ва маркетинг дар корхонаҳо, набудани инвеститсияи дохилию берунӣ дар рушди соҳа, нокифоягии дастгирии давлатӣ ва баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ аст.

Ҳамзамон дар заминаи ангишти кони Шӯроб бунёди Маркази барқии ҳароратӣ (МБҲ) ба мақсад мувофиқ аст. Дар ҳолати бунёди МБҲ ва эҳёи сехҳои таназзулёфта (коркарди маҳсулот ва зарфҳои алюминӣ) имконияти зиёд шудани маҳсулоти содиротӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ ба вуҷуд меояд, ки ин метавонад рушди иқтисодиёти шаҳрро таъмин намояд.

Таҳлили муқосисавӣ нишон медиҳад, ки дар минтақаҳои кишвар аз ҷумла дар шаҳри Исфара пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ таҷдиди технологии соҳаҳои иқтисодиёт гузаронида нашуда, аз рӯйи маълумоти расмии оморӣ ҷараёни қафомонӣ ба назар мерасад. Сохтори дигар, ки тавассути он давлат метавонад ба идоракунии таъмини сармоягузории фаъолияти инноватсионии корхонаву ташкилотҳо саҳмгузор бошад, ин сохтори такрористеҳсолии маблағгузориҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Сохтори такрористеҳсолии маблағгузориҳои асосӣ ин тақсим ва таносуби маблағҳои гузошташуда аз рӯйи шакли такрористеҳсоли фондҳои асосӣ, истеҳсолӣ дар арзиши умумии сметави мебошад, ки бо фоиз ифода меёбад. Яъне сохтори такрористеҳсолии маблағгузориҳои асосӣ барои азнавбарқароркунӣ, таҷдид, васеъкунии истеҳсолоти мавҷуда ва сохтмони объектҳои нави истеҳсолӣ равона карда шудаанд. Маълумоти ҷадвали 32 оид ба сохтори маблағгузориҳо ба сармояи аосӣ доир ба объектҳои таъиноти истеҳсолӣ

нишон медиҳад, ки дар давраи мушоҳидашаванда дар шаҳри Исфара фақат сохтмони нав афзоиш ёфта истодааст.

**Ҷадвали 2.**

Сохтори такрористеҳсолии маблағгузориҳои асосӣ дар иқтисодиёти шаҳри Исфара (бо ифодаи фоиз)

| Нишондиҳанда | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
| Сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ, ҳамагӣ | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| Аз ҷумла: -таҷдид (азнавтаҷҳизонӣ) | **24** | **26,2** | **25** | **22** | **21,6** | **23,2** |
| -васеъкунӣ | **3,0** | **5,3** | **2,0** | **2,0** | **1,0** | **2** |
| -сохтмони нав | **56,3** | **56,5** | **63** | **61** | **69** | **62,6** |
| - азнавбарқароркунӣ | **16,7** | **12** | **10** | **15** | **9** | **12,2** |

Сарчашма: ҳисоботи сохтмон дар шаҳри Исфара ва маълумоти раёсати омори шаҳри Исфара, 2019. С. 56-58.

Аз таҳлили маълумоти ҷадвал бармеояд, ки дар иқтисодиёти шаҳри Исфара дар солҳои таҳлилшуда ҳиссаи сармоягузориҳо ба сохтмони нав бартарӣ доранд ва дар се соли охир ба ҳисоби миёна зиёда аз 62% - ро ташкил медиҳад. Аммо ҳиссаи сармоягузориҳо барои таҷдиди корхонаҳои амалкунанда дар ҳамин фосилаи вақт зиёда аз 22% - ро ташкил медиҳад. Қобили қайд аст, ки дар иқтисодиёти мамолики рушдкарда дар сохтор ҳиссаи сармоягузориҳо барои таҷдиди корхонаҳои амалкунанда тамоюл ба афзоиш доранд. Зеро ин маънои иқтисодиётро бо техникаву таҷҳизоти замонавӣ ва пешрафтаву инноватсионӣ таъмин карданро дорад. Яке аз самтҳои амалишавии инноватсияҳо дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ ин навгониҳо дар муҷаҳҳазгардонии техникаву таҷҳизоти корхонаҳо маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, таҳлили маълумоти ҷадвали мазкур дар доираи соҳаҳо ва корхонаҳо ба мақомоти масъул ва роҳбарони онҳо имкон медиҳад, ки хулосаву натиҷаи ин сохтори сармоягузориҳоро ба мақсади идоракуниии таъмини сармоягузории азнавтаҷҳизонӣ истифода намоянд.

Яке аз омилҳои барқарорсозӣ ва азнавсозии саноат дар шаҳри Исфара ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти ба рақобат тобовар бо технологияҳои инноватсионӣ дар заминаи ашёи хоми маҳаллӣ мебошад. Соҳаи саноати Исфара потенсиали калони истеҳсолӣ буда, аз ҷумла барои истеҳсоли ангиштсангу нафт, масолеҳи сохтмон, маҳсулоти саноати кимёю металлургияи ранга, маводи хӯрока ва консерваҳои мевагию сабзавотӣ имконияти хуб дорад. Дар ояндаи наздик истифодаи пурраи иқтидорҳои мавҷуда ва тағйир додани сохтори истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ, ташкили корхонаҳои хурду миёнаи нав, хусусан корхонаҳои маҳсулоти бинокорӣ, коркарди пурраи маҳсулоти кишоварзӣ ва дигар корхонаҳо бо ашёи хоми маҳали кор кунанда, имкон медиҳад, ки Исфара боз ба яке аз шаҳрҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил гардад.

Барои ҳалли ин масъала тавоноии иқтидорҳои корхонаҳои истеҳсолиро муайян карда, барномаи таҷдид ва модернизатсияи ин корхонаҳоро тартиб дод ва он самтҳоро интихоб кард, ки маҳсулоти рақобатпазир баровarда тавонанд. Дар натиҷаи гузаронидани инвентаризатсия муайян кард, ки кадом корхона кадом

намуди маҳсулоти рақобатпазирро бароварда метавонад. Вобаста аз барориши намуди маҳсулоти рақобатпазир ин ё он корхона бояд аз тарафи давлат дастгирӣ ёбад. Дастгирии давлатии корхонаҳои истеҳсолӣ омили маънавии соҳибкорон шуда метавонад.

**Адабиёт**:


1. Барномаи рушди иқтисодӣ иҷтимоии шаҳри Исфара. – Исфара; Мақомоти иҷроияи Ҳукумати давлатӣ дар ш. Исфара, 2017. – С.11.
2. Барномаи рушди иқтисодӣ иҷтимоии шаҳри Исфара. – Исфара; Мақомоти иҷроияи Ҳукумати давлатӣ дар ш. Исфара, 2017. – С.17.
3. Василенко, Ю.В. Производственный потенциал АПК [Текст] / Ю.В. Василенко. – М.: Агропромиздат, 1990. –173 с.
4. Вертакова, Ю.В. Механизмы стратегического управления развитием региона [Текст] / Ю.В. Вертакова, Т.А. Якушкина // Известия Юго-Западного государственного университета. Серия: Экономика. Социология. Менеджмент. – 2013. – № 3. – С.64-68.
5. Оқилов А. А. Самаранокии истифодабарии омилҳои истеҳсолот дар соҳаҳои минтақа (дар мисоли вилояти Суғди ҷумҳурии Тоҷикистон). Дис-я барои дарёфти дараҷаи н.и.и. Хуҷанд, 2018.


## САМТҲОИ МУҲИМТАРИНИ БАЛАНДБАРДОРИИ СИФАТИ МАҲСУЛОТ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР


**Шарофудинзода С.С., Бобозода Ғ.**

**Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон**


Дар шароити муносибатҳои бозоргонӣ ҳар як корхона новобаста аз шакли моликият бояд стратегияи худро дошта бошад, ки дар муборизаи рақобати бозорӣ истодагарӣ карда тавонад. Бинобар ҳамин, корхонаҳо бе ҷустуҷӯи афзалиятҳои сифатӣ ба самаранокии баланди фаъолияти соҳибкорӣ ноил гашта наметавонанд. Аз ин рӯ, дар шароити иқтисоди бозорӣ дар баробари дигар нишондиҳандаҳо сифати маҳсулот яке аз нишондиҳандаҳои афзалиятноки рушдиояндаи корхона ба ҳисоб меравад. Баланд бардоштани сифати маҳсулот аз бисёр ҷиҳат суръати пешрафти илму техника, афзоиши самаранокии истеҳсолот, сарфаи ҳамаи захираҳои истифодашаванда ва қавӣ намудани мавқеи истеҳсолкунандаро дар бозор муайян мекунад. Сифати маҳсулот ин натиҷаи сифати истеҳсолот мебошад.

Раванди беҳтар кардани сифат ин муттаҳидкунандаи фаъолияти истеҳсолии коллектив, корҳои конструкторӣ, хизмати сохторҳои муҳим буда, на танҳо истеҳсоли маҳсулот ва гирифтани даромад, инчунин ба назар гирифтани ҷамъият ва маҷмӯи манфиати ҷамъят низ ба ҳисоб меравад. Чи қадаре ки сифати маҳсулот беҳтар бошад, ҳамон қадар маҳсулот таларботро беҳтар қонеъ мегардонад. Яъне, ин раванд ба мувозинатии иқтисодиёти мамлакат таъсири мусбат расонда, ба пешрафти соҳаҳои истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва ғайра самарабахш мебошад.

Солҳои охир паст будани сифати маҳсулот рақобатпазирии корхонаҳоро дар бозор суст намуда, коҳиш ёфтани рақобатпазирии маҳсулот, дар навбати худ, ба

тамоюлҳои манфӣ, аз ҷумла ба кам шудани ҳаҷми фурӯши маҳсулот, таназзули фоида ва даромаднокӣ, паст шудани содироти маҳсулот ва ғайраҳо оварда расонид. Аз ин ҷо барои истеҳсолкунандагон зарурат пайдо шуд, ки мунтазам роҳҳои баландбардории рақобатпазирии маҳсулот, баланд бардоштани сифати маҳсулотро ҷустуҷӯ намоянд, ки ҳам барои истеҳсолкунанда, ҳам барои истеъмолкунанда ва умуман иқтисодиёти миллӣ аҳамияти калон дорад.

Баландбардории талаботи бозор ба маҳсулоти талаботдошта, инчунин мушкилгардонии ҷараёнҳое, ки дар истеҳсолот амалӣ мегарданд, корхонаҳоро маҷбур карданд, ки дигар тарзҳои ҳалли муаммоҳои сифатро ба кор истифода баранд. Яке аз шартҳои муҳимме, ки барои тоб овардан дар шароити рақобатӣ мусоидат мекунад, ин ташкили низоми идоракунии сифат, ки тамоми раванди истеҳсолот ва таъсиррасониро ба сифати маҳсулоти тайёр, аз лаҳзаи бастани шартнома бо таъминкунандагони ашёи хом то истеҳсоли маҳсулоти тайёрро дар бар мегирад, ба ҳисоб меравад. Дар корхона бояд низоми идоракунии сифати маҳсулот фаолият намояд, ки дар худ сохтори ташкилӣ, аниқ ва мушаххас тақсимкунии ӯҳдадориҳо, равандҳо ва захираҳое, ки барои идоракунии сифат заруранд, дарбар гирад.

Татқиқоти солҳои охир нишон дод, ки муваффақияти маҳсулот дар бозор аз сифати он вобаста аст. Дараҷаи сифат самти ноилшавӣ ба мақсад ва самаранокии фаъолияти молистеҳсолкунандаро таъмин менамояд.

Сифати маҳсулот яке аз талаботи асосие мебошад, ки бузургии рақобатпазирии корхонаро муайян мекунад. Бо вуҷуди он сифати маҳсулот аз рӯйи нишондиҳандаҳои худ дар давраи дарозмуддат ҳамчун омили афзалиятноки рақобатпазирӣ дар шароити бозор баромад мекунад. Стратегияи рақобатии корхона, ки ба зиёдкунии ҳиссаи корхона дар бозор равона карда шудааст, бояд хусусиятҳо ва нишондиҳандаҳои сифати маҳсулотро ба инобат гирад.

Дар шароити пурзӯршавии ҷараёнҳои ҳамгироӣ дар хоҷагии ҷаҳонӣ баромадан ба бозори хориҷа бо маҳсулоти саноатӣ на танҳо масъалаи рӯзмарра балки шарти самаранокии иқтисоди миллӣ мебошад. Баромадан ба бозори ҷаҳонӣ ҷаҳиши муайян дар инкишофи корхона ба ҳисоб меравад ва барои ворид шудан ба бозори ҷаҳонӣ дар дараҷаи сифати маҳсулот афзалиятҳои инкишофро дарёфта кӯшишҳоро ба ин самт равона месозад.

Ҳангоми ворид шудан ба бозори ҷаҳонӣ инкишофи алтернативӣ рушд мекунад, ҳаракати иқтисодиёт тез шуда, тӯлонияти даврҳои инкишофи он кӯтоҳ мегардад. Самаранокии истеҳсолот баланд шуда, сатҳи некӯаҳволии аҳолии мамлакат боло меравад.

Аслан, дар ин раванд истифода намудани маҳз ин ё он усул шарт нест, балки муҳим он аст, ки ин усулҳо чӣ тавр истифода мегарданд ва саҳми роҳбарият дар иҷрои онҳо чӣ гуна аст.

Дар шароити муосир роҳбарияти аксар ширкатҳои пешрафтаи ҷаҳон, аз ҷумла ширкатҳои Ғарб ба сифати маҳсулот ҳамчун шарти таъмини муваффақияти корхона дар бозор диққати махсус медиҳанд. Ба ақидаи олимони амрикоӣ аз омили мазкур 80% муваффақияти корхонаи дар соҳаи саноат фаъолият мекарда таъмин карда мешавад.[50]

Дар ибтидои солҳои 80-уми асри XX ширкатҳои амрикоӣ, ки нисбат ба ширкатҳои Ҷопон ва Аврупои ғарбӣ дар мубориваи рақобатӣ шӯҳраташонро аз даст

1Комилов С.Ҷ., Низомова Т.Д., Давлатзод У. Иқтисоди корхона. Китоби дарсӣ. Душанбе, 2015, -315 с.

медоданд, барои баландбардории сифати маҳсулоташон як қатор чораҳо андешиданд. Ин, пеш аз ҳама, дар корхонаҳо ташкили маҳфилҳои сифат, истифодаи усулҳои омории назорат, гузаштан аз назорати барориш ба назорати ҷараёнҳои технологӣ, таҷдиди сохторҳои ташкилӣ, ҷорисозии барномаҳои ҳавасмандгардонии сифати меҳнат ва роботикунонӣ ва автоматикунонии усулҳои назорат ва озмоиш ба роҳ монда шудааст.

Ба ақидаи олимон ва муттахасисони амрикоӣ имрӯзҳо мафҳуми «беҳсозии сифат» бояд на танҳо нисбат ба маҳсулот ва ҷараёнҳои истеҳсолӣ-техникӣ, балки ба ҳама бахшҳои фаъолият истифода карда шавад. Чунки сифати маҳсулот ин натиҷаи иҷрои сифатноки ҳама намуди корҳо мебошад.

Таъмини сифати маҳсулот дар ИМА, Ҷопон ва дигар мамлакатҳои пешрафта ҳамчун ҷараёни бетанаффус баррасӣ шуда, сохтори ширкат ва низоми назорати миллии иқтисодиётро пурра мегардонад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини шароити истеҳсолоти маҳсулоти ватании рақобатпазир, минбаъд фаровон намудани молу маҳсулоти босифати бехатари аҳамияти энергетикидошта дар бозорҳои истеъмолӣ, дар саноат ҷорӣ кардани истеҳсолот бо усулҳои муосир ва шаклу тартиботи идоракунии сифат, муҳити солими зист, сарфаи захираҳои моддӣ ва энергетикӣ барномаи давлатии сифат тасдиқ ва амалӣ гардид.

Барномаи давлатӣ самтҳои асосии фаъолияти муассисаҳои ҷумҳуриявии идоракунии давлатӣ ва дигар ташкилоти давлатии тобеъ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, субъектҳои хоҷагидории ҳама шаклҳои моликият дар доираи баланд бардоштани сифат ва рақобатпазирии маҳсулоти ватаниро бо мақсади ривоҷ додани содироти молу маҳсулот ва қонеъ намудани фармоиши истеъмолкунандагон муайян менамояд.

Таъмини ҳуқуқии идоракунии сифати маҳсулот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста инкишоф меёбад. Барои ҷорисозӣ ва сертификаткунонии низоми идоракунии корхона ва ташкилотҳои ҷумҳурӣ дар сатҳи давлатӣ амалан ҳама стандартҳои муҳими байналмилалӣ истифода бурда мешаванд.

Дар Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо («Тоҷикстандарт») аз соли 2007 шуъбаи «Низоми идоракунии сифат» амал менамояд, ки айни замон мувофиқи стандарти ИСО 17021 «Баҳодиҳии мутобиқат. Талабот ба ташкилоти таъминкунандаи аудит ва сертификаткунонии низоми идоракунӣ» барои гузаронидани баҳодиҳӣ, ба амал баровардани сертификаткунонии низоми сифат ва бехатарӣ дар корхонаву ташкилоти қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдор мебошад.

Шуъбаи низоми идоракунии сифати Раёсати баҳодиҳии мутобиқат дар Агентии «Тоҷикстандарт» аввалин мақомоти ваколатдори низоми идоракунӣ дар Сохтори миллии тасдиқи мутобиқати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар бозори хизматрасонӣ оид ба сертификаткунонии низоми идоракунӣ аз соли 2011 инҷониб фаъолият дорад. Дар ин давра аз тарафи Агентии «Тоҷикстандарт» зиёда аз 143 сертификати мутобиқати низоми сифат, аз ҷумла аввалин маротиба дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи стандартҳои байналхалқии зерин корхонаву ташкилотҳо пешниҳод гардидааст: ИСО силсилаҳои 9000, 14000, 22000, OHSAS 18000, HACCP.[51]

[51] Стандарт ва сифат. №2 (64). Март-апрели 2016, с. 12.

Яке аз самтҳои баландбардории сифати маҳсулоти корхона ин истифода кардани равандҳои пешрафти илму техника ва дар ҳамин замина истифодаи ҳамарӯзаи технологияҳои замонавӣ ба ҳисоб меравад, ки ба сифати маҳсулот ва таъмини рақобатпазирии он таъсири калон мерасонад. Дар ин замина ба такмили истеҳсолот ва рақобатпазир намудани маҳсулоти худ бо роҳи ҷорӣ кардани комёбиҳои илму техника аҳамияти хоса зоҳир менамояд.

Дар шароити муосир зарурати истифодаи равандҳои илму техника бо шидатгирии муборизаи рақобатӣ дар бозори дохилӣ ва берунӣ ва мураккаб шудани ҷараёнҳои истеҳсоли маҳсулот, пайдо шудани дастгоҳу таҷҳизотҳои нав, дигаргун шудани шароитҳои хоҷагидорӣ вобаста аст. Аз ин лиҳоз, муҳимнокии масъалаҳои истифодаи комёбиҳои илмӣ-техникӣ дар рушди иқтисодии корхона ва баландбардории сифати маҳсулот бо омилҳои зерин асоснок мегардад:

- истифодаи навовариҳо аз тариқи дар ҳаёт татбиқ намудани комёбиҳои хиради инсонӣ, натиҷаҳои илмӣ – техникӣ ба вуҷуд оварда мешаванд;
- бо ёрии навовариҳо имкониятҳои истеҳсоли маҳсулот васеъ шуда, сифати онҳо баланд мегардад ва қонеъгардонии талаботҳо беҳтар мешавад;
- навовариҳо имконият медиҳанд, ки ба истеҳсолот қувваҳои нави истеҳсолӣ ҷалб карда шаванд ва истеҳсоли молу хизматҳо бо хароҷоти камтари меҳнат таъмин карда шавад;
- комёбиҳои илму техника беҳтар кардани шароитҳои меҳнати кормандон, баланд бардоштани мундариҷаи он, сарфаи ҳамаи намудҳои захираҳои моддӣ, ҳифзи муҳити атроф ва дар натиҷа баланд бардоштани нишондиҳандаҳои ниҳоии фаъолияти иқтисодии корхонаро таъмин менамояд.

Дар Паёми Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бамаврид омадааст, ки: «Пешрафти ояндаи Тоҷикистон дар шакли индустриалӣ ва инноватсионӣ пешбинӣ гардида, ҷиҳати татбиқи ин ҳадаф бо истифода аз технологияҳои муосир баланд бардоштани самаранокии саноати коркард ва қобилияти рақобати маҳсулоти ватанӣ бисёр муҳим мебошад».[52]

Таҷрибаи ҷаҳонӣ тасдиқ мекунад, ки ҷорӣ кардани комёбиҳои инноватсионӣ омили асосии муайянкунандаи тамоми хусусиятҳои рушди иқтисодии корхона ба шумор меравад. Равандҳои инноватсионӣ ба худ тамоми низомҳои инкишофёбанда ва таъмини имконотҳои истеҳсолию саноатӣ, давлат ва ё корхонаро дар бар мегирад, ки дар натиҷаи ҷоришавӣ хусусиятҳои навгонӣ метавонад таъмини рақобатнокии маҳсулоти корхонаро дар бозори ҷаҳонӣ таъмин намояд.

Фаъолгардонии фаъолияти инноватсионӣ - ин қобилиятнокӣ барои зиёд кардан ва такмили истеҳсолот ва инкишофи хусусиятҳои нави маҳсулоти истеҳсолшаванда мебошад. Дар байни таъминноти шароитҳои тараққиёти иқтисодӣ нақши асосиро ҷоринамоии навовариҳо, комёбиҳои илму техника, рушди инфрасохторҳои инноватсионӣ, дараҷаи тахассуснокии кадрҳо ва донишу маҳорати онҳо мебозад.

Нақши асосиро барои таъмин ва инкишофи омилҳои инноватсионӣ дар раванди фаъолияти идоракунии корхона интихоби сиёсати инноватсионӣ мебозад. Дараҷаи фаъолнокии инноватсионии корхона бояд мақсад ва имкониятҳои рушди дурнамои стратегияҳои инноватсионӣ ва ҷорисозии хусусиятҳои навоваронаро таъмин карда тавонад. Нақшаҳои стратегии инноватсионии корхона равандҳои иқтисодӣ, иҷтимоию

[52] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 22 декабри соли 2017.

ташкилӣ ва дигар вазифаҳои идоракуниро дар бар гирифта, метавонад ба ҳалли мушкилиҳои баландбардории сифати маҳсулоти корхона оварда расонад.

Коркард ва ҷоринамоии равандҳои навоварӣ сарчашмаи асосии таъмини рақобатнокӣ ва рушди корхона, ки дар шароити муносибатҳои иқтисодӣ фаъолият мекунад, ба ҳисоб меравад. Қайд кардан ҷоиз аст, ки рушди фаъолнокии инноватсионии корхона пеш аз ҳама аз ҳолат ва динамикаи бозори навоварӣ, динамикаи бозорҳои технологӣ, ноу-хоу, бозори захираҳои инноватсионӣ ва бозори меҳнати зеҳнӣ вобастагӣ дорад. Барои инкишофи минбаъдаи корхона бояд тезонидани фаъолнокии инноватсионӣ аз ҳисоби омилҳои ёррирасони иқтисоди бозорӣ ба инноватсия ва шароитҳои нави таъсирбахш ташкил карда шавад. Дар Тоҷикистон барои ба роҳ мондани фаъолияти инноватсионӣ тамоми шароитҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ фароҳам оварда шудааст, инчунин як қатор санадҳои меъёрӣ қабул карда шудааст, ки ба ҳавасмандкунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳо равона карда шудааст.

Мавриди зикр аст, ки ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ доимо дар мадди назари давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Вобаста ба ин, дар натиҷаи амалишавии бомуваффақонаи сиёсати давлатӣ, неруи иқтисодии кишвар баланд шуда ҷалби бештари сармояи хориҷӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти кишвар ва минтақаҳои он ворид гардидааст. Аз ин рӯ, ҷалби сармоягузорӣ ҳамчун сарчашмаи тараққиёти корхона ба ҳисоб меравад, ки бо ёрии он корхона метавонад муаммоҳои баландбардории сифатро дар асоси ҷорӣ кардани комёбиҳои илму техника ҳал намояд.

Ҳамин тариқ, сармоя дар шароити дигаргуниҳои бозоргонӣ дар рушди иқтисодии корхона нақши муҳимро мебозад. Бештари корхонаҳои саноатӣ бо мақсади рушди нерӯи истеҳсолии худ ҷиҳати ҷалби сармоягузорӣ кӯшишҳои зиёд ба харҷ медиҳанд. Зеро ҷалби сармоягузорӣ, тақсимот ва истифодаи мақсадноки он ба рушди дараҷаи истеҳсолоти ҳар як корхона, таъмини рақобатпазирии корхонаҳо, рушди зеҳнии корхонаҳо, беҳтар шудани вазъи молиявии корхонаҳо ва ғайраҳо мусоидат мекунад.

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ дар назди ҳар як корхона мунтазам мушкилии таъмини рақобатпазирии маҳсулот меистад, ки аз ҳалли он бевосита муваффақияти онҳо вобастагии калон дорад. Асоси рақобатпазирии маҳсулот, чӣ тавре ки маълум аст, дараҷаи зарурии сифати маҳсулот ба ҳисоб меравад, ки барои ноил гаштан ба он базаи моддии мувофиқ, ҳайати кормандони баландихтисос ва қобилиятнок, ташкили дурусти кор оид ба идоракунии сифат зарур мебошад.

**Адабиёт:**


1. Гембрис С. Управление качеством. / С. Гембрис, Й. Геррманн; Пер. с нем. М.Н. Терехина. - М.: СмартБук, 2013. - 128 с.
2. Загидуллин, Р.Р. Оптимальное управление качеством: Монография / Р.Р. Загидуллин. - Ст. Оскол: ТНТ, 2012. - 124 с.
3. Комилов С.Ҷ., Низомова Т.Д., Давлатзод У. Иқтисоди корхона. Китоби дарсӣ. - Душанбе, 2015. - 315 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сертификатсияи маҳсулот". -Душанбе, «Тоҷикстандарт», 2015.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон». - Душанбе, 26 декабри соли 2018.
6. Стандарт ва сифат. №2 (64). Март-апрели 2016, с. 12.

7. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то солҳои 2030.: Душанбе. 2016 с.
8. Управление качеством / Под ред. С.Д. Ильенковой. - М.: ЮНИТИ, -2016. - 287 с.

## НИШОНДИҲАНДАҲОИ САМАРАНОК ИСТИФОДАБАРИИ ФОНДҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР КОРХОНАҲО

**Шодмонова М.Х., Исроилзода Ш.И.**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити имрӯза таъмини рушди фаъолияти корхонаҳо, баландбардории ҳосилнокии меҳнат ва афзоиши самаранокии истеҳсолот аз якчанд омилҳо вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, корхонаҳоро зарур аст, ки фаъолияти худро ҳамеша ба вазъи муосири иқтисодӣ мувофиқ намуда, пайваста мавқеи худро дар бозор устувор созанд. Яке аз омилҳои муҳимми мусоидаткунанда дар ин самт ин истифодаи самараноки фондҳои истеҳсолӣ ва беҳтарсозии онҳо мебошад.

Масъалаи баланд бардоштани самаранокии истифодабарии фондҳои истеҳсолии корхона ҳама вақт яке аз вазифаҳои муҳимму аввалиндараҷаи субъектони хоҷагидорӣ ба шумор меравад. Ҳалли ин масъала мавқеи корхонаро дар самаранок таъмин намудани талаботи бозор, истифодаи воситаҳо ва захираҳои истеҳсолӣ, беҳтаргардонии вазъи молиявӣ ва рақобаттобоварӣ муайян мекунад.

Чи тавре ки маълум аст, вобаста ба иштирок ва амали онҳо дар ҷараёни истеҳсолот, тартиби таҳвили арзиши худ ба маҳсулот, тағйирпазирии табиӣ, фондҳои истеҳсолӣ ба ду қисм ҷудо мешаванд: фондҳои асосии истеҳсолӣ ва фондҳои гардони истеҳсолӣ.

Фондҳои асосии истеҳсолӣ ҷузъи воситаҳои истеҳсолӣ мебошанд, ки дар якчанд марҳилаҳои пурраи истеҳсолӣ иштирок намуда, шакли табиии худро тағйир намедиҳанд ва арзиши худро ба маҳсулот қисм ба қисм (вобаста ба меъёри фарсудашавӣ) мегузаронанд.

Фондҳои асосии истеҳсолии корхона миқдори зиёди воситаи меҳнат мебошанд, ки новобаста аз таъиноти худ ва муддати истифода фарқ мекунанд. Аз ин ҷо зарурати таснифоти фондҳои асосии истеҳсолӣ пайдо мешавад. Аз рӯи таснифоти намунавии амалкунанда фондҳои асосии корхона ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд: бинову иншоот; дастгоҳҳои интиқолӣ; мошину таҷҳизот, аз ҷумла, мошину таҷҳизоти пурқудрат, мошину таҷҳизоти корӣ, асбобу дастгоҳҳои ченкунандаву танзимкунанда, таҷҳизоти озмоишгоҳӣ, техникаи ҳисоббарор, дигар мошину таҷҳизот; асбобу анҷоми мӯҳлати хизматашон беш аз як сол; асбобу олоти истеҳсолӣ ва хоҷагидорӣ.[53]

Фондҳои гардони истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ бошанд он қисми воситаҳои истеҳсолие мебошанд, ки дар ҳар як давраи истеҳсолот як маротиба иштирок намуда, яклухт сарф мешаванд, ва арзиши худро ба маҳсулоти истеҳсолшуда пурра

[53] Комилов С. Ҷ., Низомова Т. Д., Давлатзод У. Иқтисоди корхона // Китоби дарсӣ. Душанбе-2015. – С. 59-63

мегузaронанду шакли аслии худро тағйир медиҳанд. Яъне фондҳои гардон нисбати фондҳои асосии истеҳсолӣ арзиши худро на қисм-қисм, балки пурра ба маҳсулоти тайёр мегузаронанд.

Фондҳои гардони истеҳсолии корхона аз се қисм таркиб ёфтааст:

а) захираҳои истеҳсолӣ;

б) истеҳсолоти нотамом ва нимфабрикатҳои истеҳсолоти худӣ;

в) хароҷоти давраҳои оянда.

Захираҳои истеҳсолӣ – он ашёи меҳнат, ки барои дохилшавӣ ба ҷараёни истеҳсолӣ тайёр шудаанд. Ашёи хом, масолеҳи асосӣ ва ёрирасон, сӯзишворӣ, нимфабрикатҳои харида, зарфу маҳсулоти зарфӣ, қисмҳои эҳтиётӣ барои таъмири ҷории фондҳои асосӣ.

Истеҳсолоти нотамом ва нимфабрикатҳои истеҳсолоти худӣ – ашёи меҳнатие, ки ба раванди истеҳсолот дохил шудаанд; масолеҳ, ҷузъу қисматҳои маснуот, ки дар марҳалаҳои коркард ё ғункунӣ дохиланд, инчунин, нимфабрикатҳои истеҳсолоти худӣ, ки як марҳалаи коркардро дар як коргоҳи корхона гузошта, бояд марҳалаи коркардро дар коргоҳи дигари корхона гузаронд.

Хароҷоти давраҳои оянда – унсурҳои ғайришартии фондҳои гардон, ки хароҷоти тайёркунӣ ва азхудкунии маҳсулоти навро дар марҳалаи ҳозира (семоҳа, солона) дар худ ҷамъ намуда, ба маҳсулоти марҳалаҳои оянда нисбат доранд. Масалан, хароҷоти лоиҳакашӣ ва коркарди технологияи намудҳои нави маҳсулот ва ғайра.[54]

Ин ҷо бояд қайд намоем, ки фондҳои истеҳсолӣ ҳамчун омилҳои истеҳсолот аҳамияти бузург дошта, самаранокии истифодашавии онҳо ҳисобу таҳлилҳои дақиқро талаб менамояд. Амалигардонии ин раванд барои муайян намудани омилҳои баландбардории самаранокии истифодаи фондҳои истеҳсолӣ муҳим аст. Бинобар ин, зарур аст, ки нишондиҳандаҳои самаранок истифодашавии фондҳои мазкур мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шаванд. Ҳар як нишондиҳандаҳои истифодашавии фондҳои истеҳсолиро дар алоҳидагӣ дида баромадан зарур аст, ки то кадом андоза самаранок истифодашавии фондҳоро нишон медиҳанд.

Ҳамаи нишондиҳандаҳои самаранок истифодашавии фондҳои асосиро ба се гурӯҳ тақсим намудан мумкин аст:

1) нишондиҳандаҳои экстенсивии истифодаи фондҳои асосӣ, ки дараҷаи истифодаи онҳоро вобаста ба вақти кори таҷҳизот нишон медиҳад;

2) нишондиҳандаҳои истифодаи интенсивии фондҳои асосӣ, ки дараҷаи истифодаи онҳоро вобаста бо иқтидор (ҳосилнокӣ) нишон медиҳад;

3) нишондиҳандаҳои интегралии истифодаи фондҳои асосӣ, ки таъсири ҳамҷояи ҳамаи омилҳо – ҳам экстенсивӣ ва ҳам интенсивиро ба ҳисоб мегирад. Масалан, ба гурӯҳи аввал чунин нншондиҳандаҳои истифодабарии фондҳои асосӣ дохиланд:

- зариби истифодаи экстенсивии таҷҳизот;
- зариби бастии (сменагии) кори таҷҳизот;
- зариби тартиботи бастии вақти кории таҷҳизот.

Зариби истифодаи экстенсивии таҷҳизот, (Кэкст) чун нисбати шумораи ҳақиқии соатҳои кории таҷҳизот бар шумораи нақшавии соатҳои кории он муайян карда мешавад:

$$\text{К экст.} = \frac{\text{Т ҳақ.}}{\text{Т нақ.}}$$

[54] Комилов С. Ҷ., Давлатзод У. Иқтисоди корхона // Китоби дарсӣ. Душанбе: «Собириён», 2012. С.64-66

ин ҷо:

Т ҳақ. – вақти ҳақиқии кории таҷҳизот (бо соат);

Т нақ. – вақти нақшавии кории таҷҳизот (бо соат).

Мисол: Агар дар басти давомнокиаш 8 соат ҳангоми банақшагирии вақти таъмир 1 соат будан, вақти кории ҳақиқии дастгоҳ 5 соатро ташкил дода бошад, пас зариби истифодаи экстенсивии он 0,71 мешавад:

$$\text{Кэкст.} = \frac{5}{8-1} = \frac{5}{7} = 0{,}71.$$

Аз нуқтаи назари истифодаи фондҳои асосӣ бо назардошти вақти кориашон. Ин маънои онро дорад, ки фонди нақшавии вақти кории дастгоҳ дар як баст ҳамагӣ 71 % истифода шудааст.

Натиҷаҳои бадастомада, аз ин рӯ, бояд бо гурӯҳи дуюми нишондиҳандаҳо – нишондиҳандаҳои интенсивии истифодаи фондҳои асосӣ пурра карда шаванд. Ин нишондиҳандаҳо инъикоскунандаи дараҷаи истифодаи иқтидорҳои (ҳосилнокии) фондҳои асосӣ ба шумор меравand. Муҳимтарини ин нишондиҳандаҳо зариби истифодаи интенсивии дастгоҳ мебошад, ки чун таносуби ҳосилнокии ҳақиқии таҷҳизот бар ҳосилнокии меъёрии он ҳисоб карда мешавад.

Барои ҳисоб аз формулаи зерин истифода мебаранд:

$$\text{К инт} = \frac{\text{Ҳ ҳақ.}}{\text{Ҳ м.}}$$

ин ҷо:

Ҳ ҳақ. – истеҳсоли ҳақиқии маҳсулот дар воҳиди вақт дар дастгоҳ;

Ҳ м. – истеҳсоли меъёрии маҳсулот дар воҳиди вақт бо дастгоҳ, ки дар асосӣ маълумотҳои паспорти он дастгоҳ муайян карда мешавад.

Мисол: Дар давоми басти кори дастгоҳ амалан 5 соат кор кард. Мо бозистии 3-соатаи дастгоҳро сарфи назар намуда, самаранокии истифодаи онро дар ҳамин 5 соати корӣ таҳлил мекунем.

Фарз мекунем, ки мувофики маълумоти паспортӣ ҳосилнокии дастгоҳ дар як соати кори 20 воҳиди маҳсулот бошад, яъне дар 5 соати корӣ 100 воҳиди маҳсулот. Аммо дар давоми басти корӣ истеҳсоли хақиқӣ 80 воҳиди маҳсулотро ташкил дод. Пас, зариби истифодаи интенсивии дастгоҳ чунин аст:

$$\text{К инт} = \frac{80}{100} = 0{,}8.$$

Ин нишондиҳанда маънои онро дорад, ки дастгоҳ аз рӯи иқтидор ҳамагӣ 80% истифода шудааст.

Ба гурӯҳи сеюми нншондиҳандаҳои истифодаи фондҳои асосӣ зариби истифодаи интегралии дастгоҳ, истифодаи иқтидори истеҳсолӣ, нишондиҳандаҳои боздеҳи фондҳо ва фондғунҷоиш шомиланд.

Зариби истифодаи интегралии дастгоҳ, чун ҳосили зарби зариби истифодаи интсисивию экстенсивии дастгоҳ муайян карда шуда, истифодаи ҳаматарафаи онро ҳам аз рӯи иқтидор ва ҳам аз рӯи вақт тавсиф менамояд. Дар мисоли мо:

Кинт. = = 0,8; Кэкст. = 0,71

буд, аз ин рӯ, зариби интегралӣ ба 0,57 баробар аст:

К.интег. = Кэкст. х Кинт. = 0,71 х 0,8 = 0,57.

Ҳамин тавр, қимати ин нишондиҳанда ҳама вақт аз қиматҳои ду нишондиҳандаҳои пештара хурд аст, зеро вай ҳамзамон ноқисии ҳарду зарибҳоро ба назар мегирад. Бо назардошти ин ду омил дастгоҳ ҳамагӣ 57% истифода шудааст.

Аз ин хотир, барои таъмини истифодаи самараноки фондҳои асосии истеҳсолӣ аз маҷмӯи нишондиҳандаҳои самарабахши экстенсивию интенсивиро бояд истифода бурд.

Масолеҳғунҷоиши маҳсулотро метавон бо нишондиҳандаи гуногун чен намуд.

1) хароҷоти қиёсии захираҳои моддӣ ба воҳидҳои ҷисмонии маҳсулоти истеҳсолшуда (масолеҳғунҷоиши қиёсӣ):

$$M = Q / N;$$

2) бузургии хароҷоти якчанд намуди захираҳои моддӣ дар ифодаи арзишӣ ба воҳиди ҷисмонии маҳсулоти истеҳсолшуда (сомонӣ, бо 1т, $1м^2$, $1м^3$).

$$M = \frac{\sum Q \times P}{N};$$

ин ҷо: P – нархи яклухтфурӯшии захираҳои моддӣ.

Ин формулаҳо барои ҳисоб намудани масолеҳғунҷоиши намудҳои оддии маҳсулот (қувваи барқ, чӯян, пӯлод, ва ғайра) истифода мешаванд. Барои намудҳои мураккаби маҳсулоти саноатӣ (масалан, маҳсулоти саноати мошинсозӣ), аксаран нишондиҳандаи масолеҳғунҷоиш чун хароҷоти захираҳои моддии мушаххас бар воҳиди дорои хусусияти асосии истеъмолӣ, истифода мешавад.

Барои маҳсулотҳои чунин соҳаҳои мошинсозӣ, на ҳаҷми ҷисмонии маҳсулот, на ҳаҷми ҳусусиятҳои истеъмолии онро наметавон дар воҳидҳои ченаки ягона ифода намуд (мошинсозии нассоҷӣ, химиявӣ, ва ғайра), дараҷаи масолеҳғунҷоишро бо ҳарҷи намуди мушаххаси захираҳои моддӣ дар воҳидҳои ҷисмонӣ ба 1 сомонӣ маҳсулоти умумӣ, фурӯхташуда (бо нархи қиёсӣ) истифода намудан мумкин аст:

$$M = \frac{\sum N}{\sum q_i P};$$

ин ҷо: $\sum$ q iP - ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда бо нархи қиёсӣ.

Барои коркарди барномаҳои истеҳсолӣ ва таҳлили кори корхонаҳои саноатӣ дар ҳар як соҳаи саноат нишондиҳандаҳои гуногуни дараҷаи самаранокии захираҳои моддиро истифода мекунанд, ки онҳо шароити истифодаи захираҳои моддиро дар истеҳсолот пурратар ифода намуда, ҳама зинаҳои истеъмоли истеҳсолии онҳоро фаро мегиранд.

Дар соҳаҳое, ки коркарди ибтидоии ашёи хомро амалӣ мекунанд, чунин нишодиҳандаҳо истифода мешаванд.

- таркиби моддаи фоиданок дар ашёи ибтидоӣ (оҳан дар маъдан, қанд дар лаблабу ва ғайра).
- дараҷаи истифодаи моддаи муфиди ашёи хоми ибтидоӣ ва фоизи коҳиш дар раванди коркарди он;
- хориҷшавии ниҳоии маҳсулоти қобили истифода, ки бо тақсимкунии ҳаҷми маҳсулоти қобили истифода бар ҳаҷми ашёи хоми ибтидоӣ дар ифодаи фоизӣ ҳисоб карда мешавад (натиҷаро бояд ба 100 зарб намуд).[55]

[55] Комилов С. Ҷ., Давлатзод У. Иқтисоди корхона // Китоби дарсӣ. -Душанбе: Собириён, 2012. - С.67-69.

Аз ин ҷо чунин хулоса бароварда мешавад, ки имрӯз дар таҷрибаи корхонаҳо барои муайянкунии дараҷаи самаранок истифодабарии унсурҳои фондҳои истеҳсолӣ нишондиҳандаҳои гуногунро истифода мекунанд. Ин нишондиҳандаҳо ҷанбаҳои гуногуни истифодашавии фондҳоро дар худ таҷассум менамоянд. Дар оянда зарур аст нишондиҳандаи интегралиеро коркард намоем, ки тавонад дараҷаи самаранок истифодашавии фондҳои асосӣ ва гардони истеҳсолиро дар якҷоягӣ нишон диҳад.

**Адабиёт:**


1. Аксенова, Э.А. Анализ и диагностика финансово – хозяйственной деятельности предприятия / Учебное пособие. -Москва, 2019 – 541с.
2. Еремеева Т. А. Характеристика основных производственных фондов [Текст] / Т. А. Еремеева, М. С. Егорова // Молодой ученый. — 2020. — №11.4. — С. 119-121.
3. Кондратьева, М. Н. Экономика предприятия: учебное пособие / М. Н. Кондратьева, Е. В. Баландина. — Ульяновск: УлГТУ, 2018. — 174 с
4. Комилов С. Ҷ., Низомова Т. Д., Давлатзод У. Иқтисоди корхона // Китоби дарсӣ. Душанбе-2015. – С. 59-63.
5. Комилов С. Ҷ., Давлатзод У. Иқтисоди корхона // Китоби дарсӣ. Душанбе: «Собириён», 2012. С. 64-66.
6. Моисеева Н.В. Планирование рентабельности основных средств современного предприятия [Текст]/Н.В. Моисеева//Экономический анализ: теория и практика. -2019. -№ 6. -С. 6-8.
7. Хотинская, Г.И., Харитонова, Т.В. Анализ хозяйственной деятельности предприятия. Учебное пособие. – М.,2019. - 240 с.


## ОМИЛҲОИ БА ФОИДАИ КОРХОНА ТАЪСИРРАСОН

**Шодмонова М.Х., Саидов Ш.Ш.**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити муосир ба даст овардани фоида ҳадафи асосии ҳар як корхона ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, корхона кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки фаъолияти худро бо хароҷоти камтарин ба роҳ монда, ҳар чӣ фоида бештар ба даст орад. Шароити бозорӣ корхонаҳоро водор месозад, ки роҳҳои зиёд кардани фоида ва баланд бардоштани сатҳи даромаднокиро ҷустуҷӯ намоянд, барои баамалбарории дониш ва маҳорати кормандони корхона шароити мусоид фароҳам оранд. Дар баробари ин, фаъолияти самарабахши корхона дар ҳолати даромаднокии баланд имконпазир аст, зеро он сарчашмаи асосии рушди корхона ба ҳисоб меравад, имконияти ба шароити тағйирёбанда бомуваффақият мутобиқ шудан, устувории молиявӣ ва ҷолибияти сармоягузориро таъмин менамояд. Фоида мунтазамии фаъолиятро дар шароити имрӯза таъмин мекунад.

Аҳамияти фоида дар он ифода меёбад, ки он натиҷаи молиявӣ, самаранокии истеҳсолот, ҳаҷм ва сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда, суръати ҳосилнокии меҳнат, дараҷаи хароҷот ва дигар тарафҳои фаъолияти корхонаро инъикос мекунад. Дар

навбати худ, фоида ҳамчун категорияи муҳимми муносибатҳои бозорӣ функсияҳои зеринро иҷро менамояд:

1) функсияи баҳодиҳӣ - фоида нишондиҳандаест, ки самаранокии истеҳсолотро пурра инъикос мекунад ва фаъолияти хоҷагидории корхонаро баҳо медиҳад;

2) функсияи ҳавасмандкунӣ - фоида ба баландбардории самаранокии фаъолияти молиявию хоҷагидории корхона таъсири ҳавасмандкунанда дорад;

3) функсияи фискалӣ - фоида сарчашмаи ташаккулёбии захираҳои буҷетӣ ва фондҳои ғайрибуҷетӣ ба ҳисоб меравад.

Дар корхона фоида дар натиҷаи фурӯши маҳсулот ба даст оварда мешавад. Бузургии он бо фарқи байни даромади аз фурӯши маҳсулот бадастомада ва хароҷотҳои барои истеҳсол ва фурӯши он сарфшуда муайян карда мешавад. Маблағи умумии фоидаи бадастомада, аз як тараф, аз ҳаҷми фурӯш ва сатҳи нархҳои барои маҳсулот муқарраршуда, аз тарафи дигар, аз он вобаста аст, ки то чӣ андоза сатҳи хароҷоти истеҳсолӣ бо хароҷоти аз ҷиҳати иҷтимоӣ мувофиқ мебошад.

Нақши баланди фоида дар рушди корхона зарурати ба инобат гирифтани омилҳои ташаккулёбии онро муайян мекунад. Дар таҷриба фоида дар зери таъсири миқдори зиёди омилҳои ба ҳам алоқаманд, ки ба натиҷаҳои фаъолияти корхона таъсири гуногун мерасонанд, ташаккул мeёбад: мусбат ва манфӣ. Дар баробари ин, таъсири манфии баъзе омилҳо метавонад таъсири мусбати дигар омилҳоро коҳиш диҳад ва ё ҳатто бекор кунад. Гуногунии омилҳо имкон намедиҳад, ки онҳо маҳдуд карда шаванд ва гурӯҳбандии онҳоро муайян мекунад. Бо назардошти он ки корхона ҳам субъект ва ҳам объекти муносибатҳои иқтисодӣ мебошад, муҳим аст, ки онҳо ба омилҳои берунӣ ва дохилӣ тақсим карда шаванд.

Гуногунии омилҳое, ки ба фоида таъсир мерасонанд, таснифи онҳоро тақозо мекунад, ҳамзамон барои муайян кардани самтҳои асосии ҷустуҷӯи захираҳои баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ аҳамияти калон дорад.

Ба андоза ва динамикаи фоидаи корхона омилҳои гуногун таъсир мерасонанд. Аксарияти муаллифон нисбат ба корхона ду гурӯҳи омилҳоро фарқ мекунанд: берунӣ ва дохилӣ. Омилҳои беруна бо муҳити берунии корхона алоқаманд мебошад, омилҳои дохилиро муҳити дохилӣ ба вуҷуд меорад ва дар маҷмӯъ ҳамчун натиҷаи кори корхона ё ҳайати он дида баромада мешавад.

Ҳамин тавр, масалан, С.А.Тимофеева ва П.Ю.Кибалчич ба омилҳои беруна, ки ба ҳаҷми фоидаи корхона таъсир мерасонанд, мансуб мекунанд: вазъи бозор; нархҳо ва тарифҳои сӯзишворӣ, энергия; меъёрҳои истеҳлок; низоми андозбандӣ; вайрон кардани интизом аз ҷониби шарикон; шароити мусоид ё номусоиди иҷтимоӣ ва шароити дигар; ҳаҷм ва сифати захираҳои табиӣ. Ба омилҳои дохилӣ муаллифон ҳаҷм ва сифати маҳсулоти фурӯхташуда, сиёсати нархгузории ширкат, сатҳи хароҷоти истеҳсолӣ, сифати менеҷмент, сатҳи маълумот ва тахассуси кадрҳо, сатҳи техникии фондҳои истеҳсолӣ, ташаббуси эҷодӣ, вазъи молиявӣ ва манфиати иқтисодии кормандонро дохил мекунанд.[56]

С.А.Мироседи, Т.Г.Мироседи ва Ю.С.Веремеева ба омилҳои беруна шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ, шароити бозор, нархҳои захираҳои истеҳсолӣ, шароити нақлиётӣ, сатҳи рушди робитаҳои хориҷии иқтисодӣ ва шароити табииро дохил мекунанд.

[56] Тимофеева С. А., Кибальчич П. Ю. Направление анализа влияния различных факторов на прибыль предприятия // Научные записки Орел ГИЭТ. - 2012. - № 1(5).

Муаллифон омилҳои дохилиро ба асосӣ (ҳаҷми фурӯш, арзиши истеҳсолӣ, сохтори маҳсулот, нарх ва рақобатпазирии маҳсулот, меъёри пардохтҳои амортизатсионӣ) ва ғайриасосӣ (тағирёбии нарх, бад шудани шароити кор, паст шудани сифат, вайронкориҳои ташкилӣ, ки боиси ҷарима ва таҳримҳои иқтисодӣ мешаванд) тақсим мекунанд.[57]

Инчунин С.В. Елансев омилҳои ба фоида таъсиррасонро ба берунӣ ва дохилӣ тасниф мекунад. Бо вуҷуди ин, омилҳои дохилиро ба истеҳсолӣ (мавҷудият ва истифодаи воситаҳо ва предметҳои меҳнат, захираҳои меҳнатӣ ва молиявиро ифода мекунанд) ва ғайриистеҳсолӣ (бо фаъолияти таъминотӣ-фурӯшӣ ва ҳифзи табиат, шароитҳои иҷтимоии меҳнатӣ алоқаманд) ҷудо мекунад.[58]

Ивашковский С.Н. таснифоти зерини омилҳои ба ҳаҷми фоида таъсиррасонро пешниҳод менамояд.[59] Ӯ се гурӯҳи омилҳоро ҷудо мекунад:

Дар соҳаи истеҳсолот: ҳаҷми он, сифати маҳсулот, номгӯйи маҳсулот, сатҳи нархҳои яклухт ва ғайра.

Дар соҳаи муомилот: ташкили корҳои фаврӣ оид ба фурӯши маҳсулот, риояи шартҳои шартномаҳо, муносибат бо истеъмолкунандагон ва ғ.

Омилҳое, ки ба фаъолияти корхона вобастагӣ надоранд: қатъшудани таъминоти моддӣ-техникӣ, сари вақт таъмин накардани нақлиёт барои интиқоли маҳсулоти тайёр ва ғайраҳо.




**Расми** 1. Омилҳои ба фоидаи корхона таъсиррасон.

Камбудии консепсияи Ивашковский С.Н. дар он аст, ки он имкон намедиҳад, ки вазъи кунунӣ, мавқеи ширкат дар бозор, вазъи молиявии корхона дуруст баҳо дода

---

[57] Мироседи С. А., Мироседи Т. Г., Веремеева Ю. С. Факторы и резервы увеличения прибыли предприятия // Символ науки. - 2016. - № 5. - С. 163.

[58] Еланцев С. В. Управление доходами, расходами и прибыль корпорации // Вестник Шадринского государственного педагогического университета. - 2015. - № 1 (25). - С. 105.

[59] Ивашковский С.Н. Экономика: Микро- и макроанализ: Учебно-практическое пособие. - М: Дело, 1999. - 76с.

шавад, ва аз ин рӯ ба қабули қарорҳои муассири идоракунӣ бо мақсади афзоиши фоида мусоидат намекунад.

Таснифоти омилҳои С.Н. Ивашковский, ки дар боло баррасӣ карда шуд, ба андешаи мо, ҷудошавии омилҳои фоидаро пурра нишон намедиҳад. Аз ҳама ҷолибтар ба ин маъно консепсияи И.А. Бланк мебошад, ки имкон медиҳад омилҳои фоида ба таври системавӣ гурӯҳбандӣ карда шавад. Ин таснифот дар расми 1 оварда шудааст.[60] Таҷриба нишон медиҳад, ки дар раванди амалигардонии фаъолияти хоҷагидории корхона, ки ба истеҳсол, фурӯши маҳсулот ва ба даст овардани фоида алоқаманд аст, ин омилҳо бо ҳам вобаста ва ба ҳам алоқаманд мебошанд.

Ҳамин тавр, ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ аҳамияти фоида ниҳоят бузург аст. Хоҳиши ба даст овардани он истеҳсолкунандагонро ба зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ба истеъмолкунанда зарур, кам кардани хароҷоти истеҳсолӣ равона мекунад.

Дар шароити рақобати рушдкарда бо ин роҳ на танҳо ҳадафи соҳибкорӣ, балки ҳам мақсади қонеъ гардонидани талаботи ҷамъият низ ба даст оварда мешавад. Дар шароити бозор корхона бояд на танҳо ба гирифтани фоидаи зиёд, балки ҳам ба истифодаи самараноки он кӯшиш намояд. Ин имкон медиҳад, ки корхона натанҳо мавқеи худро дар бозор нигоҳ дорад, балки ҳам рушди устувори худро дар шароити рақобатӣ таъмин намояд.

**Адабиёт:**


1. Еланцев С. В. Управление доходами, расходами и прибыль корпорации // Вестник Шадринского государственного педагогического университета. - 2015. - № 1 (25). - С. 103-108.
2. Ивашковский С.Н. Экономика: Микро- и макроанализ: Учебно-практическое пособие. - М: Дело, 1999. - 360с.
3. Ковалев В.В. Финансовый анализ: методы и процедуры: Научное издание / В.В. Ковалев. – М.: Финансы и статистика, 2001. - 560с.
4. Тимофеева С. А., Кибальчич П. Ю. Направление анализа влияния различных факторов на прибыль предприятия // Научные записки Орел ГИЭТ. - 2012. - № 1(5)
5. Уткин Э. Финансовый менеджмент. Учебник для вузов. – М.: Издательство «Зерцало», 1998. - 239с.
6. Хайдукова, Д. А. Классификация факторов, влияющих на прибыль предприятия / Д. А. Хайдукова. // Молодой ученый. - 2016. - № 21 (125). - С. 519-521.


[60] Ковалев В.В. Финансовый анализ: методы и процедуры: Научное издание / В.В. Ковалев. – М.: Финансы и статистика, 2001. – 55с.

# РУШДИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Шоев Д.М. – докторант PhD**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Саноат яке аз соҳаҳои муҳимми хоҷагии халқи мамлакат ба ҳисоб меравад. Саноати Тоҷикистон қариб пурра дар замони Ҳокимияти Шӯравӣ ба вуҷуд омадааст. Чи тавре ки дар Паём оид ба Стратегияи миллии рушд то соли 2030 қайд шудааст, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади расидан ба саноатикунонии босуръати кишвар амалишавии барномаҳои соҳавии қабулгардида ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузориро тахти назорати қатъӣ қарор додааст. Бинобар ин, соҳаи саноат дар рушди устувори иқтисодиёт ва беҳдошти зиндагии мардум нақши калидӣ дорад.

Мавриди зикр аст, ки тайи солҳои охир бо дастгирӣ ва кӯшишҳои Президенти мамлакат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти татбиқшавандаи иқтисодӣ давра ба давра амалӣ гашта истодааст. Бинобар ин, айни замон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятҳоро доир ба ҷалби сармояи мустақим, бунёди корхонаҳои навъи истеҳсолӣ, ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва ташкили ҷойҳои корӣ вусъат бахшида истодааст. Мавҷуд набудани баъзе намудҳои ашёи хом дар дохили кишвар барои истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ масъалаи ҳалталаб мебошад. Вобаста ба ин, дар назар дошта шудааст, ки ашёи хоми барои коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ воридшаванда, ба истиснои ашёи хоми дар Тоҷикистон истеҳсолшаванда ва молҳои зераксизӣ, аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шавад ва тартиби татбиқи имтиёзҳо муайян шавад.

Тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ доир ба ташкили истеҳсолоти ивазкунандаи воридот имкон доданд, ки аҳолӣ аз ҳисоби истеҳсолоти ватанӣ бо молҳои асосии хӯрокворӣ, асбобҳои рӯзгор ва масолеҳи сохтмон таъмин гардида, ҳаҷми воридоти маводи ғизоӣ аз хориҷи кишвар дар давоми се соли охир қариб се миллиард сомонӣ ё 31 фоиз коҳиш дода шавад.

Ин корхонаҳо тавассути қувваи кории қобили меҳнат, захираҳои моддӣ-техникӣ ва манбаъҳои молиявӣ фаъолияти худро ба роҳ монда, иқтидори истеҳсолӣ ва даромаднокиро дар ҷомеа рушд медиҳанд. Бо зиёд шудани иқтидори истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ ва умуман ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ ҳиссагузории он дар афзоиши истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ зиёд гардида, дар таъмини барзиёдии даромади буҷет, нигоҳдошти қурби пули миллӣ, рушди тиҷорати байналхалқӣ таъсири мусбат мегузорад. Дар ҳолати паст шудани иқтидори истеҳсолот, рақобатпазиру бозоргир набудани маҳсулоти саноатӣ, самарнок нагардидани фаъолияти корхонаҳо сатҳи баланди рушди соҳаҳои иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, фарҳанг, хизматрасониҳои иҷтимоӣ, хоҷагии манзил, коммуналӣ, шуғл, даромаднокии аҳолӣ ва ғайра), ки некӯаҳволии мардумро муайян мекунанд, таъмин буда наметавонад. Ин ислоҳот доираи қонуниятҳои низоми давраи гузариш ба муносибатҳои васеи бозорӣ, қабули санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатӣ, ташаккули гуногуншаклии моликият, ҷалби сармояҳои хориҷӣ ва эҳёи корхонаҳои нав, дигаргунсозиҳои соҳавӣ ва рушди муносибатҳои байналхалқиро дар бар мегирад.

Сиёсати саноатӣ бояд ҷавобгӯи принсипҳои асосии сиёсати иқтисодӣ бошад. Принсипҳои асосии сиёсати иқтисодӣ ташкили шароити баробари рақобат барои ҳамаи корхонаҳо, хислати кушода будани иқтисодиёт, зарурияти тағйироти сохтории прогрессивӣ, ислоҳоти соҳаҳое, ки бо рушди иқтидори инсонӣ алоқамананд, рушди

бахши инноватсионӣ, танзими давлатии меъёрӣ, ташкил ва дастгирии объектҳои зерсохтори саноатӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Дар бораи натиҷаҳои сиёсати саноатӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои асосии рушди иҷтимоӣ –иқтисодӣ метавон хулосабарорӣ намуд.

**Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори соњаҳои саноат бо фоиз %**

| | *2017* | *2018* |
|---|---|---|
| **Ҳамагӣ, саноат** *Вся промышленность* | **100,0** | **100,0** |
| **Саноати истихроҷи маъдан** *Добывающая промышленность* | **22,6** | **19,6** |
| **Саноати коркард** *Обрабатывающая промышленность* | **58,6** | **56,6** |

| ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ КОРХОНАҲО АЗ РӮЙИ ШАКЛҲОИ МОЛИКИЯТ, фоиз | |
|---|---|
| 2017 | |
| сектори давлатӣ государственный сектор; 9,3 | сектори ғайридавлатӣ негосударствен ный сектор; 90,7 |
| 2018 | |
| сектори давлатӣ государственный сектор; 8,7 | сектори ғайридавлатӣ негосударственный сектор; 91,3 |

Яке аз омилҳои дигари рушди истеҳсолоти саноатӣ беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ба шумор меравад. Роҳи ташкил намудани низоми имтиёзҳо барои корхонаҳо – сармоягузорон, ки боздиҳӣ ва ҷолибнокии фаъолияти сармоягузориро таъмин мекунанд, ҳавасманд намудани рушди иқтисодӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилии маблағгузорӣ имконпазир аст.

Дар Тоҷикистон 45 корхонаи саноатӣ дар марҳилаи барҳамхӯрӣ ва муфлисшавӣ қарор дорад. Дар соли 2019 дар Тоҷикистон 149 корхонаи саноатӣ аз фаъолият бозмонд, ки нисбат ба соли 2018 камтар будааст. Дар соли 2018 шумори корхонаҳои аз фаъолият бозмонда 180 ададро ташкил медод. Бинобар иттилои Вазорати саноат ва технологияи нави Тоҷикистон, дар кишвар дар соли гузашта аз 149 корхонаҳо аз фаъолият бозмонда, 45 корхона дар марҳилаи барҳамхӯрӣ ва муфлисшавӣ қарор дорад. Вазорати саноат: 53 корхонаи Тоҷикистон пурра сокинонро бо либоси мактабӣ таъмин мекунад.

Инчунин, аз ин шумор 29 корхона бо сабаби рақобатпазир набудани маҳсулот ва надоштани ашёи хом, 23 корхона бо сабаби фарсуда шудани таҷҳизот, 9 корхона бо сабаби надоштани иҷозатномаи истихроҷи канданиҳои фоиданок ва 43 корхона бо сабабҳои мавҷудияти қарзҳо аз ҳисоби андозҳо ва пардохтҳо дар назди буҷети давлатӣ, аз ҷумҳурӣ рафтани роҳбари корхона бинобар шаҳрванди хориҷӣ буданашон, надоштани фармоиш, мушкилоти молиявӣ дар марҳилаи бунёд ва муҷаҳҳазгардонӣ қарор доштан (навтаъсис) фаъолият надоранд, - таъкид доштааст манбаъ.Тибқи иттилои манбаъ, бештар корхонаҳо дар ноҳияҳои тобеи марказ ва Хатлон аз фаъолият бозмондаанд.“Дар соли 2019 дар Суғд - 32 корхона, Хатлон - 39 корхона, шаҳри Душанбе - 33 корхона, ВМКБ - 5 корхона ва дар ноҳияҳои тобеи марказ 40 корхона аз фаъолият бозмонданд”, - қайд намудаанд Вазорати

саноати Тоҷикистон. Дар ҳамин ҳол, манбаъ зикр намудааст, ки дар соли 2019 дар ҷумҳурӣ зиёда аз 2164 корхонаи саноатии ҳисобдиҳанда ба қайд гирифта шудааст. Тибқи маълумоти оморӣ дар давраи ҳисоботӣ дар ҷумҳурӣ 219 корхонаву коргоҳҳои нави саноатӣ бо таъсиси 2942 ҷойҳои кории нав сохта ба истифода дода шудаанд.

Чунин корхонаҳои хурди косибӣ қариб дар ҳама гӯшаю канорҳои Тоҷикистон вуҷуд доштанд, ки онҳо ба коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, пӯсту пашм ва истеҳсоли олоти нисбатан одӣ машғул буданд. Дар қаламрави Тоҷикистон даҳҳо ҳазор одамон ба кори косибӣ банд шуда, аксар танҳо ва ё худ дар артели хурд кор мекарданд. Аз рӯйи маълумоти мавҷуда дар ҳудуди ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистон 3335 корхонаҳои косибӣ амал мекарданд, ки дар онҳо 3543 коргар кор мекард. Қариб 90% ин корхонаҳоро соҳаи истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, дастгоҳҳои бофандагӣ ва коркарди пӯст ташкил медод, ки аслан барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолии маҳаллӣ равона шуда буд. Дар округи Хуҷанд бошад, то замони Ҳокимияти Шӯравӣ зиёда аз 8 ҳазор корхонаҳои хурди косибӣ амал мекард, ки дар онҳо қариб 15 ҳазор нафар коргар банд буд. Соли 1913 дар қаламрави Тоҷикистон корхонаҳои ба ном саноатӣ ҳамагӣ 29 адад буд, ки 11-тои он ба истихроҷи ангишт, нефту озокерит, 8-тои он аз дастгоҳҳои пахтатозакунӣ, 4-то корхонаи хурди коркарди намак ва ду заводи шароббарорӣ иборат буд.

Дар замони Ҳокимияти Шӯравӣ саноати Тоҷикистон ба пешравиҳои зиёд ноил гашт. Дар солҳои аввал миқдори корхонаҳои саноатии пахтатозакунӣ, бофандагӣ, виною консервабарорӣ ва минбаъд дар асоси конҳои мавҷудаи нефти САНТО (ҳоло «КИМ») ва Шӯроб истеҳсоли нефт ва ангишт ба роҳ монда шуд. Тадқиқоти геологӣ барои дар Тоҷикистон ташкил намудани саноати кӯҳӣ, истеҳсоли металҳои нодир ва ранга замина гузошт. Дар он солҳо дар натиҷаи истихроҷи металҳои ранга дар ҷумҳурӣ соҳаи нави саноат-металлургияи ранга ба миён омад ва он ба яке аз соҳаҳои махсусгардонидаи мамлакат табдил ёфт. Дар солҳои баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ соҳаҳои аҳамияти умумииттифоқидошта (саноати пахтатозакунӣ, шоҳибофӣ, газвор, консерваю винобарорӣ, металлургияи ранга) бо суръати баланд тараққӣ карданд. Дар баробари ин ба инкишофи соҳаҳои аҳамияти республикавӣ дошта (дӯзандагӣ, сӯзишворӣ, металкоркунӣ, ордкашӣ, нонпазӣ, истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ ва ғайра) низ диққати махсус дода мешуд. То замони Истиқлолият вобаста ба талабот ва пешрафти тараққиёт соҳаҳои энергетика, кимиё ва металлургияи ранга асоси тахассуси истеҳсолоти саноатиро дар Тоҷикистон ташкил намуданд. Ҳоло саноат соҳаи асосии иқтисодиёт буда, қисми зиёди даромади миллии мамлакатро медиҳад.

Саноати Тоҷикистон баъди соли 1990 ба бухрони шадиди иқтисодӣ дучор омад. Сабаби асосии он канда шудани робитаҳои иқтисодӣ бо дигар ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва ҷумҳуриро тарк намудани бисёр коргарону мутахассисон гардид. Соли 1997 истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар мамлакат нисбат ба соли 1990 бештар аз 33 фоиз паст фаромад. Дар ин давра истеҳсоли соҳаҳои муҳимми саноатӣ, аз он ҷумла соҳаи металлургӣ қариб 40 фоиз ва саноати сабук то 32 фоиз кам гардид. Ҳаҷми истеҳсоли қувваи барқ нисбат ба соли 1990-ум 3,6 млрд. кВт соат паст шуд. Бо вуҷуди ин дар солҳои истиқлолият корхонаҳои саноатии Тоҷикистон новобаста ба душвориҳои молиявӣ, таъминот ба ашёи хом, маводи сӯхт ва энергетикӣ тадбирҳоро доир ба танзиму таҷдид ва дар истеҳсолот ҷорӣ намудани технология ва таҷҳизоти нави ҳозиразамон амалӣ намуданд. Таҳлили фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои саноатии мамлакат нишон медиҳад, ки соли 2008 ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба соли 2002-ум қариб 156,3 фоиз зиёд гардид. Баъди як қатор чорабиниҳо солҳои охир инкишофи соҳаҳои муҳимми саноатӣ ба назар мерасад. Дар ҷумҳурӣ ҳоло 1366 корхона вуҷуд дорад, ки ҳаҷми умумии маҳсулоти онҳо ба 6106 млн.

сомонӣ мерасад, баробар меояд. Соли 1995 ҳиссаи корхонаҳои бахши ғайридавлатӣ дар истеҳсоли маҳсулоти ҷумҳурӣ ҳамагӣ 3,3 фоизро ташкил дод ва соли 2008 ба 42,8 фоиз расид.

Саноати Тоҷикистон серсоҳа ва инкишофи комплексӣ дошта, бо техникаю технологияи ҳозирзамон ҷиҳозонида шудааст. Дар ҳайати он бештар аз 90 соҳаҳои гуногун ва намудҳои истеҳсолӣ гирд оварда шудаанд. Ҳангоми гузариш ба муносибатҳои бозаргонӣ ва хусусӣ гардонидани як қатор корхонаю муассисаҳо, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ва корхонаҳои муштарак бо ҳамкорию дастгирии инвеститсияи хориҷӣ таъсис ёфтанд. Айни замон аз миқдори умумии корхонаҳои саноатии мамлакат 945 корхонаи ғайридавлатӣ, 156 ҷамъияти саҳомӣ ва 48 корхонаи муштарак ба қайд гирифта шудааст. Дар ду шаҳри калони ҷумҳурӣ — Душанбе ва Хуҷанд қариб 15 фоизи ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ истеҳсол карда мешавад. Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ ва ашёи маъданӣ буда, он имконияти дар оянда тараққӣ додани соҳаҳои саноати вазнинро ба миён меорад. Ҳоло дар таркиби саноати Тоҷикистон вазни хоси саноати вазнин 48 фоизро ташкил мекунад. Вобаста ба талаботи маҳсулоти саноат ва муносибатҳои бозаргонӣ соҳаҳои асосӣ дар ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулот мавқеи хосро ишғол мекунанд. Ҳоло дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ мавқеи асосиро металлургияи ранга (49,5 фоиз), сипас саноати сабук — 19,5 фоиз ва хӯрокворӣ — 16,8 фоиз ишғол менамоянд. Саноати ҷумҳурӣ дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ фаъолият мекунад. Ҷойгиркунонии саноат мувофиқи нақша сурат гирад ҳам, вале аз сабаби кӯҳсор будани Тоҷикистон нобаробар аст.

Маҳсулоти саноатӣ – ин қисми маҳсулоти умумии дохилӣ (МУД) ва маҳсулоти умумии беруна (МУБ), ки дар корхонаҳои саноатӣ истеҳсол мешаванд.

Аз самтҳои тайёрӣ маҳсулоти саноатӣ ба маҳсулоти тайёр, нимтайёр ва истеҳсоли нотамом тақсим мешаванд.

- Маҳсулоти тайёр – ин маҳсулоте, ки дар оянда коркард карда намешаванд ва барои қонеъ гардонидани аҳолӣ пешкаш мешаванд.

Маҳсулоти тайёр бояд ба талаботи техникӣ ва стандартии сифат ҷавобгӯ бошад;

- Маҳсулот нимтайёр – ин маҳсулоте, ки истеҳсолашон дар сех ба охир расидааасту аммо бояд ки дар дигар сеххои корхона коркард карда шавад;

- Истеҳсоли нотамом – ин маҳсулоте, ки коркарди он дар ин ё он сехи корхона сар шудааст, аммо ба охир нарасидааст.

**Ба маҳсулоти саноатӣ инчунин дохил мешаванд:**

**А) маҳсулоти хоҷагӣ (подсобное) ва воситаҳои ёрирасон (қувваи барқ, боғ, асбобҳо ва ғайра);**

**Б) корҳое, ки характери саноатӣ доранд ва бо фармоиши мизоҷон иҷро карда мешавад (рагу бор, суфтакунӣ);**

**В) арзиши таъмирҳои капиталӣ ва модернизатсияи таҷҳизоти худӣ ва воситаҳои нақлиётӣ.**

Маҳсулоти саноатӣ аз рӯйи ҳисоботи омории корхона дар намуди натуралӣ ва арзишӣ ифода меёбад. Барои муайян намудани маҳсулот, ки аз тарафи корхона, иттиҳодияҳои саноатии истеҳсолӣ истеҳсол шудааст, дар намуди нишондиҳандаҳои арзишӣ истифода бурда мешаванд: гардиши умумӣ, маҳсулоти фурӯхташаванда.

Гардиши умумӣ – ин арзиши умумии маҳсулот, ки аз тарафи ҳамаи сеххои корхона пешниҳод карда шудааст, барои аз нав коркарди он ё ки барои фурӯш мебошад. Аз ҳамин сабаб гардиши умумӣ счети такрориро дар бар мегирад. Нишондиҳандаҳои гардиши умумӣ

барои банақшагирии дохили корхона дар баъзе ҳолатҳо барои ҳисоб намудани маҳсулоти умумӣ истифода бурда мешавад.

Маҳсулоти умумӣ – ин нишондиҳандаҳои арзиши натиҷавии фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ дар ягон давраи муайян мебошад. Маҳсулоти умумӣ дар таркиби худ арзиши ҳамаи маҳсулоти тайёр ва нимтайёр (ба ғайр аз арзиши маҳсулоти нимтайёри аз нав коркардшуда) арзиши маҳсулоти хоҷагӣ ва сеххои ёрирасон, фурӯши маҳсулот ба дигар корхонаҳо инчунин арзиши корҳои иҷрошудаи саноатӣ дошта, ки аз тарафи мизоҷон ва хоҷагиҳои ғайриистеҳсолӣ фармоиш шудааст.

Дар фарҷом ёдовар мешавем, ки Паёми Пешвои миллат ба мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузории кишвар дар ҳақиқат ҳамчун ҳуҷҷати барномавии сиёсиву ҳуқуқии сол, муқарраркунандаи афзалият ва самту шартҳои ташаккулу пешрафти давлату ҷомеа маҳсуб ёфта, дар асоси он равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангию идеологӣ босуръат амалӣ карда мешавад.

**Адабиёт:**


1. Асроров И. Интеграция экономики Таджикистана в мировую экономическую систему: проблемы и пути их решения. - Душанбе, 2006. – 206 с.
2. Ашуров И.С. Омори кишоварзӣ / Китоби дарсӣ барои макотиби олӣ ва миёнаи махсус. - Душанбе: Ирфон, 2006. - 360 саҳ.
3. Зайцев Н.И. Экономика организации и управления предприятием. - Москва: ИНФРА-М, 2004. - 491 с.
4. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2019 с.
5. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2017 с.
6. Дар бораи корхонаҳо. Қонуни ҶТ аз 25 июни соли 1993 // Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 1993,- №14. -с.89. Бо тағйирот аз 13 декабри соли 1996 // “Садои мардум”, соли 1997. - 4 январ.
7. Давлатзод У. Ташкили ҷамъиятҳои саҳомӣ. - Душанбе: Ирфон, 2008. -198 с.


## НИЗОМИ КУШОДАН ВА ИСТИФОДАИ ҲИСОБҲОИ АСЪОРИИ МИЗОҶОНИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ

**Шукуров Н. Ш.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Соҳаи муҳимми робитаҳои иқтисодии хориҷӣ муносибатҳои қарзӣ ва ҳисоббаробарсозӣ мебошанд. Ин муносибатҳо дар натиҷаи ҳаракати сармоя аз як мамлакат ба мамлакати дигар, воридоту содироти молҳо, корҳо ва хизматрасониҳо ва дар натиҷаи амалиёти ғайритиҷоратӣ ба амал меоянд.

Шахсони ҳуқуқию воқеӣ (резидентҳо ва ғайрирезидентҳо) ҳуқуқ доранд барои кушодани ҳисобҳои асъори бонкҳоро мустақилона интихоб намоянд ва метавонанд бо як ва ё якчанд бонк дар ин хусус шартнома банданд, яъне онҳо метавонанд дар якчанд бонки тиҷоратӣ ҳисоби асъорӣ кушоянд.

Аз соли 2010 то 2018 бо пули миллӣ 34 630 ҳазор сомонӣ, дар соли 2010 бошад, 72 877 ҳазор сомонӣ, яъне нисбат ба соли 2018 зиёда аз ду маротиба амалӣ гашт. Бо асъори

хориҷӣ дар соли 2010 ин нишондиҳанда 26 972 ҳазор доллари ИМА бошад, дар соли 2018 - 48 244 доллари ИМА-ро ташкил намуд [2].

Соҳибони ҳисобҳои асъорӣ маблағҳои асъории худро, ки дар ҳисоби худ дар бонк мавҷуданд, мустақилона ихтиёрдорӣ мекунанд. Бонкҳо ҳуқуқ надоранд самтҳои истифодаи маблағҳои арзии соҳиби ҳисобро муайян ё назорат намоянд ва дигар маҳдудиятҳои ҳуқуқи вайро оиди бо салоҳдиди худ ихтиёрдорӣ намудани маблағҳои қарзӣ, ки дар қонун ё шартномаи ҳисоби бонкӣ пешбинӣ шудаанд, муқаррар созанд.

Маълумот дар хусуси соҳибон, амалиёт ва бақияи ҳисобҳои асъори сирри бонкӣ мебошад, ки махфӣ нигоҳ доштани онро бонк кафолат медиҳад. Чунин маълумот танҳо ба соҳибони ҳисоб ё намояндагони расмии онҳо дода шавад. Ба шахсони сеюм чунин маълумоти қатъӣ дар ҳолат ва ба тартибе, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, пешниҳод мегардад.

Ҳисобҳои асъории ҷорӣ барои шахсони ҳуқуқӣ аз шакли моликият бо асъори хориҷӣ кушода мешаванд. Барои кушодани ҳисобҳои ҷорӣ асъори шахсони ҳуқуқӣ (резидентҳо ва ғайрирезидентҳо) бояд ба бонк ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намоянд:

- ариза мувофиқи шакли муқаррарнамудаи бонк; нусхаи аз тарафи нотариус тасдиқшудаи ҳуҷҷатҳои таъсис ва бақайдгирӣ (шартнома, оиннома, низомнома, протокол ва ғайра);
- ғайрирезидентҳо "нусхаи рухсатнома барои кушодани намояндагиҳо, нусха аз феҳристи вакил кардани намояндагиҳои ширкатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- маълумотномаи мақоми андоз дар хусуси ба қайд гирифтани шахси ҳуқуқӣ ҳамчун андозсупор ва рақами муайянкунандаи андозсупор (РМА), ки ба вай дода шудааст;
- варақаи намунаи имзо бо намунаи имзои мутасаддиёни аввал ва тамгаи муҳри шахси ҳуқуқӣ дар 2 нусха, ки аз тарафи нотариус ё мақомоти болоӣ шахси ҳуқуқӣ тасдиқ шудааст;
- тасдиқи хаттии роҳбарияти шахси ҳуқуқӣ дар хусуси дар бонкҳои дигар ҳисобҳои асъорӣ доштан ё надоштани вай; ҳангоми кушодани ҳисобҳои асъорӣ бо асъори клиринги созишномаҳои махсуси ҳукуматии иқтисодӣ бо давлатҳои хориҷӣ дар хусуси ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи таҳвилоти мутақобил бо асъори клирингӣ пешниҳод карда мешавад.

Бонкҳои тиҷоратӣ кушодани ҳисоби асъориро ба мизоҷон аз рӯйи тартиботи худашон муайянкарда ба расмият медароваранд ва аз ҷониби роҳбар ва сармуҳосиби бонк ба имзо расонида мешавад. Дар нусхаи аслии ҳуҷҷатҳои таъсис ва бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ дар хусуси ба ӯ кушодани ҳисоби ҷории асъори қайд карда мешавад.

Аз ҳисоби ҷории асъори хориҷӣ намудани маблағҳо аз ҷониби бонк дар асоси фармоиши соҳиби ҳисоб амалӣ карда мешавад. Шахсони ҳуқуқӣ ҳангоми ба бонк пешниҳод намудани фармоиш барои хориҷ намудани маблағҳо аз ҳисоби ҷории асъор бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи нисбати онҳо мавҷудаи пулӣ, бояд зарурати барои мубодила равона кардани маблағҳои асъориро бо риояи навбатнокии зерин ба назар гиранд:

- дар навбати аввал, барои ҷуброни зараре, ки ба ҳаёт ва саломатӣ расонида шудааст, ҳамчунин талабот барои ситонидани алимент;

- дар навбати дуюм, барои ҳисоб баробар кардан оид ба пардохти кумакҳои пулӣ ва музди кор бо шахсоне, ки аз рӯйи шартнома кор мекунанд, ҳамчунин оид ба пардохти подош аз рӯйи шартномаи муаллифӣ;

- дар навбати сеюм, оид ба пардохтҳо ба фондҳои буҷетӣ;

-дар навбати чорум, барои қонеъ гардонидани пардохтҳои асосманди воридотӣ ва пардохтҳо аз рӯйи амалиёти ҷорӣ ва ғайритиҷоратӣ бо асъори хориҷӣ берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, адо кардани қарзҳои бо асъори хориҷӣ гирифташуда ва фоизҳои аз рӯйи онҳо ҳисобкардашуда ва пардохтҳо аз рӯйи амалиёти асъории бо ҳаракати сармоя вобастабуда;

- дар навбати панҷум, барои қонеъ гардонидани дигар талаботи пулии соҳиби ҳисобҳои асъорӣ.

Тартиби навбатии истифода кардани маблағҳои асъори ҳисобҳои асъорӣ, ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон, таҳти №168 аз 26 июли соли 2009 тасдиқ шудааст, ба ақидаи мо, баҳснок мебошад. Пеш аз ҳама, бояд қайд кард, ки дар банди 6-и Дастурамали №120 «Оиди тартиби аз ҷониби бонкҳои ваколатдор кушодан ва пеш бурдани ҳисобҳои асъории шахсони ҳуқуқии воқеӣ (резидентҳо ва ғайрирезидентҳо) Ҷумҳурии Тоҷикистон», комилан бо қарори дар боло зикршуда тасдиқ шудааст.

Аз тарафи дигар, пардохтҳои дар навбати чорум овардашуда, яъне қонеъкардашаванда он пардохтҳое мебошанд, ки аз саривақтӣ ва пуррагии онҳо мавҷудият ва ё ҳаёту мамоти мизоҷони бонкҳо вобаста аст. Агар ин пардохтҳои навбати чорум саривақт ва пурра амалӣ нагарданд, нисбати чунин шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ чораҳои муҷозотӣ дида мешаванд, ки дар зери онҳо шахсони номбурда ба муфлисӣ гирифтор мешаванд. Ба ақидаи мо, агар навбати пардохт муқаррар карда шавад, бояд дар ҷойи аввал пардохти музди кор, дар ҷойи дуюм, пардохтҳо барои қонеъ гардонидани пардохтҳои асосманди воридотӣ, пардохтҳо аз рӯйи амалиёти ҷорӣ ва ғайритиҷоратӣ бо асъори хориҷӣ берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сеюм, ҳамаи дигар пардохтҳо қонеъ карда шаванд.

Ҳисобҳои ҷории асъории шахсони ҳуқуқӣ (резидентҳо ва ғайрирезидентҳо) баста мешаванд:

а) аз рӯйи аризаи соҳиби ҳисоб;

б) баъди анҷоми муҳлати фаъолияти ғайрирезидентӣ;

в) ҳангоми мавҷуд набудани сабтҳо ва бақия дар ҳисоб дар давоми сол. Дар ин ҳолат бонкҳо вазифадоранд як моҳ пеш соҳиби ҳисобро ба таври хаттӣ огоҳ намоянд, ки ҳисоби асъории онҳо баста мешаванд.

г) дар ҳолатҳо ва тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бонки миллии Тоҷикистон аз 1 январи соли 2017, барориши вомбаргҳои давлатӣ, ҷалби қарзҳои (грантҳои) ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ муайян карда шавад [1].

Шахсони воқеӣ (резидентҳо ва ғайрирезидентҳо) ҳуқуқ доранд дар бонкҳо ҳисобҳои асъории амонатии дархостӣ, ҳисобҳои муҳлатдор ва пасандозӣ барои гузоштани пасандоз (амонат) бо асъори хориҷӣ кушоянд. Ба ҳисоби ҷорӣ ва пасандозии асъории шахси воқеӣ ворид кардани асъори хориҷии зерин имкон дорад:

асъори хориҷии аз хориҷи кишвар овардашуда бо риояи қоидаҳои гумрукӣ;

* асъори хориҷии аз ҳисобҳо бо супориши шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, аз ҷумла аз хориҷи кишвар интиқолшуда, ирсолгардида;

* асъори хориҷии аз ҳисоби соҳиби он гирифташуда;

* асъори хориҷии дар бозори дохилии танзими асъор харидашуда; *маблағҳои асъорӣ, ки ба мерос ва ё аз рӯйи васиятнома гирифта шудааст;

* дигар маблағҳои асъорӣ, ки манбаи пайдоиши қонунӣ доранд. Соҳиби ҳисоби асъории пасандозӣ метавонад дар хусуси ба ихтиёри шахси дигар вогузор намудани ҳисоб боваринома нависад. Боваринома бояд ба тартиби қонунан муқарраршуда ба расмият дароварда шавад. Аз рӯйи бақияи маблағҳои ҳисобҳои пасандозии асъории шахсони воқеӣ бонкҳо ба тартиб ва ба андозаи муайяннамудаи шартномаи пасандози бонкӣ ва ҳангоми дар шартнома мавҷуд будани шартҳои дахлдор, ба андозае, ки бонк одатан аз рӯйи пасандозҳои дархостӣ пардохт менамоянд, фоиз ҳисоб мекунад ва онро ба асъори пасандозӣ пардохт менамояд [3].

Воридоти соф ба ҳисоби миёна дар ҳар як моҳи нимсолаи якум ба 10,4 млн. доллари ИМА баробар буда, аз бузургии миёнаи ин нишондиҳандаҳо дар семоҳаи сеюм (26,3 млн. доллари ИМА ва дар семоҳаи чорум (30,6 млн. доллари ИМА) мутаносибан 2,6 ва 3,0 маротиб камтар аст. Чунин ҳолат аз кам будани талаботи софи бозори асъорӣ ва нақди хориҷӣ. Талаботи софи аҳолӣ бозори асъори нақди хориҷӣ дар нимсолаи якум ба ҳисоби миёна дар ҳар як моҳ ба 7,2 млн. доллари ИМА баробар буд, ки аз талаботи соф дар ҳар як моҳи семоҳаи сеюм (22,8 млн. доллари ИМА) ва ҳар як моҳи семоҳаи чорум (30,5 млн. доллари ИМА) мутаносибан 3,2 ва 4,2 маротиба камтар мебошад. Чунин ҳолат низ бозори асъори нақди хориҷӣ қонунгардонии маблағҳои пулӣ вобастагӣ дорад. Воридоти соф бошад, моҳи декабр нисбати моҳи октябр ба маблағи 6,5 млн. доллари ИМА ё 21,3% кам шудааст. Гардиши бозори байнибонкӣ мувофиқан ба моҳи октябр -10,2 млн. доллари ИМА ё 178,9% ва моҳи ноябр -20,9 млн. доллари ИМА ё 366,7% кам шудааст. Гардиши ҷамъбастии амалиёти шахсони воқеӣ мувофиқан ба 5,6 млн. доллари ИМА ё 10,1% ва 1 млн. доллари ИМА ё 1,8% кам шудааст.

Талаботи соф моҳи декабр каме зиёд шудааст (2,8 млн. доллари ИМА ё 9,2% ва 20% ё 5,5 млн. доллари ИМА).

Талаботи умумӣ бошад, моҳи декабр нисбати моҳи октябр 1,4 млн. доллари ИМА ё 3,2% кам шудааст ва нисбати моҳи ноябр 2,2 млн. доллари ИМА ё 5,2% зиёд шудааст. Ҳисобҳои ҷорӣ ва пасандозии асъории шахсони воқеӣ баста метавонад:

а) аз рӯйи аризаи соҳиби ҳисоб;

б) ҳангоми дар ҳисоби ҷорӣ дар давоми як сол набудани гардиш ва бақияҳо. Дар ин маврид бонкҳо вазифадоранд як моҳ пеш соҳиби ҳисобро дар хусуси баста шудани ҳисоби вай ба таври хаттӣ хабар диҳанд;

в) дар дигар ҳолатҳо ва ба тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Низоми кушодан ва пешбурди ҳисобҳои асъории корхонаҳо, ширкатҳо ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ (шахсони ҳуқуқӣ) ва шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меъёрҳои ҷаҳонӣ мувофиқат мекунанд.

**Адабиёт:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2017. -Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017, № 11, моддаи 957)
2. Ахбори Бонки миллии Тоҷикистон. Солҳои 2015-2017. – Душанбе, 2017.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон». – 2011, № 383.

4. Раҳимзода Ш. Муомилоти пулӣ ва қарз. - Душанбе: ЭР - граф, 2008. - 450 с. 59
5. Банковское дело. Под редакцией Лаврушина О.И.-М. Фис, 2008.
6. Гулд У. Банковское дело: стратегическое руководство. – М. ЮНИТИ, 2008.
7. Дурнамои самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2020. www.nbt.tj Н

# БАХШИ 5.

## ҶОЙГОҲИ ИЛМҲОИ ГУМАНИТАРӢ ДАР РАВАНДИ АМАЛИГАРДОНИИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# СЕКЦИЯ 5.

## МЕСТО ГУМАНИТАРНЫХ НАУК В ПРОЦЕССЕ РЕАЛИЗАЦИИ УСКОРЕННОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

# ОБ ДАР ТАСВИРИ ХАЛҚ

**Абдуламин Мажнунов**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Об бузургтарин неъматест, ки барои инсоният ато шудааст. Об ба хотири он нуфузе, ки дар оғозу таърихи офариниш, сохтори олам, тавлиди ҳаёт, нумӯи рустаниҳо, зиндагии ҳайвонот ва ҳаёти одамон дорад, дар таърихи афкори маънавии инсоният ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи хоса қарор гирифта омадааст. Чи дар тасаввуроти мардумони одӣ, чи дар бовар ва асотири халқияту ақвоми олам ва чи дар адёни ҷаҳонӣ, мисли Зардуштия, Яҳудият, Масеҳият ва Ислом об ба сифати як муъҷизаи осмонӣ, офаридаи Худо ва баёнгари қудрату эъҷози илоҳӣ, чун ашёи муқаддас, ҳаётбахш ва поксози инсон мақоми бузургеро соҳиб аст. Дар тасаввури мардумӣ ва осори фарҳангӣ ва дар тавзеҳи илмиву фалсафии об ҳам дар аҳди бостон ва ҳам дар асрҳоимиёнатаваҷҷуҳиаввалиндараҷа ба мавқеимаънавиюахлоқии он дар зиндагии одамон дода шудааст. Ҳарчанд шинохти дақиқи илмии об танҳо дар асрҳои охир муяссар мешавад, аммо ҳамон тасаввуротҳои ибтидову асотирӣ ва тавзеҳу ташреҳи мазҳабӣ дар сурати рамзиву тамсилӣ ва куллӣ хеле аз хусусиёти моддӣ ва табиати хоси обро фаро гирифтаанд ва худ низ дар ҷараёни дарку тавзеҳи ҳамин қазия ба миён ьомадаанд.

Пешниҳоди ташаббуси чаҳоруми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарами Эмомалӣ Раҳмон дар ҳалли ин мушкилоти глобалии об таҳти унвони “Об барои рушди устувор”, солҳои 2018-2028 дар форуми 7 уми умумиҷаҳонии об, азтаваҷҷуҳи махсуси Тоҷикистон ба масъалаи глобалии об дарак медиҳад.Дар асотири мухталифи халқҳои ҷаҳон об ба сифати нахустҷанба, мабдаи аввалияи ҳамаи мавҷудот, муодили ҳолати ғайри муташаккили ибтидои олам ва умуман нерӯи бунёддиҳандаи коинот шинохта шудааст. Як далели асосии нахустмабда будани об, ба қавли уламо, ҳамон мавзӯи ба аксари асотири ақвоми мухталиф умумӣ - аз қаъри уқёнус берун овардани замин мебошад.

Об, моеи шаффофи беранг, ҳаётбахш ва ошомидаи тамоми мавҷудоти зинда аст. Об яке аз чор унсури асосии табиат аст, ки дар фарҳанги мардуми тоҷик ҷойгоҳи хоссе дорад. Дар адабиёти шифоҳӣ об ҳамчун сарчашмаи ҳаёт ва ҳусну тароватии табиат нақлу ривоят ва қиссаву ҳикоятҳои зиёде эҷод шудаанд. Об ҳамчун яке аз аносири муқаддас дар поксозии тани инсон ва хонаву ҳавлӣ дар қаринаи ҷашну маросими тоҷикон мавқеи назаррас дорад. Об ва мафҳумҳои чашмаву ҷӯю дарё дар назми шифоҳии тоҷик дорои разму мазмунҳои гуногуни иҷтимоию асотирӣ гаштаанд. Дар бисёр рубоию дубайтиҳо вожаи об ва таъбири “оби” равон ифодакунандаи рамзи зиндагӣ мебошад. Муҳаққиқон обро рамзи нашъунамо, шодоб, сабзу хуррам ва шукуфо будан низ шумурдаанд, аммо об бештар рамзи зиндагӣ-рӯзгорро ифода мекунад.

Адабиётшинос А.Набавӣ дар китоби **“**Достони об ё обнома**”** ба фаслҳои зерин чудо кардаст. Ин китоб фарогири маводе аз асотир, китоби муқаддаси динӣ, илму фалсафа, тиб эҷодиёти халқ ва адабиёти бадеӣ мебошад, ки аҳамияти маърифатӣ ва ахлоқиву тарбиявӣ доранд ва эътиқоду боварии хонандагонро ба неъмати бебаҳо ва муқаддас будани об афзуда, ҳисси масъулияти эшонро дар эҳтиром кардан, покиза доштан ва сарфа кардани об тақвият хоҳад бахшид. Об дар фолклори тоҷик дар бисёр мавридҳо ба тариқи рубоиҳо суруда мешавад. Агар боз ба рубоиёти шифоҳӣ рӯ биёрем, мафҳуми об ва мақоми об дар ин намуди

назми шифоҳӣ ҳамчун кафшери муҳаббат ва тору пуди муносибати ошиқон хизмат намудааст:

Об додаму пиёла мунд дар дастум

Худма ба ту бевафо чӣ баднум кардум

[Ф,Ф, Ф,Б ]

Дар тасаввури мардумӣ ва осори фарҳангӣ ва дар тавзеҳи илмиву фалсафии об ҳам дар ҳади бостон ва ҳам дар асрҳои миёна таваҷҷуҳи аввалиндараҷа ба мавқеи маънавию ахлоқии он дар зиндагии одамон дода шудааст:

То кай ба ғамат ғусса хурам, эй барно,

Аз ғуссахурӣ имрӯз шудам обу адо.

[Ф.Ф.Ф.Б]

Духтари ошиқ асту илоҷи дидани дидори ёрашро надорад ва бо баҳонаи об кӯзаи ба даст гирифта сӯйи чашма ва ё дарё равона аст. Ҷавон аз оҳи ҷигарсӯзи духтар гӯё воқиф аст, ки дар васфи ҳолати рӯҳии ӯ бо рубоӣ ҷавоб додааст.

Кӯза ба даст ҷура ба об омадаӣ,

Пирсидани ҷигарҳои кабоб омадаӣ,

Кӯзаро бимон як лаҳза ба пешам нишин,

Ҳарчанд ки ба кори изтироб омадаӣ.

**[Ф,Ф, Ф. К,]**

Бесабаб нест, ки об ҳамчун рамзи ҳаёт дар нақлу ривоят, афсонаву ҳикоят, назми шифоҳӣ ва адабиёти китобии тоҷик ҷанбаи тасвир гардидааст. Дар назми шифоҳӣ ва ҷузъи таркибии он рубоиёти мардумӣ об мавриди тасвир қарор ёфтааст.

Оби равону мусаффо ба ҳусну таровати худододи духтар муқоиса ва ташбеҳ карда шудааст. Овозаи ҳусну ҷамол ва мисли оби равон поку беғубор будани духтар Шоҳзодаро ҳам ғуломи ишқи ӯ гардонидааст. Оби равону тоза ва ҷаҳонбахшу мусаффо дар мисраи василаи рубоӣ бештар ифода ёфтааст:

То кай ба ғамат ғусса хурам, э барно,

Аз ғуссахурӣ имруз шудам обу адо.

**[Ф,Ф.Ростровут]**

Ҳазорон сол аст, ки ниёгони мо барои тоза нигоҳ доштани об фидокорӣ кардаанд. Дар байни мардум барои нигоҳ доштан ва ривоҷ додани ин анъаноти муқаддас ба тариқи дубайтӣ ва рубоӣ дар китобҳои адабиёти шифоҳӣ ҳидоят кардаанд:

Ман бехабаро ёрам бурафтас пайдо,

Дилу ҷигарам то умадаш обу ҳаво.

**[Ф,Ф,Ростровут]**

Дар ин рубоӣ об маънои рӯзгору ҳаёт ва ибораи обҳои равон кинояаз ҳаёти гузарон буда, себаргаҳои тоза ҷавонон ва инчунин худи ҷавондухтари гӯянда мебошад. Калимаи “об” дар рубоиҳо инчунин ба маънои рамзии ишқ истифода шудааст. Бо таъбири “об” гӯяндаҳо изҳори ишқу муҳаббатро тасвир кардаанд:

Духтараки савзина муют шолӣ,

Худ гуфта будӣ:Ба ов меоюм ҳолӣ,

Рафтам сарчашмара дидам холӣ,

Э духтараке, ту ҳоли ҷазо дорӣ.

**[Ф.Ф.Ш,К. 5]**

Имрӯз ҳам, тоҷикони кӯҳистон обро ба ҳайси покӣ ва рӯшноӣ ба он ворид кардани ҳар гуна ғаждиро гуноҳи азим медонанд. Дар фасли баҳор мардуми кӯҳистон интизорӣ

мекашанд, ки кай об биёяд аз кӯҳу дара баъд аз интизориҳо оби ҷӯйбор ба қишлоқ мерасад, тамоми мардумони деҳа обро бо хушнудии зиёд истиқбол мегиранд, бо дафу доира ва карнаю сурнай бо як хурсандӣ пешвоз мегиранду сурудҳои халқӣ мехонанд:

Варзоб дара, ҳавои Варзоб дара,
Рӯймоли нигор шавум, обум бубара,
Обум бубара, пешаки ёрум бубара,
Сар дар бағалуш монум, хобум бубара.

**[Ф,Ф, Ф, Ҳ]**

Хулоса, аз қадимулайём то ба имрӯз чаҳор унсури муқаддасе, ки сабаби ҳастиву бақои оламу ҳаёт мебошад, яке об аст. Пас барои мо ворисон ҳам фарз асту ҳам суннат, ки анъанаву суннати ниёгони хушзавқу хирадмандамонро дар мавриди посдории об ҳифз намоем ва идома диҳем. Арҷгузорӣ ва бузургдошти об ҳамчун аз муқаддастарин муъҷизаҳои зиндагиофарини табиат мавзӯи баъзе аз дуоҳои мардумӣ низ қарор гирифтааст. Масалан, ҳангоме ки шахсе одами ба об ташнаро об медиҳад ва боиси шикастану рафъи ташнагии ӯ мешавад, аз забони касе, ки обро хӯрдааст, ин иборатҳоро мешунавад: “Худо ба ту умри об ато кунад”, “Умрат умри об барин дароз шавад”. Эътиқоди мардум нисбат ба об хеле баланд аст. Чанд намунае аз сурудҳои халқӣ нисбат ба об ба матни суруд мутаваҷҷеҳ мешавем:

Ман оби равон ҳастам,
Ман роҳати ҷон ҳастам.
Аз кӯҳ, ки ман оям,
Бар дашту даман оям:
Рақсидаву рақсида.
Ғалтидаву ғалтида.
То пеши шумо оям,
Хандидаву хандида.
Болидаву болида
То ман наравам дар кишт,
Гандум нашавад ҳосил.
Ман оби равон ҳастам,
Ман роҳати ҷон ҳастам,

**[Ф.Ф. Ф. П]**

Фолклоршинос Д. Обидов роҷеъ ба об чунин қайд мекунад: “Об барои инсон аҳамияти ҳаётӣ дошт ва дорад. Ин унсури табиат хусусан барои мардуми зироатпеша аз қадимулайём то имрӯз аҳамияти аввалиндараҷа ва фавқулода бузургро касб карда меояд.

Дар фарҳанги маънавии инсоният бовар ва эҷоди бадеии мардуми ҳар халқ мавқеи муҳиме дорад. Метавон гуфт, ки заминаи ҳамаи дигар намудҳои фарҳанги маънавӣ ба воситае ба эҷоди халқ пайваст мебошанд ва ё аз он сарчашма мегиранд. Бинобар ин, дар гузоришу ҳалли ҳама гуна масъалаҳои маънавӣ ва фарҳангӣ ба инобат гирифтани осори бадеии халқ ва тасаввуроту андешаҳои вай шарт ва зарур аст.

Дар мавзӯи об низ мардуми мо аз замонҳои қадим ба ин ҷониб бовар ва фаҳмиши хоси худашро ба вуҷуд овардаву маросимҳо сохта ва эътимоду эътиқоди худро нисбат ба ин неъмати бебаҳо изҳор дошта омадааст. Ва хеле аз ин расму русум ва боварҳо имрӯз низ зинда мебошанд.

Фолклоршиноси тоҷик Н. Шакармамадов зимни маводи шифоҳӣ ва хаттӣ, ҳамчунин, ба қайд гирифтааст, ки ҳангоми таҷлили ҷашни Наврӯз дар қатори сабза, себ, санҷид, сир, сирко, сумоқ ва сипанд рӯйи дастархон гузоштани косаи об ва оина, дар

субҳи рӯзи Наврӯз ба рӯйи якдигар пошидани об аз расми деринаи тоҷикон мебошад. **[Н. Шакармамадов 2012, с- 74]**

Дар байни халқ ба обу чашмаҳо чун оби "назаркарда", мушкилкушо, шифобахш эҳтироми хосе мавҷуд аст, ки онҳо ба он макон мераванд, худро ба зоҳиру ботин пок мекунанд, нарзу ниёз мегузоранд, об менӯшанд ва хешро сабукрӯҳу осуда эҳсос менамоянд.

Ин ҳама аз он ҷо сарчашма мегирад, ки дар байни мардум нисбат ба об эътиқоди махсус мавҷуд аст. Бесабаб нест, ки халқ бисёр масъалаҳои зиндагии маънавӣ, фарҳангӣ ва рушду ривоҷи иқтисодии худро бо об вобаста дониста, таҷрибаи зиндагӣ, натиҷагириҳои худро дар андарзҳои ҳаётӣ, зарбулмасалу мақолҳо баён доштааст.

**Адабиёт:**


1. Сӯфизода А. Фолклор махзани сухан/ А.Сӯфизода -Душанбе:Адиб, 2007, 112 саҳ.
2. Набиев А. Достони об ё обнома/ А. Набиев.-Душанбе:Адиб, 2004, 246 саҳ.
3. Саидзода З. Истиқлолияти давлатӣ ва гиромидошти забони модарӣ / З. Саидзода-Душанбе:ҶДММ “Контраст” 2013, 200 саҳ.
4. Кабиров Ш. Сухан аз аршибарин омадааст/ Ш. Кабиров. -Душанбе, 2014, 235 саҳ.
5. Фонди фолклор фолклори мардуми Сари Хосор соли 1960/ Гӯянда: Ҳусайнова Давлатбегим 34 сола.
6. Бахромзода М. Ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон оид ба масоили об/ М. Бахромзода-Душанбе:Сино, 2018.-112 саҳ.
7. Раҳимов Д. Об/ Д. Раҳимов Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик.-Душпнбе:Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2017, 570 саҳ.
8. Обидов Д. Сурудҳои мавсимии тоҷикони Афғонистон /Д. Обидов- Душанбе:Дониш, 2000.-190 саҳ.
9. Шакармамадов Н. Оинҳои Наврӯзӣ дар Бадахшон / Н. Шакармамадов.-Душанбе, 2012, 100саҳ.


## ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ БО СОЗМОНИ АМНИЯТ ВА ҲАМКОРӢ ДАР АВРУПО ДАР ТАЪРИХНИГОРИИ ВАТАНӢ


**Асомуддини Абдулмумин**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**


Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамкориҳои Тоҷикистон бо созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ба ҳисоб меравад. Тибқи Изҳороти Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки санаи 9 сентябри соли 1991 эълон дошта шуд, Ҷумҳурии Тоҷикистон «ба сифати субъекти мустақили ҳуқуқи байналхалқӣ» ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ ворид гардида, бо созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ равобит барқарор намуд. Дар ҳоли имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон узви 51 созмони бонуфузи байналхалқӣ ва минтақавӣ мебошад, ки ногузир мавриди таҳқиқу баррасии муҳаққиқон қарор гирифтаанд. Вале дар ҳаҷми як мақола таҳқиқи дараҷаи омӯзиши ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кулли созмонҳои байналхалқӣ аз имкон берун аст. Аз ин лиҳоз, мо қарор додем, ки таҳқиқи ҳамкориҳои Тоҷикистонро бо яке аз созмонҳои бонуфуз –

Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА), ки дар сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол афзалият дорад, баррасӣ намоем.

Яке аз созмонҳои бонуфузи байналхалқие, ки Тоҷикистон бо он ҳамкориҳои зич дорад, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ба ҳисоб меравад. Воқеан, ин созмон нахустин созмони байналхалқист, ки Тоҷикистон ҳанӯз 26 феврали соли 1992 ба он ҳамроҳ шуда буд.

Бояд қайд кард, ки масоили муносибатҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва САҲА дар илми таърихнигории тоҷик ба таври ноқис инъикос гардидааст. Ба омӯзиш ва ҷамъбасти илмии таҷрибаи таърихии муносибатҳои мутақобилаи Тоҷикистон ва ин ниҳоди байналхалқӣ, бо сабабҳои носуботии вазъи ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар ҷумҳурӣ ва мушкилоти масоили баррасишаванда олимони ҷумҳурӣ танҳо дар даҳсолаи аввали асри XXI пардохтанд. Таҳқиқоте, ки маҳз ба махсусиятҳои муносибатҳои мутақобила ва ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо САҲА бахшида шуда бошад, вуҷуд надорад. То кунун масоили мазкур объекти таҳқиқоти илмӣ қарор нагирифтааст. Танҳо мақолаҳои алоҳида, ки дар онҳо ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо САҲА дар самти амнияти минтақавӣ таҳқиқ гардидаанд, рӯйи кор омадаанд. Ҷанбаҳои алоҳидаи муносибатҳои мутақобилаи САҲА ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асарҳои олимони тоҷик С.И.Шарипов, А.Н.Маҳмадов, И.К.Асадуллоев, Х.М.Умаров, Т.Н.Назаров, Р.Р.Алиева баррасӣ гардидаанд.

Бояд қайд кард, ки бо назардошти маҳдудияти имконияти муҳаққиқон, онҳо ҳадафи таҳқиқи амиқ ва ҳамаҷонибаи таърихи муносибатҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин ниҳоди ҷаҳониро пайгирӣ намекарданд. Аз ин лиҳоз, дар таҳқиқоти муаллифони мазкур танҳо баъзе паҳлуҳои ин ҳамкориҳо таҳқиқ гардидааст.

Мавриди зикр аст, ки китобҳо ва мақолаҳои Ҳ.Зарифӣ дар доираи таҳқиқи масоили мазкур хеле ҷолибанд. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки комёбиҳои муносибатҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва САҲА-ро нишон дода, муваффақиятҳо ва камбудиҳои ин ҳамкориҳоро дар марҳилаҳои мушаххаси ташаккулёбии онҳо баррасӣ намояд. Алалхусус, ҳамкориҳои судманди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин ниҳоди ҷаҳонӣ дар китоби «Таджикистан – ОБСЕ: диалог и сотрудничество» («Тоҷикистон – САҲА: муколима ва ҳамкорӣ»), ки таҳти назари собиқ вазири корҳои хориҷӣ Ҳамрохон Зарифӣ соли 2009 ба табъ расидааст, инъикос гардидаанд. Дар таълифоти номбурда маводҳое, ки оид ба ҳамкориҳои зичи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо САҲА маълумот медиҳанд, мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтаанд. Бояд қайд кард, ки ин асар нахустин таълифоти маҷмӯи маводҳо роҷеъ ба ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин ниҳоди ҷаҳонӣ ва фаъолияти намояндагии он дар ҷумҳурӣ буда, аз 5 боб иборат аст. Дар он марҳилаҳои зуҳур ва фаъолияти САҲА, таърих ва самтҳои ҳамкориҳои Тоҷикистон бо ин созмони бонуфуз инъикос гардидаанд. Маводҳои китоб хеле арзишманд ва нодиранд. Арзишманд будани маводҳои китоб пеш аз ҳама дар он зоҳир мегарданд, ки муаллифони онҳо мустақиман дар раванди ҳамкориҳои дуҷониба ширкат доштанд ва роҳандозони сиёсати хориҷии кишвар маҳсуб меёбанд.

Роҷеъ ба ҳамкориҳои судманди Тоҷикистону САҲА муҳаққиқони дигар низ, назири Т. Назаров, Ҳ. Зарифӣ, З. Сайидзода, инчунин асари дастаҷамъонаи «История таджикского народа», маълумот додаанд, вале бо муҷиби он, ки дар ҳаҷми як мақола мавриди таҳлил қарор додани ҳамаи онҳо аз имкон берун аст, танҳо бо овардани баъзе фикру ақидаҳои З. Сайидзода иктифо мекунем. Муаллиф дар китоби «Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон

ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ», ки як боби алоҳидаи он ба масъалаи ҳамкориҳои байналмилалии Тоҷикистон бахшида шудааст, қайд мекунад, ки Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо дафтари намояндагии худро дар Тоҷикистон ҳанӯз 17 феврали соли 1994 боз карда буд, имрӯз ин ниҳоди ҷаҳонӣ «дар Тоҷикистон панҷ дафтар дорад, ки дар шаҳрҳои Хуҷанд, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Ғарм ва Шаҳритус воқеъ мебошанд». Ба ақидаи ӯ ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо «дар се ҳавза – ҳарбию сиёсӣ, иқтисодиву экологӣ ва инсонӣ» амалӣ мегарданд.

Лозим ба зикр аст, ки дар таърихнигории сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яке аз масоили кам таҳқиқёфта, ҳамкориҳои Тоҷикистон бо САҲА дар риштаи ҳарбӣ-сиёсӣ ва инчунин дар низоми таъмини амнияти минтақавӣ маҳсуб меёбад. Баъзе масоили мубрами амниятӣ ва муносибатҳои иқтисодии муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкориҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дар асарҳои Т.Назаров ва М.Б.Қаюмов таҳқиқ гардидаанд. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Ҳ.Зарифӣ таҳти унвони «Проблемы и перспективы взаимоотношений ОБСЕ и Республики Таджикистан в контексте обеспечения региональной безопасности» ҳамкориҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҳалли мушкилоти амнияти минтақавӣ баррасӣ шудаанд. Вале таҳлили амиқи муносибатҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо САҲА дар самти амнияти минтақавӣ дар таҳқиқоти монографии Ҳ.Зарифӣ таҳти унвони «Таджикистан в системе обеспечения региональной безопасности ОБСЕ» ба анҷом расидааст. Монографияи мазкур аз он ҷиҳат арзишманд аст, ки муаллиф дар он ба муносибатҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо САҲА дар низоми таъмини амнияти минтақавӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир кардааст.

Дипломати тоҷик Ҳ.Зарифӣ яке аз мутахассисони пешбар дар риштаи амнияти минтақавӣ маҳсуб меёбад. Мавсуф дар таҳқиқоти хеш нақш ва аҳамияти САҲА-ро дар рушди эътимоднокӣ, ихтисори яроқ, ширкат дар суботи ҳарбӣ-сиёсии минтақаи Осиёи Марказӣ ошкор намудааст. Дар монография нақш ва манфиатҳои САҲА дар ҳалли масоили Осиёи Марказӣ, хоса Тоҷикистон, инчунин нерӯи ташкилот дар танзими вазъият дар ин минтақаи муҳимми геополитикӣ баррасӣ гардидаанд.

Дар мақолаҳои Р.Р.Алиева саҳми САҲА дар истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон муайян шудааст. Муаллиф ба самаранокии талошҳои миссияи САҲА дар Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳо дар риштаи ҳифзи ҳуқуқи инсон, пуштибонӣ аз васоити ахбори умум, рушди ҷамоаи шаҳрвандӣ тавассути маърифаткунонии ҷомеа таваҷҷуҳи хоса додааст. Мавсуф ба хулосае омадааст, ки дар байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва САҲА дар солҳои истиқлолият таҷрибаи бойи ҳамкорӣ, ки дар заминаи шарикӣ, эътимод ва ҳусни тафоҳум бунёд ёфтаанд, фароҳам омад.

Бояд зикр кард, ки масоили ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо САҲА дар риштаи амнияти минтақавӣ дар таҳқиқоти бешумори доктори илмҳои таърих Г.М.Майтдинова мақолаҳои Р.Ҳайдаров, С.Комилов С.Шарипов низ инъикос гардидаанд.

Д.Насретдинов дар рисолаи хеш қайд менамояд, ки Маркази САҲА дар Душанбе баъди анҷоми ҷанги шаҳрвандӣ низ ба Тоҷикистон кӯмаки хешро дареғ намедошт. Ба ақидаи ӯ рушди равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо САҲА дар самти ҳарбӣ-сиёсӣ ва гуманитарӣ-ҳуқуқӣ муҳим ва афзалиятнок боқӣ мемонад.

Бояд зикр кард, ки дар инъикоси фаъолияти САҲА дар Тоҷикистон воситаҳои ахбори умум (ВАУ) низ нақши муҳим доранд. Аз соли 2007 Маркази САҲА маҷалаи «Окно в мир» - ро нашр менамояд, ки дар саҳифаҳои он маводи фаъолияти САҲА-ро инъикоскунанда ба табъ мерасанд. Вале бо мӯҷиби он, ки ин мақолаҳои публисистӣ

мақсади тадқиқи илмии мавзуъро пайгирӣ намекунанд, аз таҳлили онҳо худдорӣ мекунем. Бо вуҷуди ин, мақолаҳои дар маҷалаи САҲА ба табъ расида, ки асосан аз ҷониби кормандони Маркази САҲА дар Тоҷикистон таҳия гардидаанд, арзиши муайяни таърихнигориро моликанд.

Дар асоси таҳлили таърихнигории адабиёти мавҷуда ба хулосае расидан мумкин аст, ки дар давраи таҳқиқшаванда Ҷумҳурии Тоҷикистон бо САҲА ҳамкории пурсамар ба роҳ мондааст. Ин ҳамкорӣ бо яке аз ташкилотҳои бонуфузи ҷаҳонӣ бисёрсоҳа буда, ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва экологии рушди мамлакатро фаро мегирад. Вале бояд зикр кард, ки новобаста ба он, ки омӯзиши масоили мазкур аҳамияти муҳимми амалӣ дорад, то кунун ҳамкориҳои САҲА бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихнигории ватанӣ аз лиҳози илмӣ пурра инъикос нагардидаанд ва таҳқиқоти бунёдие, ки фаъолияти бисёрсоҳаи САҲА-ро дар Тоҷикистон фаро гирад, ҳанӯз вуҷуд надорад.

**Адабиёт:**


1. Алиева Р.Р. Сотрудничество Республики Таджикистан с ОБСЕ. Сборник статей профессорско-преподавательского состава Худжандского государственного университета / Р.Р.Алиева. – Худжанд: Хуросон, 2006. - №8. – С. 135-138.
2. Алиева Р.Р. Сотрудничество с ОБСЕ как фактор стабилности и безопасности Центральной Азии / Р.Р.Алиева // Учёные записки ХГУ. Серия общественных наук. – Худжанд, 2009. - №2 (18). – С. 101-126.
3. Алиева Р.Р. Сотрудничество с ОБСЕ как фактор стабильности и безопасности Центральной Азии / Р.Р.Алиева. – Тамбов: Грамота, 2011. №6 (12). – С. 13-18.
4. Асадуллоев И.К. Национальный интерес Таджикистана / И.К. Асадуллоев, А.Н.Маҳмадов. – Душанбе, 2009.
5. Зарифи Х. Многовекторная дипломатия Таджикистана / Х.Зарифи. – Душанбе: Офсет, 2010. – 352 с.
6. Зарифи Х. Проблемы и перспективы взаимоотношений ОБСЕ и Республики Таджикистан в контексте обеспечения региональной безопасности: автореферат дисс. ... на соиск. учен. степ. канд. полит. наук / Х.Зарифи. – Душанбе, 2012.
7. Зарифи Х. Таджикистан в системе обеспечения региональной безопасности ОБСЕ / Х.Зарифи. – Душанбе: Ирфон, 2011.
8. Заявление «О государственном суверенитете Республики Таджикистан» // Маҷмӯаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷ. 1. – Душанбе, 2004. – С.10-11.
9. История таджикского народа. Т.VI. (Новейшая история) / под редакции Р.Масов. - Душанбе: Империал-Групп, 2011. – 688 с.
10. Каюмов Н.К. Глобализация экономики и внешнеэкономические связи Таджикистана / Н.К.Каюмов, Х.У.Умаров. - Душанбе, 2005.
11. Комилов С. Организация центральноазиатского сотрудничества: формирование, эволюция, перспективы / С.Комилов, А.Абдуназаров, С.Сафаров и др. – Душанбе, 2005.
12. Майтдинова Г.М. Проблемы региональной интеграции в геополитических реалиях Центральной Азии / Г.М.Майтдинова // Россия и Центральная Азия в условиях геополитической трансформации: материалы Межд. научной конф. – Душанбе, 2007. – С. 78-88.
13. Мансуров У.А. Роль международных организации в урегулировании межтаджикского конфликта / У.А.Мансуров // Роль стран- членов Европейского союза в становлении и развитии Республики Таджикистан. – Душанбе, 2007. – С. 232-245.

14. Маҷмадов А.Н. Тоҷикистон дар масири истиқлолият / А.Н.Маҷмадов. – Душанбе, 2000; Маҷмадов А.Н. Сиёсатшиносї. Китоби дарсї / А.Н.Маҷмадов. – Душанбе, 2010.

15. Назаров Т. Дипломатияи муосири тоҷик / Т.Назаров, А.Сатторзода. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 224 с.

16. Назаров Т.Н. Таджикистан: экономический рост, интеграция и региональное сотрудничество / Т.Назаров. – Душанбе, 2004.

17. Назаров Т.Н. Таджикистан: экономическое сотрудничество и безопасность /

**ПРИНСИП, МОҲИЯТИ ҲАЁТ ВА ТАҶРИБА БАҲРИ ТАРБИЯИ НАСЛИ НАВРАС**

**Баротова Меҳринисо, Қурбонова Н.И.[1]**
**МТМУ-24[1]**
**Муассисаи давлатии “Коллеҷи ҷумҳуриявии рассомии ба номи М. Олимов”**

Алалхусус принсипҳои тарбия- инҳо нусха ва дастури тайёре нестанд, ки тарбиятгарон ба таври автоматикӣ ба натиҷаҳои баланд ноил гарданд. Онҳо дониши махсус, таҷриба ва маҳорати мураббиро иваз карда наметавонанд. Принсипҳое, ки раванди тарбия ба онҳо такя мекунад, системаро ташкил медиҳад. Системаи муосири принсипҳои тарбия инҳоянд:

1. Принсипи самти иҷтимоӣ доштани тарбия;
2. Принсипи робитаи тарбия бо ҳаёт ва меҳнат;
3. Принсипи тарбия ба ҷиҳатҳои мусбат такя кардан;
4. Принсипи тарбияи гуманистӣ;
5. Принсипи рафтори шахсӣ;
6. Принсипи ягонагӣ таъсирбахшии тарбия ва ғайраҳо мебошанд.

Аслан педагогҳои пешқадам тарбияро ҳамчун “институти иҷтимоӣ, аз синни поёнӣ майл додани омодагии одамон бо ёрии панддиҳӣ ва ибрат, эътиқод ва зарурат бо кӯшиши амалӣ ва дар ҳаёт собитқадамона истифода бурдани қоидаҳои азхурдкарда” мефаҳманд. Мазмуни ин принсип дар давраҳои гуногуни иҷтимоӣ тағйир ёфта, баъзан самти шахсиятӣ ҳам гирифтааст.

Ин принсип итоаткунии тамоми фаъолияти педагогиро баҳри вазифаҳои тарбияи насли наврас мувофиқи нишондодҳои давлатӣ, тарбия ба майл додани фаъолияти тарбиягарон, барои ташаккули иҷтимоии зарурии шахсият талаб мекунад. Тарбиягар сиёсати давлатиро нисбати тарбия адо менамояд. Агар давлат ва ҷомеа ба ин мувофиқ ояд, инчунин ба рағбати шахсии шаҳрвандсозии намояд, онгоҳ талаботи ин принсип амалӣ мегардад. Дар акси ҳол иҷрои ин принсип душвору имконпазир мегардад. Ба тарбиягар маводи аниқи воқеӣ баҳри тарбияи пурқимат намерасад.

Ин принсип талаб мекунад, ки раванди тарбияи мактабиён дар робита бо ҳаёти давру замон пайваста сурат гирад, то ки онон аз хурдӣ баҳри зиндагӣ омода гарданд, дар таҷрибаи меҳнат обутоб ёбанд ва таҷриба ҳосил кунанд. “На барои мактаб, балки барои ҳаёт” – даъвати римиёни қадим аз он гувоҳӣ медиҳад, ки педагогҳои давраи антиқа моҳияти бо ҳаёт ва таҷриба алоқаманд будани тарбияи насли наврасро фаҳмидаанд. Ташаккули шахсияти инсон асосан аз худи вай ба корҳои оммавӣ ва меҳнати иштирок намуданаш вобаста аст. Аҳамияти сифатан инкишофдиҳии меҳнат, ҳар қадаре ки он зиёд, гуногун ва мақсаднок бошад, ҳамон қадар дараҷаи инкишофёбии иҷтимоии шахсият инкишоф меёбад. Барои ҳамин

ҳам дар корҳои ҳаёти иҷтимоӣ, корҳои гуногуни фоиданок, иштирок ва муносибат кардани тарбиятгирандагон ҳатман зарур аст. Дар меҳнати ҳадди ақал иштирок карда, дар комилҳуқуқии аъзоёни он тарбиягиранда таҷрибаи рафтори маънавӣ мегиранд, аз ҷиҳати рӯҳӣ ва ҷисмонӣ фаҳмидани мотивҳои муҳимми иҷтимоӣ ҳосил мекунанд, сифатҳои маърифати хешро мустаҳкам ва такомулот медиҳанд. Мактаби ҳаёт – мактаби беҳтарини тарбия аст:

Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,<br>
Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.

Барои ҳамин принсипи робитаи тарбия бо ҳаёт яке аз муҳимтарин системаи тарбия шуда истодааст. Аз муаллимон ва мураббиён дар ду самти асосӣ фаъолияткуниро талаб мекунад:

1. Васеъ ва фаврӣ шинос намудани тарбиятгирандагон бо ҳаёти иҷтимоӣ ва меҳнати одамон, ки дар он дигаргуниҳо рӯй медиҳад;
2. Ҷалб кардани тарбиягирандагон ба муносибат бо ҳаёти воқеӣ, ки аз намудҳои гуногуни фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ иборат аст.

Дар натиҷаи ин амалиётҳо дар онҳо таҷрибаи рафторӣ ҷамъиятӣ ба малака табдил меёбад. Меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ – ин яке аз воситаҳои муҳимми иҷтимоигардонии шахсияти мактабиён аст.

Принсипи тарбияи гуманистӣ ҷиҳатҳои ба присипи ба мусбат такякунӣ зич алоқамандӣ дорад. Тарбияи гуманистӣ (инсондустӣ)-ро талаб мекунад:

1. Муносибати гуманистӣ кардан ба шахсияти тарбиягиранда;
2. Эҳтиром кардани ҳуқуқ ва озодии вай;
3. Ба тарбиягиранда талаботи оқилонаи алоқадри ҳол ва аниқ гузоштан;
4. Вазъияти дастпарварро эҳтиром намудан, ҳатто вақте ки иҷрои вазифаи супоридашударо ҳам рад мекунад;
5. Ҳурмат кардани ҳуқуқи одам дар ҳоли худаш;
6. Ба шуури тарбиягиранда мақсади аниқи тарбияи ӯро баррасӣ намудан;
7. Талаботи сифатро ба вай зӯран бор накардан;
8. Аз ҷазои ҷисмонӣ ва дигаре, ки қадру қимати ӯро паст мекунад, даст кашидан;
9. Эътироф кардани он мухолифатҳое, ки бо ягон сабаб ба сифати ташаккули эътиқоди вай монеъ мешавад.

Дар моддаи аввалини Декларатсияи умумии ҳуқуқи одам гуфта мешавад: "Ҳамаи одамон озодона тавлид меёбанд ва дар шаъни худ ҳуқуқи баробарӣ доранд. Онҳо ба ақлу фаросат ва виҷдон тақсим шудаанд ва бо якдигар дар рӯҳияи бародарӣ муносибат кунанд". Дида мешавад, ки албатта, дар тарбиягиранда мустақилият ҳаст, вале на бандавор мутеъшавӣ ба одамон, тарбиягар. Тарбиягар набояд аз иқтидори худ омирона сӯиистеъмол кунад, балки барои оянда ва беҳбудии онон дар якҷоягӣ мубориза барад.

Алалхусус, педагог насли наврасро тавре тарбия бинмояд, ки ба гуфтаи волои инсонпарварии Саъдии бузургвор ҷавобгӯ бошад:

Банӣ одам аъзои якдигаранд,<br>
Ки дар офариниши зи як гавҳаранд.<br>
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,<br>
Дигар узвҳоро намонад қарор.

Истилоҳи "принсип" аз лотинӣ гирифта шуда, бо забони тоҷикӣ маънои "асос" ва "аввалин"-ро ифода мекунад. Принсипҳои раванди тарбия инҳо қоидаҳои умумии аввалин, ки талаботи асосӣ ба мазмун, методҳо, ташкил кардани раванди тарбияро мефаҳмонанд.

Онҳо хусусияти раванди тарбия ва фарқияти байни принсипҳои умумии раванди педагогӣ, ҳамчунин қоидаҳои умумие, ки педагогҳо мавриди ҳалли вазифаҳо ба роҳбарӣ мегиранд, инъикос менамоянд. Талабот, изҳороти ба принсипҳо гузошташударо тавзеҳ медиҳем.

1. Зарурият – ин принсип на маслиҳат, на тавсия онҳо ҳатман пурра ва муҷассамаи дар амал татбиққуниро талаб мекунанд.

Дағалона ва системанок вайронкунии принсипҳо нафақат самарабахшии раванди тарбияviro суст, инчунин онро вайрон мекунанд.

2. Комплексӣ – принсипҳо дар худ талаботи комплексиро гирифта, дар як вақт тахминшавии иҷроиширо доранд, дар онҳо асосӣ ва дуюмин дараҷа нест. Истифодаи принсипҳо на ҳамчун занҷир, вале дар мавридҳои зарурӣ якҷоя истифода бурда мешавад.

3. Баробараҳамиятдорӣ – принсипҳои тарбия ҳамчун қоидаи мустаҳкам баробарқиматӣ доранд.

**Адабиёт:**


1. Абдулбоқӣ Нуров. Педагогика. – Душанбе, 2007.
2. Марк К. и Энгелс Ф. О воспитании и образования.
3. Орифи М. Аз таърихи педагогии халқи тоҷик, ҷ.1-2. - Душанбе -1962. - С.65.
4. История развитии народного образования в Таджикской ССР (1917-07гг). -Душанбе, 1968.


## ИНЪИКОСИ ТАЛАБОТИ СОҲАИ СТАНДАРТИЗАТСИЯ ЯКЕ АЗ ОМИЛҲОИ МУАЙЯН НАМУДАНИ ҲАДАФҲОИ САНОАТИКУНОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Бобоев Х., Кабиров Ф.О.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**


Бояд гуфт, ки дар самти таъмини назорати давлатӣ ва риояи талаботи стандартҳо аз тарафи Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон усулҳои гуногуни корӣ истифода мешаванд ва яке аз онҳо мулоқоти доимии кормандони соҳа бо аҳолӣ мебошад. Маълум аст, ки ҳадафи асосии Тоҷикстандарт ин тоза нигоҳ доштани бозори истеъмолии мамлакат аз молҳои пастсифату ба саломатии инсон зараровар мебошад. Дар баробари ҳамин Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи тақвият бахшидан ба рушди соҳибкорӣ ва афзун намудани истеҳсоли молу маводи маҳсулоти ватанӣ низ мусоидат мекунад.

Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини иҷрои стратегияи бехатарии озуқаворӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши калидӣ дорад, зеро маҳз стандартҳои ин муассиса имкон фароҳам меоранд, ки роҳҳои самараноки афзоиши истеҳсолоти озуқаворӣ ба роҳ монда шавад. Дар ин самт Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабиниҳои мухталифро дар шакли озмоишҳои оммавии маҳсулот, намоишҳо, конференсияҳои илмӣ, симпозиум ва озмуну вохӯриҳо бо истеҳсолкунандагон доир мекунад. Бо мақсади баланд бардоштани саҳми

истеҳсолкунандагони ватанӣ дар таъмини иҷрои стратегияи бехатарии озуқаворӣ аз соли 2008 инҷониб дар ду сол як маротиба озмуни ҷумҳуриявии молҳои истеҳсоли ватанӣ баргузор мегардад ва ғолибони ин озмун аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тухфаҳои хотиравӣ мукофотонида мешаванд [1].

Бояд қайд кард, ки раванди истеҳсолот дар доираи корхонаҳои истеҳсолии саноатӣ чор марҳиларо дар бар мегирад, ки ба онҳо давраи ба лоиҳа даровардани маҳсулот, тайёр намудани он, ба истеъмол ё истифода супоридани маҳсулот ва ба роҳ мондани коркарди дубораи пасмонда ва партовҳои молу маҳсулоти истифодашуда дохил мешавад.

Вобаста ба ин равандҳо, барои сертификаткунонии молу маҳсулот, пеш аз ҳама, нишондиҳандаҳои сифатии он бояд дар марњилаи аввали истеҳсолот ба меъёр дароварда шаванд, яъне барои маҳсулоти мазкур таҳия ва тартиб додани ҳуҷҷатгузории меъёрию техникї ва ҳамчунин барои аз руи таркиби маҳсулот муайян сохтани бехатарии он регламентҳои техникї зарурат дорад. Дар бозор маҳсулот ба муомилот баровара шуда, аз даст ба даст мегузарад, аммо зимнан шарт нест, ки бевосита ба дасти нафарони зиёде даромада, баъд дастраси истеъмолкунанда гардад. Пас аз истеъмол ё истифода намудани молу маҳсулот мавҷудияти он пурра ба охир намерасад, балки дар ин раванд марҳилаи 4-ум, яъне давраи коркарди дубораи пасмондаҳои онҳо фаро мерасад. Барои ҳалли ин масоил метавонад хадамоти махсус машғул шавад, вале айни замон шуғли ин масъалаҳо ба зиммаи мутахассисоне, ки талаботи бамеъёрдарории техникӣро татбиқ менамоянд, вогузор аст. Бо афзоиши истеҳсоли маҳсулоти дохилӣ зарурат ба сертификатсияи истеҳсолот пеш омад. Истеҳсолкунандагони маҳсулоти дохилӣ ба гурӯҳи маҳсулотҳо, ба истеҳсолот ва ҳаҷми солонаи маҳсулот сертификат мегирифтанд. Ин имкон медод, ки мақомоти давлатӣ на танҳо сифати мол, мутобиқати он ба стандарти давлатӣ ва байналмилалӣ, балки даромаднокии истеҳсолот ва ҳаҷми умумии истеҳсолоти дохилии давлатро ҳисоб намоянд. Мухлати сертификатсияи мутобиқат ба маҳсулот ҳангоми аз нав бақайдгирии он бо назардошти ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва талаботи *стандартҳо дар маҳсулоти мушаххас аз ҷониби* мақомоти маҳаллӣ муайян мегардад [2].

Истеҳсолкунандагон ва фурӯшандагони маҳсулоте, ки ҳатман сертификатсия карда мешавад, вазифадоранд, ки маҳсулотро танҳо дар сурати мавҷуд будани сертификати аз тарафи мақоми салоҳиятдор додашуда ва ё эътирофгардида метавонанд ба фурӯш расонанд, мутобиқати маҳсулотро ба талаботи санадҳои меъёрӣ, ки аз рӯйи онҳо сертификатсия сурат гирифтааст ва мувофиқати аломати онро ба аломати мутобиқат таъмин намоянд, ба санадҳои пешниҳодкунандаи мол оид ба сертификатсия маълумот дода, ба истеъмолкунандагон расонидани ин маълумотро таъмин намоянд, агар маҳсулоти сертификатсияшуда ба санадҳои меъёрӣ мутобиқ набошад, дар ҳолати гузаштани мухлати амали сертификат мутобиқат ё дар ҳолате, ки амали сертификат бо қарори мақоми сертификатдиҳӣ боздошт шудааст ё бекор карда шуд, фурӯши чунин маҳсулотро ғайриқонунӣ дониста мешавад.

Мутобиқи қонунҳои амалкунанда Агенти стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми миллии сертификатсиякунонии мол (кору хизматрасонӣ) маҳсуб дониста мешавад ва тартиби сертификатсиякунонии мол, кору хизматрасониро муайян мекунад. Бо ҳамин мақсад ва бо назардошти манфиати дигар давлатҳо номгӯи молҳоеро, ки бояд ҳатман сертификатсия карда шаванд, аз тарафи Агентӣ доимо тайғир меёбад, зеро истеҳсоли

мол ва воридоти он характери доимӣ ва тайғирёбанда дорад. Номгӯи молҳо тибқи талаботи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ» баъди дар вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайди давлатӣ гирифта, дар воситаҳои расмии ахбори умум ба табъ расиданаш, қувваи ҳуқуқӣ пайдо менамояд. [3]

Маҳсулоте, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сертификатсияи маҳсулот мавриди сертификатсияи ҳатмӣ қарор намегирад, бо ташаббуси шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандон дар асоси қарордоди байни аризадиҳанда ва мақоми оид ба сертификатсия метавонад мавриди сертификатсияи ихтиёрӣ қарор гирад. Сертификатсияи ихтиёриро ҳар шахси ҳуқуқие, ки вазифаи мақоми сертификатсияи ихтиёриро ба уҳда гирифтааст ва дар мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиботи муқарраргардида системаи сертификатсияро аз қайд гузаронидааст, ҳуқуқ дорад, майл намояд. Дар сурати риояи шартҳои зикргардида сертификатсияи ихтиёриро мақомоти сертификатсияи ҳатмӣ низ анҷом медиҳад.

Бо мақсади то ҳадди имкон кам кардани миқдори ҳуҷҷатҳо, вақт ва хароҷот барои гузаштани расмиёти сертификаткунонӣ, сода намудани барасмиятдарории гумрукӣ ва гузаронидани мониторинги монеаҳои маъмурӣ ва тиҷоратӣ ҳангоми содирот, ҳамкориҳои судманд бо Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудаанд. Бо ин мақсад Агенти стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи "Созишномаи дутарафа оид ба ҳамкории иттилоотӣ ҳангоми ба иштирокчиёни фаъолияти савдои хориҷӣ додани сертифкати мутобиқат барои воридот, содирот ва транзити молҳо"-ро, ки аз тарафи КВД "Маркази Равзанаи ягона" пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод ва масъалаи боло зикр дар созишнома ба инобат гирифта шудааст. Бояд қайд кард, ки барасмиятдарории корҳои сертификаткунонӣ барои молу маҳсулоти содиротӣ дар давоми як рӯз амалӣ карда мешавад ва дар ин самт дар мақомот монъае вуҷуд надорад.

Дар тамоми раванди назорати сифат дар мадди аввал манфиати истеъмолкунанда ва давлат меистад ва танҳо баъди ин манфиати истеҳсолкунандагон ба назар гирифта мешавад.

**Адабиёт**:

1. М.Т. Идиев, И.М. Мирзомиддинов, Д.М. Бобоев. Стандартизатсия, метрология ва сертификатсия. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. 2016.

2. Рузибоев Ҳ.Г., Абдураҳмонзода А.Х., Қаландаров А.Ҳ. Низомҳои сифат дар соҳа: Дастури таълимӣ/ Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. -Душанбе: ЭР-граф, 2018. -184 с.

3. Абдураҳмонзода А.Х. Хадамоти миллии метрологӣ (курси мухтасари лексияҳо) - Душанбе: Меҳрона 2017, 2017. -136 саҳ.

4. Ҳикматов С.И., Суфиев М.М., Ярочкина М.А. Маҷмуаи масъалаҳо (аз фанни асосҳои молшиносӣ ва стандартикунонӣ). – Душанбе: ДДТТ, 2008.

5. Фақеров Ҳ.Н., Ҳикматов С.И., Суфиев М.М. Молшиносӣ ва экспертизаи молҳои ғизоӣ. Васоити таълимӣ. - Душанбе: Империал-Групп, 2009. - 338 саҳ.

6. Ҳикматов С.И., Суфиев М.М. Идентификация и фальсификация товаров (раздел: продовольственные товары). - Душанбе. ТГУК, 2007.

**ЛАВҲАИ ЭЛЕКТРОНИИ ИНТЕРАКТИВӢ ВА ИСТИФОДАИ ОН ДАР ДАРС**

**Бобоева Т.Р.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Таваҷҷуҳ ба тадрису таълими забони тоҷикӣ дар шароити кунунӣ яке аз масоили мубраме маҳсуб мешавад, ки барои такмили саводнокӣ, инкишофи нутқ ва ташаккули маҳорати суханварии қишрҳои мухталифи ҷомеа, аз ҷумла ҷавонон, нақши муассир мегузорад. Бад-ин васила барои пешрафт ва беҳдошти ҷараёни таълими забони тоҷикӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот коркарди усулҳои мухталифи нисбатан фаъол ва мувофиқи стандартҳои умумиҷаҳонӣ аз ҳар ҷиҳат муфид мебошад.

Имрӯзҳо дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи гузариш ба тарзи таҳсилоти кредитӣ ба марҳилаи такмил ва вуруди пурраи он қарор мегирад. Дар ин самт Донишгоҳи технологии Тоҷикистон қадамҳои устувор ва шоёнеро гузоштааст. Ҳарчанд муҳимтарин самтҳои тадриси равияҳои донишгоҳ ба улуми дақиқ такя мекунад, ҷараёни таълими фанҳои забон ва ҷомеашиносӣ низ аз раванди низоми таҳсилот қафо набуда, самт ва тамоюли тоза касб мекунад.

Имрӯз вазифаи муҳим ва аввалиндараҷа ҷорӣ намудани усулҳои ҷадид ва муосири таълими фанҳои забон ва ҷомеашиносӣ зимни истифодаи васоити техникии замонавии таълим, аз ҷумла проектор, лавҳаи электронӣ маҳсуб мегардад. Самаранокии истифода ва корбасти аёният ҳангоми ташкили машғулиятҳо яке аз масоили муҳим ба шумор меравад, ки дар замони муосир вобаста ба дастовардҳои техникии таълим рангу намои тоза дарёфтааст. Истифодаи слайдҳои мавзӯӣ тавассути проектор барои болоравии сатҳи азхудкунии мавзӯъ, таъмини сифати таълим ва самаранокии лаҳзаҳои дарс мусоидат менамояд. Корбурди лавҳаи электронӣ, ки дорои имконоти васеъ барои ташкили босифати машғулият мебошад, барои такмили дониш ва маърифати на танҳо донишандӯзон, балки инкишофи фарҳанги техникӣ, ҳисси масъулияти касбии омӯзгорон мусоидат менамояд.

Ҳадафи аслӣ аз истифода ва корбурди васоити техникии таълим дар машғулиятҳо ба якчанд пасомад асос меёбад:

- таъмини сифати маълумоти пешниҳодшаванда;
- татбиқ ва коркарди усулҳои ҷадид ва муосири таълим;
- таъмини самаранокӣ (интенсивнокӣ);
-таъмини фаъолнокӣ ва ташаккули малакаи азхудкунии донишандӯзон;
- ҷалби диққат ва тамаркузи зеҳн;
- тақвияти шавқу рағбат дар азхудкунии маводи таълимӣ;
- ташаккули фарҳанги техникӣ.

Ҳадаф аз татбиқи васоити техникии таълим ин ба назар гирифтани хусусияти донишандӯзон аз нигоҳи воситаҳои инъикоси маълумот маҳсуб мегардад, ки он ба се гурӯҳ мушаххас гардидааст. Гурӯҳи донишҷӯёни ба истилоҳ визуал, ки барои онҳо қабули иттилоот бештар тариқи ҳисси биноӣ (босира) даст медиҳад, дигар, аудиалҳо, ки барои ин гурӯҳи донишандӯзон имкони бештари фарогирии маълумот тавассути ҳисси шунавоӣ, яъне сомеа сурат мегирад ва донишандӯзони ба истилоҳ кинестетик, ки барои онҳо манобеи муҳаррик ё ҳаракаткунанда бештар муассир аст. Бо назардошти ин се хусусияти дастгоҳи қабули иттилоот дар донишандӯзон ҳанӯз дар асри хеш Конфутсий беҳтарин ҳикматро доир ба шинохти табиати инсонӣ баён дошта буд (Скажи я забуду, покажи я запомню, дай делать, делаю). Яъне, инсон маълумоти шунидаро осон аз хотир мебарад, ҳодисаи бо чашми худ

дидаро дар зеҳн сабт менамояд ва амали иҷрокардаро такроран иҷро менамояд. Ҳарчанд мувофиқи назарияи (таксономияи) Блум зинаи татбиқ ба фанҳои техникӣ мушаххас аст, истифода ва корбурди васоити техникии таълим бевосита шароити мусоидеро дар муваффақона аз худ намудани маводи таълимии фанҳои забон ва ҷомеашиносӣ фароҳам меоварад ва ин се манбаи қабули иттилоотро дар донишандӯзон иттиҳод мебахшад ва такмил медиҳад.

Гузашта аз ин, татбиқ ва истифодаи васоити техникии таълим талаби забон ва амри воқеист, зеро барои инсони асри XXI, махсусан ҷавонон, ки имрӯзҳо бо анвои мухталифи васоити техникӣ, аз ҷумла, телевизиону интернет, компютерҳои фардӣ, телефонҳои сайёр ва дигар васоити ахбори омма бархӯрд доранд, имкони қабули маълумот ба тариқи визуалӣ ҳам мувофиқ ва ҳам мусоид аст.

Чун собит гардид, ки истифодаи намои мухталифи васоити техникӣ дар ҷараёни омӯзиш талаби замон аст, бояд қайд намуд, ки айни ҳол беҳтарин ва пешсафтарин воситаи техникии таълим ин лавҳаи электронӣ маҳсуб мегардад.

**Имкониятҳои лавҳаи электронӣ**

Дар расми 1 саҳифаи асосии барномаи WhiteBoard V2.5 оварда шудааст. Барномаи мазкур дар натиҷаи муттаҳиднамоии имконоти барномаҳои қаблии WhiteBoard ва RioStudio мураттаб шуда, айни замон намои охирин ва беҳтарин маҳсуб мегардад. Афзалияти барномаи мазкур дар он аст, ки имкониятҳои ду барномаи қаблиро фаро мегирад ва нисбат ба барномаҳои мазкур бартарӣ дорад. Муҳимтарин афзалияти барномаи мазкур дар дуарза будани сатҳи он (майдони корӣ) мебошад. Яъне, дар майдони кории барномаи мазкур дар як вақт иҷрои ду амал имконпазир буда, ин ҷиҳат барои мақсаднок ва босамар истифода бурдани сатҳи лавҳа мусоидат менамояд. Гузашта аз ин, дар менюи қисми поёнии сатҳи асосии он баъзе имконоти нав фароҳам омадааст, ки бевосита барои иҷрои амалиёти мухталиф шароити мусоидро пеш меорад.




**Расми 1.**

Дар сатҳи асосии майдони корӣ (расми 2) имкон дорад, ки ду нафар дар як вақт амалиёт гузаронанд. Бояд қайд намуд, ки функсияи мазкур хоси барномаи WhiteBoard V2.5 буда, маҳз ҳамин хусусият бартарии онро бар барномаҳои қаблӣ ифода менамояд.




**Расми 2.**

Дигар имконияти баргузидаи лавҳаи электронӣ, ки барои таъмини муташаккилӣ ва мақсаднокии дарс мусоидат мекунад, ин функсияи сабти овозӣ аст, ки истифодаи он барои ҳосил шудани мақсад ва натиҷаи ниҳоӣ муассир аст (расми 3).




**Расми 3.**

Истифодаи функсияи *рӯнамои фаъол* ва *парда* (расми 4) ҳангоми ташкили пурсиши донишҷӯён дар дарси пурсишию машваратӣ ё лаҳзаи мустаҳкамкунии мавзӯъ барои санҷиши босифати сатҳи дониш ва дараҷаи азхудкунии мавзӯъ ба фоидаи кор хоҳад буд. Истифода аз имконоти мазкур, махсусан барои гузаронидани пурсиши тестӣ (тестҳои намуди кушода ё мувофиқоварӣ) мувофиқи мақсад буда, барои ташкили чунин намуди санҷиши сатҳи азхудкунии донишҷӯён самарабахш аст.

Дастгоҳи аккосии лавҳаи электронӣ барои инъикос ва манзур намудани корҳои донишҷӯён кумак расонида, ҳамзамон барои ҳалли муаммои пешомада ё бартарафсозии саҳву хатоҳои ҳосилшуда хизмат менамояд (расми 5).

Ҳамчунин тариқи лавҳаи электронӣ намоиши роликҳои мавзӯӣ, презентатсияҳо ва наворҳои овозӣ имконпазир аст, ки функсияҳои мазкур барои таъмини сифати машғулият, самаранокии лаҳзаҳои дарс, ҷалби диққат ва таваҷҷӯҳи донишандӯзон мусоидат менамоянд.




**Расми 4.**

Дар маҷмӯъ, истифода ва корбурди лавҳаи электронии интерактивӣ дар дарс барои таъмини сифати машғулият, такмили малакаи азхудкунии мавзӯъ бо роҳи ҳосил шудани шавқу рағбати донишҷӯён, инчунин самаранок ва бомақсад истифода бурдани ҳар як лаҳзаи дарс муассир буда, ҳамзамон барои ташаккули фарҳанги техникии ҳам устодон ва ҳам донишандӯзон мусоидат менамояд.

**Адабиёт:**

1. Электронные интерактивные доски SmartBoard – новые технологии в образования. http://www. smartboard.ru

2. Инновационные методы обучения (Активные методы обучения). Владимирский государственный университет. Презентацию подготовил к.т.н., доцент Татмышевский К.В.

# РАЗВИТИЕ ПЕДАГОГИЧЕСКОГО МАРКЕТИНГА

**Вахобова А.А., Саъдизода Р.**
**Технологический университет Таджикистана**

Понятие маркетинг пришло в педагогику из других областей знаний: экономики, социологии. В классическом понимании маркетинг – это, прежде всего предпринимательская деятельность, связанная с продвижением товаров и услуг от производителя к потребителю.

Являясь сложным, многоплановым и динамичным явлением социальной практики, маркетинг представляет собой интегративное образование, объединяющее информационные, управленческие, экономические, психологические и целый ряд других компонентов. Используя его универсальный характер, маркетинг можноприменять для решения широкого круга задач в социальной сфере, куда относится и система образования.

В современных условиях очень остро встает проблема поиска новой философии образования, направленной на управление удовлетворением спроса на образовательные услуги, под которыми понимают совокупность знаний, умений, навыков и определенного объема информации, используемых для удовлетворения специфической потребности человека и общества в интеллектуальном развитии и приобретении профессиональных умений и навыков, то есть педагогический маркетинг.

При таком взгляде на педагогический маркетинг практически остается в стороне ежедневная деятельность педагога, работу которого постоянно должны пронизывать маркетинговые законы – от основных видов занятий (лекция, семинар, практическое занятие) до различного вида внеклассной работы (кружок, элективный курс, участие в научной конференции).

Таким образом, педагогический маркетинг – это не только система понятий,знаний об образовательном процессе и методов их получения и использования, но и комплексный подход к организации и управлению педагогическим процессом в целях приоритетного положения личности обучающегося. [2.С.309–312]

Педагогическая маркетинговая стратегия – это обобщенная модель действий по реализации предназначения преподавателя, необходимая для достижения вытекающих из последней четко сформулированных целей, задач, действий и привлечения ресурсов для их достижения. Это понимание роли субъекта обучения, способность выполнить их целевые желания лучше и быстрее, чем это сделают конкуренты, является залогом успешных результатов в обучении и долгосрочных отношений субъектов обучения. Однако потребности субъектов обучения и сама среда постоянно меняются. Поэтому педагогическая маркетинговая стратегия должна всегда учитывать эти изменения.

В организации образовательного процесса мы выделяем три вида стратегии маркетингового подхода:

– недифференцированная стратегия – разработка единого для всего процесса обучения маркетингового комплекса, основанного не на поиске и учете различий между дисциплинами, а на использовании их сходных черт;

– дифференцированная стратегия –разработка специального маркетингового комплекса для каждой из выбранных дисциплин процесса обучения;

– концентрированная стратегия – сосредоточение усилий преподавателя на одном, наиболее перспективном, значимом аспекте процесса обучения и максимальное приспособление маркетингового комплекса к его специфике.

Виды маркетинговой стратегии могут быть взаимосвязаны и интегрированы,обновлены и модифицированы, чтобы полностью согласовываться с текущим состоянием педагогического процесса.

Для формирования и разработки педагогической маркетинговой стратегии мы выделяем следующие аспекты:

– постепенный рост – приспособление деятельности преподавателя к потребностям личности обучающегося путем мелких последовательных шагов;

– гибкий подход – быстрые изменения и планирование деятельности преподавателя в зависимости от текущих условий;

– творческий подход – акцент на предвидение при разрешении текущих и возможных будущих проблем.

Реализация аспектов маркетинговой стратегии опирается на следующие условия: охват всех сторон деятельности преподавателя; согласованность с внешними обстоятельствами; согласованность с ресурсными возможностями; связь с долгосрочными направлениями развития маркетингового подхода в деятельности преподавателя; учет приоритетов в целях и задачах, принимаемых преподавателем; практичность и реализуемость рекомендаций по применению маркетингового подхода к образовательному процессу [3.220с.]

Разрабатывая маркетинговую стратегию, преподаватель должен учитывать психолого-педагогические особенности этого управления:

– процесс выработки стратегии обычно завершается не каким-то немедленным действием, а установлением общих направлений, продвижение по которым должно обеспечить желаемый рост эффективности педагогического процесса;

– при формировании стратегии приходится пользоваться значительно более неполной информацией, чем при выборе оперативных управленческих решений;

– в процессе выработки стратегических решений постоянно появляется новая информация. Намеченные цели стратегического развития могут быть изменены.

Поэтому разработка стратегии должна быть циклическим процессом с постоянной корректировкой первоначальных целей и путей их достижения;

– важное отличие стратегического планирования от оперативного управления заключается в том, что зачастую весьма сложно определить цифровые показатели полезности тех или иных стратегических решений. Поэтому необходимы разработка и постоянная корректировка системы количественных и качественных оценок.

Деятельность преподавателя по реализации педагогической маркетинговой стратегии осуществляется по следующим этапам:

– стратегическое планирование – набор конкретных действий и решений, предпринимаемых преподавателем и ведущих к реализации стратегий, которые обеспечивают ему достижение поставленных целей.

– стратегические цели – основные направления деятельности, ведущие к реализации миссии преподавателя. Цели должны быть выстроены в структуру в виде дерева, где достижение всех нижестоящих целей в совокупности дает достижение вышестоящей цели;

– стратегическое видение – образ будущего состояния педагогического процесса, который посредством системы существенных характеристик дает профессиональное качественное представление об успехе в конкретной стратегической перспективе. Видение, как правило, представляет собой мысленное путешествие от известного к

неизвестному, создание будущего путем монтажа известных фактов. Стратегическое видение – это взгляд преподавателя на то, какими видами деятельности он собирается заниматься и каков долгосрочный курс;

– стратегическая ориентация – ориентация на будущее в сочетании с поэтапным процессом реализации [4.198с.]

Одним из наиболее важных элементов успешной педагогической маркетинговой стратегии является чёткое понимание того, кто наши обучающиеся и какие требования они выдвигают. Именно поэтому всё больше и больше образовательных учреждений понимают, что без системы управления взаимоотношениями с субъектами обучения в условиях современного образования выжить становится практически невозможно. Именно на основе этого строится педагогическая маркетинговая стратегия и определяются потребности субъектов обучения.

- *Принцип элективности обучения* заключается в возможности выбора индивидуальной траектории деятельности обучающихся.

Преподаватель, используя маркетинговый подход, способен организовать образовательный процесс таким образом, что у обучающихся возникает ситуация выбора курса, направления и вида деятельности. Преподаватель-маркетолог способен повлиять на выбор обучающегося, предложив ему несколько тем творческих или исследовательских работ, раскрывая актуальные вопросы данных работ, тем самым вызвать у него интерес и желание сделать свое «открытие».

В качестве организационных форм элективной дифференциации выступают курсы по выбору (в том числе факультативы, кружки, элективные курсы), исследовательская, творческая, проектная деятельность обучаемых.

Принцип элективности предполагает создание системы многоуровневой подготовки специалистов, учитывающей индивидуальные особенности обучающихся, и предоставляющей каждому возможность каждому максимально раскрыть способности для получения соответствующего этим способностям образования.

Принцип элективности обучения носит андрогогический характер, рассматривающий совместную деятельность обучающегося с обучающим, а также с другими обучающимися по планированию, реализации, оцениванию и коррекции процесса обучения.

Для этого обучающийся должен обладать определенными умениями и навыками совместной и коллективной учебной деятельности, иметь представление об организации процесса обучения, владеть навыками учебной работы. Являясь сформировавшейся личностью, он ставит перед собой конкретные цели обучения и стремится к самостоятельности, самореализации, самоуправлению [Ванькина 2007].

- *Принцип эффективной деятельности* определяется степенью достижения поставленных перед ней целей. Добиться поставленной цели можно многими средствами и приемами. Их применение и различное сочетание во многом зависит от особенностей личности отдельных преподавателей, их мировоззрения, способностей, характера, темперамента, стиля преподавания.

Эффективность деятельности преподавателя зависит от многих факторов: организационного, научного, экономического, политического. Все они влияют на работу преподавателя через внутренние условия его личности. Показатель эффективности – успешное достижение цели при наиболее рациональном использовании сил и средств.

Преподаватель не дает готовых знаний, но побуждает обучающихся к самостоятельному поиску, стимулирует проявление социальной и познавательной активности и инициативы. При этом преподаватель в большей степени выступает как организатор взаимодействия, как модератор предметной деятельности и размышления, как маркетолог педагогического процесса.

Таким образом, умение преподавателя точно и правильно определять учебные и воспитательные задачи и соответственно им планировать свою работу и работу студентов – важное условие повышения эффективности его деятельности.

Общей основой для успешного функционирования указанных предпосылок эффективности деятельности преподавателя является владение своим предметом, эрудиция, культура и педагогическое мастерство.

Главная функция преподавателя – управление процессами обучения, воспитания, развития, формирования личности обучаемого. Преподаватель- маркетолог как бы дирижирует всем процессом образования знания, способен управлять познавательным интересом обучающихся. Важным показателем мастерства является умение активизировать обучаемых, развивать их способности, самостоятельность, пытливость. Учитель-мастер должен обладать даром заставлять думать на уроке, используя разнообразные методы для активизации процесса обучения.

- *Принцип компетентностного подхода* – способность успешно действовать на основе практического опыта, умения и знаний при решении профессиональных задач. Данный принцип основан на желании обучающихся применить полученные знания и навыки уже сегодня, чтобы почувствовать свою компетентность в решении каких-то проблем. В связи с этим обучение должно сосредоточиваться на формировании соответствующего экзистенциального опыта (умение быть в значимых производственных и организационно-культурных обстоятельствах, делать выбор, принимать решение и брать на себя ответственность). Такое обучение подразумевает создание дидактических и психологических условий осмысленности учения, понимания методологических основ знаний, создание оснований для интеграции теоретического и практического образования [5. 232]

С позиций компетентностного подхода основным непосредственным результатом образовательной деятельности становится формирование ключевых компетентностей.

При этом существенным образом изменяется роль педагога. Он должен выступить в роли маркетолога, стратегически проектируя индивидуальную траекторию интеллектуального и личностного развития каждого обучаемого, его ключевых компетентностей таким образом, чтобы сами обучающиеся понимали важность и необходимость этого.

В современном обществе можно выделить следующие ключевые компетентности: умение анализировать, сравнивать, выделять основное, умение дать адекватную самооценку, быть ответственным, самостоятельным, умение творить и сотрудничать, работать без постоянного руководства, проявлять инициативу, замечать проблемы и искать пути их решения на основе здравых рассуждений.

Задача педагога-маркетолога так выстроить процесс обучения и воспитания, чтобы помочь раскрыться духовным силам обучаемого, научить его мыслить, привить навыки практических действий, быть конкурентноспособным в современном обществе. Изменение модели образования требует, прежде всего, формирования личности преподавателя -

маркетолога, готового достигать социальных, коммуникативных, информационных компетенций, толерантности, высокого уровня образованности.

Таким образом, в рамках компетентностного подхода образование и обучение становится комплексным, многофакторным. Обучаемым передаются, лишь те знания и навыки, которые нужны для развития необходимых компетенций. Ведется также психологическая подготовка, формируются нужные установки, развиваются определенные личностные качества, нарабатываются конкретные алгоритмы эффективной деятельности.

Разработанные нами принципы педагогического маркетинга представляют собой систему принципов, состоящую из трех подсистем. В первой подсистеме, включающей принципы информационного соответствия, приоритетности, стратегического ориентирования, доминирующим элементом является самоорганизация преподавателя. Во второй подсистеме, включающей принципы элективности обучения и эффективной деятельности, доминирующим элементом является совместная деятельность обучающих и обучаемых. В третьей подсистеме, включающей принцип компетентностного подхода, доминирующим элементом является организация педагогической деятельности, направленная на обучающихся. Данные подсистемы взаимосвязаны между собой, взаимодополняют друг друга и нельзя провести четких границ в этой системе.

Рассмотренные выше принципы педагогического маркетинга не только определяют траекторию деятельности современного преподавателя, но и раскрывают основные цели и задачи педагогического мастерства, направленного на социальный заказ общества.

**Литература:**

1.Ванькина И. В., Егоршин А. П., Кучеренко В. И. Маркетинг образования: учеб. пособие, 2007. 334с.

2.Гвоздева Л. А., Колерова Е. В. Педагогическая стратегия маркетингового подхода к образовательному процессу // «Актуальные проблемы химического и экологического образования»: сб. науч. тр. по материалам Всерос. науч.-практич. конф. химиков смеждунар. участием. СПб.: Изд-во РГПУ им. А.И. Герцена, 2012. С. 309–312.

3.Голубков Е. П. Основы маркетинга: учеб. М.: Финпресс, 2004. 220 с.

4.Гудков И. В. Система педагогического маркетинга, 2000. 198с.

5.Третьяков П. И., Захаренко С. И., Туберозова М. В., Шарай Н. А. Педагогический маркетинг в управлении развитием образовательных систем. М.: Перспектива, 2010. 232 с.

6.Беркутова Т.А. Маркетинговые коммуникации: учебное пособие/ Т.А. Беркутова. - Ростов н/

## САРЧАШМАҲОИ НАЗАРИЯВӢ, ИЛМӢ ВА АДАБИИ ОСОРИ АҲДИ МУҒОН БА АФКОРИ ФАЛСАФИИ ЗАКРИЁИ РОЗӢ

**Гулаҳмадов Ш. Н.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Розӣ яке аз бузургтарин файласуфони асрҳои миёна ба шумор рафта, афкори фалсафии ӯ бой ва рангин буда, мутафаккир доир ба бахшҳои гуногуни илмҳои фалсафӣ андешаҳояшро ирброз намудааст, ки омӯзиши онҳо имрӯз низ аҳамияти хешро гум накардаанд, балки дар замони муосир, ки омӯзиши фанҳои дақиқ яке аз самтҳои асосии

таълим дар ҷумҳурии мо муайян гардидааст, боз ҳам мубрам аст. Дар ин мақола диққати асосиро ба масъалаи сарчашмаҳои назариявӣ, илмӣ ва адабии осори аҳди муғон ба афкори фалсафии Закариёи Розӣ равона карда ва онро то ба андозае пайгирӣ намудем. Афкори фалсафӣ, илмии мутафаккирони барҷаста ҳеҷ гоҳ дар заминаи холӣ арзи ҳастӣ нахоҳанд кард ва афкори эшон зери таъсири сарчашмаҳои пешгузаштагони ватанӣ ва хориҷӣ ба вуҷуд омада ва такомул менамоянд. Афкори маърифатшиносии Розӣ низ аз ин сарчашмаҳо обрхӯрда ва рушд намудааст. Аввалин чунин сарчашма ҳикмати муғон маҳсуб меёбад, ки дар ин ҷо таъсири ин ҳикматро ба андешаҳои Розӣ мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод.

Унсурҳои шинохти маърифат ба ду тарз дар фалсафаи табиӣ ва фалсафаи илоҳии Розӣ роҳ ёфтааст.

1. Мустақиман, яъне дин ва ҳикмат дар Ирони бостон ҳамчун мақула яклухт баромад мекарданд, матнҳои динии он замон ба ҳайси матнҳои фалсафӣ низ шинохта шудаанд. Кешномаҳои зардуштӣ ва ё тафсирҳои китоби “Авасто”, тарҷума ва тафсири катибаҳои сурёӣ, арабӣ, осори монавия, сарчашмаҳои зурвония аз он маъхазҳои асосие маҳсуб мешаванд, ки дар ташаккул ва таҳаввули афкори фалсафии Ҳаким Розӣ таъсири амиқи хешро гузоштаанд.
2. Тариқи гайримустақим, яъне осори фалсафии ҳакимони Юнони қадим, ки нисбат ба ҳикмати Ирониёни бостон дар пояи баланди илмӣ қарор доштанд ва ба забонҳои паҳлавии қадим, сурёнӣ ва арабӣ тарҷума гардида буданд, ҳамчун сарчашмаҳои пурарзиш дар раванди ташаккул ва таҳаввули хиради Ҳаким Розӣ саҳмгузорӣ карданд.

Бояд зикр намуд, заминаи ташаккул ва таҳаввули фалсафаи Юнони қадим, пеш аз ҳама, он осори пурғановати мардумони Шарқ аз қабили аносири фалсафӣ ва динии бобулӣ, суриёнӣ, шумерӣ ва эронӣ сарчашма мегирад. Аксари олимоне, ки ба омӯзиш таъсири адабиёт фалсафии Шарқ бар ҳикмати юнониён даст задаанд, бар он андешаанд, ки осори динии маҷусиён саршори ҳикмат аст. Аз ҷумла муаррихи мусалмон Сайд Муртазои Розӣ иброз менамояд, ки “зикри санавиён дар боби маҷусиён аз он иборат аст, ки асли ҳама як аст....., ҳама гӯянд, ки оламро ду сонеъ аст, яке Яздон дигаре аҳриман” [1. с. 2-6] ва “қисме нур ва зулмот гӯянд” [2.с.1]. Аммо мурод аз “маҷусиён” фалсафаи донишмандони зардуштии замони Сосониён набуда, балки ҳикмати муғони аҳди бостон мебошад, ки онҳоро ба номи “маҷусиёни аҳди қадим” ёд мекунанд. Абурайҳони Берунӣ дар китоби “Осор-ул-боқия” иброз менамояд, ки “маҷусиёни қадим касонеанд, ки пеш аз зуҳури Зардушт буданд. Усули онон ҳамон аст, ки собиёни қадим баргирифтаанд” [3.с.78]. Маҷусиёни қадим дар худи Авастои зардуштӣ ба унвони “пурявтакишон” [4.с.153] (Ясно ва Фарвардин яшт) зикр гардидааст. Ба андешаи адабиётшиноси машҳури тоҷик Шарифмуроди Исрофилиён “дар китоби Динкард муғони аҳди бостон нахустин омӯзгорон, нахустин паёмбарон дар рӯйи замин ёд шудаанд” [5. с. 25]. Динкард (паҳлавӣ—кори дин), яке аз осори энсиклопедии адабиёти паҳлавист, ки дар асри 9 навишта шуда, дар он афкори динию мазҳабӣ, донишҳои илмӣ, таърихӣ, инчунин ривоятҳову асотири Эрон аз давраҳои қадим то асри 9 гирд оварда шудааст. Дар «Динкард» қариб тамоми асарҳои динӣ ба забонҳои авестоӣ ва паҳлавӣ навишта шуда (аз ҷумла, 21 наски Авесто) дарҷ ёфтааст ё мазмуни онҳо мухтасаран оварда шудааст. «Динкард» аз 9 китоб иборат буда, то замони мо ҳафттои он расидааст. Китоби 6-уми «Динкард» маҷмӯи ҳикмат ва масалҳои пешиниён мебошад, ки мавзӯъҳои ахлоқӣ, андешаҳои фалсафӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Китоби мазкур қимати илмии зиёде дорад ва аз адабиёти динӣ хело дур аст. Дар он таъсири осори ҳиндӣ, махсусан, «Панчатант-ра» (ба паҳлавӣ тарҷума шуда буд) намоён аст. Сабки ин китоб нисбат ба китобҳо оид ба масъалаҳои динӣ ва мазҳабӣ содатар аст. Дар он амсолу

ҳикмат, андарз, ташбеҳу истиора ва таъбирҳои фалсафӣ, масъалаҳои ҳастишиносӣ, донишҳои тиббӣ ва масъалаҳои маодшиносӣ низ васеъ баррасӣ шудаанд.

Дар баробари қисми шашуми "Динкард", қисми чоруми он низ аз дидгоҳи илмӣ, хело ҳам муҳим буда, сарчашмаи оламшиносии файласуфони табиатшиноси юнонӣ (пеш аз Суқрот) доир ба назарияи олами акбар ва олами асғар аст. Ин қисм то ба замони мо нарасидааст, аммо таъсири он ба Афлотун, қибриён ва дигар мактабҳои фалсафии Юнони қадим хуб ба назар мерасад. Аз ин наск то ба замони имрӯз чизе боқӣ намондааст, вале дар китоби "Бундаҳишна" доир ба бахши чоруми "Динкард" маълумот ба назар мерасад, ки ҳамчун маъхази асосӣ дар омӯзиши ҳикмати аҳди бостони мардуми Эрон ба ҳисоб меравад.

"Бундаҳишн", яке аз осори адабиёти қадими асри 9 буда, ба забони паҳлавӣ таълиф шудааст. Ба гуфтае муаллиф ё мураттиби он Фарнбаг ном мубад аст. Номи дигари «Бундаҳишн» «Занд огоҳӣ» мебошад ва гувоҳӣ аз он медиҳад, ки тарҷума ва тафсири Авесто ба забони паҳлавӣ *(занд)* мураттаб гардидааст. Азбаски мазмуни он офариниши дунё, мавҷудоти олам ва ғайра мебошад, аз ҳамин рӯ, «Бундаҳишн» ном гирифтааст. Мундаричаи «Бундаҳишн» аз ҳикояту ривоятхои динӣ, маълумоти пурқимати этнографӣ, достонҳои асотирию қаҳрамонӣ иборат аст, ки қисман дар Авесто мавҷуданд ва бархе маълумоти асотирию қаҳрамонии қисмҳои аз байнрафтаи Авесторо дар бар мегиранд. «Бундаҳишн» аз офариниши одам, пайдо шудани Аҳриман дар рӯйи Замин ва муборизаи ӯ бо Аҳура Маздо (Ҳурмузд) рӯзи Растахез (Қиёмат), пули Чинвот (Сирот), Биҳишт ва Тани Насин (Эҳё), офатҳое, ки ба кишварҳои Эрон расида буд, зардуштия ва ҳаракати ситорагон баҳс мекунад. Матлабҳои ин қисми «Бундаҳишн» ба фаргард (боб)-и I *«Вандидод»* монанданд ва зоҳиран, аз он гирифта шудаанд. Мундариҷаи «Бундаҳишн» ба як давраи муайяни таърихӣ тааллуқ надошта, бисьёр мухталиф аст. Дар он такрори матлаб ва ривояту гуфторҳои мазмунан ба ҳамдигар зид дучор меоянд. Аз ҷиҳати мазмун ва алоқаи байниҳамдигарии бобҳо «Бундаҳишн»-ро ба се бахш тақсим кардан мумкин аст: 1) бобҳои 1—8; 2) бобҳои 8—30, 34, 36 ва 3) бобҳои 31—33. 35. Бахши 1-уми «Бундаҳишн» аз баёни фаъолияти худоии равшанию некӣ — Аҳура Маздо ва худои торикию бадӣ Аҳриман дар чор давраи сеҳазорсола; офариниши дунёи равшан, махлуқот ва ҳама гуна офариниши нек дар ду 3 ҳазорсолаи аввал; ба муқобили ин аз тарафи Аҳриман офарида шудани махлуқоти бад; ҳуҷуми Ахриман ба муқобили офаридаҳои Ҳурмузд ва чигунагии онҳо иборат аст. Маълумоти ин бахш то андозае ранги асотирию ривоятӣ ва афсонавӣ дорад, ки моҳияти зардуштияро мекушояд. Моҳияти маълумоти бахши 2-юми «Бундаҳишн» дунявӣ буда, аз баёни донишҳои ҳаётӣ, нуҷуму ситорашиносӣ, ҷисмҳои осмонӣ, ҷуғрофӣ ва ғ. иборат аст. Бахши 3-юми «Бундаҳишн» (махсусан боби «Андар тухма ва фарзандони Каён») таърихи асотирии Эронро аз замони пайдоиши аввалин инсон то тохтутози арабҳо ва давраи Хилофат дар бар мегирад, ки аз ин ҷиҳат ба маълумоти *"Худойномак"* айният дорад. Мураттиби «Бундаҳишн» борҳо ба «Худойнома» ишора кардааст. Ин ривоятҳо дар таърихҳои исломӣ («Таърихи Табарӣ», асарҳои Ҳамзаи Исфахрий, Масъудӣ, Берунӣ, Саолибӣ ва диг.) низ омадаанд. Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ин воқеаҳои таърихи тасвири бадеӣ ёфтаанд. «Бундаҳишн» муҳимтарин манбаи ривоятҳои асотирӣ, достонҳои хамосавии халқҳои эронинажод мебошад. Он порчаҳои, ки аз пайдоиши оламу одам, табиат баҳс мекунанд, дараҷаи тараққиёти илми он замонро нишон медиҳанд. Дар «Бундаҳишн» порчаҳои қофиядори ба вазни ҳиҷо навишташуда («Суруд дар бораи Зарвана»), порчаҳои ба достонҳои эпикӣ монанд, воситаҳои тасвири бадеӣ — ташбеҳ, муболиға, диалог, монолог дида мешаванд. Якчанд нусхаҳои дастнависи «Бундаҳишн» то замони мо расидааст, ки қадимтаринашон ба асри 12 тааллуқ дорад. Аз ин нусхаҳо «Бундаҳишни эронӣ» ва

«Бундаҳишни ҳиндӣ» машҳуранд. Ба ақидаи шарқшиноси машҳур Брагинский И. С. «Бундаҳишни эронӣ» аз ҷиҳати ҳаҷм, миқдори бобҳо калонтару мукаммалтар аст. Дар «Бундаҳишни ҳиндӣ» фаслҳои 31-33 (аз бахши 3) вуҷуд надоранд" [6]. Дар "Бундаҳишн" ғайр аз осори мифологӣ, офариниши дунёи равшан, махлуқот ва ҳама гуна офаринишҳои некию бадӣ назарияи "нафси кул" ё рӯҳи олам (рӯҳи ҳаёт)-и Зардушт дар куҳантарин матнҳои авастоӣ "Готҳо" ва "Ясно" матраҳ шудааст, ки айнан ба Гераклит ва аз ӯ ба Афлотун, аз Афлотун ба равоқиён, аз онҳо ба навафлотуниён ва баъдҳо то ба Гегел рафта расидааст. Чи тавре ки Арасту дар "рисола дар боби фалсафа" менигорад, "яке аз мақулаҳои мураккаб "диалектика" аз ҳикмати муғон буда ва ба қавли вай бештари ҳакимони табия ин истилоҳро аз муғони Мод гирифта буданд. Дар маркази фалсафаи ҳакимони табиатшинос назарияи "зарагароӣ" (атомистӣ) меистад ва дар фарзияи ҳакимони аҳди бостони халқҳои эронӣ ин назария ба унвони фарзияи "тухма" матраҳ гардида буд. Дар афкори ҳакимони халқҳои тоҷику эронии аҳди бостон донишҳои кимёвӣ дар ҷойи аввал қарор дорад ва як зумра донишмандони ин соҳа кор ва зиндагӣ карданд.

Яке аз чунин ҳакимони барҷаста Остан, ки дар замони салтанаи Хашиёршоҳ, сулолаи Ҳахоманишинҳо, кор ва фаъолият карда буд, маҳсуб меёбад. Ба гуфтае он дар интиқоли дониши халқҳои иронӣ ба масири қавми яҳуд саҳми беандозае гузоштааст. Ба қавли Пилинии калони олими Юнони бостон дар китоби "Таърихи табиӣ" "Остан яке аз сеҳргарони иронӣ буда, подшоҳ Кирро дар юриш ба муқобили юнониҳо ҳамроҳӣ мекард ва сипас сеҳру ҷодуро бад-он кишвар овард [7. с/ 265-266] . Аз гуфтаҳои Пилини бармеояд, ки Остан яке аз аз уламоҳи барҷастаи риштаи кимиёи аҳди бостони халқҳои иронист. Аз нигоштаҳои Пилини бармеояд, ки Остан чунон ҳам шуълаи илмро дар дили ҳакимони Юнони қадим афрӯхтааст, ки як зумраи онҳо аз қабили Пифагор, Эмпедокл, Демокрит ва Афлотун барои омӯхтани он ба хориҷа рафтанд ва пас баргаштанд, то ин ки онро ба дигарон омӯзонанд. Дар сарчашмаҳои таърихӣ доир ба асарҳои Остан маълумот ба назар мерасад, аз он ҷумла дар бораи асари ӯ, ки дар боби кимиё нигоштааст ва онро ба шоҳ Кир бахшидааст, бо номи "Киронидус" машҳур аст. Зоҳиран ин асар ба забони арабӣ бо номи "الفصل الاسنى عشر فى علم الحجر المكرم""Фасли дувоздаҳум дар улуми санги шариф" тарҷума гардидааст.

Яке аз манбаъҳое, ки дар бораи Демокрит ҳамчун шогирди ҷодугари форсӣ Остан аз замони охири эллинистӣ маълумот медиҳад, ин муаллифи "Искандария" и Мисрӣ Боли (ибтидои асри II пеш аз милод) Мендесист. Бол аз китоби "Физика"-и Демокрит гуфторҳои Останро доир ба "Табиати ғолиб" ёд намуда, ки то садаи асри 16 сарчашмаи афкори химикҳои Аврупо буд. Остан дар адабиётҳои яҳудӣ ба мисли Зардушт дар гузориши масъалаи илоҳиёт, риёзӣ ҳамчун шиновари тавоно ёд шуда, хусусан илми кимиё дар байни яҳудиён, сарчашмаи таълимоти зардуштӣ ва маводи маҷусӣ (муғӣ) шинохта шудаанд.

Закариё Розӣ дар таърихи илми химия аввалин маротиба модаҳоро гурӯҳбандӣ карда ва онҳоро ба се гурӯҳ ҷудо мекунад: ҳайвонӣ, наботӣ ва ҷамодӣ, ки ин пайравӣ ба катибаҳои халқҳои иронӣ буда, бегумон ин аз он шаҳодат медиҳад, ки "Розӣ ба китобҳои паҳлавии пешазисломӣ дастрасӣ доштааст" [8].

Ҳамин тариқ, аввалин сарчашмаҳои назарявие, ки ба афкори фалсафӣ, бахусус фалсафаи шинохти Розӣ таъсиргузор буда, ин афкори муғони қадимӣ буда, ки дар хотироти таърихи наслҳои баъдинаи халқҳои эронӣ мафҳуз монда ба шумор рафта, тариқи сарчашмаҳо ва қиссаву ривоятҳо изни худро дар осор ва афкори ин мутафаккири барҷастаи халқҳои тоҷику эронӣ гузошта ва Розӣ тавонистааст то ба андозае назарияи шинохтро дар пояи ин таълимот боло барад.

**Адабиёт:**

1. تاریخ فلسفه.ترجومه داکتار داوودی ص، ص.۲ -۶
2. Муҳаммад Рашод. Фалсафа аз оғози таърих. ҷ. 1.
3. Абурайҳони Берунӣ. Осор-ул-боқия. саҳ. 78.
4. Авасто. Ясно. саҳ. 153.
5. Шарифмуроди Исрофилиён. Адабиёти аҳди суғдӣ. 256 с.
6. Брагинский И. С. Из истории таджикской народной поэзии. - М. 1975.
7. Zoroastrische Studien (F. Windischmann), Berlin, 1970. pp.265-266
8. Левченко С. И. Краткий очерк истории химии. http://window.edu.ru/resource/630/17630. 22.12.2020. с.24

## ИСТИФОДАИ МАШҚҲО ДОИР БА ПЕШГИРИИ ДИАБЕТИ ҚАНД

**Диловаршоев Р.С., Мустафоқулов Ш.Т.[1], Эргашев Ф.[1]**
**ДССХ[1]**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Имрӯзҳо бисёр мутахассисон барои пешгирӣ аз бемории диабети қанд зарурати фаъолияти ҷисмониро тавсия медиҳанд. Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ ва ассотсиатсияи ҷаҳонии диабет ба хулосае омадаанд, ки машқҳои ҷисмонии дуруст интихобшуда дар шаклҳои ибтидоии диабети қанд, ки навъи якум вобастагии инсулин ва навъи дуюм вобастагии ғайриинсулин номгузорӣ шудааст, таъсири мусбат дорад.

Диабети қанд (лот. diabetes mellitus) - ин бемории муттасиле, ки ба он баландшавии сатҳи қанди хун бар асари норасоии инсулин (гормони ғадуди зери меъда) хос аст.

**Диабети қанди навъи якум** беморие, ки дар асари он ғадуди зери меъда аз худ инсулин ҷудо намекунад ва дар натиҷаи ин ба бадани бемор доруи инсулин гузаронидан лозим меояд.

**Диабети қанди навъи дуюм** беморие, ки дар асари он ғадуди зери меъда аз худ кам инсулин ҷудо мекунад ва ин беморро водор месозад, ки барои кам шудани миқдори қанди хунаш дору истеъмол намояд ё бо таъиноти духтур ба баданаш доруи инсулин гузаронад.

**Диабети қанд чист?** Ин беморӣ бештар дар байни ҷавонон ба назар мерасад ва дар ҳолати гузариш аст. Ҳамасола гирифторони ин беморӣ ба ҳадди 6-10% афзоиш меёбанд. Сабаби онро бисёре аз мутахассисон дар фарбеҳии зиёд ва аз меъёр зиёд будани холестерин ва равғанро дар таркиби хун медонанд.

**Оcебҳои диабети қанд -** осеби рагҳои хунгузари шахсони мубталои диабети қанд, ки дар асари он шабакияи чашм аз ҳам рехта, беморро нобино мегардонад (ретинопатияи диабети қанд) ба гурдаҳо таъсир гузошта, боиси хуруҷи заъфи гурдаҳо мешавад (нефропатияи диабети қанд), аз он пойҳои бемор дардманд гашта, захмҳои трофикӣ пайдо шуда, ба паҳншавии фасод ва маъюбӣ расонида, буридани пойҳои ӯро ноилоҷ мегардонад. (бемории пошнаи диабети қанд) ва ғайра. Ба гирифторони чунин бемориҳо тавсия дода мешавад, ки дуруст истеъмоли хӯрокро ба роҳ монанд ва ҳамзамон ба варзиш машғул шаванд.

Барои пешгирии диабети қанд варзиш муҳимтарин воситаест, ки машқҳои пайдарҳамии он таъсири мусоид мерасонад.

Машқи ҷисмонии муътадил (гимнастикаи сабук, йога, давидан) ҳассосияти ҳуҷайраҳоро нисбат ба инсулини худ афзоиш медиҳад ва ба ҳуҷайраҳои мушак имкон медиҳад, ки гулюкозаро бе инсулин аз худ кунанд, ки ин ба беҳбудии бемор таъсири мусбат мерасонад. Аммо шумо наметавонед, ки худро аз ҳад зиёд сарборӣ кунед, ба монанди варзишҳои барқ, вазнбардорӣ, ки ин барои шахсони диабети қанддошта мухолиф аст. Ин гуна машқҳои вазнин метавонанд, афзоиши фишорро ба вуҷуд оварда, таъсири бад расонанд. Варзиш на танҳо табобат, балки бемориҳои дигарро низ пешгирӣ мекунад. Он системаи дилу рагҳоро меомӯзад ва мубодилаи карбогидратҳоро фаъол мекунад.

Маҷмӯи муассири машқҳои ҷисмонӣ барои беморони диабет аз ҷониби физиологи варзиш Борис Степанович Жерлигин, ки роҳбарии клуби “Алвидоъ бо диабет!”-ро ба уҳда дошт, таҳия шудааст. Таҷрибаи кори ӯ таъсири баланд бардоштани тарбияи ҷисмониро барои диабети қанд тасдиқ кардааст. Бисёре аз аъзоёни клуб, ки ба гимнастикаи махсус машғуланд, аз қабили давидан, печидан, хам шудан ва ғайра, ки инҳо машқҳои хело сабуканд, ба ҳамин восита баъзе беморон тавонистаанд, ки аз дору даст кашанд.

Маҷмӯи машқҳоеро, ки Борис Жерлигин барои пешгирӣ аз бемории диабети қанд таҳия намудааст, пешниҳод менамоем.

- Сараввал дар блок (ё хишт) истед, то ки пошна болои фарш овезон бошад, сипас бархеста бо ангуштони худ афтед. Бо ин ҳолати пойҳо доираи ҳаракат ҳадди аксар хоҳад буд. Баъдан ба пушт хобида, пойҳои худро баланд кунед ва онҳоро ба девор такя кунед ва барои истироҳат кардани мушакҳо давра ба давра пойҳои худро афшонед. Ҳолатҳое мешавад, ки пойҳои шумо на он қадар фаъол аст, дар ин ҳолат шумо метавонед ба пойҳои худ креми гепарин молед.
- Ба пушт хобида, пойи ростатонро хам кунед ва кӯшиш кунед, ки бо зону ба китфи чапатон бирасед. Дастонатонро низ ба пушти сар нигоҳ дошта, ҳаракат кунед, ки ба китфи ростатон бирасонед.
- Ба пушт хобида, пойҳои худро хам карда, зонуҳоятонро ба тарафи китфҳо кашед, пасон пои рости худро аввал ба боло ва сипас оҳиста-оҳиста поён кунед. Тамоми машқҳоро оҳиста ба анҷом расонед ва кӯшиш кунед, ки аз ҳаракатҳо лаззат баред. Пойҳоро ба кунҷи рост хам кардан кифоя аст, то ин ки ба зонуҳо осебе нарасад. Суръати ҳаракатро суст кунед.
- Пеш аз он ки ба машғулиятҳо машғул шавед, бояд худро дар ҳама ҳолат санҷед, ки то чӣ андоза бадани шумо барои машқ омода аст. Бори аввал, ки нишастед, худро каме хаста ҳис мекунед. Ҳангоми машғулиятҳои минбаъда ҳамон миқдор нишастҳоро иҷро кунед, аммо дар чанд қадам байни онҳо танаффуси 1-3 дақиқаӣ гиред. Рӯз аз рӯз кӯшиш кунед, ки шумораи нишастҳоятонро афзоиш диҳед. Зиёд шиддат нагиред ва шумораи машқҳоро оҳиста зиёд кунед. Масалан, агар шумо бори аввал 40 маротиба нишаста тавонед, пас рӯзи дигар ҳаракат кунед, ки аз ин зиёдтар машқ кунед.
- Сараввал барои гардиши даврӣ аз себ истифода баред, пасон бо дарназардошти зиёд шудани вазн себро бо чизҳои аз он вазнинтар иваз кунед. Дар ин асно шумо тасаввур кунед, ки бо соя мубориза мебаред. Дар ин ҳолати машқ фикр кунед, ки бо рақибе мушт мекунед, аммо муштҳоро тарзе машқ кунонед, ки панҷаҳои дастатон бо як ҳиссиёти ҳамвору гуворо иҷро шавад.

Борис Степанович тавсия медиҳад, ки ҳар нафаре, ки ба машқҳои ҷисмонӣ машғул аст, аввал аз ташхиси духтур гузарад, зеро барои баъзе шахсон машқҳои зиёд номумкин аст. Масалан, ҳангоми пайдоиши баъзе мушкилот стресс аз ҳад зиёд мешардад ва ба ҷудошавии ретинал ва инфаркти миокард оварда мерасонад.

Барои самараи беҳтарини машқу тамрин табибон маслиҳат медиҳанд, ки аз афшурдаҳои табиӣ, оби минералӣ ва аз лубиёгиҳо фаровон истифода кунед. Намаки оширо низ аз чизҳои парҳези хориҷ карда, ба ҷойи он оби баҳрро истеъмол намоед, хуб мешавад.

Мутахассисон машқҳои “йога” ва “камон”-ро барои беморони диабети қанд хеле муфид меҳисобанд, ки он низ бояд ба маҷмааи гимнастика дохил карда шавад.

Бо шикам хобида, пойҳоятонро бо дастҳоятон доред ва то ҳадди имкон қафо кашед, аз 20 то 60 сония дар ин ҳолат истед. Дар ин ҳолат машқи беҳтарин ин аст, ки сина ва зонуҳо аз фарш баланд бардошта шавад, аммо ин амал танҳо тавассути омӯзиши мунтазами дарозмуддат ба даст оварда мешавад.

Шарти муҳимтарини мубориза бо диабет ин муносибати дурусти равонӣ мебошад. Аз ин рӯ истифодаи ҳама гуна усулҳое, ки стрессро сабук мекунанд ва шиддати асабро коҳиш медиҳанд, ин автотренинг, усулҳои истироҳат ва ғайра мебошад. Ба шахси бемор лозим нест, ки ноумедӣ, асабонӣ ва мунтазири кумаки табибон ё хешовандон бошад, новобаста аз он ки шахс диабети қандро тоб дода метавонад, пеш аз ҳама шифоёбии бемор аз иродаи қавӣ, боварӣ ва истодагарӣ вобаста аст.

**Комплексҳои гимнастикии терапевтӣ барои беморони гирифтори диабети қанд**

Маҷмӯи машқҳо барои шурӯъкунандагони ин миқдор ва шиддатнокии машқ инфиродӣ буда, бо хидматрасонии худ муҳокима карда шавад.

Реҷаи машқро тартиб диҳед ва ба он ҳатман риоя кунед. Яке аз схемаҳои тавсияшаванда ин аст, ки дар як ҳафта 4-5 маротиба машқ карда, аз 5-10 дақиқаи машқҳои пасти шиддат сар карда, тадриҷан зиёд кардани сарборӣ ва давомнокӣ мебошад. Дар шахсони беморе, ки инсулин мегиранд, маҳдудияти фаъолиятҳо мавҷуданд. Масалан, бештар аз 30-40 дақиқа дар як рӯз. Аммо агар бемор инсулинро қабул накунад, бори дароз ва ҳатто шадид барои ӯ хатар эҷод намекунад, алалхусус дар сурати мавҷуд набудани мушкилоти беморӣ.



Мавқеи ибтидоӣ, ки дар ин шумо аксари машқҳоро дар ҳолати истода оғоз мекунед. Пойҳоро бо ҳам мувозӣ (паралел) гузошта, паҳноии китфро аз ҳам ҷудо кунед, яъне китфҳоро рост карда, дастҳоро озодона ба поён фарореед. Сар бошад, ин калиди сутунмуҳра маҳсуб меёбад: ба пеш нигоҳ карда, аз фишурдани мушакҳо пешгирӣ кунед.



• Чи тавре ки дар боло қайд кардем, мавқеи ибтидоӣ ин асосӣ мебошад. Пойи худро ба қафо монда, дастҳоятонро ба боло бардоред ва оҳиста-оҳиста нафас кашед. Ин ҳолатро метавонед 4-5 маротиба такрор кунед.



• Дар тӯли 2-4 дақиқа бо навбат роҳ гаштан, ин ба манфиати машқ аст. Суръати пойҳои рост ва чапи худро баланд намуда, бо ҳаракатҳои даст аввал ба боло ва баъд ба паҳлу машқ кунед. Дар ин ҳолат саросема нашуда, озод нафас кашед.

Барои дуруст иҷро кардани машқи "бо лунге сайругашт" дастҳоро қад-қади бадан дароз кардан лозим аст, пойҳоро паҳнои пӯст гузошта, ҷӯробҳоро ба пеш равона кардан лозим аст. Баъдан сандуқи синаро ба пеш тела дода, китфҳоро ба қафо мегузорем ва баданро каме ба пеш ҳаракат дода, кӯшиш менамоем, ки пуштро рост нигоҳ дорем. Сар ва сутунмуҳра ки як хатро ташкил медиҳанд, ба пеш менигаранд.

Ҳангоми истодан, шумо бояд қадами муқаррариро бештар ба як қадам гузоред ва пойи худро аз поён карда истед. Ҳангоми нигоҳ доштани ҳолати рост ба бистар афтед: зонуҳо хам шуда, паҳлуҳо ба поён фароварда мешаванд. Дар нишасти пурра бошад, вақте ба пой меафтед, зонуи пои қафо ба фарш мерасад ва пои пешин ба фарш мисли перпендикуляр бошад. Пойе, ки дар қафо аст, бояд ба пеш ҳаракат кунад, то ки ҳамаи амалҳо бо пойи дигар такрор карда шавад.



-Дар ин ҳолат рост истода, дастҳоятонро паси сар бурда, оринҷҳои худро дар рӯ ба рӯятон рост кунед. Ба ҳисоби як-ду паҳн шуда, нафас кашед. Аз рӯйи ҳисобҳои се ва чаҳорум ба ҳолати аввала баргардед ва саратонро ба пеш хам карда, оҳиста-оҳиста нафас кашед.



• Дар ин ҳолат пойҳоро аз ҳам ҷудо кунед. Дастҳоятонро низ ба паҳлӯҳо паҳн кунед. Баданатонро низ ба тарафи чап гардонед, дар ҳоле ки дасти ростатон дар қафаси сина аст. Пас тамоми роҳро ба тарафи рост гардонед. (дасти чап дар пеши сина, дасти рост бошад, ба паҳлӯ)



-Ин ҳолатро низ диққат дода, аввал дасти ростатонро ба ҷӯробатон дароз карда, ба суи пойи чапатон ҳаракат кунед. Ин ҳолатро ба дасти дигар такрор кунед.



-Ин ҳолатро низ дар маркази диққати худ қарор диҳед. Дастҳо ба паҳлӯ пойҳо бошанд ҷудо. Ба тарафи чап се ҳамвории пружинӣ кунед. (пойи ростро ҳам карда, дасти чапро аз қафо ва дасти ростро ба боло ҳаракат диҳед)



• Ин ҳолат низ яке аз беҳтарин машқ маҳсуб меёбад. Диққат кунед: Пойҳои худро лағжонида, кафҳои дасти худро ба нӯги пойҳо расонед. Ин ҳолатро низ чандин маротиба такрор кунед (аввал пойи рост, баъдан пойи чапро).

**Адабиёт:**

1. Айлен Робертсон. Ғизо ва саломатӣ дар Аврупо //Москва, 2003. -505 саҳ.

3. Гурвич М.М. Парҳез барои саломатӣ // Москва: Легпромбытиздат, 1995. – 333 саҳ.

4. Самсонов М.А. Дастур оиди диетологя // Москва: Медицина, 1981. -686 саҳ.

5. Самсонов М.А., Покровский А.А. Дастур оиди диетология // Москва: Медицина, 1992. -460 саҳ.

6. Холжиев В. Ошхонаи муосири миллии парҳезии тоҷик//Душанбе:Ирфон, 1985. 224 с.

7. Эвенштейн З.М. Диетологияи маъмул // Москва, 1990. -318 саҳ.

8. Кородецский А.В, Крылов А.В. // Диабет, пешгирӣ, ташхис ва муолиҷа // Москва, 2015. -150 саҳ.

9. Румянсева Т.,Ёрии кулинарӣ барои диабетикҳо // Москва- Санкт-Петербург, 1991. -120 саҳ.

10. Маҳкамҷонов К. Тарбияи ҷисмони ва саломати. Тошканд, 2016. - С. 31-40.

11. Қонуни ҶТ “Дар бораи тарбияи ҷисмони, варзиш ва саломатӣ”. – Душанбе, 2017.

## ГИМНАСТИКА - ҲАМСАФАРИ ТАБИИИ РӮЗГОР

**Диловаршоев Р.С., Эргашев Ф.,[2] Қамаров С.[3]**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**
**ДССХ[2]**
**Муассисаи давлатии “Коллеҷи ҷумҳуриявии рассомии ба номи М.Олимов”**

Яке аз намудҳои маъмултарин ва қадимтарини варзишӣ ин гимнастика мебошад, ки аз қувваозмоиҳои ҳаракат дар ҷисмҳои гуногуни гимнастикӣ иҷрои озод ва ҷаҳиши бофишор иборат аст.

Машқҳои гимнастикӣ ҳамсафари табиии рӯзгор дар ҷомеаи инсонист. Аз аҳли қадим дар он тарзи ҳаёти одамон, маишат, меҳнат, анъанаҳои миллӣ, тасаввурот дар бораи ору номус, ҷасорат, мардонагӣ, хоҳиши нерӯмандӣ, чолокӣ, пуртоқат будан, ҳаракати зебову мавзун доштан, зоҳир намудани хушзеҳнӣ, таҳаммул, зиракӣ, ирода ва кӯшиши ғолибият возеҳ инъикос меёбад.

Машқҳои гимнастикӣ қисми таркибии ҷараёни таълимро ташкил дода, дар тарбияи ҷисмонии донишҷӯён накши муҳим мебозад. Барои ба машқҳои гимнастикӣ шурӯъ кардан шахс бояд ҷисман омода бошад. Барои ин дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ, тамрини пагоҳирӯзӣ, истироҳати фаъол, бозиҳои варзишӣ, серҳаракатӣ, саёҳатҳо, сайр бо велосипед, конкии роликӣ ва ғайра ёрӣ медиҳанд. Ин машғулиятҳо ба инкишоф додани сифатҳои асосии ҷисмонӣ аз ҷумла, пурқувватӣ, тобоварӣ, чолокӣ, чаққонӣ, мутобиқати ҳаракатҳо ёрӣ мерасонанд. Машқҳои гимнастикиро бештар дар дохили бино, рӯйи ҳавлӣ, саҳни донишгоҳ, ки он ҷо майдонча бо турник ё дигар асбобҳои гимнастикӣ мавҷуд аст, дар наздиктарин боғ, тобистон дар лагерҳои солимгардонӣ машғул шудан мумкин аст (1.с.60).

Яке аз хусусиятҳои машқи гимнастика дар он аст, ки организмро бардам ва қобилияти кориро барқарор мекунад. Барои машқҳои пагоҳирӯзӣ аз маҷмӯи машқҳое, ки бо воситаи радио ва ё телевизион шунавонида ва ё намоиш дода мешавад, истифода намудан муносиб аст. Агар ин амал ғайриимкон бошад, худи шахс метавонад маҷмӯи машқҳои нисбатан соддаро тартиб диҳад. Барои ин қоидаҳои зеринро бояд ба инобат гирифт. Ҳар як машғулият

бояд қисми зиёди мушакҳоро ба ҳаракат оварад. Ҳангоми машқ аз сода ба мураккаб ва аз осон ба душвор бояд гузашт. Одатан гимнастикаро бо роҳгардӣ ё ҳаракати дастон сар мекунанд, лекин аз роҳгардӣ оғоз намудани машғулият беҳтар аст, зеро ҳангоми роҳгардӣ мушакҳои пурқувват (мушакҳои пой) бештар ҳаракат мекунанд, вале ба сабаби барои ҳар як кас кори одатӣ будани ҳаракат, он ба организм чандон таъсир намерасонад. Ғайр аз ин дар натиҷаи роҳгардӣ марказҳои асаб, ки фаъолияти нафаскашӣ ва дилро танзим мекунанд, бедор мешаванд. Қадамзании оддӣ ин як намуди машқи гимнастикии бадеӣ ба ҳисоб меравад. Намудҳои гуногуни қадамзанӣ низ вуҷуд дорад. Аз ҷумла, қадами оддӣ, қадамзанӣ бо нӯги пой, ғелон-ғелон, қадам задан бо кунҷи тез, баланд, васеъ, нарм, китфро пеш бароварда қадам ниҳодан, қадамзании ёзанда, ғеҷанда, иловагӣ тағйирёбанда, қадами сегона, қадамзании сегона бо як тараф (ҳамном ё гуногунном) валси васеи сегона, қадамзании васеи валсӣ, чорхез задан дар як ҷой, қадамзании сегона ва ғайра (2.с.45).

Чи тавре ки қайд намудем, дар машқҳои гимнастикӣ ҳаракати дастҳо дар лаҳзаҳои оғози машқ нақши муҳим мебозад. Ин ба самти ҳаракат ва нигоҳ доштани мувозинат алоқаманд мебошад. Дастҳо бояд зуд ва озод бидуни маҳдудият ҳаракат кунад. Гимнастикаро ҳамчунин аз ҳаракатдиҳии дастон, ки он барои пирон ва шахсони заиф мувофиқтар аст, сар кардан мумкин аст. Ҳолатҳое дучор мешаванд, ки шахс бояд машқҳои гимнастикии худро иваз кунад. Агар иҷрои ягон машқ душвор бошад, худро маҷбур кардан мумкин нест. Вале баъзан иҷрояшро санҷидан мумкин аст. Иваз кардани машқ ба худи кас вобаста аст. Агар иҷрои ягон машқ маъқул бошад, онро ҳамеша метавон давом дод. Дар ин маврид навъи гимнастика бештар мешавад. Гимнастика аз машқҳои ҷисмонӣ куллан фарқ мекунад. Мақсади машқи ҷисмонӣ ба организм каму беш таъсир расондан, сифатҳои ҷисмонии барои шахс заруриро инкишоф додан мебошад. Дар ин ҳолат мунтазам дигар кардани машқҳои иҷрошаванда яке аз шартҳои муваффақият аст. Вале машқҳои гимнастикӣ мушакҳоро андаке ба ҳаракат даровarда, фаъолияти муътадили ҳаёт ва инкишофи хуби ҷисмонии шахсро таъмин месозад. Гимнастикаи бадеӣ ҳам вуҷуд дорад, ки иҷрои ҳаракатҳо таҳти оҳанги мусиқӣ ба таври озод ё бо ашё (симпарак, ҳалқатуб, навор (лента) ва калтаки гимнастикӣ) мебошад (3.с.40).

Дар машқҳои гимнастикӣ ҳама амалҳои зарурӣ дар шароити фаъолияти якнафара ва ё гурӯҳӣ ба ҷо оварда мешавад. Гимнастика ва ҳаракати зиёд ба ҷисми шахс аҳамияти калони тарбиявӣ дошта, ба тарбияи ирода, матонат, истодагарӣ ва дар ҳалли мушкилот мусоидат карда, дар иштирокчиёни ин машқ ҳисси рафоқат, бовиҷдонӣ ва ҳақиқатдӯстиро мепарварад. Гимнастика на танҳо барои инкишофи сифатҳои ҳаракатӣ ва такмили малакаҳои ҳаракат, инчунин маҳорати машқҳои варзишӣ истифода мегардад. Гимнастика ба маводи асосии барномавӣ дохил карда шуда, якҷоя бо бозиҳои варзишӣ, варзиши сабук, шиноварӣ, унсурҳои якҳарба истифода бурда мешавад (4.с.120).

Ҳангоми машқҳои гимнастикӣ захмбардории пӯсти кафи даст, ки боиси пайдошавии тарқишу обилаҳо мегардад, захмбардории буғумҳо ва пойҳо ҳангоми ҷастан аз асбоб ва теладиҳии сахт, зарбхӯрӣ вақти афтидан ва латхӯриҳои хос ҳисоб меёбанд. Машқ бо асбобҳои гимнастикӣ танҳо бояд дар ҳузури омӯзгорон ва ё ягон мураббӣ сурат гирад. Иҷрои мустақилонаи машқи гимнастика бе ҳимоя ва ёрӣ метавонад ба афтидан, зарб ёфтан ва ҳатто ба шикастани устухонҳо оварда мерасонад. Зимни иҷрои машқҳои гимнастикӣ хусусан, машқҳо дар болои асбоб ва ё ҷаҳишҳои такядор бояд донист, ки кадом амалҳо хавфнок мебошанд. Ин гуна амалҳо метавонанд, омилҳои хавфнок бошанд:

а) иҷрои машқҳо бе либосу пойафзоли варзишӣ;

б) иҷрои машқҳо бе тамрин;

в) ноустувории асбоб;

г) иҷрои машқҳои пурра азхуднашуда;

ғ) ҳимояи бад;

д) иҷро накардани тавсияҳои омӯзгор;

е) вайронкунии интизом;

ё) машқ дар асбоб бо дастони тар ва ғайра (5.с.90).

Дар ҷойҳои аз асбоб ҷаҳида фуромадан фаршҳои мулоим (шат) гузоштан лозим аст. Ҳангоми гузоштан назорат бояд карда шавад, ки онҳо ҳамвору зич ва бетарқиш бошанд. Вақти иҷрои машқҳо бошад, бо усули пайдарҳам (яъне аз паси ҳамдигар) фосиларо нигоҳ доштан зарур аст, то ки варзишгарон ба якдигар барнахӯранд. Нисбати якдигар махсусан, вақти иҷрои машқҳои гимнастикӣ эҳтиёткору бодиққат шудан лозим аст. Дар иҷрои ҷаҳишҳои такядор зонуро қат карда, нарм бо нӯги пой, яъне зонуқат ба фарш бояд фуромад. Шахсе, ки бо сар, дастҳо ё шонаҳояш рост меистад, тела додан мумкин нест (6.с.90).

Асбоби турник низ бояд, тоза, суфта ва бехарош бошад. Агар он ба девор наздик гузошта шуда бошад, пас ба он ҷо овардани машқҳо бо домана (амплитуда)-и калони ҳаракат маслиҳат нест, зеро дар вақти чархзанӣ турник канда шуда, зарб хӯрдан аз эҳтимол дур нест. Хусусан ҷаҳишҳои такядор бе ҳимоя хавфноканд. Бояд ҳамеша эроду маслиҳатҳои мураббиёнро ба инобат гирифт, чунки ба интизом риоя накардан хавфу хатари зиёдро ба бор меорад (7.с.150).

**Адабиёт:**


1. Бирюкова А.А. Учись делать массаж. – Москва, 1988. -60с.
2. Бондаревский Е.Я., Гужаловский А.А. Вместе с сыном: вместе с дочкой. -Москва, 1988. -45с.
3. Лукьянова Е.А., Ермолаева О.Ю., Сергиенко В.П. Тренируем дыхание. -Москва, 1987. -40с.
4. Назаренко Л.Д. Оздоровительные основы физических упражнений. – Москва, 2003.-120 с.
5. Турсунов Н.Н. Бозиҳои миллии тоҷикӣ. – Душанбе,1981. -50с.
6. Шарипова Д. Д. Семенова Л. М. Береги здоровье смолоду. – Тошкент, 1982. -90с.
7. Хайрова Ю.А. Умеете ли вы отдыхать? Москва, 1983. -150с.


## РАЗВИТИЕ ЛИЧНОСТИ ШКОЛЬНИКА В УСЛОВИЯХ ИННОВАЦИОННОГО ОБРАЗОВАНИЯ

**Дустмуродова Р.М.**
**Инновацинный лицей Таджикистана**

Современное состояние общества предполагает развитие школы как открытой образовательной системы, которая отвергает единообразие в программном и идейном отношении. Гуманизация и гуманитаризация в образовании являются наиболее мощными тенденциями как основополагающие принципы, определяющие его обновление и модернизацию. Сегодня школа перестраивается на основе личностно ориентированного подхода, субъектно личностной и личностно - средовой парадигмы.

Образовательная практика меняется постоянно, иначе она не будет соответствовать требованиям, которые предъявляет школе общество. Эти изменения осуществляются за счет создания, освоения и внедрения различного вида новшеств [1, 2], которые определяются как инновационный процесс. В системе нашего образования появилась новая категория учреждений - инновационные школы.

Инновации, как правило, возникают на стыке нескольких проблем, способствуют решению принципиально новых задач и непрерывному обновлению образовательного процесса. Инновационные школы - такие образовательные учреждения, сущность которых заключается в поиске, эксперименте, движении, они - лидеры в развитии и реализации нововведений в образовательном процессе.

Инновационное образование сегодня - это процесс и результат такой учебной и воспитательной деятельности, которые стимулируют и проектируют новый тип деятельности как отдельного человека, так и общества в целом [3]. В инновационных образовательных учреждениях учебная и развивающая деятельность имеет свою специфику (по целеполаганию, содержанию, технологиям, методам, способам управления и другим компонентам). Реализация новых педагогических технологий немыслима без привлечения в школу новейших психолого-педагогических знаний, базирующихся на специальных экспериментальных исследованиях, а также новых психолого-педагогических технологиях.

Личностно-развивающее образование строится на осознании ценности саморазвития ребенка и предполагает использование новых подходов, позволяющих обеспечить освоение учащимися целостной культуры, в том числе психологической, формирование у них приемов и способов самоорганизации индивидуальности.

В основе инновационной образовательной деятельности лежат идеи о субъектной позиции личности и активной роли среды в ее развитии. Под личностно ориентированным подходом понимается такой тип образовательного процесса, в котором личности ученика и учителя выступают как его субъекты; целью образования является развитие личности ребёнка, его индивидуальности и неповторимости, учитываются его ценностные ориентации и структура убеждений, на основе которых формируется «внутренняя модель мира», при этом процессы обучения и учения взаимно согласовываются с учётом механизмов познания, особенностей мыслительных и поведенческих стратегий учащихся, а отношения учитель - ученик построены на принципах сотрудничества и свободы выбора.

Проблема субъектности личности школьника и технологий ее развития сформулирована в соответствии с современной образовательной и социокультурной ситуацией [4]. По содержанию данная проблема включает разработку научно обоснованных способов развития у всех субъектов образовательного процесса ценностного самоотношения к себе как к личности, культуры достоинства, способов развития их субъектности и формирования гуманитарной позиции, ответственности и самоорганизации.

Разработка принципиально новых образовательных технологий, основанных на учете особенностей субъектного опыта ученика и закономерностях внутренних механизмов усвоения, считается одной из наиболее важных теоретических и практических задач психологии и педагогики.

Ключевыми понятиями личностного или субъект-но-личностно ориентированного подхода являются субъектный опыт учащихся, траектория развития личности, познавательные способности и стратегии, субъектный стиль мышления, личностно ориентированные образовательные технологии, способы работы с субъектным опытом учащихся.

Личностно ориентированное образование рассматривает механизмы личностного существования человека - рефлексию, смыслотворчество, избирательность, ответственность, автономность - как самоцель образования, достижению которой в конечном счете подчинены его содержательные и процессуальные компоненты. Эффективность усвоения при этом собственно предметного содержания возрастает благодаря тому, что содержание обретает теперь качественно новый личностный смысл, выступает как содержание и среда становления личностного опыта индивида.

В качестве содержания личностного развития рассматривается генезис личностных способов бытия -избирательности, рефлексии, смыслоопределения, построение образа «Я», принятие ответственности, творческая самореализация в избираемой деятельностной сфере, обеспечение автономности и индивидуальности существования субъекта.

Взгляд на человека с точки зрения личностно ориентированного подхода, индивидуализации концентрирует внимание не столько на том, кем является человек в данный момент времени, сколько на том, кем он может стать. Идея индивидуализации задает новый масштаб для психологического осмысления человека, ребенка, ученика, без которого невозможно построить индивидуализированную педагогическую практику. Однако если в обычной общеобразовательной школе все эти процессы еще не приобрели характер массовых, то в инновационных учреждениях - лицеях, гимназиях, образовательно-воспитательных комплексах - это становится повседневной нормой.

Развитие субъектности личности школьника предполагает создание развивающих условий в совместной деятельности педагогов, школьных психологов, родителей. Для решения этой задачи необходима прежде всего развернутая, детальная характеристика всех факторов образовательной развивающей среды. Все педагогические и психологические воздействия, направленные на ученика, условия учебной деятельности, обстановка в семье, а также все сферы его общения представляют собой единое психологическое пространство существования и развития ребенка. Ученик рассматривается как активный субъект всех отношений, складывающихся в образовательной среде, и таким образом его личность является важнейшим, центральным компонентом образовательной среды.

Развивающая среда может меняться под влиянием активности субъекта. По аналогии с термином «живое знание», используемым В.П. Зинченко [5], её можно определить как «живую среду», способную активно откликаться на действия субъекта, соучаствовать в его переживаниях. Очевидно, что такое представление отвергает понимание среды как набора так называемых «средовых факторов», воздействующих на человека лишь за счет своих физических характеристик. Развивающая, «живая среда» является совокупностью «смысловых факторов», ситуаций и обстоятельств, обладающих для человека личностным смыслом, и не может быть создана без участия самого субъекта, следовательно, не может быть описана как некие внешние для субъекта условия его существования. Происходящие в развивающей среде события, особенно те, в которых сам человек активно участвует, в сумме своей и представляют его жизненный опыт, являющийся основой и источником его психологического развития.

Среда становится развивающей, когда она сама развивается вместе с находящимся в её центре субъектом, т.е. критерием, показателем этого выступает способность совершенствоваться за счет активности субъекта.

Главный вектор обеспечения субъектного самоопределения и саморазвития личности можно сформулировать следующим образом: формирование у учащегося готовности

рассматривать себя развивающимся в рамках определенного времени, пространства и смысла, постоянно расширяющим свои возможности и максимально их реализующим.

Иными словами, развивающая образовательная среда должна обеспечивать комплекс возможностей для саморазвития всех субъектов образовательного процесса [6]. А это значит, что учебное пространство должно предстать перед учащимся не как отчужденное от него информационное поле, а как пространство реализации и развития его субъектно-личностных возможностей, предназначенное не только для освоения, но и для обогащения за счет личного вклада каждого учащегося, и для постоянного наращивания вследствие этого своего развивающего потенциала.

Определяя способы формирования и развития субъектности учащихся, можно обозначить два основные направления:

1. Развитие ценностного отношения к действительности, предполагающее не отстраненное созерцание, а живое, активное участие личности в любой ситуации. Во-первых, это - формирование и развитие ценностного самоотношения личности, распространяющегося не только на ее актуальное состояние, но и ориентированное на будущее, тем самым включающее в свой состав ценности развития и саморазвития; во-вторых, это - развитие осмысленности и мотивации деятельности, основанной на культурных ценностях. Результат такого направления развития можно определить как обретение и освоение духовности, понимаемой как погруженность личности в мир высших ценностей, как «человеческое в человеке», как специфическое человеческое качество, характеризующее мотивацию поведения личности, а также потребности в познании мира, самопознании, в поиске смысла жизни и своего предназначения.

2. Развитие субъектного мышления, являющегося, по нашему представлению, основой рефлексивности, творчества, собственной жизненной позиции личности. Субъектное мышление - это интеллектуальный процесс, обеспечивающий, например, такие параметры субъектности, как самостоятельность, саморегуляция, самодетерминация, и определяющий возможности человека понимать других людей, анализируя их отношения, предпочтения, ценности.

Разработка и практическая реализация концепции развития гуманитарной позиции и субъектности школьника, рассмотрение его личности как центра, вокруг которого организуется, выстраивается система воздействий и условий, субъектно-ориентированный анализ развивающей среды позволят, с нашей точки зрения, обеспечить концентрацию всех форм и видов педагогической и психологической работы на решении задач формирования гуманитарной позиции учащихся, их интеллектуального и личностного развития.

**Литература:**

1. Педагогические основы проектирования образовательных систем нового вида / Под ред. А.П. Тряпициной. СПб., 2005.

2. Хомерики О.Г., Поташник ММ, Лоренсов А.В. Развитие школы как инновационный процесс. М., 2004.

3. Семенов П.П. Инновационное образовательное учреждение как открытый социально-воспитательный институт: Метод. пособие. М., 2009.

4. Абрамова Г.С. Практическая психология. М., 2007.

5. Зинченко В.П. Психологическая педагогика: Материалы к курсу лекций. Ч. 1. Живое знание. Самара, 2008.

6. Юсупов В.З. Управление проектной деятельностью в образовании с позиции психологии и педагогики саморазвития // Психологическая подготовка в вузе: проблемы и подходы к ее решению: Сб. науч. ст. по итогам работы НМС за 2000 - 2002 гг. Санкт-Петербург; Челябинск, 2002.

7. Вульфов Б.З., Харькин В.Н. Педагогика рефлексии. М., 1995.

10 августа 2006 г.

## БО СУХАН ЗАНГҲО ЗУДУДА ШАВАД...

**Зебуннисо Ҳамроқулова**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Мутафаккирони Машриқзамин ва шуарову сарварони аҳли адаб суханро дар шакли мавзун ва ғайримавзун яке аз муҳимтарин васоити офариниши осори бадеъ ҳисобидаанд. Дар олами илму хирад яке аз нишонаҳои хирадмандию фазилатпарастӣ ин ҳунари суханварӣ ба шумор меравад. Шарафи суханварӣ чунин аст, ки маҳз ҳамин малака одамро аз кулли махлуқот ҷудо карда, боло гузоштааст.

Абдурраҳмони Ҷомӣ яке аз бузургтарин ва шуҳратёртарин намояндагони адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои миёна аст, ки аз худ осори илмӣ ва адабии гаронбаҳое боқӣ гузоштааст. Ин шоири бузург хазинаи бебаҳои адабиёти форсу тоҷикро аз Рӯдакию Фирдавсӣ ва Низомии Ганҷавӣ то Саъдию Ҳофиз ва Камоли Хуҷандиву Хусрави Деҳлавӣ ва дигарон ҷамъбаст намуда, асарҳои хешро иншо намудааст. Абдурраҳмони Ҷомӣ доир ба як қатор масъалаҳои назарӣ ва амалии адабиёт ва ҳунар чанд рисолаи ҷудогонае аз қабили «Рисолаи қофия», «Рисолаи арӯз», «Рисолаи мусиқӣ» ва чаҳор рисола оид ба муаммо бо номҳои «Рисолаи муаммои кабир», «Рисолаи муаммои сағир», «Рисолаи муаммои мутавассит» ва «Рисолаи муаммои манзум», таълиф намудааст. Ӯ дар баробари рисола ва шарҳҳое, ки оид ба масъалаҳои динӣ ва тасаввуфӣ навиштааст, оид ба мусиқӣ, адабиётшиносӣ, масъалаҳои шакл ва санъати назм асарҳои муҳимми илмӣ низ дорад. Саҳми ӯ дар соҳаи забоншиносӣ ва суханварию сухандонӣ ниҳоят бузург аст. Мавлоно Ҷомӣ ҳамчун суханвару суханшиноси забардаст ба масъалаи мавқеъ, моҳият ва нақши каломи бадеъ эътибори махсус медод, зеро дар рӯзгори ӯ ба майдони адабиёт баробари мардони фозилу донишманд ва боистеъдоду инсонпарвар касоне ҳам қадам монда буданд, ки аз фазлу дониш ва истеъдоду ҳисси наҷиби башардӯстӣ орӣ буданд. Онҳо шеъру сухан, каломи бадеиро ба воситаи дилхушии гурӯҳи ночизи ҷамъият, аҳли дарбор, воситаи даромад ва таъмини маоши худ мубаддал намуда буданд. Маҳз барои он ки шоире бошанд, аз рӯи тамаъ ва ҳавову ҳавас чизе иншо менамуданд, шеъре мегуфтанд. Бузургии Мавлоно дар ҳамин аст, ки нисбат ба ин ҳолати ногувор бепарво буда наметавонист ва барои аз вартаи ҳалокат раҳонидани шеъру шоирӣ, ба нерӯи пешбари ҳаёт табдил додан, “ба ҷавлонгаҳи гуфтугӯй” [8,130] кашидани он кӯшишҳо ба харҷ додааст. Абдурраҳмони Ҷомӣ шоирони ҳамрӯзгори хешро, пеш аз ҳама, барои он мазаммат намудааст, ки онҳо бефазлу ҳунар ва хасис буда, табъи лаим доштаанд. Вай ин маъниро дар маснавии «Силсилат-уз-заҳаб» дар боби «Интиқол аз накӯҳиши шеъру суханварӣ ба мазаммати шуарои рӯзгор» чунин овардааст:

Ношуда аз хӯи бадат дил тиҳӣ,
Кай расад аз назми ту бӯи беҳӣ?!

Ҳар чи ба дил ҳаст зи поку палид,
Дар сухан ояд асари он падид. [9, 15]

Абдурраҳмони Ҷомӣ шоирони беҳунареро, ки аз рӯи тамаъ суханони дурӯғ гуфта, шеърфурӯшӣ мекарданд, мазаммат намуда ба хулосае омадааст, ки «каҷии дил ҳамеша аз абёт намудор аст» ва дар дар ҳаққи чунин шоирон дар мақолаи нуздаҳуми маснавии «Туҳфат-ул-аҳрор»-и худ, ки «Дар ҳасби ҳоли хомтамаъон, ки аз шеъри шаър доме бар сохтаанд ва дар дасту пои ҳар пухтаю хоме рехта» ном дорад, бо таассуф ва тундӣ сухан ронда, онҳоро ҳаҷв намудааст.

Ҳайф, ки ин қавми гуҳаршинос,
Муҳракаши силки умеду ҳарос.
Ҳар чи бар он номи гуҳар бастаанд,
Муҳрасифат бар ҳама хар бастаанд...
Бош ба дӯкончаи даврон ба хуш,
Ҷинси гаронро машав арзонфурӯш. [8,214]

Абдурраҳмони Ҷомӣ моҳияти иҷтимоӣ ва зебоишинохтии шеъру сухан, мавқеъ ва нақши онро дар зиндагӣ ба хубӣ ҳис намуда «паи аҳли дил» ва «муштоқони ҳоҷатманд» шеър мегуфт, сурудаҳояшро «туҳфаи ҳар маҳфили роз» «туҳфаи силки суҳбат ва ҳадяи назми ҷамъият мегардонд». Абдурраҳмони Ҷомӣ маҳз барои собит намудани «рафъати мақоми шеър ва шуаро» дар зиндагӣ дар таърифу тавсифи шеъру сухан ниҳоят муфассал таваққуф намудааст. Ғайр аз қайду мулоҳизаҳои ҷудогонае, ки дар тамоми осори шоир вуҷуд доранд, ӯ гуфтору фаслҳои алоҳидаи маснавиҳои «Ҳафт авранг»-ро низ оид ба ин масъала махсус гардондааст. Чунончи, бобҳои «Гуфтор дар таърифу тавсифи шеър ва тақсими он ба ду навъи мутақобил, ки яке осоиши ҷон асту дигаре коҳиши дил» аз дафтари сеюми «Силсилат-уз-заҳаб», «Дар фазилати мутлақи сухан, ки дар фазилати вай мутлақо сухан нест» ва «Дар фазилати каломи мавзун, ки ҳар навъ аз он баҳрест машҳун ба лаолии макнун ва ҷавоҳири гуногун» аз «Туҳфат-ул-аҳрор», укди дуюм «Дар шарҳи сухан, ки шарифтарин гавҳари садафи одамият аст ва латифтарин зевари шарафи маҳрамият», «Дастаи гул аз чамани фазоили сухан чидан ва риштаи тамоми сабаби назми китоб бар он печидан» аз «Юсуф ва Зулайхо» ва «Гуфтор дар фазоили сухан ва суханварӣ ва тақриби назми ин манзумаи аз айб барӣ, ки ном задаст ба «Хираднома Искандарӣ» укди дуюми «Сабҳат-ул-аброр» «Дар шарҳи сухан, ки шарифтарин гавҳари садафи одамият аст ва латифтарин зевари шарафи маҳрамият» аз он ҷумлаанд. Чунончи:

Дар булӯринсадафи чархи куҳан,
Нест вологуҳаре беҳ зи сухан...
Гар набудӣ сухани тозарақам,
Нашудӣ лавҳу қалам лавҳу қалам...
Бо сухан зинда шавад номи ҳама,
Бо сухан пухта шавад хоми ҳама. [8,195]

Ба ақидаи Ҷомӣ каломи бадеъро парвардигорӣ офаридааст, ба ибораи дигар «сухан аз арши барин омадааст» ё ки «сухан з-осмонҳо фуруд омадааст». Инчунин табъи сухангузор ва истеъдоди шеър низ, ба назари муаллиф аз қудрати илоҳист. Ба ин маънӣ гуфтааст, ки:

Табъро дасти тарозу ту диҳӣ,
Бар сухан қуввати бозу ту диҳӣ. [9,145]

Забони содаю равони эҷодиёти мавлоно Ҷомӣ монанди забони дигар классикони адабиёт (Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ) новобаста аз таърихи инкишофи дуру дарози худ, ба забони имрӯзаи мо хеле наздик мебошад. Бинобар ин хонандаи имрӯза асарҳои ин гуна арбобони бузурги адабиёти давраҳои мухталифро бе душворӣ хонда, аз ҳар як сатри он лаззати маънавӣ мебарад.

Дар силсилаи назариёти адабии Ҷомӣ ақидаҳои ӯ дар бораи сухан, махсусан каломи бадеӣ аҳамияти хоса дорад. Ҷомӣ суханро зебиши дунёи фонӣ медонад ва фурӯғи олами воқеиро дар суханофаринӣ меҳисобад. Ҳатто қалам, ки васоити китобати сухан аст, маҳз ба хотири суханофариниш ба вуҷуд меояд ва бо заҳмати котибон маъниҳоро дар саҳифаҳои рӯзгор ҳаккокӣ намуда, аз насл ба насл ирсол месозад:

Сухан гар набудӣ, набудӣ қалам,
Ба лавҳи баён сар насудӣ қалам.
Қалам з-ӯст нолон ба чанги дабир,
Навои тараб зан ба лаҳни сарир. [7, 130]

Ҷомӣ оид ба мавқеи сухан – каломе, ки дар ҷамъияти инсонӣ воситаи баёни афкори маънавӣ ва эҳсосоти қалбии одам аст ва бе он вуҷуди инсон аз тасаввур берун аст, фикрҳои ҷолиб зикр намудааст. Ба ақидаи ӯ сухан зодаи як қувваи илоҳӣ буда, ба инсон барои ифодаи дунёи маънавиаш дода шудааст ва онро дар радифи мавҷудоти осмонӣ гузошта, мақоми онро дар қаъри осмонҳо меҷӯяд. Доир ба ин дар достони “Хираднома Искандарӣ” чунин навиштааст:

Сухан з- осмонҳо фуруд омадаст,
Ба иқлими ҷонҳо фуруд омадаст.
Кушода зи иқлими ҷон парру бол,
Чу товус дар ҷилвагоҳи хаёл...
Бувад тобиши меҳру моҳ аз сухан,
Бувад гардиши нуҳ сипеҳр аз сухан... [9, 243]

Барои Ҷомӣ сухан аз он ҷиҳат боз гаронбаҳо ва мукаррам аст, ки ӯ ба воситаи он тамоми эҳсосоти қалби худ, фикрҳои бикр ва ниҳонии худро баён мекунад, дар соатҳои танҳоӣ ва бастагии забони ошкор дар сухан тасаллӣ ва таскин ҷуста мегӯяд:

Бо сухан зангҳо зудуда шавад,
Бо сухан бандҳо кушуда шавад. [8, 145]

Қувваи сухан дар таъсири маънавии он мебошад. Ин таъсири маънавӣ ба дараҷаи сеҳру афсун аст. Махсусан, ҳагоме ки сухан ба либоси шеър медарояд, боз ҳам муассиртар ва пурафсунтар мешавад. Чунончи:

Сухан мояи сеҳру афсун бувад,
Ба тахсис, вақте ки мавзун бувад. [9,244]

Ҷомӣ суханро ҳамчун гавҳари бебаҳое мешуморад, ки тамоми зару зевари дунё арзиши онро надоранд ва ба ин маънӣ дар достони “Туҳфат-ул-аҳрор” чунин ишора менамояд:

Чун фалак ар з-он, ки тарозу ниҳӣ,
Зарри маҳу меҳр ба як сӯ ниҳӣ,
Паллаи дигар садафи дур кунӣ,
В-аз сухани ҳамчу дураш пур кунӣ.
Зарри сабукпоя шавад чархсой,
Дурри гаронмоя наҷунбад зи ҷой. [8, 173]

Дар ҷои дигар шоир мавқеи нависанда ва қудрати забони ӯро чунин тавсиф мекунад:

Пеши сухандон сухан аст он ҳама,
Ҷони сухандон чу тан аст он ҳама.
Кашфи ҳақоиқ ба забони вай аст
Ҳалли дақоиқ ба забони вай аст. [8, 144]

Ба ақидаи Ҷомӣ абадӣ боқӣ мондани шуҳрати шоир ва дар байни халқ пойдор гаштани эҷодиёташ ба забони асарҳои ӯ низ вобаста аст. Асаре, ки дар он мазмуни баланд бо забон ва услуби оммафаҳм ифода карда мешавад, мақбули мардум гашта ном ва шуҳрати нависандаро абадӣ нигоҳ медорад:

Гар бувад лафзу маъниаш бо ҳам,
Ин дақиқу латифу он маҳкам,
Сайди ӯ роҳи осмон гирад,
Номи шоир ҳама ҷаҳон гирад. [8, 145]

Дар фароварди сухан ҳаминро қайд кардан бамаврид аст, ки саросари эҷодиёти бою ғанӣ ва мухталифи Мавлоно Ҷомиро дар баробари санъати олӣ, тарғиби мазмуни баланд, пеш аз ҳама тарғиби ғояҳои наҷибонае, ки барои инсоният манфиатбахшанд, мавқеи махсусро ишғол менамоянд. Ёдоварӣ аз чунин бузургон, қадршиносӣ аз хизматҳое, ки онҳо мувофиқи шароити замони худ ва ҷаҳонбинии худ барои хушбахтӣ ва осоиши мардум, барои рушду инкишофи илм ва фарҳанг карда, дар баробари ин ҳиссае ба тамаддуни ҷаҳонӣ илова намудаанд, хеле бамаврид мебошад. Зеро то ҷаҳон боқист номи онҳо, осори мондагори онҳо бегазанду ҷовидона мемонад ва ҳақ ба ҷониби худи Мавлоно Ҷомист, ки мегӯяд:

Ёдгоре дар ин сарои куҳан,
Нест беҳтар зи назму насри сухан!..
Гар намондаст ҷисмашон зинда,
Номашон зиндаасту поянда! [8, 5]

**Адабиёт:**


1. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан / Т.Зеҳнӣ – Душанбе: Ирфон, 1979.-328 с.
2. Сатторзода, Абдунабӣ. Таърихчаи назариёти адабии форсии тоҷикӣ / Абдунабӣ Сатторзода.- Душанбе: Адиб, 2001. – 140 с.
3. Нуров Амон. Фарҳанги осори Ҷомӣ. Ҷ.2. / Амон Нуров. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Советии Тоҷик, 1984.-180с
4. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Маҷмӯаи мақолаҳо./Абдурраҳмони Ҷомӣ. -Душанбе: Ирфон, 1965.-358 с.
5. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Маҷмӯаи мақолаҳо. /Абдурраҳмони Ҷомӣ. -Душанбе: Дониш,1973.-345с.
6. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Баҳористон. / Абдурраҳмони Ҷомӣ.- Душанбе: Маориф ва фарҳанг,2008.-136с.
7. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Осори мунтахаб. Ҷ.1/Абдурраҳмони Ҷомӣ. -Душанбе: Ирфон, 1964.-358 с.
8. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Осори мунтахаб. Ҷ.3 /Абдурраҳмони Ҷомӣ. - Душанбе: Ирфон, 1964. -358 с.
9. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Осори мунтахаб. Ҷ.5/Абдурраҳмони Ҷомӣ. -Душанбе: Ирфон, 1964. -358 с.

# «САМОСТОЯТЕЛЬНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ НА УРОКАХ РУССКОГО ЯЗЫКА КАК УСЛОВИЕ ФОРМИРОВАНИЯ САМООБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ КОМПЕТЕНЦИЙ»

**Зоирова М.К., Гафурова Ш., Шарипова М.[1]**

**Средняя общеобразовательная школа №24**
**Технологический университет Таджикистана[1]**

Яке аз муҳаққиқони “Гулистон”-и Саъдии Шерози̅ Ҳошимов С. доир ба корбурди калимаҳои синоними̅ дар асар чунин менависад: “*Нависанда калимаҳои синонимиро дар он ҷойҳое истифода кардааст, ки чи аз ҷиҳати услуб ва чи аз ҷиҳати талаботи мазмуни матн зарур аст”* [125, 20]. С. Ҳошимов аз ҷиҳати баромад синонимҳоро дар “Гулистон” ба се гурӯҳ ҷудо намудааст:1. “*Синонимҳое, ки фақат аз калимаҳои тоҷики̅ иборатанд: чашм-дида, лашкар-сипоҳ-сарҳанг...2. Типи дуюми калимаҳои синонимии асарро калимаҳои тоҷики̅-араби̅ ташкил мекунанд, ки Саъди̅ дар истифодаи чунин калимаҳои ҳаммаъно маҳорати баланди худро нишон медиҳад:гӯр-турбат, зоғ-ғуроб... 3. Силсилаи калимаҳои синонимие дучр мешаванд, ки танҳо аз калимаҳои араби̅ иборатанд:ҷавр-ҷафо-уқубат”* [125, 25-26].

Бояд зикр намуд, ки калимаҳои синоними̅ дар “Гулистон” мавқеи назаррас дошта, истифодаи бамавриди он маҳорати баланди нависандаро нишон медиҳад. Як хусусияти услуби Саъди̅ дар интихоби силсилаи синоними̅ дар он аст, ки дар аввали матн калимаҳои аслиро кор мефармояд, баъдан иқтибосоти арабиро меорад, ки хонанда дар дарки маъно мушкили̅ накашад.

Синонимҳо дар асар фаровон истифода гардидаанд, вале қисме аз онҳо имрӯз аз истеъмол баромадаанд. Нависандаи нозукбину сухансанҷ дар интихоби синонимҳо маҳорати баланд нишон дода, аз силсилаи синоними̅ вожаеро кор бурдааст, ки забони ҳикояҳо равону сода ифода ёфтаанд.

**Адабиёт:**


1. Камолиддинов Б. Услубшиноси̅. / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1973. -115 с.
2. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология. Қисми I. Китоби дарси̅ барои факултетҳои филологияи мактабҳои оли̅. -Душанбе: Маориф, 1973. - 464 с.
3. Камолиддинов Б. Муродифоти синтаксиси̅ ва ҳусни баён. / Б. Камолиддинов. - Душанбе: Маориф,1986. -133 с.
4. Баҳор Малик-уш-шуаро. Сабкшиноси̅. / Баҳор Малик-уш-шуаро.-Душанбе: Бухоро, 2012. -569 с.
5. Саъдии Шерозї «Гулистон». Матни комил бар асоси тасҳеҳ ва табъи шодравон Муҳаммадалии Фурӯғи̅ (бо бозгардон ба кирилли̅, тавзеҳи мухтасари ҷумлаҳову абёти арабиву бархе аз нукот ва шарҳи луғат). Ба кӯшиши Обиди Шакурзода. Сарредкасияи

илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик. -Душанбе, 2016.

# ECONOMIC STABILITY AND BUSINESS ACTIVITY

**Nurov N.A.**
**Technological University of Tajikistan**

When people speak of business cycles, they think of things like "prosperity" and "depression". "Prosperity" is ordinarily used to describe an extended period of high employment, an improved standard of living and stable prices.

By contrast, "depression" refers to an extended period of general underemployment of our economic resources. Factories are idle, millions of workers are unable to find jobs, and the rate of business failure is high. The worst depression in American history, now known as the Great Depression, lasted from 1930 to 1940.

There were, for example, 13 million people, about one of every four workers, unemployed in 1933. That same year businesses failed at a record rate and numbers of people lost their savings because more than 4,000 privately owned banks closed permanently.

More common, however, are much shorter and less dramatic changes in business activity. These changes can be described in a number of different ways, but for convenience they are called the periods of boom, contraction, recession and expansion. The way to smooth out economic fluctuations was not out yet.

**Boom:** At the peak of the business cycle the economy is booming. Business is producing at or near capacity, and those looking for work can generally find jobs. During peak times, business investment and consumer spending are at very high levels. But because the economy is or near full employment and the demand for goods and services is increasing, prices are also increasing. This sets the stage for the next phase of the business cycle.

**Contraction:** For any number of reasons, consumers and businesses begin to produce their spending levels. Businesses may lay off workers, reduce their purchases of raw materials and reduce production because they have built up excess inventories. Some businesses may decide to continue to use old factories and equipment rather than investing in new machines and buildings. Some businesses and consumers will even reduce spending because economists predict that business will be slowing down in the next few months. Whatever the reason, reductions in business and consumer spending mark the beginning of a contraction in the business cycle.

With the reduction in spending, other business firms begin to cut back their activities. Their production is reduced and more workers are laid off. Because of the layoffs, workers, who are also consumers, spend less. This leads to still more reductions in production and additional worker layoffs.

**Expansion:** After a period of recession the economy eventually begins to recover, entering the expansion phase of the business cycle. During a period of expansion the conditions are about to improve, business begins to expand its activities. Unemployment declines as additional workers are hired. This, in turn, leads to higher levels of consumer spending and still further expansion of employment, output and consumption.

**What Causes Business Cycles?**

For many years economists struggled to find a theory that would explain all business cycle. In explaining business cycle fluctuations, today's economists often distinguish between external and

internal events. External events are those outside the economic system that explain fluctuations in the business cycle. Internal events are those occurring within the economy itself.

**External Causes:** External factors affect the economy because of population changes, inventions and innovations, and other significant political and social events.

Population changes. Changes in population affect the demand for goods and services. Population increases can lead to increased production and employment levels that trigger expansion and boom. Population decreases are likely to have the opposite effect.

Inventions and innovations. Major changes in technology, such as the development of the automobile, the airplane and the computer, have led to bursts of business activity and investment. This, in turn, was followed by increased employment opportunities and a period of expansion and boom.

**Internal causes:** Internal causes of fluctuations are factors within the economy likely to start an expansion or contraction of the business cycle. Three of these internal factors have to do with consumption, business investment, and government activity.

**Consumption:** Business firms try to provide consumers with the goods and services they want. When consumer spending is on the increase, business firms hire additional help and increase their level of production. As production, employment and sales increase, the business cycle enters a period of expansion and boom. When consumer spending decreases, the opposite occurs. Production is reduced, workers are laid off, and the economy enters a period of contraction and recession.

**Business investment:** Investment in capital goods like plant, tools and equipment, creates additional jobs, thereby increasing consumer purchasing power. The increase in spending generated by the initial increase in investment leads to still further investment, consumption and further production. When investment decreases, the opposite occurs and the economy enters a period of contraction.

**Government activity:** Governmental policies can give the business cycle an upward or downward tendency. Government does this in two ways. One is through the use of its power to tax and spend. The other is by regulating the supply of money and credit in circulation. Economists describe government’s ability to tax and spend as its fiscal powers. And its ability to regulate the supply of money and credit as its monetary powers.

**Marketing management:** Management is a function of planning, organizing, coordinating, directing and controlling. Any managerial system, at any managerial level, is characterized in terms of these general functions. Management is a variety of specific activities. Marketing management refers to a broad concept covering organization of production and sales products, which is based on consumer requirements research. All companies try to look beyond their present situation and develop a long-term strategy to meet changing conditions in their industry. Marketing management, therefore, consists of evaluating market opportunities, selecting markets, developing market strategies, planning marketing tactics and controlling marketing results. Strategic planning includes defining the company’s long-term objectives, such as sales volume, market share, profitability and innovation, and deciding on financial, material and other resources necessary to achieve those objectives.

In problems of market selection and product planning one of the key concepts is that of the Product Life Cycle. Those products pass through various stages between life and death (introduction- growth- maturity- decline) is hard to deny. Equally accepted is the understanding that a company should have a mix of products with representation in each of these stages. Companies

can make far more effective marketing decisions if they take time to find out where each of their products stands in its life cycle.

However, the concept of the product life cycle seems frequently forgotten in marketing planning, which leads to wrong decision-making. This may be seen in the following story.

A supplier of some light industrial equipment felt that the decline in the sales of his major product was due to the fact that it was not receiving the sales support it deserved. In order to give extra sales support to this problem case, a special advertising campaign was run. This required cutting into marketing budgets of several promising products those were still in their “young” growth phase. In fact, the major product has long since passed the zenith of his potential sales, and no amount of additional sales support could have extended its growth. This became quite clear in the end-of-year sales results which showed no improvement. The promising products, however, went into gradual sales decline. In short, management has failed to consider each product’s position in its life cycle.

**Brussels: many members still qualify for EMU:** The European Commission yesterday reported a sharp downturn in economic growth in the European Union, but insisted that a significant number of its 15 members could still qualify for economic and monetary union in 1999.

The Commission has slashed its growth projections for the 15 member’s states this year by more than 1 percentage point to 1.5 per cent. It projects future growth of 2.4 per cent, or half a percentage point down on its previous estimate.

But Mr. Yves-Thibault de Silguy, the monetary affairs commissioner, insisted that this gloomy outlook did not dent prospects for establishing a single currency in 1999. “We consider it realistic, even certain that the timetable (for EMU) will be respected”, he said.

Although the growth projections are viewed as realistic by financial analysts, the budget deficit projections were yesterday regarded with skepticism by both economists and some diplomats.

After presenting the economic forecast, Mr. de Silguy described the documents as a “two-toned report- grey for growth for now, but rosy for economic convergence in future.”

Mr. De Silguy said Germany, France, the Netherlands and Finland were expected to join Denmark, Ireland and Luxembourg in successfully cutting their budget deficits below 3 percent of GDP.

Austria and Sweden were expected to come very close, while Belgium, Spain, Portugal and the UK could be within s of a percentage point of the benchmark. Mr. Helmut Kohl, Germany’s chancellor, who visited the Commission shortly before he report was issued, said he opposed any relaxation of criteria- covering debt, deficits, inflation, and exchange rate stability- by which candidates for EMU will be selected in 1998.

“I’m strongly against changing the convergence criteria”, he said. “Without these strict yardsticks, the efforts at economic consolidation will not be successful”. However, Mr. Kohl stopped well short of endorsing the Commission’s optimistic forecast that a significant number of countries would reach or nearly reach the requirement of a public deficit below 3 per cent of GDP.

“When we take the decision, it should be done at the right time and within the rules of the treaty”, he said, referring to the economic policy guidelines, while calling for a social dialogue with the trade unions, also warned that EMU could be threatened if EU members gave in to social pressures.

“If progress towards sounder public finances and structural reform were to be hampered by rising social and political resistance, this … might add to doubts among some observers as to

whether a sufficient number of member states would be ready to participate in EMU at the starting date", he said.

**Literature:**

1. Ashley, A. A Correspondence Workbook [Текст] / A. Ashley. – Oxford University : Press, 1998.
2. Tuck, A. Oxford Dictionary of Business English [Текст] / A. Tuck. – Oxford University : Press, 1994.
3. Дюканова, Н. М. Алглийский Язык для экономистов [Текст] : учебное пособие / Н. М. Дюканова. – М. : Инфра, 2008 (гриф МО РФ).
4. Кисунько, Е. Бизнес-курс английского языка [Текст] / Е. Кисунько, Е.Музланова. - М. : ЮНВЕС, 2001.
5. Самуэльян, Н. А. English for Banking [Текст] / Н. А.Самуэльян. - М. : "Менеджер", 2000

## ТАСВИРИ ҶАНБАҲОИ МИЛЛИИ СИМОИ МОДАР ДАР ЭҶОДИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА

**Нурова К.А.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Шоири халқии Тоҷикистон, дорандаи ҷоизаву мукофотҳои мухталифи ватаниву хориҷӣ ва қаҳрамони миллати тоҷик Мирзо Турсунзода воқеан ҳам яке аз чеҳраҳои намоёни қарни XX ба шумор рафта, тавассути осори пурарзишаш дар ташаккулу таҳаввули адабиёти муосири тоҷик ва ғановат гардонидани фарҳангу тамаддуни мардуми тоҷик хизматҳои шоёнро ба сомон расонидааст.

Чун ба ашъори гуҳаррези ин фарзонаи миллати тоҷик назар афканем, мушоҳида мекунем, ки дар ҳар як байти ӯ маънии амиқе ҷой дорад. Дар робита ба ин, ҳуввияти миллӣ ва асолати тоҷикӣ дар ҳамаи навиштаҳои ӯ назаррас мебошад. Зимнан бояд таъкид кард, ки аз нахустин даврони пайдоиши адабиёти форсӣ-тоҷикӣ то ба имрӯз масъалаи худшиносии миллӣ, тафаккури миллӣ ва ҳуввиятшиносии тоҷикӣ яке аз муҳимтарин мавзӯъҳо ва рисолати азалии аҳли қалам шинохта шудааст. Бо вуҷуди тағйири сиёсатҳо инқилобҳои таърихиву таҷоҳуми фарҳангии аҷнабиён ин мавзӯъ меҳварияти худро дар матни адабиёти гузашта ва навини мо ҳифз намудааст, ки дар ҷараёни ҳифзи ҳуввияти миллӣ, таърихӣ ва фарҳангии тоҷикон хидмати Мирзо Турсунзода хеле бузург аст.

Вақте ки дар бораи ҷанбаҳои миллии ашъори ба зан ва модар бахшидаи М.Турсунзода сухан ба миён меоварем, пеш аз ҳама лозим аст дар боби заминаҳои зеҳнии шинохти ҳуввияти зан-модар ва тафаккури миллии шоир сухан кард. Ба ифодаи Худой Шарифов Мирзо Турсунзода дар айёми кӯдакӣ дар муҳити фарҳангӣ ва ҷаҳони қадимии миллӣ зиндаги карда, «аз ҳамин иҳота ва русуми зотии фарҳангию адабии суннатӣ ва мардумӣ баҳра гирифта ва бо завқи таҷриба ва тарбияти таърихии худ пазируфта ва парвариш ёфтааст.» Аз ин назар, табиист, ки тафаккури миллӣ ва андешаи бадеии шоир низ дар ҳамин замина парвариш ва рушд ёфта, дар тасвир ва шинохти зан-модар хусусияти хос дорад. Яке аз ин хусусиятҳо тасвири махсусиятҳои миллии чеҳраи зан-модар мебошад, ки ифодагари ҷанбаи миллии осори шоир мебошад.

Дар заминаи осори шоир метавон гуфт, ки вай дар тарсими ин мавзӯъ ба ду меъёри намунаи бадеии тасвири симои зан таваҷҷуҳ кардааст, ки яке шахсӣ ва маҳрамона буда, як паҳлӯи ҳастии зан - чеҳраи фардӣ, шахсӣ ва воқеии онро нишон медиҳад ва дигаре таъмилӣ буда, симои умумӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ ва армониии зан-модарро таҷассум месозад. Алоқамандии ин ду ҷанбаи шахсияти зан хусусияти хоси ҷанбаи миллии осори Мирзо Турсунзодаро муайян мекунад, ки ин ифодагари мухтассоти адабиёти давраи зиндагии шоир низ ҳаст. Бинобар ин ҳам барои муайян кардани ҷанбаи миллии шеъри ба зан-модар бахшидаи шоир омилҳои замонӣ ва тафаккури таърихии суннатиро, ки аз овони наврасӣ ва баъд ӯро фаро гирифтааст, набояд нодида гирифт. Зеро дар ин замина мактаби аввалини завқу маърифати адабии М.Турсунзода албатта, ҳамон муҳити фарҳангӣ ва оини зиндагии миллии аҷдодӣ будааст. Ҳақиқат ин аст, ки шоир заминаҳои омӯзиш ва парвариши хоси миллӣ дар хонадон дошт, ки ҷанбаҳои миллии ин мавзӯъро дар зеҳнаш шакл дод ва минбаъд рушд бахшид.

Мавзӯи зан яке аз муҳимтарин мавзӯоти таваҷҷӯҳи М.Турсунзода буда, дар осори ӯ зан, пеш аз ҳама бештар ба сифати як модар чеҳра менамояд. Дар шеърҳои ба модар бахшидааш ӯ бар асли қареҳа, фитрат ва тафаккури миллӣ мерасад. Фосилаҳои иҷборӣ ва маснӯии дар ин замина эҷодшударо фурӯ гузошта, аслу ҷаҳолати чеҳраи воқеӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва миллии модарро таҷассум менамояд, ки умқ ва решаҳои аслии эҳсосу афкор ва армони миллии ӯро ифода мекунад.

Аввалин шеъри М.Турсунзода дар ин мавзӯъ «Ба модарон» (1933), ном дошт ва он дар маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ» нашр гардида буд. Пеш аз ин шоир дар ҳикояҳои «Байроқи зафар», «Ғалаба» ва «Видоъ» симои занони тоҷики мубориздро дар матни воқеияти сиёсию иҷтимоии солҳои сиюм офарид. Заҳро, Маҳбуба, Малика дар он навиштаҳо типи занони озодихоҳ ва мубориз буданд. Азму иродаи ин гуна занон, ки барои мавқеи инсонии худ дар ҷомеа талош меварзиданд, симои миллии онҳоро дар матни воқеияти иҷтимоии замона нишон медод.

Вале шеъри «Ба модарон» ҷанбаи хоси андеша ва армони миллии шоирро, ки ифодагари ифтихори миллии модарони он рӯзгор аст, таҷассум менамояд. Ин шеър ба мушоҳидаи А.Сайфуллоев шаклан низ нав буда, аз ҷустуҷӯиҳои эҷодии шоир дарак медиҳад. Он чӣ ба ҷанбаи миллии ин шеър арзиш медиҳад, масъалаи бакоргирии суннатҳои миллӣ дар тарбияи наслҳо ва ба ин васила таъсир гузоштан ба симои маънавии инсон мебошад.

Шеъри «Модарам» ифодагари сарнавишти ҷомеъи модари тоҷик буда, шоир бо тасвири дақиқ ва падид овардани саҳнаҳои тасвирии иҷтимоию маишӣ ва хӯю хислати таъмимии хоси модари тоҷикро таҷассум кардааст. Дар ин шеър на танҳо чеҳраи зебо ва қомати мавзуни модари кӯҳистонӣ, ки кӯза бар сар ба лаби чашмасор барои об меомад, тасвир ёфтааст, балки як контрасти иҷтимоӣ таъкид шудааст. Шоир дар ин шеър на фақат вазъи иҷтимоии рӯзгори модари тоҷикро мушаххас тасвир кардааст, балки бо эпитетҳои шоирона, ифодаю таъбирҳои балеғ чеҳраи миллии қаҳрамонашро офаридааст, ки мушаххасоти миллӣ дорад.

Ҷанбаи миллии шеърҳои ба модар бахшидаи Мирзо Турсунзода он чунон қавист, ки ин гуна шеърҳои ӯ аз ашъори ҳамсони шоирони дигар ба куллӣ фарқ доранд. Ин фарқият, пеш аз ҳама дар заминаҳои миллии таърихию фарҳангӣ ва кашфи хӯю хислати қаҳрамононаи модарон ифода гардидааст.

Шеъри «Дили модар»-и М.Турсунзода заминаи хоси миллӣ дошта, ҷанбаҳои амиқи фарҳангиро, ки эҳсосу андешаҳои шоирро дар бораи модар шакл додаст, дар бар мегирад. Шоир дар ин шеър симои модареро офаридааст, ки сарнавишташ аз матни таърихи миллат

ҷудо нест. Шоир заҳмат ва ранҷи модарро аз забони худи ӯ бозгӯӣ мекунад, ки ин то ҷое ифодагари ғурури миллии шоир дар ҳифзи асолати зан мебошад. Шеър дар тавсифи эҳсоси поки инсонӣ, ки хоси модари тоҷик аст, гуфта шуда, дар шеъри тоҷикӣ бесобиқа мебошад:

Агар аз гиря кардан об мешуд дил, дили ман буд,
Ба сели ашк мешуд ғарқ манзил, манзили ман буд.
Агар осон намегардид мушкил, мушкили ман буд,
Ба зери мавҷи дарё монда соҳил, соҳили ман буд.

**Адабиёт:**


1. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 11. Китоби якум /Садриддин Айнӣ.- Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. -506с.
2. Ваҳҳоб, Р. Арзиши бадеии осори Мирзо Турсунзода. /Р. Ваҳҳоб. Адабиёт ва фарҳанги миллӣ. – Душанбе: Адиб, 2011. – с. 139 – 147.
3. Нома аз Роҷа / Садои Ш. – 1970. - №9. – С. 88.
4. Ошёни меҳр. Маҷмӯа. – Душанбе: Адиб, 2011 – 240с.
5. Сулаймонӣ, П. Куллиёт. /Пайрав Сулаймонӣ. -Душанбе: Адиб, 2006. – 276с.
6. Турсунзода, Мирзо. Адабиёти тоҷик дар мубориза барои идеалҳои коммунизм / МирзоТурсунзода. Куллиёт. Ҷилди III. – Душанбе: Ирфон, 1979. – С. 118 – 185.
7. Турсунзода, Мирзо. Шафақи субҳи Осиё / Мирзо Турсунзода. Куллиёт. Ҷилди III. – Душанбе: Ирфон, 1979. – С. 272 – 283.
8. Турсунзода, М. Куллиёт. Ҷилди I. /Мирзо Турсунзода. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 327с.


## БЕЗЛИЧНЫЕ ПРЕДЛОЖЕНИЯ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

**Рахимова К.Д.**
**Технологический университет Таджикистана**

Безличность - категория семантико-синтаксическая, основывающаяся на безактантности действия, на основе, которой формируется определенный тип предложения. Безактантность представляет собой стержень безличности, то общее, что существует между безличными предложениями разных языков. Безактантность можно рассматривать как семантическую категорию, получающую различное синтаксическое оформление в разноструктурных языках. При исследовании безличных предложений в английском и таджикском языках мы исходим из того, что под термином «безличное предложение» подразумеваются «предложения, в которых субъект либо выражен не подлежащим, либо вообще не получил словесного выражения в предложении»[5,6].

Безличность тесно связана с категорией лица, а именно с 3-м грамматическим лицом. Эта связь обусловлена "неличностью" 3-го лица, которая объясняется тем, что 3-е лицо характеризуется отрицательно по отношению к акту коммуникации. В отличие от коммуникативных 1-го и 2-го лица, 3-е лицо некоммуникативно. Безличные предложения разных языков сходны в семантическом плане, где они характеризуются односоставностью, обусловленной отсутствием актанта - агенса и различны в синтаксическом плане, где они могут быть как односоставными, так и двусоставными.

Безличность предложения может быть обусловлена наличием:

a) существительного, обозначающего лицо, совершающее действие, либо существительного, обозначающего источник действия
b) неопределенного местоимения
c) инфинитива, который имеет основную смысловую нагрузку в предложении, тогда как глагол в безличном значении является выразителем основной и вспомогательной модальности, указывающей на связь носителя действия с инфинитивом
d) придаточного предложения
e) местоимения в косвенном падеже
f) наличием обстоятельственного дополнения

Английские безличные предложения также характеризуются наличием специального элемента, необходимого для наполнения места подлежащего. При определении безличных предложений в рассматриваемых языках следует исходить из их синтаксической двусоставности и семантической односоставности. При таком подходе к безличным предложениям представляется возможным определить их как предложения, содержащие формальное it в позиции подлежащего, и в семантическую структуру ядра которых не входят актанты[2,9].

В английском языке в таких типах предложений подлежащее выражается указательным местоимением **it** в неопределенной форме. Но по способу его выражения невозможно определить деятеля действия, то есть в современном английском языке основным средством выражения безличной категории синтаксической структуры с обязательным компонентом **it** выступает в роли грамматического подлежащего.

Безличное английское предложение используется для выражения:
- описания природы, то есть в пейзажах;
- указания состояние природы;
- оценивания различных предметов;
- выражения времени и дистанции и т.д.

В изображении всех вышеперечисленных состояний местоимение **it** выполняет вспомогательную функцию и контролирует порядок предложений. Это местоимение на таджикский язык не переводится, особенно при переводе безличных предложений:
***It rained*** for three days. ~Се рӯз борон борид. *~Три дня шел дождь.* (Мамадназаров.Фарҳанг,с.159); ***It's foggy*** outside. ~Дар кӯча туман. (Мамадназаров.Фарҳанг,с.56). *~На улице туман.* ***It's getting*** dark. ~Торик шуда истодааст (Мамадназаров.Фарҳанг, с. 87). ~ *Смеркается.*

В английском языке наличие указательного местоимения **it** в безличном предложении в функции безличного местоимения является причиной слабого развития структуры флективной формы. Из-за недостаточности порядка полной формы глагола в английском языке они не всегда полно показывают субъект. Такое состояние требует необходимости специального слова, которое должно выполнять аналогичную функцию глагольного окончания[4,11].

Слово **it** как единица языка в строе безличного предложения отражает общее стремление английского языка к аналитизму.

Смирницкий выделяет безличное подлежащее, которое не обозначает никакого реального субъекта: ***It is getting*** dark. Этот тип подлежащего служит выражением тенденции английского языка к полноте двусоставной предикации. Та же тенденция прослеживается в составном подлежащем, состоящем из раздельно оформленных грамматического и лексического центров. Это подлежащее состоит из двух компонентов: предваряющее **it,**

имеющее формальные признаки подлежащего + полнозначное слово или словосочетание, имеющее лексическое значение, но лишенное формально-грамматических показателей подлежащего. Таким образом, предваряющее **it** можно считать структурным подлежащим, занимающим начальную позицию в предложении, в то время как реальное подлежащее следует за сказуемым. Реальное подлежащее может быть выражено инфинитивом, герундием или сочетаниями и комплексами с теми же непредикативным формами, например: ***It is*** no use arguing/ ***it was*** necessary to fill in a form. ***It has been*** madness my coming[1,174].

В английском языке, как правило (обособляя оборот **there is**), наличествует безличное подлежащее **it**. Вторым обязательным элементом безличного предложения английского языка является сказуемое. С семантической точки зрения оно выражает безагенсный процесс. С точки зрения формы такое сказуемое может быть, как и в личных предложениях, простым глагольным и составным именным (с прилагательным или существительным). В семантической структуре ядерных безличных предложений не присутствуют актанты; в безличных предложениях, относящихся к периферии поля безличности, возможно появление актантов. Таким образом, безличность можно рассматривать как явление полевого характера с ядром и периферией. С этой точки зрения мы различаем ядерные безличные предложения, характеризующиеся полным отсутствием актантов: ***It was*** **raining*****; It was*** **cold that day*****; It's*** **spring already*****; It's*** **10 o'clock*****; It's still*** **sixty miles to the river*****;*** **It rains. It is hot;** ***It's*** **spring;** ***It's*** **cold today;** ***It's*** **freezing;** ***It's*** **still too hot to start;** ***It*** **seems that he was frank.;** ***It*** **turned out that she was deaf.**

В таджикском языкознании нет монографических исследований, безличных предложений, хотя вопрос затрагивается в работах Б. Н.Ниязмухамедова, М. Н. Касымовой, Б. Камолиддинова, М. Норматова, Ш. Рашидова и др. Для таджиковедения характерно обилие мнений о сущности безличных предложений и их классификаций. Таджиковеды подчеркивают отсутствие и невозможность употребления подлежащего, отсутствие логического субъекта действия не обязательно, сказуемое составное и монографических исследований, безличных предложений, хотя вопрос затрагивается в работах Б. Н. Ниязмухамедова, М. Н. Касымовой, Б. Камолиддинова, М. Норматова, Ш. Рашидова и др. и выражается при помощи инфинитива и безличных глаголов ***бояд, наболд, боист, пашояд (должпо, не должно);*** личных глаголов ***тавонистан (мочь), шудап (становиться, делаться, случаться, происходить).*** Большинство исследователей выделяет глагольные предложения модального типа и именные (М Норматов, Ш Рашидов, Б Камолиддинов).

По способу выражения сказуемого безличные предложения в таджикском языке подразделяются на следующие группы:

1) Со сказуемым с главным членом - инфинитивом с безличным глаголом ***бояд, бонст*** и отрицательными формами ***набояд, нашояд***. На наш взгляд, отнесение слова ***бояд*** к модальным словам соответствует его семантической сущности ***бояд*** выражает различные модальные оттенки (возможность, невозможность, долженствование, необходимость): **Инро** ***бояд кард (гуфт, хонд).*** **- Это** ***нужно сделать (сказать, читать и т.д).*** Инфинитивная часть сказуемого употребляется в усеченной форме, которая совпадает с основой глагола прошедшего времени:

***Бояд*** **ин ҳақиқатро қ*абул кард*. —** ***Нужно считаться*** **с этой действительностью.** Усеченность объясняется тем, что она не указывает на лицо. Полная форма инфинитива выступает в роли сказуемого безличного предложения, наблюдается в основном в поэзии **Қувваи тозае бояд фиристодан ба ҳар сангар** (Лоҳутӣ).- **Нужно направить свежую силу**

**на каждое укрепление;** Модальное слово ***бояд*** с инфинитивом в роли сказуемого безличного предложения не указывает на действие или состояние. Для этого употребляются слова ***лозим, зарур, даркор,*** характеризующие ***важность*** выполнения названного инфинитивом действия.

В этом значении в структуре безличного предложения модальное слово ***бояд*** не может быть синонимом указанных слов ***Чӣ бояд кард? Чӣ тавр бояд зист?*** (Улуғзода. Навобод.) - ***Что делать? Как жить? Набояд*** с инфинитивом обозначает ненужность и неважность выполнения действия:

**Ин нуқтаро ҳам *набояд* фаромуш *кард*** (Аннӣ). - **Этот пункт тоже (также) *не нужно* забывать.** Глагол ***боист*** с инфинитивом в сказуемом обозначает необходимость выполнения действия. В таджикском языке в этой функции он употребляется реже.

Вспомогательный глагол ***шояд*** с инфинитивом употребляется в роли сказуемого безличного предложения реже **Ба гузашта афсус *намешояд хурд*** (Панду хикматхо) **— *Не стоит жалеть* о прошлом.** Слова ***бояд, боист*** и ***нашояд*** в безличных предложениях в зависимости от цели, стиля и интонации употребляются в середине предложения и в начале, как структурная часть предиката[6,28-29]

Единственным отличительным признаком простых односоставных безличных предложений в сопоставляемых языках является то, что в таком типе предложений таджикского языка нет подлежащего. В английском же языке во всех типах безличных предложений участие подлежащего, хотя бы в формальном виде, обязательно. Безличные предложения в сопоставляемых языках сообщают о каком-либо действии, явлении и состоянии, которые не зависят от производителя действия.

Действие односоставного безличного предложения в сопоставляемых языках не соотносится с каким-либо лицом или предметом. Сказуемое таджикского безличного предложения по своей природе не нуждается в подлежащем. В английском языке безличное предложение тоже не соотносится с каким-либо лицом или предметом, но в нем всегда употребляется местоимение **it**, которое не имеет лексического значения и в предложении выполняет грамматическую функцию формального подлежащего. [4,23]

**Литература:**


1. Барабаш Т.А. Грамматика английского языка. Москва «Высшая школа» 1983, -240с.
2. Иванов С. А. Структурно-семантическая организация безличных предложений в английском и французском языках. //Автореф. дис. канд. филол. наук. – Пятигорск — 2004, -20с.
3. Кобрина Н.А., Корнеева Е.А., Оссовская М.И., Гузеева К.А. Грамматика английского языка: Морфология. Синтаксис. Союз, С.-Петербург. - 1999. - 496 с.
4. Назарова М.Р. Структурно-семантические особенности простых односоставных предложений в таджикском и английском языках//Автореф. дис. канд. филол. наук. Душанбе - 2016.-26с.
5. Салохиддинов В. Ю. Безличные предложения в английском и таджикском языках//Автореф. дис. канд. филол. Наук, Душанбе – 2012, - 27с.
6. Салимов Р. Д. Структура и семантика односоставных предложений в русском и таджикском языках//Автореф. дис. соискан.учен.степ.докт. филол. наук. –Москва, 2010.-53 с.
7. Шанский Н.М., Распопов И.П., Тихонов А.Н., Филиппов А.В. Современный русский литературный язык. –Просвещение, 1981.-584 с.

# ИСТИФОДАИ БАЪЗЕ УСУЛҲОИ САМАРАНОКИ ТАЪЛИМ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ГУМАНИТАРӢ ДАР ДОНИШГОҲҲО ВА КОЛЛЕҶҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Сайдуллаева Г.Р.**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Фанҳои гуманитарӣ қисми ҷудонашавандаи ташаккули дониш, малака ва салоҳиятнокии касбии мутахассиси оянда ба ҳисоб меравад. Донишҷӯён ба донишҳои фанҳои гуманитарӣ ниёз доранд, зеро онҳо дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва такомули фаҳмиши илмию амалии донишҷӯ нақши меҳварӣ бозида, ба самтҳои мухталифи ҳаёти шахсию ҷамъиятии ӯ равшанӣ мебахшанд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рӯйдодҳои ногувори ҷаҳонӣ (ифротгароӣ, терроризм ва ғайраҳо) ба воситаи таълим додани фанҳои гуманитарӣ ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои ҷавонон, махсусан, донишҷӯёнро дигаргун намудан мумкин аст. Аз ин рӯ, таълими фанҳои гуманитарӣ торафт аз аҳамияти бештаре бархӯрдор мегардад ва барои баланд бардоштани донишу малакаи илмӣ, худшиносии миллӣ ва ҳисси ватандӯстии донишҷӯён мусоидат мекунад.

Раванди муосири таҳсил дар мактаби олӣ дар саросари ҷаҳон тағйири босуръати ивази парадигмиро тай карда истодааст. Ин раванд симои донишгоҳро ҳамчун муҳити маърифатӣ ва фарҳангӣ бакуллӣ тағйир медиҳад. Дар ин самт масъалаҳои мақсад ва усулҳои таълимӣ дар мактаби олӣ ба миён меоянд. Интихоб кардани усули таълими фанҳои гуманитарӣ дар мактабҳои олӣ ва коллеҷҳо аз дониш ва малакаи омӯзгор вобастагӣ дорад ва вазифаи консептуалии ӯ муқаррар намудани тамоюлҳои мусбати рушди тафаккури фалсафӣ, шинос намудани донишҷӯ бо онҳо мебошад.

Яке омилҳои рушди маълумоти олӣ дар Тоҷикистон ин пеш аз ҳама ба рушду такомули усулҳои самараноки таълими фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими курсҳои махсуси макотиби олии ҷумҳурӣ ва коллеҷҳои мамлакат роҳи расидан ба мақсад мебошад. Омӯзиши масъалаи мазкур дар адабиёти ватанӣ ниҳоят кам ба назар мерасад. Кулли муаллифони тоҷик китобҳои таълимӣ, дастурҳо ва лексияҳои таълимӣ, мақолаҳои ҷудогонаи фалсафиро омода намуданд. Дарёфт кардани маводи методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ бо забони тоҷикӣ кори хело душвор аст ва агар ҳам бошад, шояд як ё ду мақола пешкаш шудааст. Аммо дар адабиёти дидактикӣ ва методологӣ самти фаъолнокии таълим то андозае дар мақолаҳои педагогӣ ва психологӣ пайгирӣ шудааст. Ба андешаи мутахассисон "таълими салоҳиятнокро аз рӯйи чунин нишонаҳои фаъолгардонии тафаккур, фарогирии ҳамаи донишҷӯён дар раванди таълим, фаъол будани тамоми раванди дарс, мустақилона, эҷодкорона баровардани қарор, дараҷаи баланди ангезаҳо ва эҳсосоти таълимгирандагон, равобити доимии омӯзгор ва толибилмон" [8, 187] аст. Ин модели таълим толибилмро аз як ҳадафи камҳаракате, ки танҳо интизори ахбори наванд, ба як бахши маърифаткунандаи фаъол мубаддал мегардонад. Ин модел тақозо менамояд, ки дар ҳамаи компонентҳои низоми дидактикӣ (принсипҳо, шаклҳо, методҳо, васоитҳои таълим) тағйирот ворид намуд. Дар ин ҷода дар кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таҷрибаи муайяне дар доираи таълими салоҳиятноки фанҳои гуманитарӣ ба даст овардаанд. Вазъияте, ки дар донишгоҳ дар замони муосир қарор дорад, омӯзгор нақши асосиро мебозад, донишҷӯ тобеи он буда, танбалӣ ва набудани ташаббусро ба миён меорад. Азбаски барои донишҷӯ ҷараёни таълим прототипи фаъолияти касбии оянда аст, хавфи

муқаррар кардани стереотипҳои манфии муоширaт дар ҳаёти минбаъдаи онҳо вуҷуд дорад.

Дар ҷараёни таълиму тадриси фанҳои гуманитарӣ донишҷӯ чунин сифатҳои баланди маънавиро доро мегардад: тафаккури интиқодӣ, эҳсоси ҳузури бошарафи ӯ дар ҷомеа, малакаи дурбинӣ ва дарки ояндабинию эҳсоси маърифати оқибатнигароӣ, ташаккули хислату характери шахсӣ аз қабили мустақилияту мухторият, ташкилотчигию созмондиҳандагӣ, ҳадафдарккунӣ, посдорӣ ва азиз донистани умр, баҳрабардорӣ аз ҳаёту зиндагӣ, азхуд намудани арзишҳои мумтози ҷаҳонию миллӣ, ташаккули қобилият ва такомули тафаккури креативӣ (эҷодӣ), илмию амалӣ ва ақлию таҷрибавӣ.

Дар рафти таълими фанҳои гуманитарӣ табибу технологи оянда, донишҷӯи ҳуқуқшинос, ҷамъиятшиносу табиатшинос мушкилоти рӯзмарраи ҳаётии хеш, асрори инкишофи фарҳангию тамаддунии инсоният, таърихи афкори иҷтимоию фалсафӣ ва проблемаҳои глобалии ҷаҳони муосирро бояд маърифат созад. Фанҳои гуманитарӣ манзараи интегралии оламро тавассути афкори низомӣ пешкаш намуда, дар рафти маърифати донишҳои фалсафӣ донишҷӯ аз маҳдудияти тахассусии худ берун шуда, дар татбиқи минбаъдаи донишҳои тахассусӣ дармондагии фрагментариро рафъ мекунад.

Бояд зикр намуд, ки методҳои салоҳиятноки таълим ба ҳеҷ ваҷҳ, барои иваз намудани методҳои анъанавии таълим дар макотиби олӣ набояд нигаронида шуда бошад.Онҳо бояд яке аз узвҳои лексияи анъанавӣ бошаду онро дар раванди омӯзонидани толибилмон пурра намояд.

Усулҳои асосии ҷараёни таълим дар донишгоҳ лексия ва семинар мебошанд. Дар раванди тадриси фалсафа курсҳои лексия дар барномаи асосии таълимӣ нақши асосӣ доранд. Он дар муаррифии шифоҳии мавзӯъ аз ҷониби омӯзгор воситаи самаранок буда, дар ҷараёни муошираи мустақим бо донишҷӯён барои интиқоли иттилоотӣ илмӣ истифода мегардад. Илова бар ин лексия имконият медиҳад, ки бо шумораи зиёди толибилмон равона шавад.

Дар раванди таълими фанҳои гуманитарӣ дар макотиби олии ҷумҳурӣ кӯшидем, ки ба он навъҳои лексияе, ки ҳанӯз дар макотиби олӣ он қадар маъруф нашудаанд, диққат диҳем.

Яке аз чунин навъҳои лексия, лексияи баҳснок буда, дар ҷараёни таълими фанҳои гуманитарӣ маводи назариявӣ-таълимӣ, мавод дар шакли саволҳо ва супоришҳо пешкаш мегардад. Дар ҷараёни лексия омӯзгор аз якчанд методи лексияи баҳснок истифода бурда метавонад. Моҳияти онҳо дар он ифода меёбанд, ки омӯзгор аввал диққати толибилмонро ба ҷой доштани гуногунандешӣ дар таҷоруби илмӣ ва назарияҳои бо ҳам зид ҷалб карда ва баъдан имконияти роҳҳои ҳалли онҳоро бояд иброз намояд. Методи ҷӯстуҷӯ (методи эвристикӣ) ба он фарқ менамояд, ки барои ҳалли масъалаҳои гузоштаи маърузачӣ донишҷӯён низ фаъолона ҳамроҳ мегарданд. Ин методи таҳқиқ сатҳи баланди маърифатро аз донишҷӯён тақозо намуда, талаб менамояд, ки ҳамроҳи омӯзгор бояд худашон дар ҳал намудани масъалаҳо бикӯшанд. Воқеияти муосири иҷтимоӣ ва назарияи илмӣ ба омӯзгор имконият фароҳам меоранд, ки лексияро тобиши проблемавӣ диҳад. Барои намуна мисолҳо меорем, ки дар баъзе мавзӯъҳо лексияҳо тобиши проблемавиро касб менамоянд: назорати иҷтимоӣ ва озодии шахс, ҷиҳатҳои манфӣ ва мусбати маргиналҳо (фалсафаи иҷтимоӣ); таносуби вазифаҳои таҳрукаи иҷтимоӣ ва таҳсилот, хусусияти оммавӣ ва сифати таҳсилот (фалсафаи таҳсилот), идеалҳои демократӣ ва иғвоангезӣ дар Тоҷикистон ва дар Ғарб

(фалсафаи сиёсӣ), дастгирии иҷтимоии шаҳрвандон ва муфтхӯрии иҷтимоӣ (фалсафаи соҳаи иҷтимоӣ). Лексияҳои баҳснок аз фанҳои гуманитарӣ тибқи таҷрибаҳои мо дар раванди ташаккули тафаккури донишҷӯён саҳм гузошта, таваҷҷуҳи маърифатии онҳоро нисбат ба фанҳои гуманитарӣ афзоиш дода, маҳаки мустаҳками фаъолияти таълимии онҳо мегардад.

Яке аз шаклҳои дигари баёни лексияи баҳснок ин таълими “лексияи дунафара” шуда метавонад. Дар раванди чунин лексия, ки аз тарафи омӯзгор ташкил карда мешавад, парадигмаҳои гуногуни мактабҳои муосири фанҳои гуманитарӣ, роҳҳои ҳалли мухталифи масъалаҳои иҷтимоӣ, соҳаҳои гуногуни илм, ки асоси таҳқиқи байнифаннӣ гардидаанд, мавриди муҳокимаи тарафайн қарор мегиранд. Намунаи охирин, ки инъкоскунандаи раванди ҳамгироии илмҳои ҳозиразамон ва махсусан, донишҳои иҷтимоию гуманитарӣ маҳсуб меёбад. Чунин лексияҳоро метавон ба падидаҳои илмӣ бахшид, ки дар як вақт предмети таҳқиқи якчанд фан шуда метавонад, "Муносибати инсон ба олам ва мақоми инсон дар олам" ("Фалсафаи ҳастӣ ва" ва "фалсафаи иҷтимоӣ"), “Тасаввури динӣ, фалсафӣ ва илмии олам”, "Хусусиятҳои хоси фарҳанги сиёсии Тоҷикистон" ("фалсафаи фарҳанг" ва "фалсафаи сиёсӣ"), "Ҳалли масъалаҳои глобалии фарҳанги экологӣ" ("фалсафаи экологияи иҷтимоӣ" ва "фалсафаи фарҳанг"); "Ҷомеаи ахборӣ ва типи хоси иҷтимоӣ" ("фалсафаи иҷтимоӣ” ва "пешгӯйии илмию лоҳиякашӣ").

Методика ва ташкилу гузаронидани "лексияи дунафара" талаб менамояд, ки пештар нақшаи лексия аз тарафи омӯзгорон ҷиддӣ бояд муҳокима шавад ва маводи назариявӣ дақиқ интихоб гардида, хусусияти тафсирдиҳиро дошта бошанд. "Лексияи дунафара" фаъолияти маърифатии донишҷӯёнро афзун намуда: “пардаи ҷудоандозии байнифанниро бардошта ва тафаккури фалсафии муосирро ба вуҷуд оварда, донишҷӯёнро таҳрик медиҳад, ки савол дода нуқтаҳои назари гуногунро муқоиса карда (мавқеъ, равишҳо, идеяҳо), далелҳои тарафҳоро таҳлил намуда” [7, С. 136-143] ва мавқеи хосаи худро интихоб намоянд. Дар донишҷӯён малакаҳои муҳим аз қабили якҷоя ҳал намудани мушкилот, фарҳанги баҳс карданро ташаккул медиҳад.

Лексия – конфронс донишҷӯён дар доираи мавзӯи пешниҳодшуда ба омӯзгор саволҳоро ба таври хаттӣ пешниҳод менамоянд, ки ин аз 5 то 10 дақиқаи вақти лексияро мегирад. Омӯзгор ба онҳо зуд ошно гардида, онҳоро ба гурӯҳо ҷудо карда ва ба хондани лексия шурӯъ менамояд. Қайд кардан бамаврид аст, ки матни лексия мантиқан мураттаб гардида ва омӯзгор танҳо ба саволҳои додашуда бояд ҷавоб диҳад. Чунин лексияҳо ҳангоми омӯзиши мавзӯъҳои баҳсноки ҳаёти муосири ҷомеа ва ё масъалаҳои баҳсталабе, ки барои донишҷӯён моҳияти иҷтимоии рӯзмарра доранд, масалан, "Гуногунии фарҳангҳо, тамаддунҳо ва таҷрибаи иҷтимоии инсоният”, “Тарзи истеҳсолоти ҷамъиятӣ. Тақсимоти ҷамъиятии меҳнат - неруи пешбарандаи фаъолияти одамон”, "Ташаккули шахс ва хосиятҳои шуури инсон инсон дар рӯ ба рӯйи мушкилоти глобалӣ ", “Проблемаҳои озодӣ ва масъулияти инсон дар олами иттилоотӣ ва прогресси технологии ҷомеаи постиндустриалӣ; ва ғайраҳо мувофиқи мақсад аст. Ин навъ лексияҳо таваҷҷуҳи маърифатии донишҷӯёнро ба вуҷуд оварда ва ба онҳо тарзи саҳеҳ гузошатни саволро меомӯзонад. “Толибилмон дар раванди лексия - "пресс-конференсия" ҳаммуаллифи омӯзгор мегарданд” [9, 120 - 125].

Ҳатто барои донишҷӯён бештар лексияи иғвоангез ва лексияе, ки махсусан омӯзгор, дониста бо мақсади барангехтани баҳс онро бо иштибоҳ таҳия кардааст,

шавқовар аст. Аввалан дар лексия ба донишҷӯён бояд иброз намуд, ки дар лексия ғалатҳо ҷой дорад ва вазифаи донишҷӯён дарёфту ишора кардани онҳо дар навиштаҷот мебошад. Дар охир, ҳангоми ҷамъбаст кардани лексия, омӯзгор ғалатҳои воридакардаашро баён карда, толибилмон ҷавобҳои нигошатаашонро ба он муқоиса менамояд. Чунин тарзи лексия ангезандаи диққат ва фаъолияти фикрии толибилмон гардида ва айни замон барои назорат кардан ва ташхис намудан ҳавасманд мегардонад. Таълими лексияи иғвоангез як қатор хусусиятҳои методологиро дорад. Ғалатҳо дар он бахши мавод бояд гузошта шаванд, ки хусусияти такроршавандагиро дошта, донишҷӯ дар бораи он маълумоте дошта бошад (масалан, ҳангоми омӯзиши мавзӯи "Инсон дар рӯ ба рӯйи мушкилоти глобалӣ" донишҷӯён аллакай аз мушкилоти глобалӣ огаҳ ҳастанд). Иштибоҳҳо набояд зиёд бошанд, зеро онҳо метавонанд таваҷҷуҳи донишҷӯёнро ба лексия коста гардонанд.

Татбиқи унсурҳои омӯзиши фаъол дар раванди гузаронидани дарсҳои амалӣ (семинарӣ) бо истифода аз ин усулҳо таваҷҷуҳи донишҷӯёнро ба фанҳои гуманитарӣ бештар меградонад. Яке аз масъалаҳои муҳимми семинарҳои анъанавии макотиби олӣ ин фаъол набудани донишҷӯён буда, барои бартараф кардани он метавон аз методология ва усулҳои зиёди баҳс истифода намуд. Аввалан ба донишҷӯён бояд худи мафҳуми баҳсро фаҳмонида, доир ба шаклҳои он маълумот дод. Олими шинохтаи тоҷик А. Маҳмадов дар китоби “Риторика ва баҳси сиёсӣ” баҳсро чунин таъриф додааст. “Баҳс бархурди ақидаҳо ҳамчун ҳамдигарнофаҳмӣ ба ягон предмет ё масъала, ки тарафҳо манфиати худро ҳимоя кардан мехоҳанд, баҳс номида мешавад” [5,138]. Номбурда шаклҳои зерин баҳсро аз қабили баҳси ҳиндӣ, мунозира (дискуссия), муноқиша (полемика) ва ғайра нишон додааст. Баҳси ҳиндӣ, ки дар он бояд мавқеи рақибро дуруст дарк намоӣ. Ҳангоми баҳс бояд худро идора карда битавонӣ, барои суханварӣ ин аз ҳама муҳимтар мебошад. Маънои мунозира (discussion) таҳқиқот аст. Мақсади мунозира дарёфти андешаи ҳақиқӣ мебошад. Мунозира чун яке аз усулҳои боваркунонӣ маъмул аст. Муноқиша (полемика) калимаи юнонӣ буда, маънояш баҳси душманона, бадбинона мебошад. Муноқиша на танҳо баҳс, балки муқобилиятгароии тарафкашӣ мебошад. Баҳс ин муколамаи шифоҳиест, ки чизе байни ду ва ё чанд нафари дигар муҳокима шуда, ҳар як тараф ақидаи хеш, ҳақиқати худро бо масъалаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ ҷомеа, илм, адабиёт, сиёсат тасдиқ менамоянд. Бе донистани ин қоидаҳо ва риояи онҳо баҳс кардан дар раванди дарсҳои семинарӣ аз фанни сотсиология онро ба мағал ва издиҳоми идоранашванда табдил медиҳад. Хусусиятҳои умумии мунозира дар раванди дарсҳои семинарӣ инҳост: кор дар гурӯҳҳо; баҳамалоқамандии фаъоли онҳо пеш аз ҳама дар шакли иртиботи шифоҳӣ; ҳадафмандона; унсурҳои худидоракунӣ.

Чӣ бояд кард, ки дар раванди дарсҳои семинарии фанҳои гуманитарӣ баҳси илмӣ аз тарафи толибилмон риоя карда шавад? Ба андешаи мо, яке аз усулҳои хело маъмули муосири мунозираи самарнок усули “таҳоҷуми фикрӣ” ("ҳуҷуми мағзӣ", "муташаккилона омада расидан ба як идея" ва ғайраҳо) аст. Хусусияти асосии “таҳоҷуми зеҳнӣ” аз он иборат мебошад, ки ҳар як фард дар баёни идея озод аст, танқиди ҳама гуна ақида мамнуст, баробарии ширкаткунандагон, муҳайё кардани фазои озод, бодиққат сабт кардани ҳар як баёни фикр. Марҳилаҳои асосии семинар бо истифодаи усули “таҳоҷуми зеҳнӣ” шуда метавонад: 1) гузориши масъала, ҳал ва муқаррар намудани қоидаҳои якҷоя фаъолият кардан; 2) пештар муҳокима намудани

суолҳои қаблан омоданамуда; 3) коркарди ақидаи худ; 4) таҳлили ақидаҳои пешниҳодшуда, тайёр кардани тавсияҳо. "Ҳуҷуми зеҳнӣ" метавонад ба ҳайси як метод дар баробари методҳои асосии дарсҳои семинарӣ гардад. Таҷрибаҳои чандинсолаи таълими дарсҳои назариявӣ ва семинарии фанни сотсиология нишон медиҳад, ки истифодаи ин метод дар раванди омӯзиши мавзӯъҳои баҳсноки ҳаёти ҷамъиятӣ, ки дар ҳал намудани онҳо ба як қарори қатъӣ омадан ғайриимкон аст, мувофиқи мақсад ба ҳисоб меравад. Масалан, "Маърифат, имконият ва ҳудудҳои он", "Вижагиҳои сиёсии иҷтимоишавии ҷавонони тоҷик" (сиёсатшиносӣ), "Табиати инсон ва маънии ҳаёти ӯ дар ҷомеа (фалсафаи иҷтимоӣ).

Раванди истифодаи усули **"мизи мудаввар"** дар дарсҳои семинарӣ талаботи дигарро тақозо менамояд. Дар ин ҳолат дар доираи дарс суҳбате ташкил карда мешавад, ки дар он як гурӯҳи на он қадар калони донишҷӯён (5 - 10 нафар) ширкат карда, дар раванди мунозира ақидаҳо байни онҳо ва аудитория радду бадал мегардад. Мавзӯъ ва "сенарияи" мизи мудаввар пештар эълон гашта, ширкаткунандагони он донишҷӯёни то андоза тайёршуда, омӯзгорон, мутахассисони касбӣ ва хатмкунандагон шуда метавонанд. Барандаи мизи мудаввар омӯзгор ва ё яке аз донишҷӯёни пешқадам шуда метавонад. Дар оғози дарси семинари вай ширкаткунандагони мизи мудавварро муаррифӣ карда, мунозираро ташкил намуда ва раванди онро идора менамояду дар охир онро ҷамъбаст менамояд. Оид ба талаботи хоса доир ба фазои ташкили ширкаткунандагони чунин тарзи семинар дар аудитория зиёдатист. Таҷоруби истифодаи методи мизи мудаввар дар дарсҳои семинарӣ фаъолшавии донишҷӯён ҳангоми ҷалби мутахассисон ба назар расида, онҳо дар мунозираҳо бештар фаъолнокӣ нишон медиҳад. Бояд зикр намуд, ки муаллимони кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон мизҳои мудавварро дар мавзӯи “"Шарқ, Ғарб ва Тоҷикистон дар раванди гуфтугӯи тамаддунҳо; ташаккули шахс ва хосиятҳои шуури инсон” бо иштироки мутахассисони Вазорати фарҳанг ва созмонҳои ҳуқуқии ҶТ ("Фарҳангшиносӣ”, “Проблемаҳои озодӣ ва масъулияти инсон дар олами иттилоотӣ ва прогресси технологии ҷомеаи постиндустриалӣ”, "Инсон дар рӯ ба рӯйи мушкилоти глобалӣ - Терроризм ва ҷиноятҳои экстремистӣ” бо ҷалби кормандони ҳифзи ҳуқуқ, гузарониданд, ки донишҷӯён дар он фаъолона ширкат варзидаанд.

Истифодаи методи таҳлили **вазъи мушахас (case study, методи кейс стади)** сифати фаъолияти донишандӯзии толибилмонро дар дарсҳои амалӣ дигар менамояд. Омӯзгор ба толибилмон мавзӯи вазъи мушаххасеро аз ҳаёти воқеии иҷтимоӣ ва ё таҷирбаи касбӣ пешниҳод менамояд. Толибилмонро ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, ба ҳар як гурӯҳ ҳодисаро таҳлил карда, тарзи ҳалли мушкилотро дар кейс стади иброз менамояд. Дар адабиёти илмӣ навъҳои гуногуни вазъҳои мушаххас ва саволҳои маъмулӣ барои таҳлил тавсиф ёфтаанд. “Case study –ро метавонад, як гурӯҳи пурраи академикӣ ва ё якчанд гурӯҳи хурд таҳлил намоянд” [1, 127 - 128].

<u>Саҳна</u>. “Дар машғулиятҳои семинарии фанҳои гуманитарӣ аз усули саҳна самаранок истифода бурда, ҳатто донишҷӯе, ки солҳои сол ҳарфе нагуфтааст, дар иҷрои нақшҳои саҳнача фаъолона иштирок намояд” [ 3. 86-89]. Таҳлили вазъиятҳои мушаххас дар дарсҳои семинарии фанҳои гуманитарӣ бо унсурҳои бозиҳои нақшавӣ мувофиқат менамояд. Ин гуна бозиҳои омӯзишӣ дар иҷрои донишҷӯён сурат мегирад, ки нақшҳои гуногунро бозида, воқеиятро тақлид карда, моделҳои ҳалли мушкилоти мушаххаси иҷтимоиро инъикос менамояд. Дар аксари мавридҳо бозидани нақшҳо тақозо

менамояд, ки гурӯҳи академии толибилмон ба якчанд гурӯҳи хурд ҷудо карда шаванд.

